**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

**САФАРОВ ХОЛМАД ХОРКАШОВИЧ**

# ТАЪРИХ ВА ФАРҲАНГИ РОҒ ДАР АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

**(Проблемаи омӯзиши этнографӣ)**

**Ихтисоси 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои таърих,**
**академик: Яъқубов Ю.**

**Душанбе– 2020**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО**.........................................................3
**МУҚАДДИМА**.......................................................................4
**БОБИ I. ҶУҒРОФИЯИ ТАЪРИХӢ ВА СОХТИ МАЪМУРИИ РОҒ ДАР АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX**

1.1. Роғи Бадахшон……………………………………………………30

1.2. Роғиҳои минтақаи Кӯлоб…………………………………………42

**БОБИ II. КИШОВАРЗӢ ДАР РОҒ ДАР АСРҲОИ XIX – НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XX**

2.1. Маълумоти умумӣ дар бораи кишоварзии Роғ………………54

2.2. Тайёрӣ ба мавсими киштукор................................................60

**БОБИ III. ҲУНАРМАНДӢ ВА ТИҶОРАТ**

3.1. Ҳунармандӣ. Рушди шаклҳои гуногуни ҳунармандӣ………...87

3.2.Тиҷорат.Ривоҷи тиҷорати дохилӣ ва бурунмарзӣ...…………103

**БОБИ IV. ХӮРОКҲОИ АНЪАНАВИИ РОҒ**

4.1. Намудҳои ғизоҳои ордӣ......................................................108
4.2. Намудҳои хӯрок...................................................................117

**БОБИ V. АНЪАНА ВА МАРОСИМҲОИ МИЛЛӢ**

5.1. Ҷашну маросимҳо...............................................................141

5.2.Варзиш.................................................................................182

**ХУЛОСА**……………………………………………………………..190

**НОМГӮИ АДАБИЁТ**……………………………………………...198

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

АН Тадж ССР- Академии Наук Таджикской ССР

ДАН-Доклады Академии Наук Таджикской ССР

Вослит-Восточная Литература

ИАН Тадж ССР-Известия Академии Наук

КС ИН Азии-Краткие Сообщения Института Истории Народов Азии.

ЛГУ- Ленинградского Государственного Университета

ООН-Отделение Общественных Наук

СВ-Советское Востоковедение

СЭ-Советская Этнография

СГТСМ-Сборник географических,Топографических и статических материалов по Азии

ТРИЭА АН СССР-Труды Института Этнографи и Археологии Академии Наук СССР

ТИЭ АН СССР- Труды Института Этнографии Академии Наук СССР

ТИЯ-Труды Института Языкознания Академии Наук СССР

ТТФ АН СССР-Труды Таджикской Филиала АН СССР

ТФАН.СССР- Таджикской Филиала Академии Наук СССР

ЭТ-Этнография Таджикистана

см-сантиметр

км- километр

кг-килограмм

м-метр

# МУҚАДДИМА

**Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ.** Омӯзиши таъриху фарҳанг,ҷашну маросимҳо ва ҳунару машғулиятҳои анъанавии гузашта ва имрӯза бахши муҳими фарҳанги ҳар миллат мебошад. Фарҳанги ягонаи миллат дар заминаи фарҳанги минтақаҳои гуногун, ки аз як реша манша мегиранд, ташаккул меёбад. Фарҳанги миллӣ ва минтақавӣ ба ҳамдигар таъсири мутақобила расонда, якдигарро ғанӣ ва рангинтар мегардонанд. Дар баробари ин, фарҳангҳои минтақавӣ нишонаҳои ба худ хос дошта, боқимондаи анъанаҳои хеле қадим буда, маълумоти ҷолиб ва нодирро дар бар мегиранд ва Роғ аз гунаи онҳо мебошад.Ҳунарҳои мардумӣ яке аз ҷузъи фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Боиси хурсандист, ки тайи чанд соли охир бо ташаббуси фарҳангдӯстонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ ва рӯй овардан ба таъриху фарҳанги ниёгон ва, бахусус, соли 2017 эълон шудани соли Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ[1] ва идомаи он як такони ҷиддие дар рушди соҳаи мазкур ба амал овард. Ин бесабаб нест, зеро бисёр ҳунарҳои мардумӣ вобаста ба рушди ҷомеа аз байн ба қавле аз мӯд рафта истодаанд. Аз ин рӯ ҳунарҳои мардумӣ, махсусан, ҳунарҳои дастӣ яке аз намудҳои оммавӣ ва халқии санъат буда, аҳамияти он ба хеҷ кас пӯшида нест.

Имрӯз Роғ яке аз вилоятҳои Бадахшон буда, таърих ва фарҳанги хеле қадим ва хос дорад. Аз тарафи дигар, таърихи он бо таърихи минтақаҳои ҳамсоя зич алоқаманд мебошад.Омӯзиши география,таърих ва этнографияи Роғ ҳамчун ҷузъи таҳқиқнашудаи як гӯшаи Тоҷикзамин аҳамияти калони илмӣ дорад.Рисола бори аввал проблемаи

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 22. 12.2017.

мардумшиносии Роғро ба миён гузоштааст.Мардумшиносии Роғ комилан омӯхта нашудааст ва рисола ба мавзӯи ин ноҳияи таърихӣ бахшида шудааст.Масъалҳои мардумшиносии ин гӯшаи таърихи тоҷик натанҳо Роғ,балки тамоми Бадахшон ва, умуман, тоҷикони Афғонистон аз назари олимон дур мондаанд.

Муаллиф кӯшидааст,ки маълумотҳои кӯтоҳ ва парокандаи хаттиро ҷамъ оварда ботартиб, пайдарҳам ва ҳадафмандона баён намояд.

Дар охири асри XIX Бадахшон ба майдони мубориза и ду давлати абарқудрати он замон – Англия ва Россия табдил меёбад. Шарқшиноси барҷастаи тоҷик Б. Ғафуров сари ин мавзӯъ таваққуф карда, навиштааст, ки соли 1873 ҳуҷҷате бо номи «Танзими ҳудуди афғонӣ», қабул гардид.[1] Ин ҳуҷҷат дар оянда тақдири халқи тоҷики дар соҳили чапи дарёи Панҷ бударо ба манфиати Афғонистон ҳал намуд. Англия ва Россия соли 1895 байни якдигар шартнома баста, сарҳадоти кишварҳои таҳти назораташон қарордоштаи Афғонистону Бухороро бо маҷрои дарёи Панҷу Омӯ муқаррар намуданд. Ҳангоми муайян кардани сарҳадот қад-қади дарёи Панҷ, онҳо фақат манфиати стратегӣ ва сиёсии худро ба назар гирифта, ба манфиатҳои мардуми ҳарду ҷониби руди мазкур заррае ҳам аҳамият надоданд. Аз ин рӯ, нисфи Дарвозу Шуғнону Вахон дар Афғонистон ва нисфи вилоятҳои мазкур дар ҳайати Бухорои Шарқӣ қарор гирифтанд. «Бо ин сарҳад муайянкунии ғайритабиӣ манфиатҳои вилоятҳои марбута сахт халалдор гардиданд, - навишта буд шарқшиноси барҷастаи рус В.В. Бартольд».[2]

Муҳаққиқи тоҷик Б.Искандаров оид ба тақсимоти ҳудуди байни Афғонистон ва Помир зикр кардааст, ки соли 1895 баъди гуфтушуниди

---

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон.Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Китоби дуюм. / Б.Ғафуров.-Душанбе:Ирфон, 1985. -С.183.
[2] Бартольд В.В. Бадахшан. Энциклопедия Ислама /В.В.Бартольд. -М., 1965. -С. 315.

чандинсола байни Руссияю Англия қарори «Танзими сарҳади Помир», қабул шуд, ки мувофиқи он вилоятҳои соҳили рости дарёи Панҷ (Рӯшон, Шуғнон ва қисми шимолии Вахон) ба Бухоро, вале як қисми Дарвоз дар соҳили чапи дарёи Панҷ ҷойгирбуда, ки тобеи Бухоро буд, ба Афғонистон дода шудаанд.[1] Дар натиҷаи ин тақсимот ноҳияи Роғи Бадахшони Афғонистон, ки ҳамчун шоҳигарии мустақил буд, ба Бадахшони Афғонистон дохил шуд.

Ноҳияи Роғ дар қисми шимолии вилояти Бадахшони Афғонистон ҷойгир аст. Он аз шимол бо ноҳияи Дарвоз, аз шарқ бо Шуғнон, аз ғарб бо вилояти Кӯлоби Тоҷикистон, аз ҷануб ба Файзободи Бадахшон ҳамсарҳад мебошад.

Дар мавриди кӯчидани роғиҳо аз қисмати Роғи Бадахшони Афғонистон, ба минтақаи Кӯлоб муҳаққиқ-адабиётшинос И.Икромов овардааст: Кӯчиён ба тарафи рости соҳили дарёи Панҷ (қаламрави ҳозираи Дашти Ҷум, Шӯрообод) солҳои 1880-1895 омада, сукунат ихтиёр намуданд. Онҳо дар деҳаҳои Бадринг, Чолиштак, Офтобзамин, Деаҳмади Болою Поён,Чашмаи Себ, Зардолудараи Болою Поён, Себдараи Болою Поён, Себдараи Калон, Себдараи Бузкӯш, Хоҷағалтон, Даҳани Дара, Навобод, Сафедоби Боло, Сафедоби Поён, Девдор, Туданӣ, Хушкасангов, Урсихо ва Нимдара маскан гирифтаанд. Муҳоҷирон аз рӯи меҳру муҳаббате, ки ба ватани аслии хеш доштанд, ба макони нави худ номи он деҳаҳое, ки пештар дар он тарафи соҳил сукунат доштанд, гузоштаанд. Ба ин қатор деҳаҳои Сафедоб, Себдараи Бузкуш, Бадринг, Чолиштак, Фархорӣ, Ғазғарак ва ғайра дохил мешаванд.[2]

---

[1] Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Помир в переод присоединения Средней Азии к России / Б.И.Искандаров.- Сталинабад: Таджикгосиздат, 1960.-С.30.

[2] Сафаров Х.Х. Роғ дар масири таърих / Х.Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ.- 2012.- №5 / 48.-С. 92-95.

Муҳоҷирон анъанаҳои  фарҳангии гузаштагони худро мерос гирифта, дар ин соҳили дарьё дар деҳаҳои интихоб кардаи худ, аз қабили: кишоварзӣ, санъати пухту паз, тӯйи арӯсӣ,дафну азодорӣ,варзиш ва амсоли инҳоро идома додаанд.

Аз ин лиҳоз,омӯзиши соҳаи кишоварзии анъанавии мардуми кӯҳистони Роғ ва  роғиҳои минтақаи Кӯлоб аз аҳамияти калони илмӣ бархӯрдор аст, чунки ин соҳа дар зиндагӣ ва иқтисодиёти онҳо мавқеи марказиро ишғол мекард. Диссертатсия  дар асоси сарчашма ва маълумоти  шифоҳии  мардуми роғиҳои кӯҳансоли минтақаи Кӯлоб,ки муаллиф ҷамъ овардааст,  таҳрезию  корбаст гардидааст.

Дар диссертатсия ҷараёни кишту кори гандуму ҷав ва дигар намудҳои ғалладонагиҳо аз оғоз то ба анҷом,яъне ҷамъоварии ҳосил ва захира кардани он нишон дода шудааст.Дар бораи асбобҳои кишоварзӣ аз юғу сипор то досу панҷшох низ маълумоти муфассал овардамешавад.

Омӯзиши ин паҳлуи масъала низ муҳим аст,чунки  дараҷаи инкишофи кишоварзӣ ва ҳосилнокии он дар навбати аввал бо сифат ва мукаммалии асбобу олоти корӣ вобастагӣ дорад.Албатта, киштукори Роғиён ба киштукори мардуми тоҷик, бахусус, дарвозиҳо монанд мебошанд. Ҳунармандӣ ва тиҷорат низ бахши муҳимми иқтисодиёти мардуми кӯҳистони Роғро ташкил медиҳад. Дар баробари ин  кишоварзӣ низ барои беҳбудии  зиндагии онҳо мусоидат менамуд.

Хӯрок ва хӯрокпазӣ на танҳо падидаи иқтисодӣ, балки фарҳангӣ низ мебошад. Намудҳои гуногуни хӯрок дар бораи дараҷаи баланди инкишофи санъати пухтупази сокинони Роғ маълумот медиҳад. Омӯзиши ин мавзӯъ имконият медиҳад, ки пайвастагии ин соҳа бо кишоварзӣ, таҷриба, малака ва фарҳанги қадимаи мардум муайян карда шавад. Дар ҷашну маросимҳо анъанаҳои хеле қадим инъикос  меёбанд. Дар Паёми

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 22 .12.2017 оид ба суннатҳои бостонии тоҷикон хеле равшан дарҷ ёфтааст.

“Миллати тоҷик соҳиби ойину суннатҳои бостонӣ ва фарҳанги қадима буда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштааст.Суннату ойинҳои нек ва ҷашнҳои миллии мо,мисли Наврӯз,Меҳргон ва Сада дар тӯли таърих барои тарғиби ахлоқу маънавиёти созанда хизмат кардаанд.”[1]

Нишон додани умумият ва фарқиятҳои ҳунари хӯрокпазии тоҷикони кӯҳистон масъалаи муҳими илмӣ ва кам таҳқиқшуда,ба шумор меравад.

Маросимҳои барфӣ ва гулгардонӣ бо ду фасли сол-зимистон ва баҳор алоқаманд буда, барои мардумони Роғ, ки шуғли асосиашон кишоварзӣ буд, аҳамияти хос доштанд. Маросими “ашагулон” бо фасли баҳор, боронгарӣ ва кишту кор марбут буда, ба таърихи зиндагии мардум,ки ба он эътиқоди қавӣ доштанд, алоқаманд мебошад. Дар асоси омӯзиши ин маросимҳо мо метавонем дар бораи ҷаҳонбинӣ, афкори динӣ ва асотирӣ,падидаҳои иҷтимоии мардуми Роғ тасаввуроти амиқ ва ҳамаҷониба пайдо кунем.

Яке аз маросимҳои хеле муҳимми мардуми Роғ ва дар маҷмӯъ тоҷикон ҷашни арӯсӣ мебошад. Ин маросим, намунаи барҷастаи иҷтимоисозии муносибатҳои оилавӣ аст. Иҷтимоисозӣ дар маросимҳои марбут ба таваллуди кӯдак хатнатӯй ва мӯйсартарошон низ бараъло мушоҳида мешавад.

Бозиҳои варзишӣ ва шавқовар шуғли муҳимми мардумони Роғ буда, барои солимии ҷомеа, тарбияи ҷисмонӣ ва далерию чолокӣ мусоидат менамуданд.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 22. 12.2017.

**Дарачаи омӯзиши мавзӯъ.** Маълумоти муҳим роҷеъ ба таърих ва ҷуғрофияи Бадахшону Роғ, ки дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои хатти ҷамъоварӣ шудааст, асари таҳқиқотии муҳаққиқ Т.Г.Абаев[1] ба ҳисоб меравад.Дар ин асар оид ба Бадахшон ва ноҳияҳои он маълумотҳои ҷолиби диққат ва пурарзиш овардааст. Муаллиф дар бораи вазъи сиёсии Роғ дар нимаи дуюми асри XIII то давраи Темуриён маълумот дода, муборизаҳои сиёсии хонадони Темуриёнро барои ба даст овардани сарзамини Роғ мӯйшикофона ба риштаи тадқиқ кашидааст.Инчунин тадқиқоти мазкур,дар қисман асарҳои олимонМ.С.Андреев, [2] А.Д.Давыдов, [3] И.Муҳиддинов, [4] В.И.Сарианиди, [5] Е.С.Мендельсон [6] ва ғайраҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Муҳаққиқи таърихи давраи нав Ш. Юсупов[7] дар асари худ оид ба роғиҳое,ки дар чоряки 2-юми асри XIX аз сарзамини Роғи Афғонистон ба Дашти Терайи Кӯлоб ҳиҷрат карда буданд, маълумот додааст. Мувофиқи овардаи ӯ роғиҳои минтақаи Кӯлоб аз 23-деҳа,472 хонавода ва 2360 нафар аҳолӣ иборат буданд.

---

[1] Абаева Т.Г. Очерки истории Бадахшана / Т.Г.Абаева. Изд-во Ташкент, 1964.- С. 42.
[2] Андреев М.С. По этнологии Афганистана / М.С.Андреев. -Ташкент, 1927. -С. 21-24.
[3] Давыдов А.Д. Афганская деревня / А.Д.Давыдов. -М., Наука. 1969. -С. 42.
[4] Мухиддинов И. Особенности традиционного земледельческого хозяйства при памирских народностей в XIX- начале XX века / И.Мухиддинов. -Душанбе,1984. -С. 82.
[5] Сарианиди В.И. Древние земедельцы Афганистана / В.И.Сарианиди. -М.: Наука. 1977. –С. 203-205.
[6] Мендельсон Е.С. Ремесленное производства и торговли в Афганистане XIX начало XX века / Е.С.Мендельсон. –Ташкент: Изд-во «Фан» ,1983.-С.28.
[7] Юсупов Ш. Очерки истории Кулябского бекства в конце XIX и начале XXвв / Ш.Юсупов. -Душанбе, 1964. -С. 14-21.

Муҳаққиқ Саиди Саъдӣ[1] доир ба шӯришҳои халқӣ бар зидди зулми афғонҳо дар ноҳияҳои Бадахшон, Дарвоз, Самангон, Роғ ва Панҷшер маълумоти пурарзиш овардааст.

Муҳаққиқи тоҷик,афғоншинос Ҳ.Назаров[2] дар асараш доир ба шӯришҳои халқии соли 1889, дар ноҳияҳои Роғ,Шаҳри Бузург ва Пасикӯҳи музофоти Қатаған тавассути сарчашмаҳои таърихӣ маълумот додааст.Оид ба ҳаракатҳои милли озодихоҳии ноҳияи Роғ нигоштааст: Шӯришгарон иборат аз 5-ҳазор нафар ба ҷониби Рустоқ ҳаракат карда,вале аз ҷониби шаҳр қӯшунҳои гарнизони ҳарбӣ ба муқобили шӯришгарон ба ҷанг даромаданд. Дар натиҷа шӯришгарон 250 нафарро аз даст дода, 60 нафари дигарро асир гирифтанд.Ҳамин тариқ, тирамоҳи соли 1889 дар Шаҳри Бузург аз сари нав шӯриш сар зад,ки шӯришгаронро гарнизони дар Рустоқ буда саркӯб намуданд.Қисман шӯришгарон дар ноҳияи Роғ ҷамъ шуданд,ки ба ин ҷо отряди ҳарбӣ фиристода шуд. Шӯришгарон аз оқибати ҷазоҳои вазнин тарсида ба кӯҳу кӯҳпораҳо паноҳ бурданд,вале ҳисси истиқлолиятхоҳии мардуми озод, далеру шуҷоъ аз сари нав рӯҳ мегирифт.[3] Минбаъд қисми зиёдаш ба қаламравии Бухоро ҳиҷрат намудаанд,ки баъдтар дар қаламравии Бухорои Шарқӣ сукунат ихтиёр карданд.

Муаррихи тоҷик, Ҳ.Пирумшоев дар асари худ "Таърихи Дарвоз»[4], дар бораи аз ҷониби ҳокими Бадахшон таъйин карда шудани ҳокимони ноҳияҳои Роғ, Яфтал Шаҳри Бузург ва дар бораи мансабҳои маъмурӣ

---

[1] Саиди Саъдӣ.Мухтасари таърихи сиёсии тоҷикони Афғонистон / С. Саъдӣ. -Душанбе, 1995. -С. 45.

[2] Назаров Х.Н. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец X1X - начало XX веков) / Х.Н.Назаров. -Душанбе: Ирфон. -1976. –С.107-108.

[3] Сафаров Х.Х. Корнамоиҳои Деваштичи суғдӣ. / Х.Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб.- 2017. -№1( 16).- С.61-64.

[4] Пирумшоев Ҳ. Таърихи Дарвоз /Ҳ.Пирумшоев. –Душанбе: Ирфон. 2008.-С.96-111.

маълумот додааст. Муҳаққиқи рус А.Д. Давыдов[1] дар асарашдар бораи шаклу усули заминдорӣ, шабакаҳои обёрӣ, кандани ҷӯйҳо, зироатҳои полизӣ маълумот додааст. Самараи таҳқиқоти ӯ оид ба сохтори маъмурии асрҳои Х1Х-ХХ халқи тоҷик аз манфиат холӣ нест.

Баъзе ҷанбаҳои мавзӯи мазкур дар монографияи муаррихони тоҷик И.Муҳиддинов, [2] ва Р.Маҳмадшоев, [3] ки ба фаъолияти кишоварзии сокинони тоҷикнишини Бадахшони Афғонистон ва Бадахшони Тоҷикистони асрҳои XIX-XX бахшида шудаанд,баррасӣ шудааст. Дар бораи кишоварзии Роғ ҳамчунин олимони тоҷик,собиқ шӯравӣ, шарқшиносон ва этнографҳо М.Р.Раҳимов,[4] У.Ҷаҳонов,[5] Ш.Т.Юсупов,[6] Ю.А.Краснов,[7]Д.Д.Букинич,[8]Н.А.Кисляков,[9]В.В.Бартольд,[10]Бурҳонидди ни Кушкекӣ,[11] М.С.Бадахшӣ, М.Ф.Сурхафсар[12] ва дигарон талифоти пурарзишеро ба анҷом расонидаанд.

---

1 Давыдов А.Д. Афганская деревня /А.Д.Давыдов.- М.: Наука, 1969. -С. 42.
2 Мухиддинов И. Особенности традиционного земледельческого хозяйства припамирских народностей в XIX- начале XX века /И.Мухиддинов. -Душанбе, 1984. -С. 82.
3Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время.Очерки истории хозяйства и материальной культуры /Р.Махмадшоев. –Душанбе:Дониш, 2001. -С.95.
4 Рахимов М.Р. Земледелие таджиков басейна реки Хингоу в до революционный период. Историко-этнографический очерк / М.Р.Рахимов. Труды АН Тадж ССР.- Т.43. - Изд-во АН Тадж ССР.Сталинабад, 1957. -С. 81-84.
5 Джахонов У. Земледельческих народных календарь и счёт времени у таджиков Соха
/ У.Джахонов //Этнография Таджикистана. -Душанбе,1985. -С. 86-92.
6 Юсупов Ш. Очерки истории Кулябского бекства в конце XIX и начале XXвв / Ш.Юсупов.- Душанбе, 1964.-С. 14-21.
7 Краснов Ю.А. Древнейшей упрятные пахотные орудия /Ю.А.Краснов,Б.С. Ганбург. - М.: Наука.1975.-С.134-136.
8 Букинич Д.Д. Техника сельского хозяйсва в Афганистане / Д.Д.Букинич // Вавилов Н.И.соб соч в 5 томах.-Т. I.гл.7. - М.,-Л.,Изд-во АН СССР. 1959.-С. 196.
9 Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков . По материалом XIX начало XX веков / Н.А.Кисляков. -М.,1959. -С.102-107.
10 Бартольд В.В. Бадахшан / В.В.Бартольд. Соч .Т. 3. -М.,1965. -711с.
11 Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова) / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926. – 248с.
12 Бадахши С.М. Таърихи Бадахшон / С.М.Бадахши, Сурхафсар М (История Бадахшана) подготовител к изд А.Н. Болдырев. Изд-во - ЛГУ.1959.-254 с.

Дар асри XIX ва ибтидои асри XX дар шоҳигирии Роғ сохти суст тараққикардаи феодалӣҳукмрон буд. Заминҳои кишт, асосан, бо истифодаи оби дарёҳо,сойҳо,ҷӯйборҳо,чашма ва корезҳо обёрӣ карда мешуданд.

Нахустин дар бахши чорводорӣ, боғдорӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат ва боҷу хироҷи ноҳияи Роғ олимон ва мутахассисон ба монанди: М.С.Андреев[1], А.Д.Давыдов маълумот,[2] овардаанд.

Муҳаққиқони дигар, аз ҷумла, А.О.Мидендорф,[3] Я.И.Мышковский,[4] Р.Каруц,[5] М.Ҳамроев,[6] Д.Д.Букинич,[7] Е.С.Мендельсон,[8] низ ба мавзӯи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Доир ба ҳунармандӣ А.К.Писарчик [9] ва Е.М.Пещерова [10] дар таҳқиқотҳои хеш маводи зиёди арзишмандро ҷамъоварӣ кардаанд.

А.К.Писарчик ҳунари дастро яке аз намудҳои оммавӣ ва санъати халқӣ номида, аҳамияти он ба ҳеҷ кас пӯшида нест,қайд кардааст. Ҳар як матоъ, гулдӯзӣ ва ҳар як чизи хушнамуди рӯзгор талаботи зебоипарастии одамонро баланд мебардорад.Аз маҳсули ҳунари дастӣ дар навбати аввал матоъҳои бофандагӣ, кашидадӯзӣ ва гулдӯзӣ, чити гулдор ва ҳар

---

[1] Андреев М.С. По этнологии Афганистана / М.С.Андреев.- Ташкент,1927. -С. 21-24.
[2] Давыдов А.Д. Афганская деревя / А.Д.Давыдов. -М.: Наука. 1969. -С. 42-51.
[3] Мидендорф А.О. Очерки ферганской долины / А.О.Мидендорф.- СПб, 1882. -С.229.
[4] Мишковский Я.И. Жилеше разных эпох .Вчера,сегодня,завтра /Я.И.Мишковский. -М.: Стройиздат, 1975. -С.155.
[5] Карутц Р. Среди киргизов и туркменов на Мангышлаке / Р.Карутц. СПб. – Девриена,1914.-С.140-145.
[6] Хамроев М. Очерки истории Гисарского бекства (конце XIX начало XX века) / М.Хамроев. –Душанбе, 1959. –С.. 43-56.
[7] Букинич Д.Д.Техника сельского хозяйсва в Афганистане /Д.Д.Букинич. // Н.И. Вавилов.Соб Соч в 5 томах.-М.,-Л.,Изд-во АН СССР 1959.Т. I.гл.7.-С. 196.
[8] Мендельсон Е.С. Ремесленное производства и торговли в Афганистане XIX начало XX века / Е.С.Мендельсон. -Ташкент : Фан,1983.-С.28.
[9] Писарчик А. Доир ба вазъияти ҳунари дастӣ дар Тоҷикистон / А.Писарчик //Шарқи сурх. -1958.- №2. -С.119-125.
[10] Пещерова Е.М. Гончарное производство Средней Азии /Е.М.Пещерова.-ТИ Э АН СССР. Новая серия. Т.42. -М.,-Л., 1959.- 393 с.

гуна матоъҳои дигарро қайд намудааст.Е.С.Мендельсон ваЕ.М.Пещерова бошанд,доир ба санъати кулолгарии тоҷикони Бадахшон маълумот дода, нигоштаанд, ки дар ноҳияи Роғ зарфҳои кулолии гилӣ ва чинии сирдор,ки одатан дар зери сирашон нақшу нигор доштанд,истеҳсол карда мешуданд. Тоҷикзанҳои кӯҳистони Роғ зарфҳои худро бештар ба гили сурх зинат дода,гул мепартофтанд.[1]

Хусусиятҳои хосӣ хӯрокпазӣ, анъана ва маросимҳо, ҷашнҳо,бозиҳои варзишии мардумони Роғқариб, ки омӯхта нашудааст. Барои таҳлилу баррасии ин мавзӯъ, асосан, аз маълумоти мардумшиносӣбо назардошти ноҳияҳои зисти онҳо гирдоварӣ шуданд.

-нақли роғиёни кӯҳансолони минтақаи Кӯлоб, ки муаллифи рисола ҷамъоварӣ намудааст,истифода шудааст.Дар таҳқиқоти мардумшиносии тоҷикон муаррихон Н.А.Кисляков., А.К.Писарчик[2], А.Ванукевич,[3] Н.Н.Ершов[4] ва М.Шовалиева[5] хусусиятҳои хосӣ хӯрокпазӣ ошкор шудаанд.Оид ба омӯзиши анъана, маросимҳо ва ҷашнҳои анъанавии Роғ, дар асарҳои олимони мардумшинос (этнографҳо) М.С.Андреев,[6] О.А.Сухарева,[7] Р.Амонов,[8] Д.Карамшоев,[9]

---

[1]Мендельсон Е.С. Ремесленное производства и торговли в Афганистане XIX начало XX века / Е.С.Мендельсон. –Ташкент: Фан, 1983.-С.28.
[2] Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза.вып 2 / Н.А. Кисляков , А.К. Писарчик.–Душанбе: Дониш, 1970. -311с.
[3] Ванукевич А. Таджикские национальные сладости / А.Ванукевич.-Душанбе: Ирфон,1978.-С. 15-16.
[4] Ершов Н.Н. Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып -2 / Н.Н.Ершов. -Душанбе, 1970.-С. 225-233.
[5] Шовалиева М. История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С. 47 -56.
[6] Андреев М.С. Таджики долины Хуф.вып-2 / М.С. Андреев.-Сталинабад,1958. -С.245.
[7] Сухарева О.А. История Среднеазиатского Костюма. Самарканд(2-ая половина Х1Х-начало ХХ в) / О.А.Сухарева.- М.,1982.-С. 66-68.
[8]Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳонакии Кӯлоб / Р.Амонов. -Душанбе, 1963.-С. 37-42.
[9] Карамшоев Д. Русум ва истилоҳи Наврӯз дар Бадахшон /Д. Карамшоев .//Номаи Пажуҳишгоҳ.№3.Душанбе: Пайванд , 2003.-С. 104-112.

М.Раҳимов,[1] Ф.Зеҳниева,[2] Н.Х.Нурҷонов[3] ва дигарҳо баъзе паҳлуҳои мазӯи мазкур баён шудаанд.

Дар таҳқиқ ва баррасии анъанаҳои варзишӣ саҳми муаррихон-этнографҳо Н.О.Турсунов,[4] Н.Назаров[5] хеле назаррас мебошад,зеро дар омӯзиши мавзӯи мазкур асарҳои ин олимон, объекти омӯзиш маҳсуб ёфтанд.

Ҳамин тавр,обзори таърихнигорӣ нишон медиҳад,ки аз асри Х1Х сар карда,дар ибтидои асри ХХ муаррихон ва мардумшиносон тарафҳои гуногуни таърих ва этнографияи тоҷикони ноҳияи Роғро таҳқиқ намудаанд.Вале масъалаи марбут ба таърих ва этнографияи тоҷикони ноҳияи Роғи, асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ҳанӯз ҳам ба таври пурра омӯхта нашудааст.Дар маҷмӯъ, сарфи назар аз муваффақиятҳои илмии таърихи замони Шӯравӣ ва таърихи Тоҷикистон, омӯзиши соҳаҳои кишоварзӣ, ҳунармандӣ, хӯрокпазӣ, ҷашну маросимҳо, анъанаҳои варзишӣ яке аз масъалаҳои кам омӯхташуда маҳсуб меёбад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо), мавзуъҳо.**Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои шуъбаи этнология ва антропологияи Институти таърих,бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи

---

[1] Рахимов М.Р. Земледелие таджиков бассейна р.Хингоу в дореволюционный период / М.Р.Рахимов. -Сталинабад, 1957.-С. 41-42.

[2] Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон / Ф.Зеҳниева. – Душанбе:Дониш,1978.-С. 59-63.

[3] Нурджонов Н.Х. Свадьба / Н.Х.Нурҷонов . //Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 3.-Душанбе, 1976.-С. 26-57.

[4] Турсунов Н.О. Из истории городского ремесла Северного Таджикистана / Н.О.Турсунов. -Душанбе, 1974.-С. 123-127.

[5]Назаров Н.Аз таърихи ҳамкориҳои варзишгарони тоҷику афғон / Н.Назаров. -Восеъ, 1993.-С. 6.

“Проблемаи омӯзиши таърих ва фарҳангӣ халқи тоҷик,Қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихи (давраи нав)” омода гардидааст.

**Обьекти таҳқиқот -** таърих ва фарҳанги Роғ дар асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ мебошад**.**

**Предмети таҳқиқот-**омӯзиши таърих, ҷуғрофия, кишоварзӣ, ҳунармандӣ, хӯрокпазӣ,ҷашну маросимҳо ва соҳаи варзишии дар асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ноҳияи Роғро ташкил мекунанд.

**Мақсади таҳқиқот-**мавриди омӯзиш қарор додани таҳқиқоти мазкур дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ, адабиёти илмӣ ва маводи мардумшиносӣ аз ҷониби муаллиф ҷамъоваришуда, омӯзиши таърих, фарҳанг ва расму оини мардуми Роғи охири асри XIX ва ибтидои асри ХХ таҳқиқ намудан аст.

Вобаста ба ин мақсад вазифаҳои таҳқиқот аз инҳо иборат аст:

1.Сайри кутоҳ ба таърих ва ҷуғрофияи Роғи Бадахшони замони Авесто.

2.Омӯзиш ва таҳлили ҷуғрофияи таърихии Роғ дар охири асри XIX ва ибтидои асри ХХ дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ.

3.Таҳлил ва баррасии сохтори маъмурии ноҳияи Роғ.

4.Овардани маълумоти мардумшиносӣ дар бораи роғиҳои минтақаи Кӯлоб.

5.Омӯзиши кишоварзӣ дар Роғ ва хусусиятҳои он.

6.Омӯзиши ҳунармандӣ ва мавқеи он дар иқтисодиёти Роғ.

7.Инкишофи тиҷорат дар шароити кӯҳистон.

8.Омӯзиши анвои хӯроки анъанавӣ ва тарзи тайёр кардани онҳо.

9.Таҳқиқи нақши ҷашну маросимҳои анъанавӣ дар зиндагии мардумони кӯҳистони Роғ, аз ҷумла: ашаглон, гулгардонӣ, мӯйсаргирон,

хатнасур, кокулгирон, гавҳорабандон, барфӣ, бучулбозӣ, тухмҷанг, рустшавакон, маросими арусӣ ва амсоли инҳо.

10.Бозиҳои варзишӣ ва фароғатӣҷузъи муҳими фарҳанги мардумӣ.

**Ҳудуди замонии таҳқиқот** асосан таърих ва этнографияи ноҳияи Роғро дар асри XIX ва ибтидои асри XX-ро дар бар мегирад. Дар боби якум, ки ба ҷуғрофияи таърихии Роғ бахшида шудааст, ҳамчун сайри таърихӣ аз давраҳои хеле қадим Авесто, воқеъаҳои дар асри XV-XVI рухдода ёдовар шудем,ки аз манфиат холӣ нестанд ва нақши Роғро дар таърихамон нишон медиҳад ва ҳудудҳои таҳқиқот асосан қаламравии давлатҳои Осиёи Марказӣ: Афғонистони Шимолӣ-Бадахшон-Роғ ва аз ҷумла, Тоҷикистони ҷанубӣ (минтақаи Кӯлоб)-ро фаро мегирад.

**Методологияи таҳқиқот.** Диссертатсия дар асоси назария ва усулҳои таҳқиқотии таърихшиносон ва мардумшиносонӣ маъруфи Тоҷикистон, Россия ва кишварҳои Аврупоӣ, ки таърих ва этнографияи Роғ бахшида шудаанд, навишта шудааст. Ба ин қатор олимони тоҷик Б.Ғ.Ғафуров,[1] Б.И.Искандаров, [2] Ю.Яқубшоҳ [3] Р.Маҳмадшоев [4] олимони рус

---

[1] Ғафуров Б.Тоҷикон.Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Китоби якум /Б.Ғафуров-Душанбе:Ирфон,1983.- 700 с.
[2] Искандаров Б.И. Восточное Бухара и Памир в период присоединения Средней Азии к России / Б.И.Искандаров. –Сталинабад, 1960. 213 с.
[3] Ёқубшоҳ Ю. Давлати Каёниён / Ю.Ёқубшоҳ. - Душанбе: Эр-Граф, 2012. -544 с.
[4]Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время.Очерки истории хозяйства и материальной культуры /Р.Махмадшоев.–Душанбе:Дониш,2001. -С. 95-98.

В.В.Бартольд,[1]М.М.Дьяконов,[2] М.С.Андреев,[3] Н.А.Кисляков[4], олимони аврупоӣ Е.С.Мендельсон[5],Б.Кушкеки[6],
Д.Н.Логофет[7] дохил мешаванд. Инчунин дигар муаррихони машҳур ба ин масъала рушани андохта, барои ҳар як марҳила маълумоти лозимиро аз манбаъҳои гуногун: бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, хаттӣ, бадеӣ ва ғайра таҳлил ва таҳқиқ гардонидаанд.

Мо ҳамчунин аз методҳои илмӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ, таснифӣ ва ба монанди онҳо васъ истифода бурдем. Дар навиштани рисола сабки навиштани асарҳои классики-этнографонӣ маъруф М.С.Андреев, Н.А.Кисляков, А.Писарчик ва дигарон мураттаб сохтаанд, баҳра бардоштем.

**Сарчашмаҳои дар раванди таҳқиқот истифодашуда.** Яке аз қадимтарин сарчашмаҳое, ки дар он номи Роғ оварда шудааст, китоби муқаддаси аҷдодон-Авесто мебошад.Дар ин китоб, дар Ясно 19, банди 18 Роғ яке аз 16 кишвари Ориёӣ буд,ки Худованд Аҳурамаздо офаридааст.Дар Вандидод, дар фаргарди якум, банди 16 ”12-умин сарзамину кишвари нек, ки ман  Аҳурамаздо офаридам, Роғ буд,ки се

---

[1] Бартольд В.В.  Бадахшан. Т. 3 /В.В.Бартольд. - М.,1965. -С.345.

[2] Дьяконов И.М. Маданияти қадимаи тоҷикон / И.М.Дьяконов. -Сталинобод, 1959.-С.145-148.

[3]Андреев М.С.  По этнологии Афганистана / М.С.Андреев. –Ташкент, 1927. -С. 21-24.

[4]Кисляков Н.А.Семья и брак у таджиков:Автореф.дис..д.ист.наук.-Л.,1952. 26 с.То же,сокр.-КСИЭ,1952,вып 17,с.74-80.

[5]Мендельсон Е.С. Ремесленное производства и торговли  в  Афганистане  XIX начало XX века / Е.С.Мендельсон.–Ташкент: Фан, 1983.-С.28-30

[6] Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова)  / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926 -С. 111-116.

[7] Логофет Д.Н. На границах Средней Азии К.3./ Д.Н.Логофет.-СПб.1909.-147с.

радон дар он фармонравоянд. Пас он гоҳ Аҳримани ҳаматан марг биёмад ва ба патёрагӣ гуноҳи барангехтани сустбовариро биофарид”.[1]

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих», ки сар то по дар хусуси меҳру садоқат ба Ватан, ба мероси ниёгони тоҷикон бахшида шудааст, ба масъалаи

«Авесто» ва макони Зардушт таваҷҷуҳ зоҳир намуда нигоштааст, ки халқи тоҷик бо вуҷуди меросбару меросдори «Авесто» будан боре ҳам дар тӯли таърих аз бобати ба сарзамини тоҷикон ва ба миллати тоҷик мансуб будани китоби муқаддаси «Авесто» баҳс накушодааст. Баҳс кушодан ҳам дар ин мавзӯъ натиҷае намеорад».[2]

Роғи авестоӣ ҳамин Роғи Афғонистони кунунӣ аст.Ватани Зардушт низ Бохтар мебошад.[3]

Аммо баъзе олимон Роғи авестоиро ба Райи Эрон нисбат медиҳанд. М.Рашшод овардааст:”Зардушт аз хонаводаи Сито аст,падараш Пурушоб-зореъ ва ё чупон аз аҳли Озорбойҷон ва модараш Доғду –аз аҳли Рай буда...”[4]

Танҳо авестошиноси тоҷик академик Ю.Яъқубов Роғи авастоиро бо далелҳои исбот менамояд,ки ин ҳамин Роғи Бадахшон мебошад. Олими франсавӣ Ф.Грене ин андешаи Ю.Яъқубовро ҷонибдорӣ кардааст.[5]

Бинобар ин,мо гуфта метавонем,ки қадимтарин ахбор дар бораи Роғ дар Авесто оварда шудааст ва омӯзиши ҳамаҷонибаи Роғ амри таърих мебошад.

---

[1] Юсуфшоҳи Ё. Давлати Каёниён / Ё.Юсуфшоҳ.-Душанбе:Эр-граф, 2012.-С.252.

[2] Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих:Аз Ориён то Сомониён.Китоби якум / Э.Раҳмон.London: Flint river editions Great Britain, [1999]. - С.40.

[3] Яқубов Ю.Зардушт / Ю.Яқубов //Маърифат.-1995.-№5-6. -С.3-12.

[4] Рашшод М.Фалсафа аз оғози таърих.Ҷ 1.2./ М.Рашшод.-Душанбе:Ирфон, 1990.-С.88.

[5] Авесто. Душанбе, 2001zenet FGrenet F.Zoraastre on Badakhshan. Studis Iranica. T. 3.2.2002. P. 200

Дар дигар асарҳои ҷуғрофӣ ва таърихии асримиёнагӣ ва таҳқиқоти олимони давраи нав ва навтарин дар бораи «Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX» маълумоти пароканда ва нопурра мавҷуд аст. Бо вуҷуд ин ҷамъоварӣ ва таҳлили ин маълумотҳо имконият медиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни таърих у фарҳанги ин минтақа рӯшан карда шаванд.

Баъди маълумоти дар Авесто омада,номи Роғ дар адабиёти баъдин дар китоби "Бобурнома"-и М.Бобур омадааст,ки нигоштааст:Дар Бадахшон чор бек дар байни бадахшониён бо сари баланд мегаштанд ва ба ӯзбекҳо тобеъ набуданд.Инҳо Муҳаммади Кӯрчӣ, Муборакшоҳ,Зубайри Роғӣ ва Ҷаҳонгири туркман буданд.Ин чор бек якҷоя шуда,Носир мирзои темуриро шикаст дода, аз Бадахшон дар соли 1506-07 пеш карданд[1].Инчунин, дар бораи муборизаи қаҳрамононаи Зубайри Роғӣ ва Муборакшоҳ бар зидди Шайбониёни ишғолгар маълумот оварда шудааст,ки дар омӯзиши сарчашмаҳои хаттӣ аз манфиат холӣ нест.

Ҳамчунин, оид ба ин воқеа,ки соли 1505 ба вуқӯъ пайвастааст, академик В.В.Бартольд малумот додааст.[2]

Яке аз муҳаққиқони таърихи Афғонистон, мардумшинос Х. Карлес[3] дар асараш қайд намудааст: Дар водиҳои Панҷшеру Роғ дар ҳамаи фасли сол намудҳои гуногуни тутро дидан мумкин аст. Дар ҳақиқат тут маҳсулоти асосии ин водиҳо ба шумор меравад. Агар гӯем, ки иқтисодиёти асосиро маҳсулоти тут нигоҳ медорад, хато нахоҳем кард.[4]

---

[1] Бабур М.З. Бабур-наме . Записки Бабура.Пер М. Салье / М.З.Бабур. - Ташкент.Изд-во. АН Узб ССР.1958.-С.219-221.

[2] Бартольд В.В.Бадахшан соч Т.3 / В.В. Бартольд.-М.,1965.-С. 354.

[3] Карлес Х. Таджики дараи Пандшир ҷабали Ҳиндукуш / Х.Карлес. // Мардумшиносӣ. Теҳрон. -1335. ҳқ.-С. 68-75.

[4]Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время.Очерки истории хозяйства и материальной культуры /Р.Махмадшоев.–Душанбе:Дониш,2001. -С.95-98.

Дар ҳақиқат дарахтони мевадиҳандаи тут аҳолии ин водиҳоро аз гурӯснагӣ раҳо мебахшад.

Дарахтони тут дар Дарвоз ва Роғ аз дигар дарахтони мевадиҳанда зиёд мебошанд. Тутро нони дуюми мардуми ин диёр меҳисобанд. Дар кӯҳистони Роғ, инчунин, зардолуи «мирзоӣ», «шакарпора», «сафедча», «пайвандӣ», «гурдаи гов», «давлатмуродӣ» парвариш карда мешавад.

Дар ҳавлии ҳар бошанда ва махсусан, кӯҳистон боғҳои себ зиёд дида мешавад, аз ҷумла; чукасеб, кадусеб, себи турушак, себи ҷавпазак, себи ҷангалӣ, себи нӯшоракӣ парвариш меёбад.[1] Таҳлил ва ба низомдарории ин маълумоти сарчашма оид ба парвариши боғдорӣ ва тарзи истифодабарии онҳоро муайян намоем.

Сарчашмаи мутамади дигар ин “Сироҷ-ут-таворих”-и Файз Муҳаммади Котиб ба ҳисоб меравад,ки оид ба омӯзиши қавму қабилаҳо,иқтисодиёт, маданияти моддии халқҳои гуногун,аз ҷумла тоҷикони Афғонистону Бадахшон маълумоти арзишманд медиҳад.Таҳлил ва ба низомдарории ин маълумот имкон медиҳад,ки ҷиҳатҳои иқтисодӣ ва маданияти моддии ноҳияи Роғро муайян намоем.

Аз ҷумла,дар Вахон ва қисман ноҳияи Роғ бо сабаби гаронии андозҳо ва сиёсати истисморгароёнаи афғонҳо дар соли 1894 гурускагӣ сар зад. Мувофиқи баъзе маълумотҳо аз нарасидани маводи ғизо қисми зиёди аҳолӣ фавтид.

Одамон бо нон алафро ҳамроҳ намуда истеъмол мекарданд. Аҳолӣ, он замон маҷбур мешуданд, ки порчаи замин, кулба ва кӯдакони худро ба ивази нон савдо кунанд.[2]

---

[1]Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время.Очерки истории хозяйства и материальной культуры /Р.Махмадшоев.–Душанбе:Дониш,2001.-С.96-101.
[2] Файз Муҳаммади Котиб. Сирадж-ут-таворих Т.1-2 / Ф.М. Котиб.- Кабул,1333,ҳ.к .- С.187.

Маълумоти пурқиммат роҷеъ ба таърих, кишоварзӣ, ҳунармандӣ,намудҳои хӯрок,либос ва аҳолиюсохтори маъмурии тоҷикони шимолӣ Афғонистон, аз ҷумла, ноҳияи Роғ, китоби Б. Кушкекӣ «Каттаған ва Бадахшон»,[1] мебошад,ки дар бораи шумораи деҳаҳои Роғ, аҳолӣ ва касбу ҳунарҳои ин ноҳия дар ибтидои асри XX маълумот оварда шудааст.Ин сарчашмаманбаи асосии омӯзиши кори илмиро пурра гардонид.

Сарчашмаи дигаре, ки дар бораи Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX маълумоти ҷолибро дар бар мегирад, китоби “Таърихи Бадахшон”-и С.Бадахшӣ ва Ф.Сурхафсар[2] мебошад. Дар ин китоб таърихи 250-солаи тоҷикони вилояти Бадахшон дар солҳои 1657-1907 ҷамъоварӣ шудааст. Дар ин китоб ба тарзи назм оид ба муборизиҳои мардуми Роғ бар зиддӣ ҳокимони Бадахшону Дарвоз маълумоти ҷолиб оварда шудааст. Аз ҷумла,дар охири асри X1X дар ноҳияи Роғ 51 деҳа мавҷуд буда, аҳолии он тоҷикон қариб 15 ҳазор нафарро ташкил медоданд. Онҳо ба зироаткорию чорводорӣ, кулолӣ ва истеҳсоли тилло машғул буданд.Дар зимни коркарди мавзӯи мазкур маълумоти нодир оид ба кишоварзӣ,ҳунари кулолгарӣ истифода шудаанд. Дар «Таърихи Бадахшон» роҷеъ ба масъалаҳои этнографӣ, ҷуғрофӣ ва адабиёт мавод оварда шудааст. Дар ин асар дар бораи Роғро забт кардани Қубод Чучқа дар соли 1797, Қулмуқхони Турк дар соли 1820,мири Бадахшон Мирподшоҳ дар соли 1873 хабар дода мешавад.Бештари маълумотҳо ба таърихи сиёсӣ нисбат доранд.

Сарчашмаи дигаре,ки дар бораи Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX маълумот медиҳад, китоби «Таърихи Бадахшон»-и Қурбон

---

[1]Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова) / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926. -С.111-116.

[2] Бадахшӣ С. Тарих-и Бадахшан (История Бадахшана) / С.Бадахшӣ , Ф.Сурхафсар . Подготовител к.изд А.Н.Болдырев.-Л.:Изд-во ЛГУ,1959. -С.234-235.

Муҳаммадзода ва Муҳаббат Шоҳзода[1] мебошад,ки соли 1973 аз ҷониби академики АИ ҶТ Б.И.Искандаров аз тоҷики (форсӣ) ба русӣ тарҷума шудааст. Мутаассифона, маълумотҳои ин китоб чандон саҳеҳ нестанд.

Муҳаммад Ҳаётхон[2] низ дар асараш доир ба ҳодисаҳои сиёсии дар Бадахшон дар нимаи 2-юми асри XIX маълумоти пурарзиш овардааст.

Барои омӯзиши кишоварзии анъанавии мардуми кӯҳистони Роғ,ҳунармандӣ,хурокпазӣ, ҷашну маросимҳо,соҳаҳои варзиш ва амсоли инҳо дар асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ маълумоти манбаъҳои хаттӣ-луғатҳо,хроникаҳои таърихӣ,ёддоштҳо,рисолаҳо,асарҳои назмии бадеӣ аҳамияти бузург доранд. Онҳо натанҳо барои кории илмии мазкур ёри мерасонанд,балки дар омӯзиш ва таҳқиқи он имконият медиҳанд.

Ҳангоми коркарди мавзӯи мазкур маълумоти пурарзиш оид ба таърих ва этнографияи Роғ аз луғатҳои "Бурҳони қотеъ"(асри XV11)[3] "Ғиёс-ул-луғот"(асри X1X),[4] Амир Унсур ул-Маоли Кайковус бин-и Кабус бини Вашмигир,"Кабусname"[5] истифода шудаанд.

Омӯзиши тамоми паҳлуҳои таърих ва этнографияи халқиятҳои ду соҳили руди Панҷ,баъд аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба империяи Россия оғоз гардид. Дар ин бахш асарҳо ва мақолаҳои М.С.Андреев "По этнологии Афганистана",[6] М.С.Андреев., А.А.Половцев "Материалы по этнографии иранских племен Средней Азии.Ишкашим и Вахан"[7],

---

1 Муҳаммадзода Қ. Таърихи Бадахшон (перевод Искандаров Б.И) / Қ. Муҳаммадзода, Ш.Муҳаббат. Изд-во: Вос Лит. -М.,1973.-С. 32-35.

2 Ҳаётхон М . Ҳаёти Афғон /М.Ҳаётхон -Кобул, 1874.-С.199

3 Мухаммадхусейн Бурхон.Бурхони коте.Словарь.-Т.1-2.-Душанбе: Адиб,1993.-416 с.

4 Ғиёс-ул-луғот. Ҷ 2.(таҳияи А.Нуров). –Душанбе:Адиб, 1987.- 480 с.

5 Амир Унсур ул-Маоли Кайковус бин-и Кабус бини Вашмигир. Кабусname.-Тегеран,1342.-198 с.

6 Андреев М.С. Таджики долины Хуфа вып-1 /М.С.Андреев. -Сталинабад, 1953.-251 с.

7 АндреевМ.С., Материалы по этнографии иранских племен Средней Азии (Ишкашим и Вахан) / М.С. Андреев А.А.Половцев. СМАЭ.-Санкт-Петербург.1911. -41 с.

И.Минаев“Сведения о странах по верховьям Амударьи”[1], ки дар онҳо муаллифон хусусиятҳои хоси кишоварзӣ,ҳунармандӣ,хӯрокҳо,ҷашну маросимҳои тоҷикони ду соҳилро муфассал тасвир кардаанд,бояд қайд кард. Баъдтар шарқшинос С.А.Ольденбург дар мақолаи хеш “Сборник музея по антропологии и этнографии при императорский АИ”[2],оид ба кӯчидани аҳолии ноҳияи Роғ ба қисмати рости соҳили Панҷ,ба кӯҳистонӣ Терай ва Даштиҷумро қайд кардааст,ки истифодаи он аз манфиат холӣ нест.

**Нововарии таҳқиқот.** Дар рисолаи мазкур дар заминаи таҳлили доираи васеи омӯзиши манбаъҳои гуногун-мардумшиносӣ, хаттӣ, бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Нововарии таҳқиқот мушаххастар ба таври зерин нишон дода мешавад:

Дар омӯзиши маҷмӯии мавзӯи ҳанӯз таҳқиқ нашудаи таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX.

2.Фарҳангӣ кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва ҷашну маросимҳо ҳамаҷониба ва дар доираи як таҳқиқот баррасӣ нашудааст. Сабаб дар он аст,ки дар сарчашмаҳои хаттӣ оид ба ин мавзӯъ танҳо маълумоти кӯтоҳ ва пароканда мавҷуданд.

3.Дар рисола бори аввал ҳамаи маълумотро дар ин маҷмӯъ гирд оварда, бо тартиби муайян таҳлил карда, силсилаи ягона, пайдарҳам ва бо ҳамдигар алоқаманди ҳодисаҳои таърихӣ ва падидаҳои фарҳангиро ба танзим дароварда, таҳлил ва баррасӣ намудем;

4.Нововарии дигари рисола таҳқиқи фарҳангӣ мардумии Роғ мебошад, ки он амалан тамоми соҳаҳои фаъолияти аҳолиро аз қабили кишоварзӣ, ҳунармандӣ, хӯрокпазӣ, ҷашну маросимҳо, соҳаи варзишӣ ва

---

[1] Минаев И. Сведения о странах по верховьям Амударьи / И.Минаев. -СПб.1879.-С. 231-234.

[2]Ольденбург С.А. Сборник музея по антропологии и этнографии при императорский АН / С.А.Ольденбург. -Санкт-Петербург,1911.-С. 5.

амсоли инҳоро дар бар мегирад. Ин мавзӯъҳо омӯхта нашуда буданд ва бори нахуст мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шудаанд;

5.Муаллифи рисола ба ноҳияҳои роғнишини минтақаи Кӯлоб борҳо сафар карда,маълумоти тоза аз нақли мӯйсафедон доир ба соҳаҳои номбаршуда нахустин шуда,таҳқиқот бурдааст;

6.Мо ин маводро таҳлил ва таҳқиқ намуда, доир ба соҳаҳои номбаршуда нахустин шуда маълумоти муфассал оварда, хулосаҳои муҳимми илмӣ баровардем;

7.Омӯзиши ҳар машғулият ё маросимҳо аз оғоз то анҷом муфассал ва пай дар пай баён шуда, то ки тарҳи умумии он намоён гардад ва он фаҳмо ва равшан бошад.

8.Омӯзиши маросимҳо чандин марҳиларо дар бар мегиранд. Муаллиф кӯшиш кардааст ҳар марҳиларо муфассал аз оғоз то анҷом баён карда, пайвастагии онҳоро нишон диҳад.

9.Омӯзиш ва таҳқиқ доир ба кишти ғалла аз шудгори замин то ба хонабурда расондани ҳосил, олоту асбоби меҳнат, андозҳо аз ҳосил, косибӣ ва тиҷорат, хӯрокҳо, ҷашну маросимҳо, бозиҳои варзишӣ ва фароғатӣ маълумоти муфассал оварда шудааст. Ҳамаи ин маълумотҳо бори нахуст мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст;

10.Алоқаи кишоварзӣ ва ҷашну маросимҳои мардуми Роғро аз як сӯ бо шароити табиӣ ва аз сӯи дигар бо малакаи хоҷагидорӣ ва анъанаҳои таърихиву фарҳангии чандинҳазорсолаи онҳоро муайян кардааст.

11.Навигарӣ дар кори илмии мазкур, ҳамчунин, асоси манбашиносии онро муайян мекунад. Қисми асосии корҳои истифода бурдаи муаллиф аввалин маротиба ба равиши илмӣ дохил мешавад.

**Ҳолатҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд:**

1.Омӯзишӣ мавқеи ҷуғрофии Роғ аз нигоҳи нави таърихӣ, ки, асосан, тоҷикон ва аҷдодони онҳо дар ҳазораи сеюми пеш аз милод мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Сарчашмаҳои хаттӣ, ки дар онҳо номи Роғ ёд шудааст,аз ҷумла, китоби Авесто,ки номи 16 кишвари ориёӣ ва заминаи пайдоиши дини Зардуштӣ,ҳамчун тимсол баҳри бисъёр паҳлуҳои аҷдодони мо,мавқеи зисти онҳо,дар давраи тадқиқшаванда ташаккул ёфтаанд,хизмат кардаанд: дар асри XV чоряки дуюми асри X1X манбаъҳои хаттӣ дар асоси сарчашмаҳои асримиёнагӣ, аз ҷумла, "Бобурнома",[1] "Таърихи Бадахшон",[2] мубориизаҳои озодихоҳонаи аҳолии кӯҳистони Роғро ба муқобили истилогарони Шайбониён,баррасӣ гардонидааст.Инчунин, манбаи дигар ба сохти маъмурӣ ва хоҷагидории ноҳияи Роғ,"Қаттаған ва Бадахшон"[3] буда,инъикосгари мавзӯъ мебошад.

2.Барои омӯзиши кишоварзӣ,зироату боғдорӣ дар Роғи асри X1X ва ибтидои асри XX,пеш аз ҳама, анъанаҳои таърихии гузаштагонамон, дар асоси таҷрибаи садсолаҳо ҷамъ намудаанд, хизмат кардаанд:

Пайдоиши намудҳои гуногуни зироаткорӣ дар замони истилои Бадахшон аз ҷониби Англия каму беш ҷоннок гардид,ки ин ба пайдоиши хоҷагидории феодалӣ такон бахшид.

3.Ба вуҷуд омадани тағйиротҳои зиёд дар ҳунармандӣ,вобаста ба ҳаёти иқтисодӣ. Ҳунари дастӣ яке аз намудҳои оммавӣ ва санъати халқӣ буда, аҳамияти он ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ҳар як матоъ, гулдӯзӣ ва ҳар як чизи хушнамуди рӯзгор талаботи зебоипарастии одамонро баланд

---

[1] Бабур М.З. Бабур-наме (Записки Бабура) Пер М. Салье / М.З.Бабур. -Ташкент Изд-во АН Узб ССР,1958.-С.216.

[2] Бадахшӣ С. Таърихи Бадахшон. (История Бадахшана). Подготовител к.изд Болдырев А.Н / С.Бадахшӣ , Ф.Сурхафсар . –Л.: Изд-во ЛГУ,1959. -С.236-237.

[3] Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова) / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926.-С.246.

мебардорад. Дар Роғ чунин намудҳои ҳунармандӣ бештар ривоҷ ёфта буданд: бофандагӣ, намадрезӣ, рағзабофӣ, элакбофӣ, сабадбофӣ, қамчинбофӣ, чармгарӣ, собунпазӣ, кулолгарию дуредгарӣ ва амсоли инҳо.

4.Дар асрҳои XIX-XX тиҷорати корвонӣ ба воситаи вилоятҳои тараққикарда ва ноҳияҳои кишоварзи сурат мегирифт. Аз кӯҳистони Роғ ба Файзободу Яфтал ва Шаҳри Бузург ғалла, зағир, пашм ва меваҷоту зарфҳои сафолӣ бурда, онҳоро бо пул ва матоъҳои либосворӣ, биринҷиваз мекарданд. Дар Роғ ва Файзобод бозорҳои калоне буд, ки то як поси шаб кор карда, талаботи аҳолиро қонеъ менамуданд.[1]

5. Маҳсулоти асосие, ки дар пӯхтани хӯрок истифода мебурданд, аз инҳо иборат буданд: равған, орд, гандум, наск, нахуд, лубиё ва амсоли инҳою гӯшт, меваҳои хушк ва гиёҳҳои табиии хӯрданбоб. Нони аз орди гандум ва ҷав тайёр кардашуда муҳимтарин ғизои мардуми Роғ ба ҳисоб меравад. Онро бо тарзи гуногун пухта қариб бо тамоми намудҳои хӯрок истеъмол мекарданд. Мардуми Роғ 15 намуд нон мепухтанд, аз ҷумла, чапотӣ, ғафсак, якчанд намуди фатир, нахудӣ, ҷавӣ, қалама, товагӣ ва ғайра. Намуди хӯрокҳо низ хеле зиёд ва зиёда аз 40 намудро ташкил медиҳанд: ширӣ-равғанӣ, гӯштӣ ва ғайра.

6.Ҷашну маросимҳо дар зиндагии мардуми Роғ мавқеи муҳимро ишғол мекарданд.Онҳо бо фаслҳои сол,аз ҷумла,фаро расидани зимистон[барфӣ], баҳор [гулгардонӣ ва наврӯз,] мавсими киштукор [ашаглон] ва ҳосилғундорӣ, таваллуди кӯдак ва ба воя расидани ӯ[гаҳворабандон, хатнатӯй], ташаккул ёфтани оилаҳои нав [тӯйи арӯсӣ] ва ғайра иртибот доштанд. Муҳимтарин ҷашни оилавӣ тӯйи арусӣ буд,

---

[1] Абаева Т.Г. Очерки истории Бадахшана / Т.Г.Абаева. –Ташкент. 1964. -159 с..

ки чандин марҳилаҳои муқаддамотиро дар бар мегирифт ва хеле ботантана мегузашт. Дар ҷашну маросимҳо анъанаҳои хеле қадим ва гуногун инъикос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар он аст, ки ӯ ба доираи таҳқиқоти илмӣ маводи нав ва арзишмандро доир ба мардумшиносии Роғ ворид карда, таърихи омӯзиши ноҳияро дар сарчашмаҳои таърихӣ, сохти маъмури, кишоварзӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, ҳунармандӣ, робитаҳои тиҷорати ба мамоликҳои ҳамҷавор, хӯрокпазӣ, анъанаҳои миллӣ ва бозиҳои мавсимию варзишии ноҳияи Роғро, ки тоҷикон мебошанд, бори нахуст таҳлили маҷмӯии таҳқиқоти мазкурро анҷом додааст. Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои гуногун муаллиф онҳоро дар маҷмӯъ таҳлил намуда,мавзӯъи ҳанӯзтаҳқиқнашудаи фарҳанги моддии тоҷикон –аз ҷумла, Роғиён бо халқҳои дигар, ки таърихан бо тоҷикон дар гузашта дар як вилояти ҷуғрофӣ маскан буданд, пешгӯӣ менамояд.(маҳсуб меёбад )

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Бори аввал бо чунин шакл ва мазмун дар асоси таҳлили доираи васеи сарчашмаҳои таърихи, асарҳои таҳқиқотии олимони мардумшинос, оид ба мардумшиносии Роғ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Бинобар ин,таҳлилҳои илмии рисола барои омӯзишиҷуғрофияи таърихии ноҳияи Роғ дар сарчашмаҳои таърихӣ, сохти маъмурии Роғ,фарҳанги кишоварзӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX,ҳунармандӣ,робитаҳои тиҷоратии Роғ ба мамоликҳои ҳамҷавор, хӯрокпазӣ, анъанаҳои миллӣ ва бозиҳои мавсимию варзишии тоҷикон маълумоти нав пайдо кардем,ки заминаи фарҳанги моддии асри XIX ва ибтидои асри XX-ро васеъ намуда, имконият медиҳад,ки паҳлуҳои гуногуни он дақиқтар омӯхта шавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷа ва хулосаҳои асосии онро дар асарҳои ҷамъбасти доир ба таърих,мардумшиносӣ ва

кишоварзии асри X1X ва ибтидои асри XX  Тоҷикистон ва Афғонистон истифода баранд.

Дар навиштани асарҳои маҷмӯи оид ба таърих ва фарҳанги тоҷикони Бадахшон ва Тоҷикистон дар асри XIX ва ибтидои асри XX;

Рисола маводи нав марбут ба мардумшиносии тоҷикони Бадахшони Афғонистон мебошад ва истифодаи он дар навиштани таърихи этнографияи тоҷикон аҳамияти калон дорад.

Дар омода кардани курсҳои лексионӣ,дастурҳои таълимӣ ва методӣ дар факултетҳои таърих ва шӯъбаҳои мардумшиносии донишгоҳҳо доир ба кишоварзии анъанавӣ ва ҷашну маросимҳои мардумии тоҷикон, аз ҷумла, Роғу Бадахшон истифода бурдан мумкин аст.

Рисоларо метавонанд кормандони Осорхонаҳои мардумшиносӣҳамчун маводи ёрирасон дар гузарондани сайри осорхонавӣ ва навиштани роҳнамоҳо истифода баранд.

Натиҷаи таҳқиқот, ҳуҷҷату сарчашмаҳои нав дар он дарҷ гардида, ҳангоми ташкил додани асарҳои ҷамъоварда аз таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ, қисми Эрон, ҷанубу ғарбии Осиё (Озарбойҷон), адабиёти мактабӣ, ҳангоми хондани лексияҳо, курсҳои махсус, дар факултетҳои гуманитарии мактабҳои Олӣ метавонанд истифода шаванд.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти  диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб  ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ омода ва муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Мазмуни асосии рисола дар  як монография ва чаҳор мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмие, ки ба феҳристи КОА  назди  Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вориданд, баён шудааст.

**Шумора ва тавсифи интишорот.** Маҷмӯи асосии диссертатсия дар 1 монография, 10 интишороти муаллиф, аз ҷумла 4 мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КАО назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва 1 маводи конфронсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дарҷ ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 211 саҳифаи матни компютерӣ, таълиф гардида, аз муққаддима, панҷ боб, даҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 164 номгӯйро фаро мегирад.

# БОБИ I. ҶУҒРОФИЯИ ТАЪРИХӢ ВА СОХТИ МАЪМУРИИ РОҒ ДАР АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX (ТАЪРИХИ ОМӮЗИШ)

## 1.1.Роғи Бадахшон

### Мавқеи ҷойгиршавӣ. Бадахшон ва тақсимоти марзии соли 1895

Дар охири асри XIX Бадахшон ба арсаи муборизаи ду давлати абарқудрати он замон Англия ва Россия табдил меёбад. Шарқшиноси барҷастаи тоҷик Б. Ғафуров доир ба ин мавзӯъ таҳқиқот гузаронда, навиштааст, ки соли 1873 ҳуҷҷате бо номи «Танзими ҳудуди афғонӣ», қабул гардид. [1] Ин ҳуҷҷат дар оянда тақдири халқи тоҷики дар соҳили чап бударо ба манфиати Афғонистон ҳал намуд. Англия ва Россия соли 1895 бо якдигар шартнома баста, сарҳадоти кишварҳои таҳти назораташон қарордоштаи Афғонистону Бухороро бо маҷрои дарёи Панҷу Омӯ муқаррар намуданд. Ҳангоми муайян кардани сарҳадот қад-қади дарёи Панҷ, онҳо фақат манфиати стратегӣ ва сиёсии худро ба назар гирифта, ба манфиатҳои мардуми ҳарду ҷониби руди мазкур заррае ҳам аҳамият надоданд. Аз ин рӯ нисфи Дарвозу Шуғнону Вахон дар Афғонистон ва нисфи вилоятҳои мазкур дар ҳайати Бухорои Шарқӣ қарор гирифтанд. «Бо ин сарҳадмуайянкунии ғайритабиӣ манфиатҳои вилоятҳои марбута сахт халалдор гардиданд, - навишта буд шарқшиноси барҷастаи рус В.В. Бартольд».[2]

Муҳаққиқи тоҷик Б.Искандаров оид ба тақсимоти ҳудуди байни Афғонистон ва Помир тадқиқот анҷом дода зикр кардааст, ки соли 1895 баъди гуфтушуниди чандинсола байни Руссияю Англия қарори «танзими сарҳади Помир», қабул шуд, ки мувофиқи он вилоятҳои соҳили рости дарёи Панҷ (Рӯшон, Шуғнон ва қисми шимолии Вахон) ба Бухоро, вале як қисми Дарвоз дар соҳили чапи дарёи Панҷ ҷойгир буда, ки тобеи

---

[1] ҒафуровБ.Тоҷикон.Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна.Китоби дуюм /Б.Ғафуров. –Душанбе: Ирфон, 1985.- 412с.

2 Бартольд В.В. Бадахшан. Энциклопедия Ислама. /В.В.Бартольд. -М., 1965.-С. 315.

Бухоро буд, ба Афғонистон дода шудаанд. [1] Дар натиҷаи ин тақсимот Роғ, ки ҳамчун шоҳигарии мустақил буд, ба Афғонистон дохил шуд.

Баъди ин тақсимот Бадахшон ҳамчун вилояти алоҳида дар ҳайати Афғонистон ташкил гардид.[2] Аммо ин вилояти Бадахшони навташкил як қисми шаҳру ноҳияҳои асосии кӯҳистои Бадахшони собиқро аз қабили: Файзобод, Кишм, Ҷирм, Баҳорак , Зебок, Курону Мунҷон, Роғ, Шаҳри Бузург, Кӯли Шевӣ, Вахону Дарвоз то дарёи Панҷро фаро гирифтаасту халос.Вале ноҳияҳои дигари Бадахшони таърихӣ ба ҳайати дигар вилоятҳои Афғонистон дохил карда шуданд. Чунончи шаҳру ноҳияҳои машҳури Бадахшон аз қабили Рустак, Чоҳи об, Янгиқалъа, Фархор, Варсаҷ, Ишкошим, Калефгон, Сари Рустоқ, Кокул, Дарқад, Самтӣ – ба ҳайати вилояти Тахор даровара шуданд.

Як гурӯҳ шаҳру ноҳияҳои дигари Бадахшон, ба монанди: Андароб, Хинҷон, Хусту Фринг, Наҳрин ва Ғурӣ ба ҳайати вилояти Бағлон даровара шуданд.

Шаҳру навоҳии Қундузу Имом Соҳиб – ба вилояти Қундуз ва Каҳмарду Яккауланг, ки дар асри XVI ба ҳайати Бадахшон дохил буданд, бо вилояти Бомиён дохил гаштанд.[3]

НоҳияиРоғ дар қисми шимолии вилояти Бадахшони Афғонистон ҷойгир аст. Он аз шимол бо ноҳияи Дарвоз, аз шарқ бо Шуғнон, аз ғарб бо Кӯлоби Тоҷикистон аз ҷануб баФайзободҳамсарҳад мебошад.

**2.Деҳаҳои Роғ.**Мувофиқи таҳқиқотиакадемик А.А.Семёнов дар чоряки аввали асри XX,дар ҳудуди ноҳияи Роғ 51 деҳа мавҷуд буд.[4]

---

[1] Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Помир в переод присоединения Средней Азии к России /Б.И.Искандаров. -Душанбе, 1960. -С.30.
[2]Абибов А. Доираи адабии Бухорои Шарқӣ / А.Абибов.- Душанбе: Дониш, 1984. -С.6.
[3]Бадахшӣ М.С.Таърихи Бадахшон (Баргардони матн, аз арабӣ Ғоибов Ғ, Холов М) / М.С Бадахшӣ,М.Ф.Сурхафсар. -Душанбе, 2007. -С. 32.
[4] Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова) / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926. -С.116-117.

Сокинонаш тоҷиконии суннимазҳаб буда, бо забони тоҷикӣ (дарӣ) гуфтугӯй мекунанд.Шуғли асосии аҳолӣ чорводорӣ ва зироаткорӣ мебошад.

**Номгӯи деҳаҳои Роғ**

| Р/Т | Номи деҳаҳо | Шумораи хонаҳо |
|---|---|---|
| 1. | Ёвон | 107 |
| 2. | Питёоб | 78 |
| 3. | Саидҳои Питёб | 43 |
| 4. | Саидҳои Песи Пол | 26 |
| 5. | Сатра | 107 |
| 6. | Калерии боло ва поён | 89 |
| 7. | Русунҷ | 96 |
| 8. | Хунилер | 22 |
| 9. | Барроғ | 128 |
| 10. | Даранги боло ва поён | 158 |
| | Шингони суфла | 150 |

.

| | | |
|---|---|---|
| 11. | | |
| 12. | Хиварт | 8 |
| 13. | Саидҳои дударра | 40 |
| 14. | Деҳка | 107 |
| 15. | Садда | 26 |
| 16. | Чакар | 64 |
| 17. | Шуғнӣ | 17 |
| 18. | Аҳмаддар | 96 |
| 19. | Сиёб – дашт | 19 |
| 20. | Бузкуш | 23 |
| 21. | Шох-Дара | 19 |
| 22. | Шингонӣ- Улеа | 200 |
| 23. | Ялуч | 30 |
| 24. | Хулдуск | 15 |
| 25. | Чашма | 30 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | Ҳури- Питёб | 5 |
| 27. | Пайтори Хирнанг | 20 |
| 28. | Зов | 59 |
| 29. | Қатор- Бед | 60 |
| 30. | Селури боло ва поён | 35 |
| 31. | Ван | 20 |
| 32. | Сарӣ | 30 |
| 33. | Барпадан | 20 |
| 34. | Деҳи –шаҳр | 20 |
| 35. | Сирдеҳ | 30 |
| 36. | Хамбил | 20 |
| 37. | Самчив | 56 |
| 38. | Зармечи боло ва поён | 60 |
| 39. | Ялур | 30 |

| | | |
|---|---|---|
| 40. | Машдур | 15 |
| 41. | Ёистон (Йестон) | 20 |
| 42. | Тиргеран | 10 |
| 43. | Сарӣ | 20 |
| 44. | Ёсиф | 7 |
| 45. | Шилманд | 50 |
| 46. | Саваил | 20 |
| 47. | Рамон | 10 |
| 48. | Кӯлоб (Гулоб) | 50 |
| 49. | Псхоҳон | 52 |
| 50. | Равонҷ | 19 |
| 51. | Хумрӣ | 32 |

**3.Аҳолӣ.** Дар омӯзиши шумораи аҳолии ин ноҳия дар сарчашмаҳои хаттии охири асри XIX ва ибтидои асри XX баъзе маълумотҳомавҷуд аст. МутобиқимаълумотигирдовардаиТ.Г.Абаевадар охири асри XIX ва

аввали асри XX дар ноҳияи Роғи Бадахшон 51 деҳа мавҷуд буд,аҳолиашточикон буда, шумораи онҳо 15 ҳазор нафарродар бар мегирифт. Онҳо ба зироаткорию чорводорӣ, кулолӣ ва истеҳсоли тилло машғул буданд.[1]

Дар давоми 79 сол дар ноҳияи Роғи Бадахшони Афғонистон то соли 2005 шумораи аҳолӣзиёда аз ду баробарафзоиш ёфта, ба се вулусволӣ тақсим мешавад:Роғи кӯҳна-80 деҳа,Роғи Роғистон-50 деҳа,Роғи кӯҳистон- 50 деҳаро мутаҳид месозад.Шумораи аҳолии ноҳияи Роғ  ба 37 ҳз, нафар ва 180 деҳа расидааст,овардааст академик Ю.Яқубов.[2]

**Шароити табиӣ-кӯҳҳо.** Роғ мавзеи кӯҳистон буда, дар баландии 2293м аз сатҳи баҳр қарор дорад. Дар қисми шарқии он силсилакӯҳҳои Ҳиндукуш доман густурдаанд. Мавҷудияти ин кӯҳҳҳо ба юнониёни қадим маълум буд. Аристотел дар ин минтақа кӯҳҳои Паранас-Пропанисро, ки ба Ҳиндукуш рост меоянд, бузургтарин ва баландтарин кӯҳҳои дунё номидааст.

**Дарёҳо.** Дар тарафи ғарб сарҳади Роғ дарёи Панҷ мебошад. Дар қадим ин дарё ва як қисми калони дарёи Ому Вахш номида мешуданд ва юнониён онро Оксус ё Окс меномиданд, ки шакли каме тағйирёфтаи номи Вахш мебошад. Дарёи Роғ, ки аз дохили ноҳия мегузарад, яке аз шохоби хурди дарёи Панҷро ташкил мекунад.

**Маълумоти "Таърихи Бадахшон" дар бораи ҷуғрофияи Роғ.**

Асари ҷуғрофӣ ва этнографии"Таърихи Бадахшон"[3], ки дар аввали асри XX дар бораи баъзе мавзеъҳои табиӣ ва таърихии Роғ маълумот

1 Абаева Т.Г.Очерки истории Бадахшана./ Т.Г.Абаева. -Ташкент, 1964. - С.64.

[2] Яъқубшоҳ Ю. Сайри таърихи дар шимолӣ Афғонистон / Ю. Яъқубшоҳ //Фарҳанг.- Душанбе, 2006.- №6.-С. 50-54.

[3] Бадахши М.С.Таърихи Бадахшон (Баргардони матни классики Ғ.Ғоибов ,М. Холов). / М.С.Бадахши, М.Ф.Сурафсар.- Душанбе: Дониш, 2007.-С. 172-208.

овардааст, номи чандин дарёҳо,қалъа,кӯҳ ва мавзеъҳо ёдоварӣ шудаанд, аз ҷумла:

Садда-номи деҳае дар болооби дарёи Роғ то деҳаи Ёвон, инчунин заминҳоидар байни дарёи Роғ ва ноҳияиШаҳри Бузург қарордошта низ Садда ном дорад, ки то деҳаи Ёвон тӯл мекашад.Заминҳоеро,ки миёни дарёи Роғ ва Шаҳри Бузург ҷойгиранд, низ Роғ меноманд.[1]

Роғдошт-қалъа дар водии дарёи Роғ.

Роғ-номи ноҳияе дар водии дарёи Роғ ва шохобҳои он, инчунин, номи шохоби чапи дарёи Панҷ буда, дар маҳаллаиЁмур, поёнтари Дарвоз баПанҷ мерезад. Болооби дарёи Роғ то деҳаи Ёвон номи Саддаро доранд.

Ёвон-қалъаест дар вилояти Роғ. Ин қалъа дар қадим маркази вилояти Роғ ва қароргоҳи ҳокимони он буд. Инчунин, номи 2 деҳаест дар вилояти Роғ. Яке аз он деҳаҳо, ки дар соҳили рости дарёи Роғ буда-Ёвони поён ва дигаре, ки дар соҳили чапи дарёи Роғ, 3-км болотар ҷойгир шудааст, номи Ёвони Болоро дорад.[2]

Рунхоб-ноҳияест дар сарҳадоти Роғу Дарвоз. Дар водии дарёи Рунхоб воқеъ шудааст, ки он аз қаторкӯҳҳои Сафедхирс сарчашма гирифта, дар наздикии Ёмур ба дарёи Роғ мерезад.

Барроғ-деҳаест дар қисмати болоии водии дарёи Роғ, ки дар шимоли шаҳри Файзобод воқеъ гаштааст. Дар ибтидои асри XX дар он 130 хона мавҷуд буд. Аз ин деҳа роҳе мегузарад, ки шаҳри Файзободро бо суфакӯҳи Шева мепайвандад.[3]

Морж-мавзеест дар наздикии Ёвони шоҳигарии Роғ.

Зув- мавзеест дар наздикии Ёвони шоҳигарии Роғ.

---

[1] Сафаров Х.Х. Сохти маъмурӣ ва сиёсии Роғ / Х.Х.Сафаров //Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ.- 2013.- №4. –С. 193-197.

[2] Бадахши М.С.Таърихи Бадахшон (баргардони матни классики Ғ.Ғоибов Ғ, М.Холов) /М.С.Бадахши, М.Ф.Сурхафсар.- Душанбе: Дониш, 2007.-С.188.

[3]Бадахши М.С. Асари зикршуда.- С.188-189.

Каҷхам - гузаргоҳи кӯҳиест, ки Роғро бо Яфтали Боло мепайвандад ва дар наздикии Лойоба воқеъ аст.

Ровинҷон-ағбаест дар шоҳигарии Роғ.

Роғдашт- қалъа дар шоҳигарии Роғ.

Ғорон- кӯҳестдар шоҳигарии Роғ.

Еймеш-дашт дар шоҳигарии Роғ.

Роғ- дарёе ,кибо ду миёнаи шоҳигарии Роғ ҷорист.

**Маълумоти сарчашмаҳо дар бораи Роғ**

**а) Маълумоти Авесто дар бораи Роғ.** Қадимтарин сарчашмаи хаттӣ, ки дар он номи Роғёдшудааст, китоби Авесто мебошад. Дар Авесто дар бораи Рага чунин гуфта шудааст. Дар Ясно 19, банди 18 омадааст: “Кадомонанд он панҷ радон: Намонапат-Хонахудо, Виспат-Деҳхудо, Зантупат-ноҳия(район) Шаҳрхудо, Даюпат (кишвар) ва Ҳирбат дар Роғӣ Зардуштӣ”.[1]Дар ин ҷо Роғро ба Зардушт нисбат додаанд ва  Роғ 12-ум кишварест, ки Аҳурамаздо офаридааст.

Дар ин оварда аз 5 вазифаи маъмурӣ: Хонахудо,Деҳхудо, (шаҳр), Даҳюпат-кишвар-худо ва Ҳирбат дар Роғӣ зардуштӣ. Хабар медиҳад,ки қадимтарин тақсимоти маъмурӣ дар таърихи халқи тоҷик мебошад. Вазифаи маъмурӣ аз сардори оила,сардори деҳа,сардори русто-ноҳия(район), кишвар вилоят сар мешуд.Яке аз вазифаҳои баланди маъмурӣ-динӣ,шахси дуввум дар кишвар баъди даҳюпат хирбат буд.Аз оварда маълум мешавад,ки дар мафҳуми Роғӣ он замон тамоми болооби рӯди Дойтиё(а)-Панҷ, аз ҷумла Дарвозу Бадахшони Тоҷикистон, Афғонистони кунунӣ ворид буданд.Роғ ватани ташакулёбии оини Зардушт Авесто ва фарҳанги ориётаборон шуморида мешавад.

[1]Юсуфшоҳи Ё. Давлати  Каёниён /Ё.Юсуфшоҳ. –Душанбе:Эр-Граф, 2012. –С.252.

**б).Маълумоти сарчашмаҳои қадим ва асримиёнагӣ дар бораи Роғ.**

Дар сарчашмаҳои хаттии қадим ва асримиёнагӣ дар бораи Роғ маълумот хеле кам аст. Аммо дар бораи Бадахшон, ки Роғ бахши таркибии он буд, маълумот бештар аст. Бинобар ин,дар баъзе маврид, мо метавонем маълумоти дар бораи Бадахшон овардашударо барои таҳқиқу баррасии таърихи Роғ истифода барем.

Аз сарчашмаҳо маълум аст,ки Бадахшон ватани ҳайтолиён буд ва онҳо аз инҷо бархостаанд ва Кушониёнро иваз намуданд.Онҳо кишваркушоии худро аз ҳаминҷо шурӯъ карда,тамомиБохтар-Тохаристон, Ҳиндустони шимолӣ ва марказӣ, тамоми ОсиёиМиёна ва Туркистони Шарқиро забт карда, империяи бузурге сохтанд, ки зиёда аз 100 сол, (асрҳои V-V1) арзи ҳастӣ намуда буд[1].Баъди Авесто номи Роғ дар асари "Бобурнома" ёд мешавад.

Дар бораи Роғ дар "Бобурнома"-и яке аз амирони маъруфи сулолаи темуриён Заҳирруддин Бобур маълумоти кӯтоҳ оварда шудааст. Он дар бораи муборизаи қаҳрамононаи мардуми Бадахшон бо сарварии шахсони ҷасур, озодихоҳ ва меҳанпараст Мубораҡшоҳ, Зубайри Роғӣ ва Носир Мирзо ёдовар мешаванд. Бадахшониён мардонавор ҷангида лашкари 4 ҳазорнафараи Шайбониёнро шикаст дода, истиқлолияти ватани худро нигоҳ доштанд.[2]

Сиёсатмадор, олим ва шоири шинохтаи асри XV Алишер Навоӣ дар китоби худ «Маҷолис-ул-нафоис» дар бораи сулолаи шоҳони Бадахшон чунин гуфтааст: «Лаълӣ аз насли подшоҳони қадимаи Бадахшон буда ва чандин ҳазор сол аст, ки салтанат аз хонадони онҳо

[1] Исоматов М.М.Ирано-Среднеазиатские взаимоотношения по «Таърихи Табар» Балъами / М.М.Исоматов.-Душанбе: Бешкек, 2006.-С. 76-85.
[2] Бобур М,З. Бобурнаме. записки Бабура Пер.М.Салье / М.З.Бабур.-Ташкент. Изд-во АН Узб ССР, 1958. -С.216.

нарафт, дар охир Султон Абусаид насли онҳоро барканд».[1]Султон Абу Саид яке аз охирон амирони темурӣ ва Лаълӣ яке аз шоирони шинохтаи асри XV Бадахшон буданд.

Ҳамчунин устод С. Айнӣ дар асари худ «Алишер Навоӣ» чунин иброз намудааст: «Дар замони ҳокимияти Темур дар Осиёи Миёна,Бадахшон ба ӯ тобеъ набуда ва мамлакатро шоҳони маҳаллӣ идора мекарданд».[2]

Минбаъд Бадахшонро наберагони Темур, аз ҷумла Бобур-Мирзо дар тобеъияти худ нигоҳ медоранд. Дертар дар замони Шайбониён сарзамини Бадахшони Афғонистон ба тобеияти Шайбониён гузашт. Дар нимаи аввали асри XIX амир Муҳаммад аз тобеияти шоҳ Ванҷихон баромада, Бадахшонро мастақил намуд ва онро ба се қисм тақсим карда ба се писараш медиҳад.[3]

Қисми аввал: Рустоқу ноҳияҳои он: Чоҳи-об, Янгиқалъа, Карлиг, Доунг, Оби Осиёбҳо, Кӯли Деворӣ, Эли Кашон. Ин мавзеъҳоро ба зери ҳукумати мири калон супурд. Аҳолии ин мавзеъҳоро тоҷикон ва кӯчиён ва нимкӯчиёни муғулнажод ташкил мекунанд.

Қисми дуюм: Файзобод, Яфтали Боло, Дара-Им, Тешкан, Кишм, Машҳад, Калевгон, Зардев, Баҳорак, Ҷурм, Вардуҷ, Зебок, Шакошим, Вахон ва Шуғнонро ба  Мирзои Калон Султоншоҳ муқаррар фармуд.[4]

Дар ин мавзеъҳо, асосан, тоҷикон ва андак қабилаҳои ӯзбекон зиндагӣ мекунанд. Байни ӯзбекҳо қабилаҳои қарлуқ низ ҳаёт ба сар мебаранд.

---

[1] Алишер Навоӣ. Маҷолис-ул-Нафоис / Н.Алишер. -Теҳрон, 1323 ҳқ. -С. 209.
[2] Айнӣ С. Алишер Навоӣ / С.Айнӣ. - Сталинобод, 1948. -С. 25.
[3] Бадахши М.С. Таърихи Бадахшон (баргардони матни классики Ғ.Ғоибов Ғ, М.Холов) /М.С.Бадахши, М.Ф.Сурхафсар.-Душанбе:Дониш,2007.-С.65.
[4] Бадахши М.С.Таърихи Бадахшон (баргардони матни классики Ғ.Ғоибов Ғ, М.Холов) /М.С.Бадахши, М.Ф.Сурхафсар.-Душанбе:Дониш,2007.-С.30.

Қисми сеюм: Саройи Баҳор, Арғу, Яфтали Поён, Роғ ва Шаҳри Бузург,Сарғусон,Зардив ва Дарвоз,ин қисматро ба писари хурдиаш Сулаймоншоҳ супурд. Дар ин мавзеъҳо тоҷиконаксари аҳолиро ташкил мекунанд.[1]

**“Таърихи Бадахшон”.** Яке аз сарчашмаҳои муҳим барои таърихи ин минтақа, китоби «Таърихи Бадахшон»-и муаллифон С.М.Бадахшӣ ва М.Ф.Сурхафсар мебошад, ки соли 1959 бо тарҷумаи М.С.Болдырев дар (Ленинград)-Санкт Петербурги ҳозира ба чоп расонда шудааст. Дар он таърихи 250 солаи тоҷикони Бадахшони асри XVII ва ибтидои асри XX (1657-1907) китобат шудааст. Дар ин асар дар баробари дигар маълумотҳо дар бораи ҷангҳои дохилии Бадахшон низ сухан меравад, аз ҷумла, дар бораи ҳуҷуми бебарори лашкари Бадахшон барои забти қалъаи Ёвони Роғ. Дар китоби «Таърихи Бадахшон» бо бисёр қаҳрамонони мардуми кӯҳистони Роғу Яфтал ва Бадахшон аз наздик шинос мешавем. Номи шоҳигарии Роғ дар асар борҳо ёдовар шудааст.

Ҳамчунин ҳукуматҳои Дарвоз, Роғ, Вахон, Ишкошим,Ҷирм, Кишм, Шаҳри Бузург, Зебок ва Курон низ зикр шудаанд,ки дар алоҳидагӣ ҳукумат доштанд.

Б. Кушкекӣ дар асараш,ки ба таърихи Бадахшон бахшида шудааст, дар бораи роғиҳо чунин мегӯяд:«Мардуми Роғ суннимазҳаб буда,сафедсимо ва меҳмонавоз мебошанд».[2]

---

[1]Дебец Г.Ф. Антропологические исследования в Афганистане / Г.Ф.Дебец //СЭ. – М.,1967. -№4.- С.75-93.

[2] Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова) / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926.-С. 117.

**1.2.Роғиҳои минтақаи Кӯлоб**

Омӯзиши Роғиҳои минтақаи Кӯлоб аз бисьёр ҷиҳат имконият дод,ки ба қисман ноҳияҳо ва деҳаҳои Роғнишин сафар карда,маълумоти мардумшиносӣ ҷамъовари намоем.Аз ин рӯ, дар минтақаи Кӯлоби Тоҷикистон дар ноҳияҳои Дашти Терай (Шӯрообод, имрӯза ноҳияи Шамсиддин Шоҳин) ва Даштиҷум мардумоне зиндагӣ мекунанд, ки худро роғӣ мегӯянд ва аз ноҳияи Роғи Бадахшони Афғонистон ба инҷо ҳиҷрат намудаанд.Аввалин муҳаққиқе, ки дараввали асри XX аз ин мардум ёдовар шудааст,академик С.Ф. Ольденбург мебошад,ки дар мақолаи худ: «Роғиёни қисми ҷанубии Тоҷикистон, ки дар Кӯлобу Дашти Терай ва Даштиҷум зиндагӣ мекунанд, ҳанӯз дар солҳои 50-60 уми асри XIX аз соҳили чапи дарёи Панҷ аз ноҳияи Роғи Афғонистон аз ҷабру зулми афғонҳо ва камии замин ба соҳили рости дарёи Панҷҳиҷрат карданд.»[1]

Мардумшинос Б.Х.Кармышеваниз ин фикрро тасдиқ карда менависад: «...аз ривоят ва нақлҳои кӯҳансолони ин мардум маълум гашт, ки тоҷикони Роғ дар охири асри гузашта аз Афғонистон ба вилояти Кӯлоб ҳиҷрат кардаанд».[2]

Ин ақидаро муҳаққиқони дигари рус, аз ҷумла, Ю.И. Богорадтакрор мекунад: ”Роғиёне, ки ҳоло дар ҳудуди вилояти Хатлон истиқомат доранд, аз зулми ҳокимони Афғонистон ҳанӯз дар солҳои 70-80-уми асри XIX аз соҳили чапи дарёи Панҷ ба инҷо гурехта омадаанд”,[3]ки минбаъд ба ҳаёти осоишта мегузаранд.

---

[1]Ольденбург С.А. Сборник музея по антропологии и этнографии при императорский АН.Изд-во .Санкт-Петербург,1911.-С. 5.

[2] Кармышева Б.Х. Очерки этнической истории южной районов Таджикистана и Узбекистана / Б.Х.Кармышева.-М.,1976.-С. 160.

[3] Богорад Ю.И. Рогские говоры таджикского языка. А КД /Ю.И.Богорад. -Л.,1953. -С. 6.

Муҳаққиқ-адабиётшинос И.Икромов дар ин бора маълумоти бештар оварда мегӯяд: Кӯчиён ба тарафи рости соҳили дарёи Панҷ (қаламравиҳозираи ноҳияи ДаштиҶум ва Шӯрообод) омада, сукунат ихтиёр намуданд. Онҳо дар 19деҳа ҷойи зисти доимии худро интихоб карда,ба кишоварзӣ ва ҳунармандӣ машғул шуданд.Он меҳру муҳаббат, ки ба сарзамини аслии хеш доштанд, бештар номи он деҳаҳое, ки пештар дар он тарафи соҳил сукунат доштанд, гузоштаанд.[1]Ба ин қатор деҳаҳои Сафедоб, СебдараиБузкуш, Бадринг, Чолиштак, Фархорӣ, Ғазғарак вағайра дохил мешуданд.Муҳоҷирон анъанаҳои фарҳангии гузаштагонашонро ҳамчун мерос дар ин соҳили дарьё идома дода,то имрӯз меросбардори гузаштагон мебошанд.

Мардумшиносӣ тоҷикистонӣ А.К.Писарчик кӯчида омадани роғиёнро ба замони қадимтар мебарад. Ба ақидаиӯ “Роғиёни Кӯлоб дар замони зулми Чингизхон аз Кӯлоб ба Роғи Афғонистонҳиҷрат кардаанд. Дар нимаи дуюми асри XIXҳангоми зулми феодалони афғон онҳоаз сари нав ба ватани аҷдодии худ Кӯлоб баргаштаанд.”[2] Аммо санадҳои мавҷудаи таърихӣ ин андешаи А.К.Писарчикро тасдиқ намекунанд. Санадҳои таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ватани аслии роғиҳо маҳз Роғи Афғонистон аст ва онҳо дар ин минтақа дар баробари дигар тоҷикони Бадахшон аз қадимулайём зиндагӣ мекарданд.Аз ҷумла, маълумоти “Бобурнома” дар бораи муборизаи бадахшониён бо сардории Зубайри Роғӣ бар зидди ишғолгарони шайбонӣ дар аввали асри XVI аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳанӯз дар дар асри XV1 роғиҳо дар ватани таърихии худ зиндагӣ мекарданд.

---

[1] Икромов И. Ганҷҳои нуҳуфта /И.Икромов. -Душанбе, 2006. -С. 4-5.

[2] Писарчик А.К.Опыт сплашного этнографического обследовании Кӯлябской области. Вып.3 /А.К. Писарчик, Б.Х.Кармышева. // -Душанбе: ИАН Тадж ССР ООН, 1953.-С.78.

Мувофиқи тадқиқоти муҳаққиқи тоҷик Ш.Т. Юсупов  дар бораи роғиҳое, ки дар солҳои 50-60 асри XIX аз Роғи Бадахшони Афғонистон ба Дашти Терайи Кӯлобкӯчида омаданд,овардааст:Дар бекигарии Кӯлоб 8- амлокдорӣ ва 9-шоҳигарӣ амал мекард, ки Роғ ба шоҳигарии 6-ум дохил мешуд.Чун роғиҳои кӯчида омада баҳаёти осоишта гузаштанд, ба бекигарии Кӯлоб пайваст шудаанд. Онҳо дорои 23- деҳа, 472-хона ва 2360 нафар аҳолиро ташкил дода буданд.[1]Аз ин рӯ, бо фармони беки Кӯлоб шоҳигарии алоҳида таъсис ёфт, ки марказаш худи деҳаи Роғ(айни ҳол ин деҳа бо номи Хоҷағалтон маълум аст.)буд.[2] Сайёҳону олимони рус миқдори мардуми дохили шаҳри Кӯлобро дар ду даҳсолаи охири асри X1X дар ҳудуди 400-460 хонавор нишон додаанд.[3]

Дар  бораи кай ва аз куҷо омадани роғиҳо дар байни бошандагони роғии Дашти Терай(Шӯрообод) ривояте вуҷуд дорад, ки мутобиқи он мардуми Роғи Бадахшон дар асрҳои миёна аз деҳаи Даҳбеди Самарқанд омадаанд.Мо ин нақлу ривоятҳоро  бобошандагони шаҳру навоҳии Кӯлоб,н.Ш.Шоҳин (Шӯрообод), н.Ҳамадонӣ, ҳангоми ҷамъоварии маводҳои мардумшиносӣ,ки номашонро дар зер зикр намудем, аз ҷумла, ин бошандагон:

1.Бурҳонов А.(1906-199), сокини ш.Кӯлоб, к.1-уми май;

2.Сомеъ Одиназода (1907-1995), сокини ш.Кӯлоб,к.Ҳ.Аҳмар;

3.Машрабов Х. (1914-1995),сокини н.Фархор,д.Бустон;

4. Ғаримадов М. (1907-1997),сокиниш.Кӯлоб,к.1-уми май;

5.Сатторов М. (1933-2013),сокини н.Ҳамадонӣ).с\х Анғурбоғ;

6.Икромов Н.(1906-2005),сокини н. Шӯрообод. д, Хоҷағалтон;

---

[1]Логафет Д.Н. Кулябское  бекства и его населения. / Д.Н.Логофет  // Туркестанские ведомости.-1905. -27.07. -№111 -С. 6.

[2] Юсупов Ш.Т. Очерки истории Кулябского бекства в конце XIX и начале XXвв / Ш.Т.Юсупов. -Душанбе,1964.-С.21.

3Ғоибов Ғ.Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ.Ғоибов. -Душанбе, 2006. –С. 555.

7.Сафарова С. (1920-2006),сокини н. Шӯрообод д. Оби Тера;

8.Ҳусайнов И. (1911-2004),сокини н. Шӯрообод д.Урсихо;

Дар мавриди сабаби кӯчиданиаҳолии Даҳбеди Самарқанд ба сарзамини Роғи Афғонистон, чунин маълумот аст:“Дар асрҳои пеш шаҳри Самарқанд аз ҷониби кадом подшоҳи аҷнабие бо ёрдами сокинони Даҳбед гирифта мешавад.Баъди чанд муддате подшоҳи Самарқанд ишғолгаронро шикаст дода кишварашро озод мекунад ва сокинонидеҳаи Даҳбедро барои хиёнаташон азобу шиканҷа медиҳад ва хонаҳои онҳоро оташ мезанад. Сокинони деҳаи Даҳбед барои аз ранҷу шиканҷа халос шудан гурехта ба ноҳияи Роғи Бадахшон ҳиҷрат мекунанд”[1].

Ҳамсуҳбати дигар, оид ба ин воқеъ аиброз намуд:“Дар давраи салтанати Темур, аксари мардуми деҳаиҳазрати Даҳбедро барои якравӣ ва саркашиашон ба Помир (Бадахшони Тоҷикистон) бадарға мекунанд. Ин аст, ки то ҳол дар с\қ Гармчашмаи Бадахшони Тоҷикистон аҳолӣ гузаштаи худро аз Деҳбеди Самарқанд мегӯянд.”[2]Ривояти аз Даҳбеди Самарқанд кӯчида ба ин ё он минтақа рафтани мардум дар бисёр минтақаҳои Тоҷикистон, Осиёи Миёна ва Афғонистон паҳн гаштааст. Албатта, ин ривоят заминаи таърихӣ дорад, аммо танҳо дар он маврид, ки замоне дар асрҳои миёна сокинони Даҳбеди Самарқанд иҷборан деҳаи худро тарк карда, ба сарзаминҳои гуногун кӯч бастаанд ва ин ҳодиса дар хотираи таърихии мардумоне, ки сокинони Даҳбед дар онҷойҳо паноҳ бурда буданд, боқӣ мондааст. Дар хусуси дар сарзамини Роғ гуфтан лозим аст, ки эҳтимол якчанд кӯчии даҳбедиҳо дар ин ноҳия паноҳ бурда бошанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки тамоми сокинони Роғ аз Даҳбеди Самарқанд омада бошанд.Аммо,чи тавре дар боло аз Роғи

---

[1] Мувофиқи ахбори Ҳусайнов И.(1911-2004), сокини н.Шӯрообод д.Урсихо.

[2] Мувофиқи ахбори Ғаримадов М. (1907-1997), сокини ш.Кӯлоб к.1-уми май.

Авесто ёдовар шудем, Роғиҳои Бадахшон мардуми таҳҷоӣ буда, аз қадимулайём дар онҷо зиндагӣ мекарданд ва маводи мавҷудаи таърихӣ дар ин бора далолат мекунанд.

Роғиҳои Бадахшони Афғонистон ба баъзе минтақаҳои дигари Тоҷикистон низ кӯчида омадаанд,муҳаққиқи тоҷик академики АФ ҶТ Б.И.Искандаров овардааст:«Дар ҳайати истиқоматкунандагони водии Хуф, ғайр аз аҳолии муқимӣ мардумони кучӣ низ зиндагӣ мекунанд, ки гузаштагони худро аз Роғи Бадахшони Афғонистон мешуморанд, ки чандон аз шаҳри Файзобод дур нест ва онҳо аз он тарафи соҳил гуреза шуда омадаанд»[1]

**Забони сокинони Роғ.**Дар баробари таҳқиқоти мардумшиносӣ, дар бораи шеваҳои забони роғиҳо низ таҳқиқот анҷом дода шудааст. Забони мардуми Роғ тоҷикӣ буда, адабиёти он низ қисми ҷудонашавандаи адабиёти тоҷик аст. Аммо дар забони ин мардум ҳам монанди тоҷикони дигар минтақаҳо гӯишҳои гуногун вуҷуд доранд. Забоншинос Ю.И. Богорад роҷеъ ба шеваи сокинони Роғ рисолае таълиф намудааст ва дар асоси фарқиятҳои мавҷуда гӯиши роғиёнро ба панҷ гурӯҳ тақсим намудааст:[2]

1.Лаҳҷаи аҳолии деҳаҳои марказии Роғ, Хоҷағалтон, Себдара, Чашмаи Себ, Сафедоб, Зардолудара, Навобод, деҳаи Аҳмади Боло, (қисми зиёди ҳудуди ш/қ Хоҷағалтони ноҳияиШ.Шоҳин).

2.Лаҳҷаи мардуми деҳаҳоиБадринг, Чолиштак, Деҳ Аҳмади поён, (ш/қ Хоҷағалтони ноҳияи Ш.Шоҳин) аҳолии ин деҳаҳо, аслан, аз худи Роғ мебошанд.

---

[1] Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир в период присоединения Средней Азии к России / Б.И.Искандаров.-Душанбе, 1960.-С. 20.

[2]Богорад Ю.И. Рогские говоры таджикского языка. АКД / Ю.И.Богорад. -Л.,1953. -С. 18.

3.Лаҳҷаи аҳолии деҳаи Зарчахо, Анҷиркон (ш/қ Кодарои н.Ш.Шоҳин)

4.Лаҳҷаи аҳолии деҳаи Балуҷо (ш/қ Ҷилгаи н.Ш.Шоҳин)

5.Лаҳҷаи аҳолии деҳаи Офтобзамин (ш/қ Ёли собиқ н. Даштиҷум) сокинони ин деҳа аз деҳаиШингони Роғ мебошанд.[1]

Ин тақсимот асосан дуруст аст,вале сокинони Зарчахо ва Анҷиркон дар асл Давлатободӣ мебошанд, на роғӣ.[2]

Дар забони роғиҳо калимаҳои қадим низ боқӣ мондаанд. Роғиҳо, аз ҷумла, роғиҳои Дашти Терай модарро "нана" ё "нуна" мегӯянд. Дар фарҳанги забони тоҷикӣниз калимаи «нана» маънои модарро дорад.[3]

Мардуми Хуросон ва аҳолии Бухоро низ модарро «нана» гуфта муроҷиат мекунанд.[4] Мутобиқи таҳқиқот Нана модархудоӣ сокинони Бобул буда, дар замонҳои қадим баСуғду Бохтар паҳн шуда бо образи эзади зардуштӣ Анаҳито омехта шуда мавриди парастиш қарор мегирад. Роғиҳо падарро-"да",хоҳарро-"хорук",додарро-"ник ё никук","мома"-ро-"ви",боборо "во" ва амсоли инҳо мегӯянд.

**Маънои калимаи Роғ.**Дар фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи Роғ ба маънои "доманаи фарохи сабзу хуррами кӯҳ, марғзор" омадааст.[5] Ин калима дар адабиёти классикии тоҷик низ мавҷуд аст. Аз ҷумла, сардафтари адабиёти форсу –тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ овардааст:

Оҳу зи танги кӯҳ биёмад ба дашту роғ,

Бар сабза бода хуш бувад акнун, агар хӯрӣ.

---

[1]Богорад Ю.И. Южнокулябские говоры / Ю.И.Богорад //ИАН Тадж ССР ООН. -1965. -№4. -С. 65-75.

[2] Икромов И. Ганҷҳои нуҳуфта / И.Икромов. -Душанбе, 2006. -С. 6.

[3]Фарҳанги Забони Тоҷикӣ. Қ. 1. Нашриёти «СЭ». -М., 1969. -С. 832.

[4] Латифӣ О. Шери модархудои нана /О.Латифӣ // Мероси ниёгон.-Душанбе, -1992.- №. 1. -С. 91.

[5]Фарҳанги Забони Тоҷикӣ. Қ. 2. Нашриёти «СЭ». -М., 1969. - С. 146.

Дар фарҳанги «Ғиёс-ул-Луғот», омадааст: “Роғ-саҳрои домани кӯҳ ва марғзор (аз фарҳангҳои Мадор, Сироҷ, Кашф ва Рашидӣ) истифода шудааст.[1]

Ҳаким Фирдавсии Тӯс овардааст:

Чу дарёи хун шуд ҳама дашту роғ,

Ҷаҳон чун шабу теғҳо чун чароғ.

Ё ки:

Сипоҳи шаби тира бар дашту роғ,

Яке фарш афканда чун пари зоғ.

Дар топонимикаи Тоҷикистон деҳаҳо ва мавзеъҳои бо номи “роғ” хеле зиёд мебошанд:

1.Роғ-деҳаест, дар с\қ Ванҷи ноҳияи Ванҷ. Ҳудуди совхози «50-солагии СССР», аҳолиаш тоҷикон, соҳаи асосии хоҷагиаш боғдорӣ,кишоварзӣ ва сабзавоткорист. Дарёчаи ин деҳа Роғ ном дошта ва заминҳои корам аз он обёрӣ мешаванд.[2]

2.Роғ-деҳаест дар с\қ Деҳмалики ноҳияи РӯдакӣҶумҳурии Тоҷикистон, ҳудуди с\х ба номиҲасан. Аҳолиаш тоҷикон. Сойи ин деҳа низ Роғ ном дорад. Аҳолӣ ба чорводорӣ ва кишоварзӣ шуғл доранд.[3]

3.Роғ-деҳаест дар ҷамоати деҳоти Лангари ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолиаш тоҷикон, соҳаи асосии хоҷагиашон зироаткорӣ (гандум, ҷав ва чорводорӣ). Заминҳо аз дарёчаи кӯҳии Шир обёрӣ мешаванд.[4]

---

[1]«Ғиёс-ул-Луғот». Ҷ 2.(таҳияи А.Нуров). –Душанбе:Адиб, 1987.- С.362.
[2] Энсиклопедияи Советии Тоҷик. -Душанбе,1988 қ.6. -С. 407.
[3] Ҳамон ҷо. -С. 407.
[4] Ҳамон ҷо. -С. 407.

4.Дар наздикии деҳаиЗиддии ноҳияи Варзоб, Роғ ном деҳае мавҷуд аст.[1]

Ба ғайр аз ин дар ҳудуди Тоҷикистон бисёр топонимҳое ҳастанд, ки дар таркибашон калимаи роғ мавҷуд аст. Аз ҷумла дар кӯҳистони Даштиҷуму Шӯрообод деҳаҳои Кумроғ, Барроғ ва Ускроғ арзи вуҷуд доранд.Дар наздикии ҳавзаи Хингоб деҳаи Пуштароғ ва дар воҳаи Оби Гарм Сичароғ мавҷуд аст.Дар Дарвоз деҳаҳое бо номи Роғ,аз қабили Пасти Роғ,Зинги Роғ,Кумроғ,Роғак дар навоҳии тобеи ҷумҳуриамон Роғун ва амсоли инҳо мавҷуд мебошанд.

**Сохтори маъмурӣ.**Дар сохтори маъмурии Роғ баъди шоҳ, мансаби вазир қарор дошт. Воҳидҳои маъмурии маҳаллиро мирон ва миразорҳо идора мекарданд, ки дар ихтиёри худ мансабдорони дигарро доштанд.

Дар воҳиди маъмурӣ ва деҳаҳои калони сераҳолӣ қозӣ, раис, муфтӣ бо мулозимонашон таъйин мешуданд, ки коргузарон ва таъминкунандагони адлу адолатгустарии ҳуқуқи шариатӣ ҳисоб меёфтанд. Гурӯҳи коргузорони бонуфузи муассисаҳои диниро уламо меномиданд.[2]

Сохтори идоракунии маъмурии шоҳигарии Роғ ба сохтори давлатии Бадахшон мувофиқат мекард. Дар охири асри XIX ибтидои асри XX аз ҷиҳати тақсимоти ҳудудӣ -маъмурӣ шоҳигарии Роғ муродифи волост буд.

Барои идоракунии воҳидҳои маъмурии Роғ дар назди шоҳ чунин амалдорони расмӣ фаъолият доштанд:

---

[1]Неменова Р. Л. Таджики Варзаба (отчёт о поездке в 1961г) / Р.Л.Неменова //ИАН Тадж ССР ООН. -1963. -№1.-С. 67-75.

[2] Пирумшоев Ҳ. Таърихи Дарвоз / Ҳ.Пирумшоев. –Душанбе: Ирфон, 2008.-С.96.

Девонбегӣ ё закотчӣ, ки ҷамъоварии андоз ва дигар маҷбуриятҳоро ба уҳда дошт, ки иҷрои онро бо ҳамроҳии зердастонаш, яъне арбобу ясавулҳо иҷро мекард.

Мирзо – хаттот (котиб), ки ба навиштани мактубу дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ машғул буд.

Миршаб ё қурбошӣ  бо навкарони дар ихтиёр доштааш бехатариро таъмин мекард.

Мироб масъули тақсимот ва истифодабарии обро ба уҳда дошт.

Амин (сардор)  корҳои сохтмонӣ, хоҷагии қалъаву шаҳр, сафарбар намудани аҳолӣ барои иҷрои уҳдадориҳоимеҳнатиро идора мекард. Дар итоаташ чандто арбоб фаъолият менамуданд.

Пойгирчӣ – амалдоре, ки ҷамъоварии закоти савдо ва чорвоӣ ба фурӯш рафтаро дар уҳда дошт.

Дар низоми идораи маъмурии шоҳигариҳо мавқеи намояндагони дин низ хеле баланд буд. Қозӣ, муфтӣ ва раис бо коргузорони дар итоаташон буда, бояд корҳои ҳуқуқию судӣ, меъёрҳоиахлоқӣ ва ақоиду итоат кардан ба талаботи муносибатҳои феодалӣ созгорро таъмин менамуданд.

Дар идора намудан амалдорони дигар низ буданд, аз қабили:

Доруға- намояндаи расмии давлатӣ, ки микдори замини дар дасти деҳқонбуда ва ҳосили онро пешакӣ муайян мекард.

Мушриф - назоратчӣ, амалдори дастгоҳи андозғундорӣ, намояндаи амлокдор.[1]

Миразор – (мири ҳазор) – амалдори маҳаллӣ.

Арбоб –мансабдори хурди маъмурӣ, сардори деҳа.Дар ҳар деҳа дар баробари арбоб  ришсафедҳо, оқсақолҳо ва домулло ба иззату икроми

---

[1] Сафаров Х.Х. Сохти маъмурӣ ва сиёсии Роғ/ Х.Х.Сафаров //Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. -2013. -№4 / 53.- С. 193-198.

аҳолӣ бархурдор буданд ва дар ҳали масъалаҳои хоҷагидорӣ ва иҷтимоӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ нақша калон доштанд.

Шоҳигарии Роғ ба бекигариҳо ва онҳо дар навбати худ ба арбобгарӣ, оқсақолӣ ва аминӣ ҷудо мешуданд. Ҳар кадоми онҳо се-чор деҳаро идора мекарданд, ба ҳаёти ҳаррӯзаашон арбоб – сардори деҳа, оқсақол ва амин ҳамчун вакил назорат мекарданд.

Бекигарӣ ба амлокдориҳо аз дастгоҳи мукаммали фармонфармоӣ ва идоракунӣ иборат буданд. Ба ғайр аз амлокдор дар амлокхона мирзо (дабир) – коргузор, ясавулбошӣ – хизматгори дарбор, миршаб – масъули амният бо тобеонаш – шабгардҳо ва якчанд навкар амал мекарданд.[1]

Сохти маъмурию сиёсии шоҳигарии Роғ аз тарафи муаррихон ба дараҷаи кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. То давраи забти Англия сарзамини Бадахшон чандин маротиба бо ҳудуд ва номи воҳидҳои маъмурӣ: ҳокимӣ, бекигарӣ, амлокдорӣ, вулусволӣ ва шоҳигариҳо иваз шуданд. Барои бо тамоми ҷузиёт муайян намудани ин тағйирот маълумоти кофӣ дар даст нест.[2]Аз ин лиҳоз, бесарусомониҳо мушоҳида мешавад ва муаллиф сари ин мавзӯъ кор карда истодааст.

Ҳамин тавр ҳангоми омӯзиши“Ҷуғрофия ва сохти маъмурии Роғ дар асри XV ва ибтидои асри XX” муайан карда шуд,ки дар ин бахш сарчашмаҳои хаттӣ хеле кам ва ба таври пароканда ва нопурра дастрас шудааст. Дар боби аввали рисола мо кӯшиш кардем ин маълумотро дар якҷо ҷамъ оварӣ карда, ботартиби муайян таҳлил ва баён намоем.Бояд иброз намуд,ки сарзамини Бадахшон то тақсимоти марзии соли 1895 ҳамчун як воҳиди маъмурии шинохта мешуд.Баъди ин тақсимот Бадахшон ҳамчун вилояти алоҳида ба тобеъияти Афғонистон даромад.Аммо Бадахшони навтаъсисёфта на ҳама ноҳияҳои фарогири

1 Розиқи Содиқ. Равзанаи субҳ / С.Розиқ. -Душанбе, 2002. -С.17.
2 Пирумшоев Ҳ. Таърихи Дарвоз / Ҳ.Пирумшоев. -Душанбе, 2008.-С. 108.

худро соҳиб шуд.Як қисм ноҳияҳои Бадахшон ба ҳайати вилоятҳои Тахор,Бағлон,Қундуз ва Бомиён дохил гаштанд. Ноҳияи Роғ,Шаҳри Бузург,Ҷирм,Баҳорак ва амсоли инҳо ба ҳайати вилояти Бадахшони Афғонистон гузаштанд.Ноҳияи Роғ дар қисмати шимолии вилояти Бадахшони Афғонистон буда,он аз шимол ба ноҳияи Дарвоз дар шарқ бо Шуғнон,аз ҷануб бо Файзобод ва дар ғарб ба собиқ вилояти Кӯлоб ҳамсарҳад аст.Мувофиқи омӯзиши сарчашмаҳо ноҳияи Роғ дар водии дарёи Роғу шохобҳои он,инчунин, номи шохоби чапи дарёи Панҷ буда,дар маҳали Ёмур,поёнтари Дарвоз ба дарёи Панҷ мерезад.Маркази қадимаи Роғ шаҳри Ёвон буда,инчунин, бо ин ном қалъае низ мавҷуд аст,ки қароргоҳи ҳокимон ба ҳисоб мерафт. Масоҳати ноҳияи Роғ 10 курух паҳноиаш буда, дарозиаш 12 курух мебошад.[1]

Ривояти мардумӣ дар бораи аз деҳаи Даҳбеди Самарқанд омадани роғиҳо ба Бадахшони Афғонистон воқеият надорад ва далелҳои таърихӣ дар бораи аҳолии муқимӣ ва қадим будани онҳо гувоҳӣ медиҳанд.

Бештари олимон Роғи авестоиро бо шаҳр ва вилояти Райи Эрон як мешуморанд, ки аз ҳақиқат дур аст.Зеро ҷуғрофияи Авесто Эрони ғарбиро намедонад. Фикри академики тоҷик Ю.Яъқубов дар бораи бо Роғи Бадахшон як будани Роғи авестоӣ боварибахш мебошад.[2]

Дар асарҳои “Бобурнома” [3] ,”Таърихи Бадахшон” [4] қисман ҷуғрофияи Роғи Бадахшону Кӯлоб ва сохти маъмурии он баррасӣ шудааст.

Дар хусуси роғиҳои минтақаи Кӯлоб муайян шудааст, ки онҳо дар нимаи дуюми асри XIX аз Роғи Бадахшони Афғонистон кӯчида

---

[1]Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова) / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926.–С.118.

[2] Юсуфшоҳи Ё . Давлати Каёниён / Ё.Юсуфшох.-Душанбе: Эр-Граф, 2012.-С.253.

[3]Бобур М.З. Бобурнаме. записки Бабура Пер.М.Салье /М.З.Бабур.- Ташкент: Изд-во АН Узб ССР, 1958. -С.219.

[4] Бадахши М.С. Таърихи Бадахшон (баргардони матни классики Ғ.Ғоибов Ғ, М.Холов) /М.С.Бадахши, М.Ф.Сурхафсар.-Душанбе:Дониш, 2007.-С.127.

омадаанд, аммо ҷузъиёти ин падида маълум нест. Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки онҳо дар ҷойи нави иқоматии худ низ ҳуввияти маҳаллӣ ва миллии худро нигоҳ доштаанд.

Ҷойнома [топоним]-и Роғ калимаи қадимаи ориёӣ буда, маънои он аз ҷониби донишмандони забонҳои қадима муайянкарда шудааст. Он маънои“доманаи фарохи сабзу хуррами кӯҳ, марғзор”[1]-ро дорад. Қобили таъкидаст, ки дар ҷануби Тоҷикистон, аз ҷумла, Дарвоз, мавзеъҳои ин номро дошта зиёданд ва тасдиқи номи авестоӣ мебошанд. Дар бораи сохтори маъмурии Роғ маълумотҳо гуногунанд ва омӯзиши он идома дорад.

Номҳои деҳаҳои Роғ, асосан забони қадимаи бохтарӣ авестоӣ буда, дар бораи мардуми қадим ва бумӣ будани онҳо гувоҳӣ медиҳад. Аз ҷониби дигар ҷой номҳои Роғ маводи хубе барои омӯзиши забони қадимаи мардумони ин диёр мебошад. Олимони забоншинос боварӣ доранд ва исбот ҳам кардаанд, ки катибаҳои Канишкаи Бузург, ки аз деҳаи Работак ва Сурхкутали вилояти Бағлони Афғонистон ёфт шудаанд, бо ҳамин забон навишта шудаанд.

Мардуми Роғ бо лаҳҷаҳои маҳаллии забони тоҷикӣ гуфтугӯй мекунанд ва тоҷикӣ забони модарии онҳо аст. Лаҳҷаҳои роғиҳои минтақаи Кӯлоб то ҷое омӯхта шудаанд, аммо дар бораи лаҳҷаҳои Роғи Бадахшон маълумоте дар даст нест. Дар лаҳҷаи мардуми Роғ калимаҳои қадимае мавҷуданд, ки барои омӯхтани забони қадимаи ин минтақа, яъне забони бохтарӣ маводи хуб мебошанд[2] ва забоншиносони тоҷикро зарураст, ки аз ин мавод самаранок истифода баранд.

---

[1]Фарҳанги Забони Тоҷикӣ. Қ. 2. Нашриёти «СЭ».- М., 1969. - С. 146.
[2]Неменова Р. Л. Кулябские говоры таджикского языка / Р.Л.Неменова //ИООН Тадж. ССР, Вып 1V. -1956. -С.63-71.

# БОБИ II. КИШОВАРЗӢ ДАР РОҒ ДАР АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

## 2.1. Маълумоти умумӣ дар бораи кишоварзии Роғ

Халқи тоҷик дар баробари касбу ҳунарҳои зиёд, инчунин,дар кори хоҷагии деҳот ва зироату боғдорӣ таҷрибаи бойи таърихӣ дорад.Зироат дар ин ҷойҳо ба истифодаи оби табиӣ ва каналҳо асос ёфтааст.[1] Яке аз тадқиқотчиёни таърихи хоҷагии деҳоти кӯҳистони Афғонистон А.Д.Давыдов [2] шаклу усули заминдории феодалиро дар Роғ таҳқиқ кардааст. Аз рӯи пажӯҳиши ин олим чорводорӣ дар тамоми вилоятҳои Бадахшон тараққӣ карда буд.Аҳолии водинишин аз чорводорӣ дида бештар ба зироаткорӣ шуғл доштанд. Вале дар кӯҳистони Роғ дар баробари зироаткорӣ чорводорӣ низ мавқеи асосиро ишғол мекард.Аз рӯимаълумоти Кушкекӣ дар ибтидои асри XXдар Роғ шумораи аспҳо – 359 адад,ҳайвони калонишохдор 4425адад, гӯсфанд бошад 36091ададро ташкил медод.[3]

Барои чорвои ҳокимону вакилон ҷойҳои махсусичарогоҳ ва оғилхонаҳо ҷудо шуда буд, ки даҳмардаҳо онҳоро бонӣ мекарданд. Чорвои мардумони деҳа тобистон ба девлох, ки дар доманакӯҳҳо буданд, бурда мешуданд.

Дар деҳаҳои Роғ бошад бузу гӯсфанд зиёд буд, аз ин рӯ, дар ҳар деҳаподаро подабонҳо бонӣ мекарданд, ки аз 3-4 нафар иборат буданд. Ба подабонҳо касе музди меҳнат намедод, ҳаррӯз аз саҳар то бегоҳ гову гӯсфандҳоро ба чарогоҳ бурда мечарониданд, чун бегоҳ подаро ба деҳа меоварданд, яке азподабонҳо ба дари ҳар хонаи деҳа рафта, «оши ҳалол» мепурсид. Соҳиби гову мол ба ӯ ба қадри дастрасаш нон, чой, ҷав, наск,

---

[1] Неъматов Н. Давлати Сомониён /Н.Неъматов. –Душанбе:Ирфон, 1989.-С.74.
2 Давыдов А.Д. Афганская деревня / А.Д.Давыдов. –М.: Наука. 1969. -С 42.
3 Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова) / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926-С. 118.

нахӯд ва амсоли инҳоро медоданд, ки дар борхалтааш ҷой дода, ба хонааш рафта ба ҳамроҳонаш маҳсулоти ҷамъовардаашро баробар тақсим мекард.

Соҳаи боғдорӣ яке аз соҳаҳои даромаднок ба ҳисоб мерафт,махсусан ба парвариши тут аҳамияти калон медоданд.Мардумшинос Х. Карлесс овардааст: «Дар водии Панҷшер дар ҳамаи фасли сол намудҳои гуногуни тутро дидан мумкин аст. Дар ҳақиқат тутмаҳсулоти асосии ин водӣба шумор меравад. Агар гӯем, ки иқтисодиёти Панҷшерро маҳсулоти тут нигоҳ медорад, хато нахоҳем кард…». [1] Дарахтони тут дар Дарвоз ва Роғ аз дигар дарахтони мевадиҳанда зиёд мебошанд. Тутро нони дуюми мардуми ин диёр меҳисобанд.

Дар кӯҳистони Роғ зардолуи «мирзоӣ», «шакарпора», «сафедча», «пайвандӣ», «гурдаи гов», «давлатмуродӣ»- парвариш карда мешавад.

Дар ҳавлии ҳар бошанда вамахсусан, кӯҳистон боғҳои себ зиёд дида мешавад, аз ҷумла; чукасеб, кадусеб, себи турушак, себи ҷавпазак, себиҷангалӣ, себинӯшоракӣ парвариш меёбад.[2]

Дар Роғ намудҳои ангури тойфӣ, соҳибӣ, мираҳмадӣ, халилӣ, фахрӣ, ҳусайнӣ, шастиарӯс, ҷаҳонорой, каллаи зоғ, шаробӣ, дили мурғ мерӯяд ва парвариш кардамешавад.

Дар хоҷагиҳои назди ҳавлигӣ ва саҳроҳо маҳсулоти полизипарвариш карда мешуд.Махсусан,парваришихарбуза ва тарбузи лалмӣ равнақ ёфта буд. Аз полезиҳопомидор, картошка, зағир, наск, арзан, лӯбиё, лаблабува амсоли инҳоромекоранд.Ҳар як бошандаиРоғин маҳсулотро парвариш карда, барои беҳбудии зиндагии худ истифода

1 Карлес Х. Таджики дараи Пандшир ҷабали Ҳиндукуш / Х.Карлес // Мардумшиносӣ. Теҳрон, 1335. ҳк. -С. 68.

2Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время.Очерки истории хозяйства и материальной культуры /Р.Махмадшоев. –Душанбе:Дониш, 2001. -С. 95.

бурда, як қисмашро ба бозор ё деҳаҳоидигар бурда мефурӯхтанд ё бо маҳсулоти дигар иваз мекарданд.

**Шабакаҳои обёрӣ:** Дар кишоварзии ноҳияи Роғ дар баробари заминҳои лалмӣ заминҳои обёришаванда низ мавқеи муҳим доштанд. Бинобарин, шабакаҳои обёрӣ ба дараҷаи кофӣ тараққӣ карда буд.Муҳаққиқ А.Д.Давыдов дар бораи заминҳои обии хоҷагии деҳоти Роғ, шабакаҳои обёрӣ, коркарди ҷӯюкорезҳомаълумоти ҷолиб овардааст.

Дар нимаи дуюми асри XIX дар вилоятиБадахшон корҳои бузурги обёрикунанда анҷом дода шуда буданд. Барои сохтани шабакаҳои обёрӣ андози махсус бо номи қӯшпулӣ, (қӯшпулӣ- пуле, ки аз ҷуфти гов ситонида мешуд),ҷорӣ гардида буд, ки онро барои кандани каналҳо ва ҷӯйҳои нав истифода мебурданд.

Каналу ҷӯйҳоро на танҳо ҳукумат, балки феодалони калон низ месохтанд.Дар ин кор бисёртар аз меҳнатидеҳқонон истифода мебурданд. Дигар усуле, ки барои тоза кардани ҷӯйҳои калонидавлатӣ истифода мешуд,ҳашаримаҷбурӣбуд.[1]

Дар баробари заминҳои обӣ заминҳои лалмӣ, ки одатан дар баландиҳоюнишебиҳо ва доманаи кӯҳҳо ҷой доштанд, барои киштукори ғалладона васеъ истифода бурда мешуданд. Дар заминҳои оби усули киштгардон васеъ ба кор бурда мешуд, вале дар заминҳои лалмӣ ба ин усул кам аҳамият медоданд.Ҳоло он ки усули киштгардонро дар заминҳои лалмӣ низ истифода бурдан мумкин буд. Ба ҷои киштгардон заминро якчанд сол дам медоданд.

Дар охири асри XIX гурӯҳи нави заминдорони калон ташаккул ёфт. Ин буд, ки дар Роғ дар натиҷаи барои соҳибмансабони низомӣ ва мулкӣ аз ҳисоби хазинаи давлат ҷорӣ гардидани маошӣ нақдӣ, шаклҳои

---

[1] Давыдов А.Д.Афганская деревня / А.Д.Давыдов. -М.: Наука,1969.-С. 53.

заминдории қадима ва анъанавии «ҷойгир» ва «тиюл»(тиюл – замину мулки обие, ки подшоҳон ба тобеони худ, махсусан, ба мансабдорони ҳарбӣ медоданд,ки аз даромади он фоида бинанд),ки ба ивази хизматашон дода мешуд, аз байн меравад.

Заминдорӣ ба се шакл-давлатӣ, хусусӣ (феодалӣ ва деҳқонҳо) ва вақфӣ тақсимбандӣ мешуд.

1. Заминҳои давлатӣ ба амирҳо, ҳокимон ва беку саркардаҳои ҳарбӣ тааллуқ дошт. Фонди давлатии замин ниҳоят калон буд. Заминҳои давлатӣ аз ҳисобӣ ҷангҳо, кашида гирифтани заминҳои заминдорони саркаш ва гоҳҳо мусодира намудани заминҳои шахсони гунаҳгор зиёд мешуд.[1]

2. Заминҳои хусусӣ-ҳамон заминҳое буданд, ки аз падар ба писар (аз авлод ба авлод) ба мерос мемонданд. Феодалҳо ва деҳқонон чунин замин доштанд. Ҳиссаи ин намуди замин баъди заминҳои давлатӣ ҷойи дуюмро мегирифтанд. Мулкҳо дар ду намуд доимӣ (меросӣ) ва муваққатӣ (суюрғол, иқта) вуҷуд доштанд. Дар бораи шахсӣ будани заминҳо ҳуҷҷат талаб карда мешуд. Ҳуҷҷат анъана, урфу одат ва сабти ҳолати он дар дафтарҳои андози пештара ва васиқаҳо шуда метавонистанд. Мулк на фақат замин, балки каналу корез ҳам шуда метавонист.[2]

3. Заминҳои вақфӣ- амалан муваққатан ё абадӣ мулки рӯҳониёни олимартаба ҳисоб меёфтанд, ҳарчанд аз ҷиҳати юридикӣ ба муассисаҳои гуногуни динӣ(масҷидҳо, мадрасаҳо, хонақоҳҳо) инъом карда мешуданд.[3]

Заминҳои вақфӣ дар Роғ чандон зиёд набуданд. Албатта тамоми мазорҳо, зиёратгоҳҳо, мадрасаҳо ва баъзе масҷидҳо соҳиби замини

---

1 Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳакимов.–Душанбе:Ирфон, 2006.-С.388.
2 Ҳакимов Н. Ҳамон ҷо.
3 Қушматов А.Вақф. / А.Қушматов.-Душанбе, 1990.-С.32.

вақфӣ буданд.Соҳибони заминҳои вақфӣ ва феодалӣ одатан дар шаҳрҳо ва марказ истиқомат карда, бо корҳои идораи низомӣ ва тиҷорат машғул буданд. Бинобар ин, кишту кори тамоми заминҳои давлатӣ, хусусии феодалӣ ва вақф ба ухдаи деҳқонони иҷоракор гузашта шуда буд. Дар ин хоҷагиҳо бештар усули нисфикорӣ (яъне нисфи ҳосил басоҳиби замин ва нисфи дигараш ба деҳқон) сеяккорӣ, чоряккорӣ, панҷяккорӣ ва ғайра дида мешуд.[1]

Зироати хоҷагии деҳот дар кӯҳистони Роғ ғизои асосии аҳолӣ ҳисоб меёфт. Вале норасогии боришот, ки миқдори миёнаи он дар як сол аз 250 мм зиёд намебошад ва ин ҳам, асосан, фақат дар зимистону аввали баҳор мешавад ба хоҷагии деҳот ва тараққиёти умумии ноҳия таъсири манфии худро мерасонад.[2] Миқдори борон на фақат ба киштзорҳои лалмӣ, ки онҳо пурра ба боронҳои баҳор вобаста мебошанд, балки ба киштзорҳои обӣҳам таъсир мерасонад.

Дар қисми зиёди вилоятҳои Бадахшон, аз ҷумла, Роғ соле ду ҳосил мегиранд. Дар тирамоҳ кишти гандум ва ҷав бароҳ монда шуда буд. Ин ҳосил, ҳосили кишти тирамоҳӣ ном дорад. Дар ҳосили дуюм, ки баҳорӣ ном дорад, гандум, нахуд, зағир, наску арзан,тарбузу харбуза, лубиё,боимҷон, каду ва амсоли инҳоро мекориданд. Аҳолии ноҳияи Роғ сурхгандум,сафедгандум ва калҷав кишт мекарданд. Аз сабаби хунукиҳои зиёд ва заминҳои санглох намуди ҷави ширин ва туруш кишт карда мешуд.[3] Дар ноҳияи Роғ аз сабаби баландкӯҳ ва заминҳо лалмӣ будан, асосан, калҷав кишт карда мешавад. Аз сабаби он ки калҷав

---

1 Вавилов Н.И. Земледельческий Афганистан. / Н.И. Вавилов, Д.Д. Букинич. -Л.,1929. –С. 82.

2 Муҳаммад А. Афғонистон / А. Муҳаммад.-Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1960. -С.40.

3Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время.Очерки истории хозяйства и материальной культуры /Р.Махмадшоев.–Душанбе:Дониш,2001. -С.63.

хӯроки нонии ин мардум ҳисоб мешавад, ҳатто дар заминҳои обӣ низ кишти он нағз ба роҳмонда шуда буд.

Аз сабзавотҳо дар ноҳияи Роғ боимҷон, испаноҷ, гулкарам, тарак, каду, шалғамча, сабзӣ, шалғам, пиёз, картошка, памидор, сир, кошта мешуд. Дар баробари ин аз алафҳои худрӯии кӯҳӣ аз қабилӣ: чукрӣ, хоч, модел, торон, ров истифода мебурданд. Онҳоро хушк карда дар зимистон дар намудҳои гуногуни хӯрокиҳои миллӣ истифода мекарданд. Аз зироатҳои полезӣ бештар харбузаю тарбуз мерӯёнданд. Махсусан, дар қисматҳои ҷанубӣ, аз ҷумла қарияи Роғ тарбузу харбузаи ёбоӣ парвариш мекарданд.[1]

Аз кишти баҳорӣ шолӣ, ҷуворимакка, арзан, зағир, шалғам ва дигар зироатҳоро ҷамъоварӣ мекунанд. Дар ноҳияҳои баландтар аз қабили Яфтал, Шаҳри Бузург  соле танҳо як маротиба ҳосил мегиранд.

---

1 Муҳаммад А. Афғонистон / А.Муҳаммад.- Нашриёти Давлатии Тоҷикистон.1960. - С.43.

**2.2.Тайёрӣ ба мавсими киштукор**

Киштукори баҳорӣ дар ҳар гӯшаю канори Роғ дар як давр ё моҳ гузаронида намешавад. Дар қисмати таҳдашт нисбатан барвақт ва дар қисмати баландкӯҳ кишту кордертар оғоз меёбад. Барои муайян сохтани фасли баҳор ё мавсими кишту кор, аввалин паррандагон ба дашту саҳроҳо аз қабили фароштурук, шонасарак пайдо мешаванд. Ин нишонаи расидани фасли баҳор аст. Солшуморӣбо тақвими офтобии мусулмонӣ, ки аз моҳи қавс (декабр) оғоз мегардад,ҳисоб карда мешавад. Чиллаи калон 40 рӯз идома меёбад. Баъди он 20 рӯзи зимистонро чиллаи хурд ном мебаранд.[1]Дар Роғ низ солшуморӣба ҳамин тариқаст,аз моҳи қавс ҳисоб мекунанд: 30 рӯзи даймоҳ, 30 рӯзи баҳманмоҳ, 29-рӯзи исфандмоҳ ва дар саршавии моҳи фарвардин ё Ҳамал оғози Наврӯз мебошад. Ҳамчунин, 21 рӯз пеш аз оғози Наврӯз аҳолии кӯҳистон дар коса ё табақҳо барои суманак гандум мегузоранд.

Дар кӯҳистони Роғ мӯйсафедон вапиразанҳо бо чунин тарз ҳисоб мекунанд:Ҳут, Ҷут, Кампирдарғор, 18- бузкӯш, 12-и кавгирав. Баъди ин ҳисоб фасли баҳор мерасад. Қисман мӯйсафедони Роғ расидани баҳорро аз рӯи ҳисоби чорводорҳо муайян мекарданд: Ҳангоми расидани фасли баҳор, айёми тӯлгирӣ оғоз меёбад. Дар ин фасл тараддуди чорводорон хеле зиёд мешавад, қисман чорвои лоғар ба муриш сар мекунанд. Ё дар саҳро аз сабаби хунукшавии фасли баҳор гӯсфандҳо тӯли худро зинда намегиранд. Инчунин,ҳисоби шикорчиён низ аст: Шикорчиён расидани фасли баҳорро аз омадани парандагон муайян месозанд: Аввалин шуда дар санговҳо ва лаби ҳавзуҷӯйҳо шонасарак, санговдавак, зарғовзалич пайдо мешаванд. Дар ин ҳангом парандагон села нею ҷуфт-ҷуфт парвоз мекунанд. Ҳамсуҳбатам чунин иброз намуд: «Дигар парандае, ки баъди

[1] Джаханов У. Земледельческий народный календарь и счет времени у таджиков Соха / У.Джаханов // Этнография Таджикистана. -Душанбе, 1985. -С. 88.

2-3 ҳафтаи саршавии фасли баҳор омада, дар хона ва айвонҳо лона мегузорад, ин фароштурук мебошад»[1].Ин шакли муайянкунии фаслҳои сол барои кишоварзону чорводорон аз манфиат холӣ нест.

**1.Ҷуфти замин:** Дар Роғҷуфти замин ба воситаи барзаговҳо иҷро карда мешавад. Аз сабаби он, ки дар кӯҳистон барф зиёд меистад, ба воситаи хоку хокистар заминро аз барф тоза мекарданд. Дар деҳаҳое, ки иқлимаш гарм аст, 10-15 рӯз пештар ҷуфт карда, гандум мекоранд. Як қисм маҳсулотҳои хоҷагии деҳот дар фасли тирамоҳ кишт карда мешаванд. Кишти баҳорӣ, асосан, дар моҳҳои март-апрел кошта мешавад ва дар моҳҳои сентябр-октябр даравида мешавад. Дар байни тоҷикони Роғ ва, умуман, тоҷикон3 намуди ҷуфт ва коштани гандум вуҷуд дорад. Аввалан, замине, ки бояд ҷуфт шавад, тоза карда мешавад ва бо сабаби кулух доштанаш онро чапар ё мола мезананд. Замине, ки бояд ҷав ё гандум коранд, онро товазан ба бахшҳо тақсим карда, тухмпош мувофиқи това донро ба замин мепошад, баъди ҷуфт чапар карда мешавад.

**Намуди якум:** Як қисм замини ҷуфтро тоба (това) зада гандум мекоранд, ки ин усулро «пешумоч» мегӯянд, ки дар кӯҳистони Роғ ин усулро «това» мегӯянд. Баъд аз коридани гандум ҷуфтгар ба воситаи испору говҳо ҷуфтро оғоз мекунад. Дар ҳолате ки замин хокӣ бошад, гандумро нисбатан тунук мепошанд.

**Намуди дуюм:** Усули зеринро дуҷуфта ё дураха низ мегӯянд. Замини киштро як маротиба ҷуфт карда, баъд гандумро корида, аз болояш аз сари нав ҷуфт мекунанд, ки гандуми пошидашуда нағзтар зери хок шавад.

**Намуди сеюм**: Ин намудро пешмола мегӯянд. Зеро баъди 2 ё 3 маротиба замини киштро ҷуфт кардан, гандум ёҷавро чошида, баъд ба

[1] Мувофиқи ахбори Сомеъ Одиназода (1907-1995), сокини ш.Кӯлоб,к.Ҳ.Аҳмар.

воситаи мола зери хок мекунанд,кидар натиҷазамини кишт низ ҳамвор мешавад.

**2.Кишти гандум:**Халқи тоҷик аз қадимулайём дар кишту кор ва деҳқонӣ таҷрибаи калонро соҳиб шудаанд.Аз сабаби он ки дар сарзамини Роғ замини киштбоб нисбатан кам аст,дар талу теппаҳо кишти гандум ва ҷавро ба роҳ мемонанд.Ба воситаи қулба заминро дар фасли баҳор ҷуфт карда,гандум мекоранд.Агар замин пур аз барф бошад,ба воситаи курчакбел ва ё хоку хокистар онро тоза карда,он гоҳ ба парвардигор мурочиатмекарданд, то ки ҳосили дилхоҳ ба даст орад.Агар замини кишт шуразамин бошад,онро то се сол дигар маҳсулотҳо кишт мекунанд.Барои ҳосили баланд ба даст овардан, поруи буз,гусфанд ва гов ба замини кишт,ба воситаи сабад кашонда мепошиданд.

Мардумшиноси собиқ шӯравӣ М.С.Андреев дар асараш, “Тоҷикони водии Хуф” мурочиати барзгари Хуфиро ба Бобои Деҳқон ва ба замин ҳангоми пошидани тухми гандум чунин овардааст:“Ё ҳазрати Бобои Деҳқон, як дона ҳазор, аз ҳазор ҳам бешумор, каҳ камтар, дона бештар, насиби ҳалолхӯри гардад”. Деҳқон пас аз анҷоми кишт дар рӯзи охири кишту кор чунин таманиёт мекунад: “Аз мо ҳаракат аз Худо баракат.”[1] Ҳамин тавр,деҳқони ҷуфгар ва гандумчош дар муддати кӯҳтоҳ ризқу рӯзии худро бо умед мекориданд.

**3.Чапари баъди ҷуфт:**Мақсади истифодаи чапар қисман ҷойҳои замини ҷуфткардашударо, ки пасту баланд мешаванд ё ҷӯякҳо пайдо мешавад,ҳамворкардан аст. Дар кӯҳистони Роғ ду намуди чапарро истифода мебаранд: аввалан ғулачӯбро дар юғ баста ба воситаи говҳо, онро мекашанд ва замин ҳамвор карда мешавад.

---

[1]Андреев М.С. Таджики долины Хуфа.Вып 1 / М.С.Андреев. -Сталинабад, 1953. – С.62.

Баъдан: Ду даста чӯби бедро, ки 1,5-2м дарозӣ дошта,20- 30 смғафси доранд,аз ҳамдигар дар масофаи 1,5 м дуртар гузошта шоху панҷаи бед, санҷид ё зардолуро ба болои онҳо мебанданд. Баъди ин ба воситаи юғу гов заминро ҳамвор мекунанд.[1]Ин усулро говмола низ мегӯянд.

**3.Хишова (Хушова):**Хишова ё хушова тоза кардани алафҳои бегона аз заминигандум, ҷав, зағир ва амсоли инҳо мебошад. Асосан, хишоваро калонсолон ба воситаи дос иҷро мекунанд. Яъне, ба майсаи саркашидаи гандум соҳиби замин даромада, бо дос алафҳои бегонаро даравида, ба беруни замин бурда мепартояд.Вале дар дигар корҳои хоҷагии қишлоқ, амсоли тоза кардани замини пиёз, шолӣ, сабзӣхишова ба воситаи даст иҷро карда мешавад. Алафҳои бегонаро аз реша канда мепартоянд ва ба ин восита замини сабзавотро тоза менамоянд.

**4.МУҲОФИЗАТИ ҲОСИЛ Ё НИГОҲУБИНИ ҲОСИЛ**:Муҳофизати ҳосил яке аз вазифаҳои муҳими деҳқонон мебошад. Баъди кишту кор барои деҳқон як муддати кӯтоҳи истироҳат фаро мерасад. Вақте ки гандум ё ҷав қад кашида, хӯша гирифта дона мебандад ва он ширааст ва дога сахт ё напухтааст, парандаҳо, аз ҷумла, гунҷишкҳо села-села ба замини ғаллазор ҳуҷум мекунанд. Барои тарсонидани парандаҳо марди деҳқон дар замини кишташ ҳар ҷо – ҳар ҷо ба шакли одам «хуса» мегузорад. Яъне чӯберо дар замин қисми поёнашро 15-20 см зери хок карда, дар қисми болояш шакли салиб чӯби 1м-ро ба монанди дасту китфони одам баста, ба он курта, ҷома ва тоқии кӯҳнаро мепӯшонданд.Ба ин восита гунҷишкҳо хусароодами зинда гумон карда мегурезанд. Ҳамчунин, дар ҳар кунҷи замини кишт, чӯби 1-1,20 м халонида, аз як чӯб ба дигар чӯб ресмон баста, дар ресмон ҳар ҷо- ҳар ҷо латтапораҳоро мебастанд. Ғайр

---

[1] Мухиддинов И. Осебености традиционного земледелческого хозяйства припамирских народностей в XIX - начале XX века / И.Мухиддинов. -Душанбе, 1984- С. 69.

аз ин, муҳофизон ба ҳаёҳую ғирев, ба воситаи камонғулаку фалахмон гунҷишкҳоро пеш мекарданд.Ҳамсуҳбатам оид ба муҳофизони ғалла иброз намуд:“Онҳо «ҳай- ҳай, къша», «хонаат бъсӯза», «насибут накуна» гӯёнфарьёд мекарданд. Амалдорон ва заминдорони калон ин амалиётро ба воситаи камбағалбачаҳо ва чоряккорон ба анҷом мерасонданд.”[1]

**5.Дарави ғалла:** Асоси кишти хоҷагии деҳоти Роғро гандуму ҷав ташкил медиҳад. Ғайр аз гандум зағир, кунҷит, наск, нахӯд арзан ва амсоли инҳо кишт карда мешавад. Гарчанде майдони корам кам дошта бошанд ҳам, вале дар қисми кӯҳдоман майдонизаминҳои лаълмии киштбобзиёд аст. Кишти ғалла, асосан, моҳи март– апрел сар шуда, моҳҳоиавгуст – сентябр ҳосил даравида мешавад. Ҳосилидарави гандумипешпазак ба моҳи август- сентябр рост меояд.

Аксари аҳолии кӯҳансоли водии Роғоид ба хунукиҳо ва боронгариҳои пеш аз муҳлати тирамоҳи кӯҳистон, ки боиси талаф ёфтани ҳосил мегардад, нақл карда, таронаи халқии зеринродоимо месароянд:[2]

Ба ҳинду ҷомаи бахмал,
Ба савдогар зану байтал.
Ба Доун узри бенонӣ,
Ба Роғи ҳайфи деҳқонӣ.
Ба Ҳафтал нест мусалмонӣ,
Ба Шуғнӣ тутӣ тар ҳайф аст,

Аз овардани ин мисраи шеърӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар кӯҳистонӣ Роғ баъзе солҳо ҳангоми ҳосилғундорӣ дар моҳи октябр, борону барф борида, ҳосил дар зери барф талаф ёфта, деҳқонон бенаво мешуданд.

[1] Мувофиқи ахбори Машрабов Х.(1914-1996),сокини н.Шӯрообод,д.Урсихо.
[2] Мувофиқи ахбори Ҳусейнов И.(1911-2011),сокини н.Шӯрообод, д.Урсихо.

Дарав яке аз мавсими долу зарби корҳои саҳроӣҳисоб меёбад. Дар ин кор, асосан, мардҳо ва баъзан занҳо иштирок мекунанд. Даравгарон пеш аз сар кардани дарав ба сари замини гандум, пири рӯзгордидаеро меоранд,то ки ба онҳо дуову фотиҳаи нек диҳад ва як қабза гандум медаравад. Баъди ин даравгарон нимқад шуда,ба дасти рост досро ва ба дасти чап пояи гандумро дошта медараванд.Якчанд қабзаидаравидаро сатрӣ мегӯянд. Вобаста ба қувватнокии даравгар аст, ки 3 ё 4 ва ё аз ин каму зиёд сатриро рӯиҳам гузошта як дарза мебандад. Баъзан даравгарон ба шакли бофта сатриро мемонанд. Мешавад, ки як қабза ё як сатрӣ, ки даравгар даравидааст, як дарза гандум шавад.Даравгарон хӯшаи гандумро ба қисми берун мемонанд, барои он киҳангоми боркашонӣ хӯшаҳои гандум нарезад. Онҳо, асосан, корро барвақт сар мекунанд. Баъди намози бомдод то ними рӯз дарав карда,як-ду соат хӯрок хурда ва дам мегиранд,баъди гардиши офтоб,ки ҳаво салқинтар мешавад,даравро сар мекунанд. Вақте ки дарави гандум ё ҷав гузашта бошад ва даравгар бо эҳтиёт намедаравад, хӯшаҳои пурбори гандум ба замин меафтанд ва кӯдакону занон он хӯшаҳои ба замин рехтаро мечинанд, яънехӯшачинӣ мекунанд. Агар хӯшаи ҷав бошад, он гоҳ мегӯянд, ки «каллапаршудааст»,зеро хӯшаи ҷави хушк мерезад. Дарзаҳои гандуми дарав шударо бо пояи гандуми тармебананд.

Дигар зироатҳое, киoнро деҳқонони Роғи дарав мекунанд, ин арзан ва кунҷид аст, ки онро баъди даравидан сар ба боло мемонанд. Зеро донаҳои он дар ҳолати ба ягон чиз расидан тез ба замин меафтанд.

Дар дарав усули ҳашар ё ёрӣ низ ба кор бурда мешавад. Масалан, деҳқони танҳо ба воситаи хешу табор ё ҳамсолҳо ҳашар даъват карда, гандумашро медаравад. Ба ҳашарчиён хурокӣ нисфирӯзӣ ва шомгоҳӣдода мешавад. Даравгарон ҳангоми ташна мондан аз

машкобҳо, қул- қула ва ё обкаду, ки ҳамроҳи худ овардаанд, об менӯшанд.

**6.Интихоби ҷойи хирман:** Ҳар як деҳқон, аз он ҷумла, роғиён ба худ хирман сохта, онробарои кӯфтани ғалла истифода мебаранд. Хирманро дар наздикии деҳаҳомесохтанд, то ки барои кашонидани гандуми даравидашуда осонтар шавад.Баҳар деҳқон шарт набуд, ки ба худ хирман созад.Шахсоне, ки гандумашонро аз хирман гирифта, ба хонаҳояшон мебаранд, метавонанд дигар деҳқонон дар он хирман гандуми худро галагов ва чапар кунанд. Барои хирман ҷойи мувофиқи заминро интихоб карда, масоҳати 10х12 ё 13х15 м аз хору хас тоза карда, об мепошанд. Баъд дар он ҷо коҳмайдаи зағирро паҳн карда, ба воситаи каланд лагадкӯбӣ мекунанд. Ҳангоми интихоби хирман суръати ҳаракати шамолро, яъне шамолрав будани он ҷойро ба назар мегирифтанд.[1]

**7.Усулҳои овардани ғаллаи даравида:** Дарзаҳои гандумро аз замини даравида агар наздик бошад, ба воситаи банд пуштора карда меоранд. Агар дур бошад бавоситаи чигина ё аспу ароба оварда мемонданд.Дарзаҳои овардаро дар хирманҷоғарам мекунанд. Баъд дарзаи бастаи гандумро ба воситаи дос бурида дар хирман паҳн мекунанд.Дар заминҳое, ки аз деҳа дур ҳастанд дар назди хирман каппа месозанд. Каппа асосан аз лойдевор ё қамиш сохта мешуд. Ҳангоми монда шудан дар каппа истироҳат мекунанд ё ин ки дар вақти боронгарӣ гандуми тозакардаро деҳқон метавонист дар он ҷойгир кунад.

1.Ба воситаи банди чахтдор: Ин тарзи бор овардан, ки ба воситаи банди чахтдор иҷро карда мешавад, хеле қуллай аст. Аввалан банд ё арғамчин аз пашми буз бофта мешавад, ба андозаи 2- 2,5м гирифта, ба як

---

1 Бахромов З. К вопросу о состоянии хозяйства Шугнана в дореволюционный период. //В кн: Очерки по истории Таджикистана Т. 2 / З.Бахромов. -Сталинабад , 1959. -С. 11-30.

нугаш чахтро мебанданд. Чахт асосан, аз шохаи боқуввати зардолу, шафтолу,тут ва чормағз сохта мешавад. Тарзи сохтанаш чунин аст: Навдаи дарахти сахтро ҷудо карда, бо табар бурида, баъд дар оташ обутоб дода, пусташро тоза мекунанд. Чахт қариб ба шакли дос монанд буда, вале комаи он ҷафстар аст. Усули ба воситаи чахт овардани борро дар Роғ «кашукӣ» мегӯянд. Алаф, ҳезум ё дарзаи гандумро бо банд аз ду ҷояш баста бо чахт пайваст мекунанд. Ҳангомиҳаракат кардан, кибор дар пушт меояд, ба воситаи чахт мувозинати худашро нигоҳмедорад.Дар ҷойи ноқулай боркаш метавонадбанди чахтро аз дастааш сар диҳад, то бор ба замин афтад.[1]

Усули дигари бор овардан бо пушт ин «бортахта» ном дорад. Тарзи истифодабариаш чунин аст: Тахтаи 35х40 см-ро гирифта, ду чӯби ғафисиашон (диаметр) 3- 4 см-ро қисми поёнии чӯбҳо шакли дос барин тарошида баъдан, тахта низ бо андозаи онҳо сӯрох карда мешавад. Боркаш алафро ё дарзаи гандумро дар болои тахта гузошта, бо ду тор арғамчин чӯбҳоро ба тахта маҳкам кардамедорад. Ҳезумкаш ё алафкаш ба ин восита аз 2 то 20 дарзаро ба пушташ гузошта, ба хона ё хирман меорад. Бортахтарошахси боркашҳангоми мондашавӣ дар ягон ҷойи қуллай,дар баландиемегузорад, то баъди дам гирифтан онро аз нав ба пушташ гузошта тавонад. Бортахта аз қафо, дар қисми поёнии миёнабанд гузошта мешавад.

**8.Хирманкӯбӣ:**Хирманкӯбӣ дар тамоми кӯҳистони тоҷикнишин ба истиснои баъзе амалҳояшқариб як хел аст. Ҳангоми дарзаҳои гандумро ба хирман овардан,бандҳои онро бо досбурида,паҳн мекунанд. Баъд якчанд (тахминан 5-6)барзаговро гардандбанд намуда,дар болои он

[1] Мухиддинов И. Осебености традиционного земледелческого хозяйства припамирских народностей в XIX- начале XX века / И.Мухиддинов. - Душанбе,1984.- С. 73.

меронанд,(ин усулро«галагов» мегӯянд). Барои гандумро нахӯранд,[1] ба даҳонашон "сабадча" мебанданд. Баъди чандсоати гардиши галаговӣ гандум аз поя ҷудо мешавад.Намуди дуюми гандумро аз хӯша ва поя ҷудо намудан бо чапар аст.[2] Чапарро аз шоху панҷаи дарахт тайёр намуда,онро бо ду гов баста дар болои дарзаҳои пора шуда давр мегардонанд ва баъди як чанд рӯз гандум аз хӯша ҷудо мешавад.Ин охирон амалиёти кори хирманкӯбӣ мебошад.Деҳқонон ба воситаи душохаву сешоха коҳи онро пурра гирифта, бо усули хорпушт ё амудӣ онро ғарам мекунанд.

Баъди аз коҳ тоза намудани ғарами гандум бодгарҳо аз ду тараф муқобили шамол истода, гандуми харашударо ба воситаикурчак ба бод медиҳанд, яъне ба воситаи курчакбел ба боло ҳаво медиҳанд. Ба ин усули кор гандум, ки нисбат ба коҳ вазнин аст, рост ба замин мерезад вакоҳро бошад бод ба дигар тараф мебарад. Ҳамин тариқ гандум аз коҳи майда ҷудо мешавад.[3]

Деҳқоне, ки замини камтар ва ҳосили кам гирифта бошад, гандумро ба воситаи чӯбигандумкӯбӣ аз хӯша тоза мекунад. Дар ин бора М.С. Андреев овардааст: «Тоза кардани гандум ба воситаи чӯби гандумкӯбӣ дар бисёр ноҳияҳо васеъ ба кор бурда мешавад. Шахсан ин усулро дар деҳоти гирду атрофии Кобул мушоҳида намудаам».[4]

---

[1] Мухиддинов И. Осебености традиционного земледелческого хозяйства припамирских народностей в XIX- начале XX века / И.Мухиддинов. -Душанбе,1984.- С. 158.

[2] Рахимов М.Р. Земледелие таджиков бассейна р.Хингоу в дореволюционный период / М.Р.Рахимов. -Сталинабад, 1957.-С. 34.

3Сухарева О.А.Традитция сочитания городских и сельских занятий в Средней Азии конца Х1Х-начало ХХ вв.// В кн:Товарно-денежные отношения на Ближнем и Среднем Востоке в эпоху средневековья /О.А.Сухарева. –М., 1979.-С. 187.

4 Андреев М. С. Таджики далины Хуф (Верховья Амудары). Вып 2 / М.С.Андреев.-Изд-во Тадж ССР, 1985. – С. 88.

Аҳолии Роғ ҳангоми дарав ва хирманкӯбӣ суруди ”Ман доғ”-ро ки дар тамоми сарзаминҳои тоҷикнишин машҳур буд, месуруданд, ки ибтидояш чунин аст:

Ҳе алло,ҳе алло,ёре,ман доғам,ё дӯст,

Фарьёд занъм сари зъвонъм сузаде,ман доғам,ё дӯст,[1]

Ё ин ки:

Хирмане дорем, ки як дон намегирем мо,

Майдаё-майдаё-майдаё.

Вақте гандум аз коҳ ҷудо мешавад,дар он якто нимто хӯшаҳои бо гандум мемонанд.Онро дуюмбора бо галагов «пайхун» менамоянд,яъне аз хӯша ҷудо мекунанд ва бо курчак бод медиҳанд.

**9.Бодкунии гандум:** Бодкунии гандум, асосан, бо воситаи курчак иҷро карда мешавад. Курчак аз чӯб сохта шуда, барои бод кардани хирмани гандум ва  тоза кардани барфи  болои бому хонаю оғилҳо истифода бурда мешавад. Курчакро аз дарахтони тут, арча, чанор ва бед тайёр мекунанд. Курчакбел аз 2- қисм даста ва кафи бел иборат аст. Дастаашро аз чӯби беди рост интихоб карда, баъдан онро аз пӯсташ тоза карда, бо пӯсти худаш дар танаи дарахт барои рост ва хушк шудан мебанданд. Қисми асоси ё кориашро аз дарахти арча ё чанор тайёр мекунанд. Ғулаи чӯби чанорро, ки 0,5 метрдарозӣ дорад, ба об муддати4-5 рӯз мегузоранд. Баъд аз онки обро меҷабад, устои чӯбкорғуларо бо теша 2 пора мекунад. Як пораи онро усто бо теша дар дастгоҳи кориаш оҳиста-оҳиста тарошида тунук месозад. Ҳангоми тарошидан пораи ғӯларо то ба 2- 2,5 см тунук намуда,ҳангоми тайёр шуданаш шакли даст ва кафи дастро мегирад. Қисми болоии курчакро бо оҳани мехмонанд, ки дар оташ сурх карда шудааст, сӯрох ё парма мекунанд. Ҳамчунин, дастаро низ сӯрох карда, кафи курчак аз таг ва даста аз болои он ба

[1]Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳонакии Кӯлоб /Р.Амонов. -Душанбе, 1963.-С.  24-25.

воситаи мехи чӯбин пайваст карда мешавад. Ҳамчунин, барои мустаҳкам шудан кафи курчак бо даста ба воситаи ресмони чармин онро мебандад.

Дар зимистон ба курчак равғани доғшудаи буз ё гов мемоланд, то ки ҳангоми руфтан дар курчак барф начаспад. Ҳангоми корҳои мавсимии хоҷагии деҳот,ба воситаи курчак метавонанд гандуми хирманро бод диҳанд.[1] Курчаки гандумбодкунӣ майда буда, курчаки барфрубӣ нисбатан калон мебошад.

Андозаи курчак чунин аст:45х50 см ва дастааш 1,80х1,90 см. Деҳқонони кӯҳистон вобаста ба қувваи бозуи худашон, ба устоҳотайёр кардани курчаки калон ё майдаро мефармоянд.

**10.Ҷойгиркунии гандуми кӯфташуда:**Барои аз хирман ба хона кашонда бурдани гандуми кӯфташуда аксари аҳолии кӯҳистон дар дастгоҳҳои бофандагии худ ҷувол ё хурҷин медӯзанд. Аксари деҳқонон гандумро дар ҷувол бор карда дар чигина гузошта ба хона мебаранд. Агар гандум камтар бошад,онгоҳ дар ҷувол болои асп гузошата,ба хона оварда, дар ҷойи махсус, ки онро кулӣ мегӯянд,ҷойгирмекунанд. Вале аксари аҳолии кӯҳистони Роғ гандумро сари вақт орд мекунанд,зеро ки зимистон обҳо ях баста осиёбҳои обӣ аз кор мемонанд.[2]

Осиёби обиро аъзоёни як деҳа месозанд ва онро барои орд кардани гандум, нахӯд,ҷав,мушунг ва амсоли инҳо истифода мебаранд. Дар осиёб, навбати аввал шахсоне, ки хонаҳояшон дур аст, гандумро орд мекунанд,навбати охир онҳое, ки хонаҳояшон дар наздикии осиёб аст.[3]Ҳангоме ки бори осиёб аз ҳад зиёд аст, хонаводае, ки орд надорад, омада ба осиёббон мегӯяд, ки «муштак» мекунам. Яъне маънояш ин аст,

---

[1] Мухиддинов И. Земледелие памирских таджиков Вахана и Ишкашима Х1Х –начале ХХ в. (Историко-этнографический очерк) / И.Мухиддинов. -М.: Наука,1975.-С. 99.

2 Кисляков Н. А. Таджики Каратегина и Дарваза.Вып 2 / Н.А.Кисляков, А.К.Писарчик. -Душанбе, Изд-во «Дониш» 1970. - С. 227.

3 Букинич Д. Д. Техника сельского хозяйства в Афганистане. Гл 7. / Д.Д.Букинич. -М., -Л., 1959. -С. 185.

ки мехоҳад як сатил ё як нимча гандумро бе навбат орд кунад. Агар осиёббон орд захира дошта бошад, ба ивази гандум баӯ орд медиҳад, дар ҳолати надоштан ӯ 8 ё 10 кг гандуми ин шахсро ба дули осиёб рехта, ҳамин миқдор орд ба ӯмедиҳад. Ҳамин тариқ, деҳқонон дар осиёби обӣгандуми худро орд карда, бурда дар рӯиҳавлӣ болои гилеме рехта каме шамол медиҳанд, чунки агар гармогарм дар кулӣҷойгир кунанд, муҳлати зиёд нагузашта орд талх мешавад.

**11.Захираи гандуми тӯхмӣ:** Аҳолии Роғқисми зиёди гандумро орд карда, як қисми беҳтарини гандуми ҳосил шударо барои кишти соли оянда захира мекунанд. Захираи гандумро дар ганҷурхона ҷой мекунанд. Барои ҷой кардани гандум фарши ганҷурро кофта хокашро мебароранд. Қисми болояш ба мисли танур майда буда, дохилаш хеле васеъ аст. Чоҳро ба воситаи коҳгил ва поруи гов андова мекунанд. Бо мақсади нам нагузаштан гирд- гирди онро бо коҳи зағирпоя ба мисли девор баланд карда,пас аз хушк шудани чоҳгандумро мерезанд. Баъзан чоҳто 4,5 сентнер гандумро меғунҷонад. Болояшро бо сарпӯш, ки аз хоку коҳ ва поруи гов тайёр карда шудааст, мепӯшонанд. Сарпӯши чоҳ ё чакдонро бо лаҳҷаи Роғиҳо «шупук» мегӯянд,аҳолии Ванҷ онро «сала»-и чакдон мегӯянд.[1]Аз ин захира хонавода метавонад талқон, гандумоб, дангича ва амсоли инҳоро тайёр карда, дар ҳама вақт истифода баранд.

Гандуми тухмии беҳтаринро тоза карда намак пошида, дар чоҳ нигоҳ медоранд, ҳамчунин, ҷуволи махсусе барои захираи тухмӣ мавҷуд буд.

**12.Ҷойгиркунии орд.Кӯлӣ-хамба:**Аксари аҳолии Роғ барои захираҳои орди худҷойи махсусеро месозанд, ки онро кӯлӣ мегӯянд.

---

[1] Моногарова Л.Ф.Язгуламцы Западного Памира / Л.Ф.Моногарова // СЭ.-М.:Изд-во АН СССР.-1949,- №3,-С.102.

Кӯлӣ, асосан, дар ганҷурхона сохта мешавад. Шакли он бештар чоркунҷа буда, масолеҳашаз хок, коҳмайда ва поруи гов тайёр мешавад.[1]

Кӯлӣ дар як кунҷи ганҷурхона (анбор) сохта шуда, орд дар он аз чангу хок ва мушҳо эмин мемонад. Баъд аз он ки кӯлиро бо лой ё хишт тайёр мекунанд, барои андова кардани он аз лойи коҳ ва поруи (саргин)-и гов истифода мекунанд. Қисми болои он кушода буда, ба он ордро мерезанд.

Дар қисми поён барои гирифтани ордсӯрохие мемонанд. Болои онро бо тахта ё тобачӯб пӯшонида, дар болои оняк қисм асбоби рӯзгорро мегузоранд. Ордро аз сӯрохии поён ба воситаи чумчаи ордгир мегиранд, ки онро кафча низ мегӯянд. Дар шаҳри Кобулва ноҳияи Ҳирот барои нигоҳ доштани гандум халтаҳои аз чарми тайлоқ ва буз тайёршударо истифода мебурданд. Инчунин, дар халтаҳоичармин равған ва дигар ашёҳоро нигоҳ медоштанд, ки андозаашон нисбатан хурд буд.[2] Дар баробари ин,аз хумҳои калони кӯлолӣ низ барои захираи гандум истифода мебурданд.

**13.Захираи коҳу алаф:** Аҳолии кӯҳистониРоғ барои захираи зимистони чорво, алаф ё коҳҷамъоварӣ мекунанд. Онҳо алаф ё коҳро бо чигина, ки гирдогирдаш чӯб монда шудааст ва онро «беза» меноманд, меоваранд.Коҳро дар ҷойи махсус барои зимистон нигоҳ медоранд ва онро бо чунин усул муҳофизат ё нигоҳ медоранд: Авваланҷойи онро тоза карда дар чор кунҷтахтасанг гузошта, ба болои он равчӯб ва дастаи бед мегузоранд. Коҳро махрутшакл ғарам мекунанд,ки ”хав”ном дорад.Хав аз дарза ё “веб”дар хав чинда мешавад,аз поён васеъ ва бо шуруи боло

1 Букинич Д. Д.. Техника сельского хозяйства в Афганистане . Т 1. гл 7. / Д.Д.Букинич.-М., -Л., Изд-во АН СССР,1959.- С. 186.
2 Букинич Д.Д. Асари зикршуда. –С. 186.

рафтан,ба монанди конус танг мешавад ва болояшро бо дарзаҳои обикоҳмепӯшонанд,ки аз барфу борон эмин мемонад.[1]

**Андозу андозситонӣ дар мавсими ҳосилғундорӣ.**

Ҳамаи заминҳои вилояти Бадахшон ба се категорияҳои юридикӣ(ба се дарачаи ҳуқуқӣ) тақсим мешуданд: заминҳои давлатӣ, хусусӣ ва вақфӣ. Деҳқононе, ки дар қитъаҳои хурди заминҳои амлокӣ ва вақфӣ кор мекарданд, амалан, дар вазъияти муздурӣ қарор доштанд.

Деҳқонон аксар вақт бо номи «ҳашар» дар заминҳои амлокдор ва дигар амалдорони калон тамоман бемузд кор фармуда мешуданд. Деҳқонон уҳдадор буданд, ки маҷбуриятҳои гуногуни ҳамлунақдиро баҷо оваранд.Деҳқонон аз заминҳои обӣ панҷяк ва аз заминҳои лалмӣ даҳяки(ушр) ҳосилро ба соҳиби замин ё давлат медоданд.Ғайр аз ин, амлокдор ба ивази «меҳнати» худ дар кори андозғундорӣ расман аз ҳар як батман (тақрибан 12 пуд) (ё 192 кг) ҳосили замини обӣ як нимхӯрд (12,8 кг) гандум ҳақмеситонд.[2]

Доруға (амалдори хурди хироч), ки ба хирман назорат мекард, ботариқи кавсан муҳрона мегирифт. Дар заминҳои обӣ ҳиссаи мироб баробари ҳиссаи амлокдор буд.[3] Оқсоқол аз ҳар батман нимчорякё худ панҷяки нимхӯрд дарёфт мекард.Ниҳоят домулло, имом ҳамагӣ ду ғалбери 64 қадоқ (25,8 кг) «ҳаққи Аллоҳ» ва кавсан мегирифт. Пас аз ҳамаи инҳо дарвешу қаландарҳо омада, назр талаб мекарданд.

Вақте ки деҳқонон ҳосилро ҷамъоворӣ мекунанд, нозир онро назорат мекунад ва амалдор ё доруға онро муҳр мезанад. Муҳргузорӣ чунин сурат мегирифт.Доруға дар болои пораҳои кулӯх муҳр монда,

---

1Андрианов Б.В. Хозяйственные типы Средней Азии и Казахстана.// В кн: Народы Средней Азии и Казахстана .т.2.(Серия Народов мира,этнографические очерки) / Б.В.Андрианов. -М.,1963.-С. 63-67.

[2] Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время.Очерки истории хозяйства и материальной культуры /Р.Махмадшоев.–Душанбе:Дониш,2001. -С.67.

[3] Сафаров Х.Х. Сохти маъмурӣ ва сиёсии Роғ / Х.Х.Сафаров //Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. -2013.- №4/ 53. –С. 193-197.

баъд кулӯхпораҳоро ба болои ғарами гандум бо тартиб мегузорад. Зеро агар ба хараи гандум андак даст расонанд, гандум лағжида кулӯхҳои муҳрзада ҷойи худро иваз мекунанд,дар ин сурат гандумдӯзд ошкор мешуд. Ғайр аз усули кулӯхмуҳрзанӣ, инчунин, доруға дар болои гандуми ҷамъкардашуда, поруи говро бо сафедхок давро-даври гандум ҷо-ҷо мегузошт. Дар сурати дуздӣ, поруи гов ва сафедхок ҷойи худро иваз мекарданд ва дуздӣ ошкоруғалладузд муайян карда мешуд.

Ғайр аз ин, деҳқонон дигар намудҳои андозро низ пардохт менамуданд, аз ҷумла, «қалъапулӣ» баҳри нигоҳдоштани сарбозонва афзори онҳо, «арбобона» ва, ҳамчунин, ба «ҳақулло» бафоидаи идораҳои динӣ, «муҳри хирман» барои шахсе, ки хирманро муҳр мезад.

ҲукуматиАфғонистонсиёсатибеадолатонаимиллиропешгирифта, бисёр қабилаҳои афғонро азпардохти андоз озод карда буд ва аз ҳисоби ғорат ва истисмор кардани тоҷикон ва дигар халқҳои ғайриафғон некуаҳволии қабилаҳои пашту беҳтар мегардид. Масалан, аз ҷониби амир Абдураҳмонхонбарои ҳар як аъзои қабилаи Муҳаммадзойӣмузди меҳнати яксола таъйин гардида буд, ки миқдори он 400-рупиябарои ҳар як мард ва 300-рупия барои ҳар як зан ташкил медод.

Сиёсати амир Абдураҳмонхон ба иқтисодиёти сангини халқҳои ғайриафғонӣ ва тоҷикон нигоҳ накарда, ба ҳукумат фоидаи зиёд овард. Масалан,фоидаи умумии давлат аз 14 миллион рупияи соли 1889 дар соли1891 ба 50 млн. рупия расид.[1] Яъне нисбат ба давраи ҳукмронии амир Шералихон дар давраи ҳукмронии Абдураҳмонхон андозситонӣ зиёда аз 4 маротиба афзуд.[2] Барои афзудани фоидаи хазинаи худ, амир Абдураҳмонхон тарзҳои гуногуни андозбандиро истифода мебурд. Тибқи фармони вай тоҷикони кӯҳистон аз ҳисоби ангурпарварӣ ва

[1]Губар М.Г. Афганистан дар масир-е тарих / М.Г.Губар. -Кобул,1959 .-С.134.
2Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время.Очерки истории хозяйства и материальной культуры /Р.Махмадшоев.–Душанбе:Дониш,2001. -С. 57.

тутпарварӣ ба миқдори як рупиягӣ андоз медоданд. Аз тоҷикони Бадахшону Роғ барои ҳар як ҷӯйбор замин ба миқдорӣ аз 5,7 то 10 тангагӣ андоз рӯёнда мешуд.

Он замон кор ба дараҷае расид, ки ҳангоми ҳосилғундории ангур бояд, ки ҳатман пули андоз пардохт мегардид. Натиҷаи чунин сиёсат буд, ки бисёре аз дарахтони ангур ва тут аз ҷониби аҳоли бурида мешуданд.Зеро дар дар он давра якбора андозбандӣ аз 1 рупия, то 10 рупия боло рафт.

Андозбандӣ ҳамчунин ба хонадоршавӣ низ тааллуқ дошт. Барои ба шавҳар баромадани духтар 10,5 рупия ва барои ба шавҳар баромадани бевазан 6,5 рупия рӯёнида мешуд. Агар дар оила писар таваллуд мегардид 4-рупия ва агар духтар таваллуд мешуд 2-рупия пардохт мегардид. Дар Роғ барои дафни мурда аз 3 то5 рупия андоз рӯёнида мешуд.

Дар Вахон бо сабаби гаронии андозҳо ва сиёсати истисморгароёнаи афғонҳо дар соли 1894 гуруснагӣ сар зад. Мувофиқи баъзе маълумотҳо аз нарасидани маводи ғизо қисми зиёди аҳолӣ фавтид. Одамон бо нон алафро ҳамроҳ намуда истеъмол мекарданд.Аҳолӣ он замон маҷбур мешуданд, ки порчаи замин, қулба ва кӯдакони худро ба ивази нон савдо кунанд.[1]Маводҳои бойгонӣ шаҳодат медиҳанд,ки аз ҳисоби андоз тоҷикони Роғу Бадахшон ҳар сол ба Кобул зиёда аз 80-духтар мефиристоданд, ки синну солашон аз 12 то 15-сола буданд.[2]

**Олотҳои кишоварзӣ**

Мардуми Роғ ба монанди дигар тоҷикониБадахшон дар кишоварзӣ асбобҳои анъанавии оҳанӣ, сангӣ ва чӯбиро истифода мебурданд. Ҳамаи

---

1Файз Муҳаммади Котиб. Сирадж-ут-таворих.Т 1-2. / М.К.Файз. -Кабул,1333 ҳқ.-С.187.

2Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время.Очерки истории хозяйства и материальной культуры /Р.Махмадшоев.–Душанбе:Дониш,2001. - С.58.

ин асбобҳоро мардум ва устоҳои маҳаллӣ месохтанд. Дар зер мо тавсифи асбобҳои кишоварзиро овардаем. Ин асбобҳое буданд, ки деҳқонон аз саршавии киштукор то ғундоштани ҳосил, куфта тоза кардан, орд кардан ва дар кулиҳо ҷо кардани ғалладона истифода мебурданд.

**1.Юғ:** Юғ чӯбест, ки ба гардани ҷуфти гов ниҳода ба омоч, чигина ва мола мебанданд. Юғ чӯби лӯлашакл буда, дарозиаш 2,5-3 м ва диаметраш 10- 15 ммешавад. Дар охири ҳарду тарафи он сӯрохие ҳаст, ки дар он ба таври амудӣ (вертикалӣ) юғлол (чӯбчаҳои дарозиашон 30-35см, диаметрашон2-2,5 см) мегузоранд. Юғлолҳоро бар гардани говҳо андохта, бо юғлолбанд мебанданд. Одамон барои устувор кардани отанг қисми мобайни юғро тарошида бориктар мекунанд ва баъзан бо мехи чӯбин ё оҳанин онро пайваст мекарданд.Юғи Роғиён ба монанди юғи Дарвоз,Бадахшон ва Кӯлоб мебошад.

**2.Испор:**Олоти асосии ҷуфткунӣ дар шимоли Афғонистон, қарияи Роғ сипар (испар, қулба) мебошад. Ин олоти меҳнат аз чунин қисмҳо иборат аст:

Испор-шакли кундкунҷаро дошта,дар ҷойи ба замин даромади оҳани ҷуфтро мупӯшонад.

Оҳани чуфт ё позаи испор(лемех)

Тир.[1]

Мувофиқи маводи этнографӣ ва маълумоти мадракҳои таърихи тамоми халқҳои Осиёи Миёна дар охири асри XIX ва ибтидои асри XXдар кӯҳистони тоҷиколоти асосии ҷуфт,омоч ба ҳисоб мерафт.[2]Дар мавзеъҳои гуногуни Осиёи Миёна ин асбоб номҳои гуногун дорад: Дар Фарғона ва Самарқанд «Сохтук», дар Бухоро –«Сохтик», дар Чорҷӯ-

---

[1] Рахимов М.Р. Земледелие таджиков бассейна р.Хингоу в дореволюционный период / М.Р.Рахимов. -Сталинабад, 1957.-С. 29-30.

2 Краснов Ю. А. Древнейшие упряжные пахотные орудия / Ю.А.Краснов, Ганбург Б. С. -М.:Наука, 1975. -С.134.

«Сохтӣ», «Рахт», «Кунда», дар Хуф- «Сипор», дар мавзеъҳои Хингов- «Сипор», дар Қаротегин ва Дарвоз- «Испор», дар Ишкошим-«Успер», дар Вахон- «Сипунд», дар Афғонистон, аз ҷумла, дар байни тоҷикони вилоятҳои Ҳирот, Ҳиндукуш, Кобул, Ғазнӣ, Бадахшон ва дигарҳо- «Испор» ва «Сипор», мегӯянд.Дар деҳаҳои Самарқанд, Қалъаи Боло ва баъзе деҳаҳои Осиёи Миёна омоч бо номи «умоч», ҳамчунин, дар бисёр деҳаҳои шарқтари Кӯлоб ҷойгирбуда бо номи «сипор» маъмул аст.

Олотиҷуфт аз рӯи ҳаҷм ба 3- намуд ҷудо мешавад:

1.«Испори калон» ё «Умочи обӣ»-робарои ҷуфт кардани заминҳои обии ҳамвористифодамебурданд. Он қисми болоии баланд дошта, «гардани испор» ба даста маҳкам карда мешуд. Вай чунон мустаҳкам карда мешуд, ки ҷуфтрон дар вақти кор қоматашро бисёр хам накунад.

Омочи дарози вазнин заминро чуқур ҷуфт карда ва дар вақти ҷуфт намепарад, бинобар ин,чуфтгар на он қадар монда мешуд. Мехи коркунандаи омоч мехи чӯбини калониамудие аст, ки қисми поёнаш хамида ва тез буда, (нӯги омоч) ба вай оҳани ҷуфт, ки аз оҳан ва чӯян сохта мешуд, пайваст карда мешуд.[1]

Оҳани испор аз дохил ковок ё дарунхолӣ аст, ки аз сӯрохии чуқуре барои пӯшонидани чӯби испор ба қисми поёнии омочииборат буда, нақши асосиро барои ҷуфткунӣ мебозад. Аз рӯи шакл оҳани испор секунҷаеро ба ёд меорад, ки ба болояш паҳнунӯгаш тез мебошад. Дар маркази оҳани испор сӯрохие аст, кибарои мустаҳкам нигоҳ доштани оҳанба омоч, яъне дар он сӯрохии мехи чӯбинро бо омоч пайваст карда, он дигар наменҷунбад. Ҷуфтгарон ба оҳани испор хеле боэҳтиёт

[1] Абдулвахидов Р.М. Скотоводческое занятие таджиков Кулябской области в конце X1X-начале XX века / Р.М.Абдулвахидов. -Душанбе, 1997.-С. 74.

муносибат мекунанд. Ҳангоми ба охир расонидани ҷуфт онро аз омоч ҷудо карда бо матое печонида,дар ҷойи дастнорас мегузоранд.[1]

Қисми болои омоч даста мебошад, ки ба он дастқапак пайваст мешавад ва онро «муштак» мегӯянд, ҷуфтгар омочро ба воситаи он идора мекунад. Даста нимдоираи чӯбин буда, дар чунин омоч як дона ба сӯрохиегузошта мешуд, ки ба воситаи он тири омоч мегузашт, дигараш ба сӯрохии дар қисми поёнии тири омочбудаҷой дода мешуд. Дар қисми пеши тири испор се- чор сӯрохиҳо мавҷуд аст, ки онро «Тешук- сӯрохии тири умоч» мегӯянд. Бо ёрии қулоқчӯб ба сӯрохие дар охири тири омоч ва отангбо юғ пайваст мешуд. Аз он ки ходачаро дар ин ё он сӯрохии ҷой медоданд, кунҷи хамиашро ба ҳамин иваз мекарданд, ки ин имкон медод чуқурии ҷуфтро назорат намоӣ. Баландии омоч тақрибан 1- метр тарошида мешуд ва он аз дарахтҳои сахт одатан аз зардолу, чормағз ё тут омода карда мешавад.

2.«Омочи лалмӣ» ё «Сипори адирӣ» нисбатан хурдтар ва сабуктар аст, он дар заминҳои лалмӣ дар паҳнои кӯҳҳо ва ё теппаҳо истифода бурда мешуд. Бинобар он ки дар вақти ҷуфт дар кӯҳҷуфтгар доимо як ҷӯяк аз омоч поёнтарқадам мезад, қисмати болоии омоч поён мефуромад, чунки ҷуфтгар баробар бо дастаи омоч ҳаракат менамуд.

3.«Хар-умоч» олоти ҷуфтест, ки аз рӯи ҳаҷм нисбати «Омочи лалмӣ»- хурд аст. Ин олоти хурди қуллайе буд, ки як ё ду хар онро мекашид. Ин омоч дар заминҳо мулоими ҳамвор ё заминҳои назди ҳавлигӣ истифода мешуд. Бо чунин олот фақат камбағалон кор мекарданд. Чунин олот дар ноҳияҳои гуногуни водии Фарғона вомехӯрад. [2] Мувофиқи маълумоти этнограф О.Муродовҳатто дар

1 Джаханов У.Земледелие Таджиков долины Соха в конце XIX- начале XX в / У.Джахонов. –Душанбе:Дониш, 1989. -С. 89.
2 Майендорф Е.К. Очерки Ферганской долины / Е.К.Майендорф. - СПб. 1882.-С. 343.

Панҷакент, Самарқанд ва баъзе мавзеъҳои дигар «Хар-омоч» -ро истифода мебурданд.

**Вазифаи оҳани ҷуфт:**Ҳангоми омӯзиши олотҳои меҳнатӣ чи дар Бадахшон ва чи дарТоҷикистон фарқиятҳои муайян дида мешавад.

Маводи мардумшиносӣ далолат мекунанд, ки дар асрҳои XVIII-чоряки аввали асри XIX оҳан дар қисматҳои кӯҳистони Роғ бениҳоят камёфт буд ва бо нархи баланд савдо карда мешуд. Аксаран оҳанро барои испор хоҷагирдорҳои давлат ё хоҷаҳо истифода мебурданд.

Капитани штаби генералии Артиши Россияи подшоҳӣ Ванновский ҳангоми тафтишот дар Рӯшон ва Язғуломи Помир солҳои 1893-94 қайд намудааст: «Олоти зироаткории қадимаи давраи ҷамъияти ибтидоӣ буда, асосан, аз омочи чӯбин иборат буд, ки бе оҳан истифода мешуд ва моларо бошад аз дарахти хушки бед месохтанд».[1] Дар бисёр ҷойҳои кӯҳистони Бадахшон ва Афғонистону Осиёи Миёна ба ҷойи оҳан ва чӯби испор шохи бузи кӯҳӣ истифода мешуд. Дар Бадахшони Афғонистон ва Роғдар асри  XIXва ибтидои асриXX чи хелеки Д.Д.Букинич қайд кардааст: «Пайкони ҷуфти омоч, асосан, аз сабаби кам будани оҳан ё паст будани қувваҳои истеҳсолкунанда мехи чӯбин истифода мешуд. Дар шимоли Афғонистон тоҷикон ғилофаки чӯбинро, ки шакли мехро дошт истифода мебурданд».[2]М. С. Андреев ҳангоми тадқиқоти этнографӣ дар водии Панҷшер айнан ҳамин намуди ба ҷойи оҳаназ чӯб сохта шудани оҳани испорро мушоҳида намудааст.

Нисбат ба ин масъала А.С. Бежкович қайд намудааст, ки қазоқҳои Ҳафтрӯд ба ҷойи оҳани нӯги испор ба мисли халқҳоиОсиёи Миёна

---

1 Ванновский. Извлеченние из отчёта о рекгносцировке в Рушане и Дарвазе 1893. г. СГТСМ по Азии 1894. Вып LVI. – С. 84.
2 Букинич Д.Д. Техника селского хозяйства в Афганистана.// В кн: Вавилов Н. И. Собр. соч. в 5 т. Т 1 гл VII. / Д.Д.Букинич. -М., -Л., Изд-во АН СССР, 1959. -С.174
.

ҳангоми сахт буданизамин, аз ғилофаки оҳанин истифода мебурданд.Дар қарияи Роғи Бадахшон ва роғиҳоиКӯлоб,асосан, ҳамаи қисмҳои юғуиспор як хел номида мешавад. Масалан, барои муқоисаи истилоҳииспораз дараи Панҷшер то Салангу Бадахшон азкӯҳҳои Ҳисор то Ҷануби Афғонистон низ тоҷикон ҳамаи қисмҳои испорро як хел меноманд.[1]

Ба ғайр аз юғу испор дар зироаткорӣ асбабҳои дигар низ истифода бурда мешуданд.

**4.Дос:** Олоти ягонаи даравгарӣ дос мебошад. Вазифаи ин олоти меҳнати дастӣ аз он иборат аст, ки ба он гандуму ҷав ва алаф медараванд. Тарзи сохтанаш:  Дастаи досҳои мардуми кӯҳистони Роғ аз дастаҳои досҳои зироаткорони дигар навоҳии Бадахшон каме калон аст, вале тарзи корашон як хел аст.Досҳо чанд намуд мешуданд:доси гандумдарав, коҳдарав, шохбур-аррадос вахишовакунӣ.Аҳолии Роғҳар намуди досро дар ҷойи худаш истифода мебурд. Доси аз ҳама маъмултар ин аррадос мебошад, ки байни тоҷикони Ҳиндукуш, Бадахшон, Помир, Дарвоз ва Ванҷ маълум аст.[2]Досҳо аз якдигар фарқмекарданд.

Масалан,теғи доси гандумдарав ҳалқа буда, вале алафдарав нисбат ба он хамиааш камтар аст. Доси шохбур бошад, теғаш аррамонанд, лекин дами донаҳои он беҷӯйча аст, вале аз арраи ҳезумбур дутарафа ҷӯйча дорад. Дастпаркол ба мисли корд рост буда, нисбатан вазнин аст. Инчунин ба он гӯшт низ майда мекунанд.

Дар шимоли Афғонистон, махсусан, Бадахшон досҳои дандонадор ёфт шудаанд, ки маҳсули дасти оҳангарони қарияи Роғу Ёвон мебошанд.

---

1 Бежкович А. С. Историко этнографическое особенности киргизского земледеля. //В кн: Очерки по истории
 хозяйства народов Средней Азии и Казахистана. Т. XCVII. ТР ИЭА АН СССР. Новая серия. -Л.: Наука, 1973 -С.84.

2Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время.Очерки истории хозяйства и материальной культуры /Р.Махмадшоев.–Душанбе:Дониш,2001.–С.69.

Маҳсулнокии досҳои дандонадор нисбат ба досҳои теғашон ҳамвор зиёдтар аст.

**5.Шохин:** Шохин яке аз олоти асосии хоҷагии деҳоти мардуми кӯҳистон ба ҳисоб меравад. Онро барои ҷамъу гирд кардани коҳу алаф дар пуштаю кӯҳҳо ва бор кардани коҳу алаф дар болои чигина истифода мебурданд. Инчунин,ҳангоми ғаллакӯбӣ бо говҳо, ки бо номи чапару галагов маълум аст, дарзаҳои калони гандуми пошхурдаро баъди як ё ду даври галагов бо шохин ба зери пой говҳо партоянд. Дар Осиёи Миёна ва Афғонистон, аз ҷумла, дар Роғ то инқилоби Россия се намудишохинҳо маълум буд. Усули сохтани шохин чунин аст: Аввал ягон дарахти нисбатан сахтро интихоб намуда, аз он ягон дастакашро, ки он дорои 2 ё 3 шох аст, мебуранд. Ғафсии чӯби дарахт 5-6 см ва дарозиаш 1,35 -1,50см буда, диаметри шохаҳо 1-2 см ва дарозиашон 30- 35см-ро ташкил медоданд. Барои он ки шоххои шохин мустаҳкам шавад, онро дар оташ обутоб дода, пӯсташро тоза мекунанд, баъди анҷоми ин корҳо дастаи шохдорро ба зери санги вазнине ба муҳлати як ҳафта мегузоранд, то ки рост шавад ва дар ин ҳолат шохаҳои шохин низ хушк мешаванд. Усули дигари сохтани шохин дар Роғ бо чунин шакл сурат мегирад: 4 ё 5 дона шохи чӯби дарахти сахтро гирифта, дар оташ обутоб дода, баъд пӯсти онро тоза карда, нӯги онро бо андозаи 2-3 см ба мисли қалам тез мекунанд. Ҳар панҷ шохро болои ҳам гузошта нӯги ҳамворашро аз боло ба поён сӯрох карда, баъд дар масофаи 5см дуртар низ сӯрох мекунанд. Ҳар 5-шохро дар масофаи 5-6 см аз якдигар дур гузошта қисми сӯрохдори онро ҷафс карда, бо ҳам ба воситаи ресмони борики чармин мебанданд, аз як тараф ва баракс. Акнун қисми поёнии дастаро 10- 12 смҳамвор карда, шоххои бофтаро дар болои он гузошта, аз ҷойи сӯрохкардаи шоххо дар ду шохи кунҷи ба даста мехи чӯбин зада, аз сари

нав бо ресмони чармин мебанданд. Ин усули тайёр кардани шохини чӯбин дар тамоми ҷойҳо маълум аст. [1]

Агар шохини рост лозим бошад, он шоххоро дар замини ҳамвор гузошта аз болояш товасанге мемонанд. Агар шохини шоххамида лозим шавад заминро каме чуқурӣ кофта, онро гузошта, дар болояш санги вазнинеро муддати як ҳафта мегузоранд, то ки шоххо хамида шаванд.Вазифаи панҷшох аз он иборат аст, ки ошовхоро аз гандум ба воситаи он ҷудо мекунанд, ҳамчунин, коҳгандумро хара карда, баъди майда кардан, бо панҷшох гандумро аз коҳ ҷудо мекунанд.

**6.Шохҷорӯб:** Шохҷорӯббарои рӯбучини хирмани ғалла ба кор бурда мешавад. Шохҷорӯбро аз гулхор ва дарахти шоху баргдори санҷид месозанд.Як қабза гулхорро, ки дарозиаш 1-1,20 см аст, бо дос даравида, қисми болояшро ба андозаи 25-30см барои доштан,ки даста мегӯянд, онротоза мекунанд, барои бастани шохҷорӯб навдаи тути тарро истифода бурда, навдаҳоро тоб медиҳанд. Баъд аз ин навдаҳоро бо ҳам ҷафс карда, бо навдаи тут аз се ҷояш мустаҳкам мебанданд. Барои паҳн шудани қисми пешаш ҷорӯбро дар замин гузошта, ба болояш санги вазнин мемонанд.Вақтеки ҷорӯб хушк мешавад, онро ба истифода медиҳанд.Ғайр аз корҳои хирманрӯбӣ,инчунин, вақти тайёр шудани гандуми кӯфташуда, хӯшаҳои нимкӯфта ба воситаи шохҷорӯб аз гандуми майдашуда тоза карда мешавад, то ки гандум барои идома додани бодкӯнӣ тайёр шавад. Ин корро дар вақти хирманкӯбӣ мардҳо иҷро мекунанд.[2]

**7.Чигина-(Чана):**Яке аз намуди нақлиёти боркашӣ буда, дар кӯҳистон васеъ истифода бурда мешавад. Устоҳои чигинасозаз чӯбҳои

---

1 Джахонов У. Земледелие таджиков долины Соха в конце XIX- начале XX в / У.Джахонов.–Душанбе:Дониш, 1989. -С.115.

2 Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Вып-2 / М.С.Андреев. -Сталинабад,1958. -С.245.

махсуси боқувvату мустаҳкам истифода мебаранд.Барои ин тут ё дулона мувофиқ аст. Дар кӯҳистони Роғи Афғонистон аз сабаби он ки асоси зиндагии мардум деҳқонӣ мебошад, чигина нақлиёти асосиҳисоб меёбад. Аввалан, устоҳои чигинасоз қучқоракро аз чӯби тут, дулона ва ё арча интихоб карда, чортарош мекунанд, то ки қисми пеши онҳо каме нимдоира шуда, шакли мукиро гирад,яъне пеши он (қучқорак) аз замин тахминан 20-25 см ҷудо шуда меистад,то озодонаҳаракат кунад. Баъд аз тайёр намудани қушқоракҳо, равчӯбро месозанд, ки ғӯлашакл аст ва онро дар қисми қафо ва пеши бинияки қушқорак пайвастмекунанд.Ғафсии ғӯлачӯбҳои равчӯб 35-38 см буда, дарозиашон вобаста ба ҳаҷми чигина тайёр карда мешавад.

Сеюмин коре, ки усто иҷро мекунад, ин болиштак мебошад, ки аз қисми қафо ба пеш гузошта шуда, дар қушқоракҳо пайваст мешавад.Дар болиштакҳо сӯрохиҳо аст,ки онҳоро ба воситаи равчӯбҳои 3-4 см қутр дошта пайваст мекунанд, ки сӯрох карда шудааст, вазифааш аз он иборат аст, ки алаф ва коҳро ба болои онҳо бор менамоянд. Болиштакҳо дар аввал ва охири чигина мегузоранд,ки аз дуто иборат мебошанд.Болиштакро аз чӯби ирғай,фарк ва ё сада тайёр мекунанд. Дар навбати 4-ум усто пояҳои чигинаи тайёр намудаашро, ки дар равчӯбвоқеъ аст, мегузорад. Пояҳои чигина аз 1,5–2 м ва ғафсиашон 10-12см мебошад.Пояҳоро метавонанд аз чӯби бед тайёр намоянд ва вазифаи пояҳо азпошхӯрӣ нигоҳ доштани коҳуалафҳо мебошад. Дар навбати панҷум, пастравчӯби дар зери равчӯб гузошташуда дар бинияки қушқорак пайваст карда мешавад, вазифаи чанбаракро иҷро мекунад.

Дар пастравчӯб, чӯби биникаш пайваст шуда, баъд чигина бо кашак ба юғпайваст карда мешавад.[1]Ҳамин тарз устоҳоиасри XIX ва

[1] Колпаков А.П. К вопросу о скотоводческих терминах у таджиков Кулябской области / А.П.Колпаков //Сообщение ТФАН СССР. -1948.-№9 -С.43-56.

ибтидои асри XXбарои осонии меҳнати деҳқон чигинаро тайёр мекарданд, ки он ба воситаи юғ ба ду барзагов баста мешуд.Чигинаро ба воситаи кашак,отанг ба юғ пайваст менамоянд.Чигина аз қисмҳои зерин иборат аст:

қучқорак.

бинияки қучқорак.

болиштак.

пояҳои чигина.

равчӯб.

пастравчӯб.

чӯби биникаш.[1]

**Боғдорӣ:**Боғу токпарварӣ дар сарзаминҳои тоҷикнишин аз замони қадим вуҷуд дошта инкишоф ёфта буд. Дар бисёр деҳаҳои Роғ аз қабили Ёвон, Хулдуск, Псхоҳон, шаҳри Бузург, Барроғ, Бузкӯш боғу токпарварӣ тараққӣ карда буд.Дар ин ҷо, асосан, ангур,себ,нок,анор,зардолую шафтолу ва кунҷит, тут, биҳӣ, чормағз парвариш мекарданд. Махсусан, сарзамини Роғ бо чормағзу тут, аз ҷумла, навъҳои тути «бедонаи кабуд», «бедонаи сафед», «хасак», «шастӣ», «шаҳтут», «музаффарӣ», «ҷирмӣ» шухрат дошт.[2] Аз ҷумла, хушк кардани тут дар кӯҳистони Роғ ба ҳукми анъана дарома буд, ки он тутҳои хушккардаро дар ҳамаи фасли сол истеъмол намудан мумкин буд.

Ҳамин тавр дар асоси маводҳои дар боло овардашуда ба хулоса меоем,ки кишоварзӣ яке аз машғулиятҳои асосии мардуми Роғ буд ва ба ҳисоб меравад. Соҳаи асосии кишоварзӣ парвариши гандум ва ҷав буд. Дар баробари ин ғалладонагиҳо ва растаниҳои дигар, ба монанди

---

[1] Рахимов М.Р. Земледелие таджиков бассейна р.Хингоу в дореволюционный период / М.Р.Рахимов. -Сталинабад, 1957.-С. 41-42.

[2] Мышковский Я.И. Жилище разных эпох. Вчера, сегодня, завтра / Я.И.Мышковский.М.: Стройиздат, 1975. -С. 155.

шолӣ,ҷав,ҷуворимакка,арзан,кунҷит,зағир низ кошта ва парвариш карда мешуданд. Дар Роғ дар асри XIX ибтидои асри XX кишоварзӣ хусусияти анъанавӣ дошт. Кишти гандум баҳорӣ ва тирамоҳӣ буд. Дар кишт, парвариш ва ғундоштани ғалладона усулҳои анъанавии садсолаҳо пеш ташаккулёфта истифода бурда мешуданд. Олоти асосии кишоварзӣ юғусипор, каланд,шохин ва дос буд. Шудгор ба воситаи юғу сипор ва барзагов иҷро карда мешуд. Ҳамаи корҳои кишоварзӣ дастӣ иҷро карда мешуданд. Нақлиёти асосӣ барои кашонидани ҳосил ба хирман ва баъди он ба хона чигина ва хар буд. Ин усули киштукор дар Роғ то имрӯз боқӣ мондааст. Роғиҳои минтақаи Кӯлоб ин усули анъанавиро то барқароршудани Ҳокимияти Шӯравӣ истифода мебурданд[1]ва баъд ба усулҳои нави замонавӣ бо истифода аз трактор ва дигар техникаҳои кишоварзӣ гузаштанд. Усули кишт, парвариш ва ғун доштани ғалладона дар Роғ дар маҷмӯъ бо усуле, ки тоҷикони дигар минтақаҳои кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияҳои ҳамсоя истифода мебурданд, як хел буд. Ин ҳамсонӣ аз ягонагии шароити табиӣ,таърихӣ, нажодӣ ва фарҳангии тоҷикони ин ва дигар минтақаҳои кӯҳистон сарчашма мегирифт.Заминҳо обӣ ва бештар лалмӣ буданд.

Низоми андозғундорӣ низ анъанавӣ буд. Деҳқонон баъди ҳосилро ғундоштан дар сари хирман андозҳои гуногуни давлатӣ ва маъмурию уиҷтимоиро месупориданд ва танҳо баъди ин боқимондаи ҳосилро ба хонаҳояшон мебурданд. Миқдори андоз аз миқдори ҳосил вобаста буд. Дар баъзе давраҳо гаронии андозҳо ба қашоқшавии деҳқонон оварда мерасонид. Ҳукуматдорони афғон аз ҳокимияташон сӯистифода карда, ба воситаи андозбандиҳои гарон ва иловагӣ халқи тоҷик ва дигар халқҳои ғайриафғонро бераҳмона истисмор мекарданд.

[1]Кисляков И. А. Кулябские таджики. //Сообщ ТФАН СССР.-1949. -№11. -С. 31-34.

Соҳаҳои асосии сарзамин, кишоварзию боғутокпарварӣ буд. Мувофиқи шароитҳои табиӣ чандин намудҳои гуногуни меваҳо, аз қабили себ, ангур, нок, анор, зардолую шафтолу ва кунҷит, тут, биҳӣ, чормағз ва аз полизиҳо тарбузу харбузаи лалмӣ парвариш карда мешуданд.

Аз сабзавот дар ноҳияи Роғ боимҷон, испаноҷ, гулкарам, тарак, каду, шалғамча, сабзӣ, шалғам, пиёз, картошка, помидор, сир,корида мешуд. Дар баробари ин, аз алафҳои худрӯии кӯҳӣ аз қабилӣ: чукрӣ, хоч, модел, торон, ров низ васъе истифода мебурданд.[1]

Дар баробари орди гандумӣ ва гӯшт, инчунин,меваҳо, сабзавот ва алафҳои худрӯй ва фоидабахши кӯҳӣ бахши муҳими хӯроквории роғиҳоро ташкил мекарданд,ки дар ҳар мавсими фасли сол хӯрокҳои алоҳида тайёр мекарданд.

Усули обёрии заминҳои кишт низ анъанавӣ буд.Заминҳои кишт ду намуд буданд-обӣ ва лалмӣ. Заминҳои лалмӣ ба таври табиӣ аз оби барфу борон обёрӣ мешуданд. Заминҳои обиро ба воситаи ҷӯй ва корезҳои кандашуда аз дарёҳо ва корезҳо об медоданд[2]. Ҷӯй ва корезҳоро ҳокимон ба воситаи ҳашар бо истифодаи деҳқонон дастӣ иҷро мекарданд.

---

[1] Муҳаммад А. Афғонистон / А.Муҳаммад.- Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1960.- С. 40.

[2] Махмудов К.Земледелие и аграрные отношения в Средней Азии в X1V -XVвв / К.Махмудов. -Душанбе, 1966. -С. 102.

# БОБИ III. ҲУНАРМАНДӢ ВА ТИҶОРАТ

## 3.1.Рушди шаклҳои гуногуни ҳунармандӣ

Мадракҳои бойгонӣ ва этнографӣ оид ба ҳунарҳои аҳолии Роғи асри XIX ва ибтидои асри XX маълумоти зиёдме диҳанд. Дар ин айём таъғйироти зиёде дар ҳунармандӣ ба вуҷуд омад. Махсусан, дар ноҳияҳо ва қисми зиёди деҳаҳо марказҳои ҳунармандӣ пайдо шуда буданд. Шумораикорхонаҳоиҳурнармандӣафзудабуд. Маҳз дар ҳамин давра институти махсуси устоду шогирд ва анъанаи махсуси устодию шогирдӣ ба амал омада буд, ин соҳаро дар доираи анъанаи худтанзим мекард. [1] Ҳунармандӣ дар баробари хоҷагии деҳот барои аҳолии кӯҳистони Роғ як машғулияти доимӣ шуда буд.

Дар корхонаҳои калони ҳунармандӣ сардори онро устод ё соҳибкор меномиданд. Устод шогирдонро ба коргирифта аз 1 то 8 сол ҳаққи шогирдпулӣ ва баъди он 2-3 сол ҳаққи нимкор (яъне 50% корашро) медод ва баъди ин ба ӯ дуову фотеҳа дода,барои мустақилона кор кардан иҷозат медод.

Ҳунари дастӣ яке аз намудҳои оммавӣ васанъати халқӣ буда, аҳамияти онба ҳеҷ кас пӯшида нест, ҳар як матоъ, гулдӯзӣ ва ҳар як чизи хушнамуди рӯзгор талаботи зебоипарастии одамонро баланд мебардорад. Аз маҳсули ҳунари дастӣ дар навбати аввал матоъҳои бофандагӣ,кашидадӯзӣ ва гулдӯзӣ, чити гулдор ва ҳар гуна матоъҳои дигарро қайд кардан лозим аст, ки истеҳсоли онҳо бо дараҷаи баланд расида буд ва ҳунармандонаш шуҳрати калон пайдо карда буданд.[2]

---

1 Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳакимов.–Душанбе:Ирфон, 2006. -С. 425-426.

2 Писарчик А.К. Кулябская этнографическая экспедитсия 1948г / А.К.Писарчик // Изв ТФАН СССР.-1949.-№15.-С.89-97.

а)Бофандагӣ:Дар бисёр маҳалҳои тоҷикнишини Бадахшон, аз ҷумла, Роғ, Яфтал,Ёвон ва Файзобод бофтани матоҳои пахтагӣ ва пашми маълум буд. Дар водии Роғ бештар алоча мебофтанд ва ин намуди матоъро аксарон аз ресмони абрешим мебофтанд, вале алочаи пахтагин нисбатан кам бофта мешуд, зеро ки пахтаро аз дигар минтақаҳо меоварданд. [1] Карбосбофӣ дар бисёр деҳаҳо маъмул буд.

Санъати гулдӯзӣ низ инкишоф ёфта буд, ки нақшу нигори зиёде доштанд. Ғайр аз ашёҳои калони гулдӯзӣ дар ҳар як деҳаи Роғ хелҳои майдаи ашёҳои гулдӯзиро тайёр мекарданд, ки тӯри арӯсии тоҷикдухтарони кӯҳистон, рӯймолҳои «нози пешона», кӯртаҳои гулдӯзии мардона ва занона, халтачаҳои ҷиҳознигоҳдорӣ, якабандҳои сернақшунигор, ашёҳои гаҳвораи кӯдак ва либоси гуногуни гулдӯзӣ аз қабили ҳаминҳо мебошанд.

Дар гулдӯзии каллапӯшҳо хусусиятҳои маҳаллӣ чунон равшан ифода меёфтанд, ки аз рӯи каллапӯш, ҳамчун аз рӯи ҳуҷҷат, аҳолии ин ё он қария будани касро шинохтан мумкин буд.[2]

Дар сарзамини Роғ зиёда аз 50-соҳаи косибӣ вуҷуд дошт. Дар Ёвон Псхоҳон, Бароғ, Хулдуск, Кӯлоб, Петиёв, Хумрӣ, Кумроғ косиби хеле ривоҷу равнақ ёфта буд.[3]

Дар маҳалҳои баландкӯҳи Роғ касбҳои хонагӣ маъмултар буд, ки дар ин шакли косибӣ муомилоти байни усто ва истеъмолгар, яъне байни молфурӯшу молгир фақат тавассути ивази як мол бо моли дигар анҷом меёбад. Баъзе деҳаҳои Роғ дар истеҳсоли ин ё он мол тахассус ҳам ёфта буданд.Бофандагони Роғ намаду моҳут, айилу арғамчин

[1] Карутц Р. Среди киргизов и туркменов на Мангышлаке / Р.Карутц СПб. – Девриана, 1914.-С.140.
[2] Писарчик А.К. Доир ба вазъияти ҳунари дастӣ дар Тоҷикистон / А.К.Писарчик // Шарқи сурх. -1958.- № 2. -С. 119-124.
[3] Сафаров Х.Х. Аз таърихи ҳунарҳои мардуми / Х.Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. -2020.-№1.-С. 71-75.

мебофтанд.Алочабофӣ, сабадбофӣ, хурҷинбофӣ, ҷуроб бофӣ дар Ёвон равнақ ёфта буд. Дар Барроғ бофандагӣ яке аз касбҳои муҳим ба шумор мерафт, ки дар ин касб занҳо бисёр ширкат доштанд. Занҳо дар хона пахтаро ҳаллоҷӣ карда, мересиданд ва дар дастгоҳҳои бофандагӣ карбос мебофтанд, ки онҳо барои эҳтиёҷоти рӯзгор ва ҳам барои фурӯш истифода бурда мешуд.

Дар бисёр дӯконҳо аз ашёи зироати маҳсулот тайёр мекарданд. Равғани кунҷид ва зағири Роғ эҳтиёҷоти ноҳияро таъмин мекард. Аслиҳасозон милтиқу шамшер, устоҳои кордсоз,кордҳои шикорӣ месохтанд. Оҳангарони маҳаллӣ ба дараҷаи баланд тахассус доштанд. Онҳо наъл, каланд, дос, табар, тири чархиосиё, теша, каноч ва дигар асбобҳои рӯзгормесохтанд.[1]Дар Роғ чунин намудҳои ҳунармандӣ бештар ривоҷ ёфта буданд: Бофандагӣ, рағзабофӣ, намадрезӣ, элакбофӣ, сабадбофӣ, қамчинбофӣ, чармгарӣ, собунпазӣ, кулолгарию дуредгарӣ ва амсоли инҳо мавҷуд дошт.

**б)Рағзабофӣ:**Яке аз ҳунарҳои миллии мардуми Роғ рағзабофӣ ба ҳисоб меравад. Ин мардум аз қадим барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии худ, аз ҳунарҳои аҷдодиашон истифода мебаранд. Дар рағзабофӣ баробари мардон занҳо низ ҳисса мегузоштанд. Барои нигоҳ доштан ва аз якҷо ба ҷои дигар бурдани ғалладона, орд, коҳ ва дигар ашёҳои рӯзгор банд,ҷувол, хурҷин, қанор, гилем, қоқма тайёр карда мешуд.

Мӯйсафедони Дашти Терай тарзи тайёр кардани рағзаро чунин шарҳ медиҳанд. Барои тайёр кардани гилем ашёи хом аз пашми буз, уштур, нахи пахта ва қисман пашми гӯсфанд истифода бурда мешавад.

---

1 Хамроев М.Очерки истории Гисарского бекства  конце X1X и начала XX в / М.Хамроев. -Душанбе, 1959.- С. 43.

Тайёр намудани рағзабофӣ: аввал пашмро аз ҳар гуна хасу хор тоза карда, бо омехтаи пахта, пашми буз, пашми гӯсфанд ба воситаи урчуқ ё чархаи дастӣ ришта тайёр мекунанд. Баъд аз ресидан калоба тайёр мешуд. Калобаҳои тайёршуда барои рағзаи гилем гуногунранг мешавад.

Барои ҷувол, хурҷин, қоқма, камзули сахт калобаҳои якранг тайёр мекарданд.Инчунин бомази барои корҳои хоҷагии қишлоқ,ҳангоми бузкаши ва шикор низ истифода бурда мешуд.[1]

Бо ҳамин усул вақте ки ашёи хом тайёр шуд, дар замини ҳамвор ба дарозии 3-4 метр аз ду тараф поя зада аз байни пояҳо чӯбҳоро ба паҳлуяш мегузоранд. Аз калоба торҳоро дар як равиши муайян, ки тақрибан бари рағза 50-60 см-ро ташкил медиҳад,метананд. Дар дастгоҳи рағзабофӣ танҳо як амалиёт кор фармуда мешавад. Яъне як гурӯҳи торҳо паст ва гурӯҳи дигари торҳо ба боло бардошта мешаванд. Акнун бофанда калобаи дигарро, ки пуд ном дорад, ҳангоми пасту боло кардани торҳо мегузораду ба воситаи корди чӯбин ё кордак, ки дарозиаш тақрибан 60-70см мебошад, пудро ба тор суфта мекунад. Бо ҳамин усул рағзабофӣ идома меёбад. Дар натиҷа гилемҳои андозаи 3-4 метра ё ҷувол, хурҷин, қанор ва монанди инҳоро низ метавонем тайёр намоянд.

**в)Намадрезӣ**:Ҳунарҳои миллии ниёгонамон,ки аз замонҳои пеш сарчашма мегиранд, то замони мо омада расидааст. Дар ҳар деҳа хоҳ кӯчак бошад, хоҳ бузург ҳатман ҳунарҳои гузаштагонашонро аз бар кардаанд ва то имрӯз идома дода истодаанд.

Яке аз шуғли тоҷикони Роғ, аз ҷумла, роғиҳои Кӯлоб ин намадрезӣ ба ҳисоб мерафт.Аз ҷумлаи устоҳои намадрез: Қурбонмади Маланг(аз деҳаи Хушкасангов),усто Мирзою усто Бобо (аз деҳаи Туданӣ), усто

---

[1] Писарчик А.К.. Одежда .// В кн: Таджики Каратегина и Дарваза. вып 2 / А.К.Писарчик, М.А.Хамиджановой. –Душанбе:Дониш, 1970. -С. 124.

Мадқосиму усто Ватанӣ (аз деҳаи Сафедоби боло), усто Машрабу усто Мадалӣ, усто Маҷиду усто Самад (аз деҳаи Урсихо) ба қатори устоҳҳои гулдасти намадрез мансуб меёфтанд. Ҳар яке аз ин устоҳо бо ҳунари зебои худ хонаҳои худ ва хонаҳои гирду атрофи Дашти Терайро зебу зиннат медоданд.[1] Ба хусус, дар деҳаи Хоҷағалтон, Доғистон, Бодомту, Дараи об, Деҳидарозак ва Туданӣ ин шуғли миллии гузаштагон то ҳол идома дорад.

Намадрезӣ чунин коркард мешавад: Намад аз пашми гӯсфанд тайёр карда мешавад. Пашми гӯсфандро тарошида, сипас, онро тоза шуста ба зери шуоҳои офтоб мегузоранд то хушк шавад. Баъд аз он тахминан 12-15 кг-и онро аҳли хонавода бо дастонашон суст ва тор-тор мекунанд. Баъди ин кор онро ба назди устои пашмпай, ки хонаи алоҳида ҷудо карда шудааст, мегузоранд. Асбоби усто аз пашмпай- наддофи пашм, ки дар кӯҳистони Роғ ин асбобро камони пашмпай мегӯянд, иборат аст. Дарозии ин асбоб 1,50 м мебошад, ки аз ду тараф ба воситаи зеҳи буз, ки (аз рӯдаи буз тайёр карда мешавад) пайваст мешавад.[2] Зеҳи камон ба воситаи ғӯлаи чӯбин, (лӯла, лӯнда), ки онро кувва мегӯянд, зарба зада мешавад. Аз ин зарбаҳои пай дар пай, ки ба пашм мерасад, пашм аз ҳам тор-тор ҷудо шуда, шакли хаф ё кафки дарёро мегирад. Ба назди усто 4 ё 5 кг пашми тозакардаро мегузоранд ва усто даҳону биниашро бо латтае мебандад, зеро дар таркиби пашм ҳарчанд ки шусташуда бошад ҳам, чангу хок қадаре боқӣ мемонад, ки ин ба саломатии усто зарар оваданаш аз эҳтимол дур нест.Ҳангоми ҷамъоварии маводҳои этнографи ҳамсуҳбатам чунин иброз намуд:“Устои пашмпай ба қадри ду болишт ба зери пояш курпачаро дуқат карда мемонад ва камони пашмпайи худро ба дасти чап ва асбоби

1 Розиқи С. Равзанаи Субҳ / С.Розиқ.-Душанбе, 2002. –С.63.
2 Букинич Д.Д. Техника сельского хозяйства в Афганистане. В кн: Вавилов Н.И. Соб. соч в 5-томах т. 1. гл 7 /Д.Д.Букинич. -М.,- Л., Изд-во АН СССР, 1959.-С.196.

лундашаклро ба дасти росташ гирифта, ба андозаи 3-5см баланд дар болои пашмҳо дошта, ба кор сар мекунад.Усто 15 кг пашмро дар 3 ё 4 рӯз тайёр мекунад.”[1]

Қисми дуюми кор:Устои намадрез аз пашми сафед, бандчаҳо мебофад, ки ба ин восита гулҳои дилхоҳи худаш,намадро тарҳезӣмекунад. Дар болои замини ҳамвор палос ё шолча густурда, баъд аз он пашми тайёршударо бо чӯбчаи махсус, ки онро газича (андозааш 1 газ буда, ғафсиаш 1см) истифода мебарад,усто дар миёнаш ду гӯшаи рӯймолро баста, ду гӯшаи дигарашро дар дасташ гирифта дар он пашм ҷой мекунад. Ба усто ду нафари дигар ёрдам мерасонанд. Пашмро ба воситаи газича афшонда-афшонда паҳн мекунад. Ҳангоме ки пашм масоҳати интихобкардаро мегирад, усто ба хости худ дар болои он пашм ҳар намуд гул мегузорад, ки инро гули қушқорак мегӯянд, зеро шакли шохи қӯшқорро дорад.[2]

Баъди ин амалиёт 3-4 сатил оби широгармро ба болои пашм мепошанд. Аз як тарафи гилеми пашм паҳн карда, ки гулҳо гузоштаанд, ғӯлачӯби рости диаметраш 25-30 см, дарозиаш 3-3 м-ро гузошта, бо эҳтиёт ашёи хомро бо гилем лӯла карда мепечонанд ва бо банд онро аз як сар то сарӣ дигараш давро-давр ё шакли лӯла карда бо арғамчин мебанданд. Ҳамчунин, аз ду тарафи ғӯлачӯб ба андозаи 1,5 -2 метри банд баста мешавад.

Қисми сеюми кор: Вобаста ба масоҳати намад 4-5 нафар ҷавонони деҳа намади нимхомро аз ду тарафе, ки бо арғамчин баста шудааст бо навбат ба чапу рост ғел медиҳанд, баъди 5-6 дақиқа онҳо лаҳзае меистанд ва 4-5 нафар ҷавонони дигар болои он баромада оҳиста –оҳиста

[1] Мувофиқи ахбори Алимадов О.(1909-2012).сокини н. Шӯрообод, д.Урсихо.
[2] Букинич Д.Д. Асари зикршуда. -С. 197.

лагадкӯбмекунанд. Ин тарзи кор то 1-1,5 соат давом меёбад.Ҳангоми ҷамъоварии маводҳои этнографи ҳамсуҳбатам чунин иброз намуд:"Баъди он гиреҳро кушода дар хонаи гарме оварда намадро аз гиреҳу ғӯллаю палос ҷудо месозанд ва аз сари нав лӯла мекунанд.Намадрезиро, асосан, охири фасли тирамоҳ ва аввалҳои фасли баҳор иҷро мекунанд".[1] Баъдан,5-6 нафар ҷавони дигар дар як қатор чорзону нишаста, бо дасту оринҷҳо намадро молиш медиҳанд ва ин тарзи кор муддати 2-2,5 соат давом мекунад, ки бо навбат қариб 20 нафар иштирок мекунанд.Баъзан дастҳои ҷавонони камтаҷриба ва ё бетаҷриба ҳангоми намадмолӣ то оринҷ хароша мешавад.Ҳангоми бо охир расидани ин амалиёт, намадро кушода аз чор кунҷаш кашида, агар мабодо каҷ бошад,рост карда, баъд ворқат карда, усто ба онҳо дуои нек дода, яке аз ҷавонон намадро се маротиба то қафаси сина бардошта ба фарши хона мепартояд. Бо ҳамин кори намадтайёркунӣ ба охир мерасад ва барои он ҷавононе, ки дар ин маърака иштирок доштанд, аз ҷониби соҳибхона зиёфат дода мешуд.

Олоти камони пашмпай иборат аст аз: танаи камон, зеҳи камон, чӯбчаи барои ба эътидол овардани зеҳ, кувва ё лӯнда барои ба кор даровардани зеҳи камон.

**г)Элакбофӣ:**Элак дар ҳаёти мардуми кӯҳистон нақши калон мебозад. Аз ҷумла, барои ордбезӣ ва ширполоӣ истифода бурда мешавад.[2] Усули коркардаш: элакро аз қили думи асп мебофанд. Усули бофтанаш хеле оддӣ мебошад. Дар ду тараф чӯбчаро ба замин ҷой карда, қили аспро майда бофта ба шакли чоркунҷа панҷаравор кашида, чун қур мебофанд. Андозааш 35,45 ё 50см мешавад. Баъд бо андозаи муайян онро

---

[1]Мувофиқи ахбори Раҷабов Б.(1917-2005) сокини н.Фархор,д.Бустон.
[2]Ершов Н.Н. Пища. //В кн: Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 2 / Н.Н.Ершов. – Душанбе:Дониш, 1970.-С. 227.

ба шакли доира мебуранд. Аз пӯсти бед ё тут шакли доираи бо андозаи бофтаи элак мувофиқро тайёр мекунанд. Барои мустаҳкам шудани доираи элак пӯсти бедро дуқабат карда, дар байнаш хамир мегузоранд. Баъд бофтаро дар доира монда бо матое давродаври онро бо ресмоне,ки аз чарми буз ё гӯсфанд,тайёр мекунанд медӯзанд. Ин амалиётро барои мустаҳкам шудани элак иҷро мекунанд.

**ғ)Сабадбофӣ:**Сабадбофӣ яке аз шуғлҳои ниёгони мо буда, дар рӯзгори мардумони кӯҳистон васеъ ба кор бурда мешавад.Ба дохили он нон, меваи хушк,сабзавот, либосворӣ гузошта дар шохи дарахт ё рави хона овезон мекунанд. Дар ҳолатҳои дигар ба зери он шир, чакка, қурут гузошта дар болояш ягон товасанг мемонанд, то ки сагу гурба онро чаппа накунад. Ҳамчунин, барои гову гӯсфандонро эму хошок додан дар дохили он коҳу алаф гирифта, аз як ҷо ба ҷои дигар бурдан хизмат мекунад.

Тарзи тайёр кардани сабад:Ҳунармандон мавсими бофтани сабадро хеле хуб медонистанд.Онҳо навдаи яксолаи дарахтони химчабед ва зарбед, туту курти кӯҳиро бурида, аввал муддати 3-4 соат дар об тар мекунанд. Химчаро баҳорон ҳангоми сабз нашудани дарахтон ё тирамоҳ ҷамъ меоваранд. Аввал химчаҳои интихобкардаро дар об тар мекарданд ва баъди тар кардан 20-30 дақиқа буғ медоданд. Барои он ки ҳангоми бофтан нашиканад, химчаҳоро дар шакли ҳалқа ба деги калон андохта, то муддати дилхоҳ меҷӯшониданд,сипас,ба бофтани сабад оғоз мекарданд. Одатан сабадҳо шаклу намуди гуногун доранд, ки ба расму русуми мардуми минтақа вобаста мебошанд. Ҳунармандони касбӣ сабадро беқолаб мебофанд. Пеш аз оғози кор товасанг ё ғӯлачӯб гузошта мешуд ва нӯги навдаҳоро дар баландии дилхоҳи дарахт баста, сипас, ба бофтан сар мекунанд. Ҳар қадар сабад сахту бонизом бофта шавад, ҳамон қадар мустаҳкам ва зебо меояд. Ҳангоми бофтан ҳатман сари

навдаҳо ба дохили зарфи бофта меоянд. Ҳамсӯҳбатам иброз намуд:“Ҳунармандони касбӣ баъзан химчаҳоро дутогию сетогӣ ба ҳам пайваста шаклу нақшҳои гуногунро меофариданд, ки ба сабад ҳусни нав медод”. [1] Сабадҳо хелҳои гуногун доранд:сабади гирда, дарозрӯя, харсабад, сабади нонмони,сабади дастадор,охурсабад ва ғайра.Сабади калонро дар кӯҳистони Роғ чаштак низ мегӯянд.

**д)Қамчинбофӣ:** Санъати бофтан ва тайёр намудани қамчин дар байни халқҳои Осиёи Миёна ва кӯҳистони тоҷик аз замонҳои пеш сарчашма мегирад. Зеро савор ҳаракати аспро ба воситаи лаҷому қамчин идора мекунад.

Усули тайёр кардани қамчин: 50-60см чарми говро гирифта, суфта мекунанд ва аз болои он аз пӯсти хоми буз ё гӯсфанд чарми суфтакардашуда мебофанд. Дастаи онро тахминан 45-50см ва аз чӯби дарахти бодом ё ирғай тайёр мекунанд.Қисми поёнии дастаро махрутшакл карда,як паҳлӯяшро ҳамвор мекунанд. Баъд пӯсти бофташударо ба даста ба воситаи ресмони чармӣ мустаҳкам мебанданд.

Қисми болоии дастаро ба воситаи дарафш сӯрох карда, ба он ресмон ё риштаи чармӣ мегузаронанд, то ки қамчинро дар даст ба воситаи он ришта овезон кунанд. Ҳангоми дави аспқамчин аз даст намеафтад.

**ё)Чармгарӣ:** Чармгарӣ ё даббоғӣ яке аз қадимтарин навъҳои ҳунармадӣ аст. Дар замонҳои қадим одамони ибтидоӣ пӯсти ҳайвонотро ба сифати либос истифода мебурданд. Дар кӯҳистони тоҷик,махсусан, дар сарзамини Роғ чармгарӣ шуғли асосии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Дар асри XIX ва ибтидои асри XX шуғли чармгарӣ хеле васеъ паҳн шуд, ки устоҳои чармгар ба аҳолӣ чоруқ, чамбӯс ва маҳсӣ дӯхта пешкаш мекарданд. Ин устоҳо мукиҳои мардона, занона ва кӯдаконаро аз чарм

---

[1]Мувофиқи ахбори Икромов Н.(1906-2005) сокини н. Шӯрообод, д. Хоҷағалтон.

тайёр мекарданд.[1] Равиши тайёр кардан ва коркарди чарм чунин буд: пӯсти гов, буз ва гӯсфандро гирифта, бо роҳи ош додан, яъне бо хокистар ва намак пӯстроаз пашм тоза мекарданд. Пӯсти гов ё гӯсфанди кушташударо гирифта, намак пошида, таҳ карда, муддати 4-5 рӯз мегузоранд, то ки вақти кушодани он пашм ба осонӣ аз пӯст ҷудо шавад. Баъд ин пӯстро шуста ба восита хока ё пӯсти бодом дуд медоданд, то ки ранги он таъғйир ёбад. Баъди ба анҷом расонидани ин кор, шахсони алоҳида онро молиш дода, ба чарм мубаддал мегардонанд. Ин кор меҳнату машаққати зиёдеро талаб мекард. Дар замони ҳозира ҷойи коргоҳи чармгарии дастиро корхона ва сеххҳои техникӣ ва барқӣ гирифтаанд.

**з)Собунпазӣ:** Собун барои шустушӯи бадан ва либос ба кор бурда мешавад. Сайидоӣ Насафӣ овардааст:

Шӯхи собунпаз, ки мегӯянд бошад тундхӯ,

Ҷомаи худ борҳо шустем бо собуни ӯ.[2]

Собун дар асрҳои миёна то солҳои 30-юми асри XX дар ҳудуди Осиёи Миёна ва Бадахшону Роғ аз чарбӯ ё равғанҳои набототӣ бо омехтани сода ва ишқор ҳосил карда мешуд. Равиши тайёр кардани онро мӯйсафедон ва пиразанҳои роғии деҳаҳои Шӯрообод чунин баён кардаанд: Аҳли хонавода аз пуштаю камар растаниҳои буттагӣ ва нимбуттагӣ аз қабили: шӯрак, талха, бияҳ, сафедхорак, зардгулак, пупалоқ, думиговак, ғармаш, шопаш, инчунин, хасу хорҳои гуногунро ғун дошта ғарами калони коҳу дарза тайёр мекарданд. Пас ин коҳу хасу буттаҳоро оташ зада хокистари онро мегирифтанд. Баъди ин хокистари

[1] Сухарева О.А. История Среднеазиатского Костюма. Самарканд (2-ая половина X1X-начале XX в) / О.А.Сухарева. -М.,1982.-С. 66-68.
[2] Фарҳанги Забони Тоҷикӣ. Ҷ 2. Нашриёти «Советская Энциклопедия» . -М., 1969. -С. 254.

ҷамъшударо ба дегҳои калон пур карда, аз болояш об рехта муҳлати тӯлонӣ меҷӯшонданд, ки дар натиҷа ишқороба тайёр мешуд. Ҳамин ишқоробаро аз дока ё карбос гузаронда меполонанд. Ишқоробаи полондашударо бори дигар ба дег андохта гарм мекунанд ва ҳангоми ҷӯшиданаш ба он равғани зард ё чарбӯи гов илова мекунанд ва то ҳосил шудани моддаи хамирмонанд меҷӯшониданд. Баъди каме тафсаш паст шудан ба он намаки ошӣ илова мекарданд. Ин амал, ки ба охир расид, моддаи ғализи часпакро аз дегҳо гирифта, дар қолабҳо мерехтанд, ки баъди хушк шудан собуни сиёҳ ҳосил мешуд.

**Кулолгарӣ:** Дар кӯҳистони Роғ кулолгарӣ асосан шуғли занон аст. Онҳо коса, кӯза, хурма, табақ, тағора ва ғайраҳо месохтанд.Дар ноҳияву деҳаҳои Роғ зарфҳои кулолии гилӣ ва чинии сирдор, ки одатан дар зери сирашон нақшу нигор доштанд, истеҳсол карда мешуданд. Хусусан, моли зарфсозони қарияи Роғу Файзобод, инчунин, деҳаҳои Барроғ, Бузкуш, Ёвон дар хушсифатӣном бароварда буданд. Зарфҳои чинигии бесир, ки дар дастгоҳи оддии кулолӣ тайёр карда мешуданд, аксаран шакли хуб доштанд ва ба қатори ашёҳои санъати бадеӣ дохил мешуданд. Зарфҳое, ки занони кӯҳистон бе дастгоҳи кулолӣ, яъне дастӣ тайёр мекарданд, ҳарчанд аз ҷиҳати шакл чандон мукаммал набошанд ҳам, хеле зебо мебаромаданд. Тоҷикзанҳои кӯҳистони Роғ зарфҳои худро бештар ба гили сурх зинат дода, гул мепартофтанд.[1]

**Равиши тайёр кардани зарфҳои кулолӣ:**Хоки кулолро майда карда, дар зарфе андохта, об рехта, омехта мекунанд ваон шакли лойи андоваро мегирад. Баъд аз як шабонарӯз лойро ба берун бароварда мехеланд.

Акнун занҳои кулолгар аз ин лой зарф месохтанд ва он зарфҳоро то муддате гузошта, то ки онҳо хушк шаванд. Баъди он ки хушк шуданд,

---

[1] Мендельсон Е.С. Ремесленное производства и торговля в Афганистане. (Х1Х-начало ХХ вв) / Е.С.Мендельсон.-Ташкент: Фан, 1983.-С . 28.

онҳоро дар як ҷой гузошта ба гирду атрофи он ҳезум ё тапак(саргини хушккардашудаи гов)-ро ҷамъ карда, оташ мезананд,ки ин усулро пур додан мегӯянд.Баъди он ки оташи ҳезум хунук шуд, косаҳоро аз зери хокистар мегирифтанд. Кадом зарфе, ки хамираш хом хелида шудааст, дар оташ шикаста ду- сеқисм мешавад, онҳое,ки нағз хелида шудааст, аз зери оташ бутун гирифта мешуданд.[1]

**Мисгарӣ– оҳангарӣ**: Дар Роғ ҳунари тайёр кардани ашёҳои фулузӣ, сохтани зарфҳои мисин, ашёҳои нақшини аз фулузот рехташуда ва заргарӣ ба дараҷаи баланд ривоҷ ёфта буд. Сохтани ашёҳои мисин дар шаҳрҳои калон тараққӣ карда бошад, санъати заргарӣ дар бисёр маҳаллаҳои қарияи Роғ равнақ ёфта буд. Оҳангарон, мисгарон ва заргарон асбобу олоти меҳнат, зару ашёҳои гуногун ва асбобҳои ороишӣ месохтанд, аз ҷумла: гӯшвора,дастпона,қасоба,ангуштарин ва амсоли инҳо.

**Эзангу (рикоб-узангу):** Эзангу дар аспи саворӣ ё бузкашӣ барои савор шудан ва ҳамчун такьягоҳ барои шахси човандоз хизмат мекунад. Барои он ки савора пойҳояш ба таги пойи асп барнахӯрад, пойҳои худро дар эзангу мегузорад.Балъамӣ овардааст:“Чун пой бар рикоб ниҳод,даволи рикобаш бигусаст.”[2] Эзангуҳо аз қисми поёнии параҳои қаптоли зин бо тасма ё чарм баста мешаванд. Эзангуро устоҳои оҳангар месозанд. Ашёи асосии эзангу оҳан ё филизи биринҷ ё ин ки нуқра мебошад. Оҳангарон ба воситаи лахчаи ҳезуми зардолу, фарк ё ҳезуми тут фулузро об карда, дар болои сандон гузошта тоб медоданд ва баъди ин аз он узангу месохтанд. Эзангу шакли нимдоира буда, аз се қисм иборат аст: тана, ҳалқа барои тасма, гардана барои поймонӣ.

---

[1] Пещерова Е.М.Гончарное производство Средней Азии / Е.М.Пещерова / / Т И Э АН СССР. Новая серия.Т.42.- М.,-Л., 1959.-С. 106.

[2] Балъамӣ.Таърихи Табарӣ (Бо муқаддима ва тавзеҳи М.Умаров.,Ф.Бобоев) - Таҳрон,1380 ҳқ (2001) .Ҷ 2.-С. 567.

**Лаҷом ва лаҷомсозӣ:** Лаҷом яке аз абзолҳои асп буда, барои идора кардани он ба даҳонаш мегузоранд.Коркарди лаҷом чунин сурат мегирад: Тасмаи онро аз чарм тайёр мекунанд ва ин корро чармгарон ва дӯзандагон иҷро мекунанд. Тасмаи чармиро, ки дарозиаш 1,5-1,6 м аст гирифта, қисми поёнии онро аз ду тараф бо оҳани занҷирмонанд, ки онро даҳана мегӯянд, пайваст мекунанд. Даҳана шакли рақами 8-ро мегирад, ки дар даҳони асп гузошта мешавад. Вазифаи лаҷом ҳамчун чанбараки мошин мебошад, ки ба рост ё чап гардонидани асп хизмат мекунад.

Лаҷом аз ду қисм- тасмаи чармин ва занҷира ё даҳана иборат аст, қисми болоии тасмаи онро савор ба дасташ мегирад.

**Дуредгарӣ (чӯбтарошӣ)**: Санъати дуредгарӣ ё чӯбтарошӣ таърихи қадима дорад. Ин санъати касбии ба камол расидае буд, ки дар шахси як қатор наққошон таҷассум ёфта, асрҳои аср зинда монда, аз насл ба насл мегузашт. Наққошон барои ҳамсабаққҳои худ кандакорон, гоҳҳо барои як қатор мутахассисони дигар, чунончи мисгарҳо, гилкорон нақшҳо тайёр карда медоданд. Дуредгарон сақф, сутун ва дару девори масҷиду мадрасаҳо, инчунин, хонаҳои қисми давлатманди аҳолиро бонақшҳои кандакории мунаққаш зинат медоданд.[1]

Гоҳҳо дар иморатҳои маҳалҳои Роғ, Ёвон, Файзобод ва дар як қатор ноҳияҳои водии Бадахшон болору сутун ва дару токҳои кандакорӣ кардашуда дучор мегарданд, ки бо санъати хеле баланд сохта шудаанд.[2]

Дар маҳалҳои дар фавқ номбаршуда хелҳои санъати дуредгарӣ (табақтарошӣ, чумчасозӣ, сипорсозӣ, юғтарошӣ, чигинасозӣ, дуктарошӣ, зинтарошӣ ва амсол ба инҳо) рӯ ба тараққӣ ниҳода буд.

---

[1]Писарчик А.К.Народная архитектура Самарканда / А.К.Писарчик. -Душанбе, 1974. -С. 89.

2 Давыдов А.Д. Афганская деревня / А.Д.Давыдов. –М.: Изд-во ВосЛит «Наука», 1969. -С.104.

**Кафлезу қошуқтарошӣ**: Кафлез асбоби рӯзгор буда, онро устоҳои чӯбтарош ё табақтарош аз чӯби чормағз, тут метарошиданд. Дар кӯҳистони Роғ кафлез аз 40 то 50 см дарозӣ дошта, дар тӯю маракаҳо барои аз дег бардоштани хӯрок истифода бурда мешавад. Инчунин, барои бирён кардани нахуду гандум ва бод додани шири пухташуда истифода мебаранд.

Ин асбоби рӯзгорро чунин омода менамуданд: Онро аз чӯби бед, дулона, чанор ё тут месохтанд. Масолеҳи интихобкардаро бо андозаи муайян гирифта, баъд аз он танаи онро дукафон карда, ба об меандозанд. Ин масолеҳ, дар об ба муддати 5-6 рӯз истода обро ҷабида мегирад. Баъд аз ин устои дуредгар онро аз об гирифта, оҳиста-оҳиста тарошида, башакли лозима медарорад.Асбобҳои устои кафлезсоз, аз арра, теша ва каҷкорд иборат буд. Асосан, кори меҳнатталаби кафлезсозӣ ин кафи кафлез аст, ки онро бо каҷкорд тарошида, шакли нимдоираи тухмшакл медиҳанд.Диаметри қисми болояш бориктар тарошида мешавад.Дар охири даста ҳангоми тарошидан гӯшаке ба шакли нимҳалқа метарошанд, ки он вазифаи дар баланди ё тор овехтани кафлезро иҷро мекунад. Баъди тайёр шудан кафлезро барои дукаф надоданаш,дар равғани доғ андохта мегиранд.Кафлезҳои дуруст ва хуб сохташуда, муддати тӯлонӣ дар рӯзгор истифода бурда мешуданд.

**Чумчатарошӣ:**Чумча низ ба мисли кафлез сохта мешавад. Вале чумча нисбат ба кафлез хурдтар буда, барои истеъмоли дангича, оши туппа,гандумоб, биринҷоба ва амсоли инҳо сохта мешавад. Инчунин,чумча барои каф задании суманак, сангфатир, ки ба шӯрбо ва дигар намудҳои хӯроки обакии дар кӯҳистон истеъмолшаванда истифода бурда мешавад.[1]

---

[1] Турсунов Н. Из истории городского ремесла Северного Таджикистана / Н.Турсунов. -Душанбе, 1974. -С. 123.

**Дуктарошӣ:** Дук асбоби чӯбин ё фулузӣ буда, барои ресидани ғуза (пахта), абрешим ва пашм истифода бурда мешавад. Дар кӯҳистони Роғ онро урчуқ мегӯянд.Ду намуд дук маълум аст: дастӣ ва чархӣ. Дуки чархиро дар байни халқ дуки борик низ меноманд. Дарозии дук 20-25 см мешавад.Барои омода намудани ин олот чунин мекунанд: чӯби дукро аз навдаи дарахти бодом ва ирғай тайёр мекунанд, ки дарозиаш 25-30 см ва диаметраш 1-1,5 см мешавад. Қисми болоии онро ғафстар, поёнашро бориктар месозанд. Сарурчуқро аз чӯби бед ё тут месозанд ва он шакли конуси сарбуридаро дорад ва мобайни он ба андозаи чӯби дук сӯрох карда мешавад. Сарурчуқро аз қисми борикии даста андохта ба боло бурда мустаҳкам мекунанд.[1] Дастааш хеле суфта мешавад. Сарурчуқ дар миёнааш ду ё чор нова дорад ва риштаро намегузорад, ки беҷо шавад.

Ресанда вақте ки пашм, пахта ва ё абрешим мересад, аввал 1-2 ваҷаби маҳсулотро бо дастонаш тоб дода,шакли ресмон мекунонад, баъд онро ба дастаи урчуқ тоб дода, ба ҳамон нова ба сарурчуқ ҷо карда, ба дасти рост ба рони пояш гузошта бо кафи даст бапеш тела медиҳаду ба дасти чап онро каме боло мебардорад. Дар натиҷаи соиш урчуқ ба чархзанӣ медорояд. Пашм ё лӯлаи абрешимро ресанда бо панҷаҳояш каме суст кардан мегирад. Урчуқ,ашёро дар натиҷаи тоб хӯрдан ба шакли ришта ё ғафстар аз он бофта тайёр мекунад. Дар ҳар як давр занонидан 15-20 см ришта тайёр мешавад, ки риштаи тайёршударо ба шакли лула карда алоҳида мегузоранд. Аз ин ришта ашёҳои рӯзгор ба монанди қанор, гилем, хурҷин, айил, нухтаи асп ва амсоли инҳоро тайёр мекунанд.

**Зинтарошӣ:** Зин абзори асп буда,онро ба пушти асп мегузоранд ва савора дар болои он менишинад.Зинҳо се намуд мешаванд: ҳарбӣ, варзишӣ ва бузкашӣ. Зин аз чӯби чормағз, сада, решаи тут ва зардолу

---

[1] Энсиклопедияи Советии Тоҷик. Ҷ-2. -Душанбе,1980.-С. 346.

сохта мешавад. Баъзан ин чӯбҳо дар об гузошта мешаванд, баъзеашон не. Зин аз қисмҳои зерин иборат аст; аз ду паҳлӯ – қаптол, карсон ва қош.

Қаптолро метавонанд аз ҳар гуна чӯби сабук созанд, вале қошро аз решаи чормағз ва сада месозанд. Баъд аз он ки зин тарошида қисмҳояш тайёр шуд, бо ширеш онҳоро бо ҳам пайваст менамоянд. Ширеш аз раги пойи гов тайёр карда мешавад. Устоҳои зинтарош аз чунин асбобҳо истифода мебаранд: барма, чӯбсо, тешаю искана. Барои боз ҳам мустаҳкамтар намудани зин устои зинтарош болои онро бо пӯсти гардани барзагов, шутур, бузи кӯҳӣ мепӯшонад. Усто метавонад, ки зинро бо нақшу нигорва тавассути мехчаҳо зебу зинат диҳад.[1]

[1] Джахонов У. Земледелие таджиков долины Соха в конце XIX- начале XX в / У.Джахонов. -Душанбе, 1989. -С.98.

## 3.2. ТИҶОРАТ

**Ривоҷи тиҷорати дохилӣ ва бурунмарзӣ**

Тараққиёти кишоварзӣ, боғдорӣ, косибию ҳунармандӣ боиси афзоиши мубодилаи мол дар байни шаҳр, ноҳияҳою деҳот ва аз ҷониби дигар дар байни кишоварзони деҳот ва кӯчиёни даштнишин гардид. Аз ноҳияҳои кишоварзӣ ва шаҳрҳо ба даштҳои кӯчиёни атроф ғалла, матоъ, меваҷот ва зарф содир мегардид.

Дар асри XIX-XX тиҷорати корвонӣ ба воситаи вилоятҳои тараққикарда ва ноҳияҳои кишоварзӣ сурат мегирифт. Аз кӯҳистони Роғ ба Файзободу Яфтал ва Шаҳри-Бузург ғалла, зағир, пашм ва меваҷоту зарфҳои сафолӣ бурда, онҳоро бо пул ва матоъҳои либосворӣ, биринҷ иваз мекарданд. Дар Роғ ва Файзобод бозорҳои калоне буд, ки то як посишаб кор карда, талаботи аҳолиро қонеъ менамуданд.[1]

Дар роҳҳои корвонгузар корвонсаройҳою анборҳо, ҳуҷраҳои зист, чоҳҳо ва дигар лавозимоти зарурӣ сохта шуда буданд. Бо ин восита молҳои зиёдатии истеҳсолкардаи худро барои фурӯш дар маркази Бадахшон – шаҳри Файзобод ва дигар бозорҳои Бадахшон мебурданд. Ба Файзобод гандум ва зағиру ҷавбурда савдо мекарданд. Ноҳияҳои дорои ғаллаи зиёд Яфтал, Кишм ва Дараи Им буданд. Дар ноҳияҳои Янгиқалъа, Рустоқ, Кишм, Дара-Им, Роғ, Зардив ва Зарғулом шолӣ кишт карда мешуд, ки онро дар бозорҳо бурда савдо мекарданд.

Ғайр аз кишоварзӣ аҳолӣ ба корҳои обчакорӣ машғул буда, харбуза, тарбуз, каду, шалғам, пиёз, сабзӣ, лубиё парвариш карда ба ноҳияҳои Чаҳи-об, Аргу ва Мунҷоб ба савдо мебурданд.[2]

Сайёҳи америкоӣ Александр Гарднер,соли 1826 ба Бадахшон омада нигоштааст: «Савдо васеъ ривоҷ ёфта буд, махсусан, гудозиши оҳан дар

1 Абаева Т.Г. Очерки истории Бадахшана / Т.Г.Абаева. - Ташкент, 1964.-С. 42.
2 АбаеваТ.Г. ОчеркиисторииБадахшана / Т.Г.Абаева.- Ташкент,1964.-С.50.

ривоҷу равнақ буд»[1]. Онҳо аз оҳан хурмача, дег, тоба сохта, ба бозор бурда савдо мекарданд.

Роҳи корвонгузари Бадахшон ба савдогарони рус маълум буд. Аввалин сохтмончии роҳи оҳани Оренбург - Кириллов ҳатто нақшаи забти Бадахшонро кашида буд,ки мақсадаш савдои беруна бо Ҳиндустон буд. Вақте ки нақша омода шуд ӯ гуфта буд, ки «на танҳо меҳнату машаққати зиёд сарф мешавад, ҳатто забти ин сарзамин номумкин аст»[2]

А.Малиновский хотирнишон сохтааст, ки соли 1750 савдогарони оренгбургӣ барои таҷрибаду корвони молро батарафи вилояти Бадахшон ва ноҳияҳои атрофи он аз қабили Файзободу Роғ ва Дарвоз равона сохтаанд, ки арзишашон ба 8000 рубл баробар буд.[3]

Дар кӯҳистони Роғу Яфтал парвариши чорво низ мавқеи калон дошт, аз ин ҷиҳат савдогарони Бадахшон аз ин ноҳияҳо чорво, меш ва пӯсти онро гирифта, ба Ёрканд, Кобул, Бухоро бурда савдо мекарданд.[4]

Дар бисёр ноҳияҳои Бадахшон молу матоъ ва ашёҳои рӯзгорро аз сарзамини Бухоро меоварданд, ба мисли сӯзан, оина, шалвор, чарми хиром, моҳут ва ғайраҳо.

Даромади асосии вилоятиБадахшон аз лаълу фирӯза буд, ки ба Бухоро ва Россия савдо карда мешуд. Дигар савдои берунии Бадахшон, ин ғуломон буд, ки мардумони ин ҷойҳоро дар бозорҳои ғуломфурӯшии Бухоро ва Қӯқанд дидан мумкин буд. Ҷосуси англис Монфул (Мирзо) ҳодисаи мудҳишеро дар бораи ғӯломфурӯшӣ мушоҳида намудааст. Дар бозор ғуломеро ба нархи саг ё асп баробар карда мефурӯшанд ва дар натиҷа ин ғулом аз дасти савдогарон гурехта пинҳон мешавад.

---

1 Абаева Т.Г. Очерки истории Бадахшана / Т.Г.Абаева.- Ташкент, 1964. –С.54.
[2] Абаева Т.Г. Очерки истории Бадахшана / Т.Г.Абаева. -Ташкент, 1964. -С. 79.
[3] Малиновский А. Известия об отправлении в Индию Российских посланников, гонцов и купчик и о приезжих в Россию индейцах с 1469-1751 г. //Труды и летописы ОИД. Т. 7 / А.Малиновский. -М., 1837. -С. 237.
[4] Абаева Т.Г. Асари зикршуда. -С. 85.

Мувофиқи маълумоти Б.Кушкеки аз ноҳияҳо ва атрофи Бадахшон пӯсту молҳои мӯинаро дар Бухоро бурда савдо мекарданд. Савдогарони Бадахшон молҳои мӯйнаро аз Рустоқ, Аргу ва Роғ ҷамъ мекарданд. Дар навбати худ аз Бухоро ба Бадахшон дарбаробари молҳои худӣ молу маҳсулоти русӣ низ ворид мешуд. Дар сарзамини Бадахшон, аз ҷумла Роғ, Чаҳи-об, Яфтал дегҳои чуянии русӣ пайдо шуданд, ки онҳоро барои хӯрок пухтан ва об гарм кардан истифода мебурданд.[1]

Дар ноҳияи Роғ, ки истеҳсоли равғани зард ва қурут нағз ба роҳ монда шуда буд, савдогарон онҳоро харида ба Файзобод ва аз он ҷо ба тамоми ноҳияҳои Бадахшон бурда савдо мекарданд.Ғайр аз он, аҳолии Роғ санъати кулолгариро хеле хуб медонистанд ва зарфҳои кулолии худро бо чормағз ва меваҳои донагӣ иваз мекарданд. Аҳолии Ҷирм ва Мунҷон аз ноҳияи Файзобод намакхарида ба ноҳияи Чатрор бурда, бо равған, пӯст, гилемва пашм иваз менамуданд.

Аҳолии Роғ аз бозори Бадахшон молҳои қирғизӣ аз қабили: хайма, ҷулу ҷалдуқ, нухтаи асп ва амсоли инҳоро харида,дар рӯзгор истифода мубурданд.

Бинобар шаҳодати сайёҳони мухталиф дар Файзобод савдогарони бисёре аз Бухоро, Кобулу Қандаҳор молҳои мамолики худро оварда мефурӯхтанд.

Аз рӯи маълумоти Пондит Манфул дар маркази вилояти Бадахшон-Файзобод 100-дӯкон ва корвонсарой буд,ки хизмати мизоҷонро ба ҷо меовард.Ҳамчун дар ноҳияи Роғу Яфтал ва Чаҳи-об, 10-15-то чунин дӯконҳо вуҷуд доштанд.[2]

---

[1] Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова) / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926. -С.143.
[2] Абаева Т.Г. Очерки истории Бадахшана / Т.Г.Абаева. -Ташкент, 1964. -С. 91.

Рӯзи бозор, ки ба рӯзҳои душанбе ва чоршанбе рост меомад, савдогарон барои ҷойи хубро соҳибшудан чанд рӯз пеш рафта он ҷойро банд мекарданд.

Дар савдои дохилӣ ва берунӣ рупияи афғонӣ, тангаи бухорой, қуқандӣ, ямби хитойӣ, рупияи ҳиндиро истифода мебурданд.Савдои дохилии байни ноҳияҳои Бадахшон маҳсулоти хоҷагии деҳот буд. Чунки иқлими Бадахшон барои кишти ғалла ё маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар ҳамаи ноҳияҳо баробар набуд. Аз ин рӯ, ноҳияи Файзобод ғаллаи худро аз ноҳияҳои Роғ, Яфтал, Аргу, Дараи Им, водии Тешкан таъмин менамуд.

Ҳамин тавр дар асоси маводҳои дар боло овардашуда муайян карда шуд, ки дар Роғ, асосан,ҳамаи соҳаҳои ҳунармандӣ мавҷуд буданд, ки асбобу анҷоми талаботи ҳамарӯзаи рӯзгори мардумро месохтанд. Инҳо бофандагӣ, намадрезӣ, рағзабофӣ, элакбофӣ, сабадбофӣ, қамчинбофӣ, чармгарӣ, собунпазӣ, кулолгарӣ, мисгарӣ, оҳангарӣ, лаҷомсозӣ ва дуредгарӣ ба ҳисоб мерафтанд. Бофандагон карбос, алоча ва чити гулдор тайёр мекарданд ва ин маҳсулот барои дӯхтани сару либос истифода бурда мешуданд. Рағзабофон банд, ҷувол, хурҷин, қанор, гилем омода месохтанд. Кулолон аз гил зарфҳои гуногун ба монанди кӯза, хурма, коса, табақ ва ғайра сохта, онҳоро ба фурӯш мебароварданд.Оҳангарон, мисгарон ва заргарон асбобу олоти меҳнат, зару зевар ва ашёҳои гуногун месохтанд. Дуредгарон кафлезу қошуқ, табақ, зин, дук ва дигар асбобҳои чӯбинро месохтанд. Маҳсулоти косибиро пеш аз ҳама мардуми маҳаллӣ харида ё бо маҳсулоти кишоварзӣ, чорводорӣ ва боғпарварӣ иваз карда, истифода мебурданд.Бо вуҷуди нисбатан оддӣ будани асбобу олоти меҳнат ҳосилнокии заминҳои Роғ то ҷое баланд буд ва деҳқонон ғалладона ва

дигар маҳсулоти изофагии худро ба бозорҳои ноҳияҳои ҳамсоя ва марказ Бадахшон бурда савдо мекарданд.

Ноҳияи Роғ дар савдои минтақавӣ фаъолона иштирок мекард. Тоҷирони Бадахшон молҳои аз бозорҳои Роғ харидаашонро ба Ҳиндустон, Бухоро ва дигар кишварҳо бурда тиҷорат мекарданд. Тиҷорат дар иқтисодиёти мардуми Роғ мавқеи муайянро ишғол мекард. Дар ноҳияи Роғу Яфтал ва Чаҳи-об шумораи чунин дуконҳо ба 10-15 адад мерасид.[1]

Рӯзи бозор, ки ба рӯзҳои душанбе ва чоршанбе рост меомад, савдогарон барои ҷойи нағзро соҳиб шудан чанд рӯз пеш рафта он ҷойҳоро банд мекарданд.

Дар савдои дохилӣ ва берунӣ рупияи афғонӣ, тангаи бухороӣ, қуқандӣ, ямби хитоӣ, рупияи ҳиндиро истифода мебурданд.

1Абаева Т.Г. Очерки истории Бадахшана / Т.Г.Абаева.-Ташкент, 1964. -С. 91.

## БОБИ IV. Хӯрокҳои анъанавии Роғ

### 4.1.Намудҳои ғизоҳои ордӣ

**Чапотӣ:**Нони чапотӣ ё (тунукӣ)ғизои маъмулии аҳолии Роғ ба ҳисоб меравад. Зеро аксари мардуми ин кӯҳистон дӯстдори ин намуди нон мебошанд. Занҳои роғӣ кадбонуи беҳтарин дар бахши пухтупази нони чапотӣ мебошанд.Усули тайёр намуданаш: Дар табақи сафолин ё мисин оби ширгарм рехта, орди гандумиро ба воситаи элак бехта ба кунҷи сурфа мемонанд. Баъди ин хамирмонро дар об маҳлул карда, каме намак илова намуда, обро мечашанд, ки намакаш каму зиёд набошад. Он гоҳ, орди бехтаро ба табақ андохта, мехеланд. Барои нони тунукӣпухтан хамирро камтар мулоим мехеланд, вақте ки хамир тайёр шуд, болояшро бо дастархон мепечонанд. Соҳибхона барои пухту паз чунин олотҳоро бояд дошта бошад: рафида, остинча, аловков, (аловшӯр) кордча, ҷоруб, намакоб ва косаи об.

Баъди ин кадбону барои тайёр кардани чакдон омода мешавад. Аз дохили чакдон хокистари дирӯзаро ба воситаи белча мегирад. Вақте ки хамир расид,дар чакдон ҳезум гузошта, хамирро завола гирифта дар болои дастархон мегузоранд,ин ҳолат 50-60 дақиқа лозим аст,зеро хамир рӯй мегирад.Дар ин ҳангом ҳезумро оташ гиронда, лахчаи онро дар миёнааш бо аловшӯр (аловков) ҷамъ мекунанд.[1]Акнун даври чакдонро бо кафи даст об пошида, бо ҷорӯб онро давродавр мерӯбанд.

Пас аз ин амалиётҳо кадбону рафидаро гирифта, каме дар болояш орд пошида, заволаро ба болои он гузошта, бо кафи дасташ зада, то ба лаби рафида расидан тунук мекунад, он гоҳ ба даст остинча пӯшида, чапотии тунуккардаро ба чакдон мечаспонад.

Соҳибхона аз як хамир аз 20 то 30-то нони чапотӣ мепазад. Нони аз чакдон гирифтаро дар болои дастархон болои ҳам нагузошта, онро

[1]Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М. Шовалиева. -Душанбе,2015.-С. 41.

парешон мемонанд, зеро болои ҳамомадани нони гарм лаззат ва мазаи худро гум мекунад. Баъди ба охир расонидани нонпазӣ сохибхона дар лахчаи боқимонда хурмачаи гандумоб ё чойҷшӯро гузошта, даҳонашро бо сарпӯш маҳкам карда, болои чакдонро бо сарпӯш ва латтапораҳо мепӯшонад.Нонҳои пухтаро,ки каме шамол хӯрдаанд, ба болои рафида гузошта, бо дастархон печонида ба хонаи хӯрокхӯрӣ бурда мегузоранд.

**Нони ғафсак:**Нони ғафсак намуди дигаре аз ғизои аҳолии Роғ ба шумор меравад. Ҳамаи амалиёти хамири ғафсак ба мисли хамири нони чапотӣ буда, хамири ғафсак нисбатан сахтар хелида шуда,ҳангоми ҳавои сард,дар истеъмол истифода мешавад.[1] Давр ё гирдаи ғафсак ба мисли чапотӣ буда,ғафсиааш якчанд баробар зиёд аст.

**Хамирфатир ё хасфатир:**Хамирфатирро, ки дар кӯҳистони Дарвоз хасфатир мегӯянд, қариб ҳамаи коркардаш ба монанди хамири нони ғафсак мебошад. Хамирфатирро баъди завола гирифтан якто-якто дар болои рафидаи нонпазӣ гузошта, онро бо кафи даст молиш дода, то лаби рафида мерасонанд.Бояд хотирнишон кард, ки рафидаи хамирфатирпазӣ нисбати нони тунукипазӣ хурдтару ғафстар аст. Хамирфатирро,ки дар рафида молиш дода тунук мекунанд, ба воситаи мухпар ё пиёла, ҳеҷ набошад ба воситаи ангушт нақшу нигор мегузоранд. Чун ба чакдон часпонида мешавад, ба он ба воситаи кафи даст об ё оби помидор ё дӯғоба мепошанд.Соҳибхона дар як давр метавонад 3 ё 4 хамирфатирро дар чакдон часпонад.Ҳамин тариқ, кадбону метавонад дар як алови чакдон 8-10 хамирфатирро пазад. Ҳамсуҳбатам иброз намуд:“Хамирфатир барои фатирмаска, дӯғрӯған, наскпиёба ғизои нағзу болаззат мебошад”[2].

[1] Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М. Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С. 42.
[2] Мувофиқи ахбори Сафарова С.(1920-2006) сокини н.Фархор, д.Бустон.

**Сангфатир:**Нони сангфатир дар кӯҳистони Роғ бисёр маъмул буда, то даврони ҳозира омада расидааст. Асосан, ин намуди нон якто ё дуто пухта мешавад. Зеро сангфатир барои хӯроки шӯрбо, наскпиёба, нахудпиёба, мувофиқ буда, онро реза карда, ба воситаи қошуқи чӯбин,ки чумча мегӯянд каф мезананд. Ин шакли кафзании сангфатир хӯрокро бомазза мекунад. Хусусияти хоси сангфатир дар он аст, ки он сахт буда, дар меъдаи шахс дер ҳазм мешавад,ки ин барои деҳқонони кӯҳистон мувофиқ буда, ҳангоми иҷрои корҳои хоҷагӣ дер гурусна мешаванд.

Усули тайёр карданаш: ҳангоми хамир намудани нони тунукӣ, кадбону баъд аз расидани хамир онро завола мегирад. Баъди ин дар ҳамон косаи хамиркунӣ, ки каму беш хамир мондааст ду ё се мушт орди бехтаро бо об бе хамирмон мехеланд. Зеро бе хамирмон сахттар мешавадва баъд онро дар сурфа ё дастархон мепечонанд.То вақти пухта шудани нонҳохамири, сангфатир низ мерасад.Акнун сангфатирро дар болои рафида гузошта рост мекунанд, онро бо мухпар нақшу нигор мепартоянд. Ҳамин тариқ, сангфатирро дар чакдон часпонида, болои чакдонро бо сарпӯш мепӯшонанд.Баъди 5-8 дақиқа кадбону болои чакдонро мекушояд, агар сангфатир пухта майли аз бари чакдон ҷудошавӣ дошта бошад, он гоҳ кадбону ба дасташ остинча андохта, сангфатирро аз бари чакдон канда мегирад ваба болояш як ё ду каф об панҷакӣ мекунад. Ғафсии сангфатир 3-5см буда, гирди он 28-30 см мебошад,ғафсӣ ва паҳноии он ба кадбону низ вобастагӣ дорад.Инчунин бо хамири сангфатир шир ва равған илова мекунанд. [1]

**Сангфатир барои қурутоб:** Сангфатири қурутобро каму беш маҳлули хамирмон омехта мекунанд, барои он ки сахт нашуда, каме мулоим пухта шавад.Сангфатири қурутобро яку якбора аз 5 то 10 адад

[1]Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М. Шовалиева.-Душанбе, 2015.-С. 44.

мепазанд.Зеро дар қурутоб хешу табор ва ҳамсояҳо андаряк 15-20 нафар ҳозир мешаванд. Оид ба тарзи тайёр кардани фатири қурутобӣ ва тайёр кардани қурутоб мо дар боби хӯрокҳои миллӣ хотирнишон сохтем.

**Фатири равғанӣ:** Фатири равғанӣ низ, ба мисли нони чапотӣ, сангфатир ва ғафсак хелида мешавад. Ҳангоми орд, об, хамирмон ва намакашро омехта кардан онро дар табақ то расиданаш печонида мемонанд. Баъд аз он ки расид, пеш аз завола гирифтан ба табақи хамир ду ё се пиёла равғани зағир ё кунҷит омехта карда, боз як маротибаи дигар мехеланд,то ки равған ба тамоми хамир баробар тақсим шавад. Ҳамин тариқ,онро завола гирифта,ба чакдони тафсон мечаспонанд. Баъди пухта расидан кадбону тавассути остинча онро аз бари чакдон мегирад.Фатири равғанӣ бениҳоят мулоим буда, ғизои субҳона ба ҳисоб меравад. Он субҳонаи марди деҳқону даҳмардаҳо низ ба шумор меравад.

**Фатири ҷаззадор:** Нон ё фатири ҷаззадор хӯриши аҳолии кӯҳистон буда, бештар барои даравгарон ва даҳмардаҳо тайёр карда мешавад.Дар кӯҳистон равағани гов, гӯсфанд ва буз зиёд аст ва вақти равғанро доғ ё об кардан аз он порчаҳои зиёди равған(чарбу) боқӣ мемонад, ки он имконияти ҳал шудан надорад. Фатири ҷаззадорро чунин тайёр мекунанд: ҳангоми хамирро завола гирифтан як заволаи онро каме сахтар мехеланд, то заволаи фатиршавад.Баъд аз он ки нон дар чакдон пухта шуд,он равғанҳои реза-резаи гӯсфанд ё говро бо заволаи фатир омехта карда мешуранд,[1]баъд фатирро ба бари танур мечаспонанд.Вақте ки тайёр шуд, аз тафси оташ фатир бӯи гувороро ба худ гирифта, як лаззати хубе дорад.Он фатирро дар хӯрок реза намекунанд. Ба ҳамроҳии чой ё ягон шарбати дигар истеъмол мекунанд.

---

[1] Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М. Шовалиева.-Душанбе, 2015.-С 44.

**Қурсук:** Қурсук, аз калимаи арабӣ «қурс»- гирифта шудааст, ки маънояш кулча ё гирдаи нон мебошад.[1] Шакл тайёр карданаш: Баъд аз пухтани нон ё ғафсак ё фатир кадбону табақи хамирро, ки каму беш хамир мондааст, орд пошида, заволаро камтар сахт тайёр мекунад.Заволаи қурсук бе хамирмон буда, он сахттар меояд.Ҳангоме ки заволаи қурсукро дар болои рафида тахт мекунанд,бо ангушти калон ба он нақшу нигори хол-хол мегузоранд, баъди пухтани нон онро ба чакдони тафсон мечаспонанд. Қурсро писарбачаҳо баъди хунук шудан ё 1-2 рӯз пас ба об тар карда мехӯранд. Барои сагҳои дамардаҳо чунин кулчаҳо низ тайёр мекарданд. Ҳамчунин, қурсукро аз орди ҷавӣ ва гандумӣ тайёр мекунанд. Ё ин ки қурсукро баъди пухтани нон ё ғафсак, хокистарро дар як тарафи чакдон ҷамъ намуда, тарафи холии чакдонро бо чорӯб руфта, заволаи қурсукро онҷо гузошта, аз болояш каме лахчаи хокистари гармро мемонанд,ки баъди 10-15 дақиқа пухта мерасад. Қурсуки расидаро аз зери хокистар гирифта,болояшро бо остинча тоза карда, барои сагҳои даҳмардаҳо низ медиҳанд.

**Нони нахӯдӣ:** Нони нахӯдӣ айнан ба мисли нони ғафсак тайёр карда мешавад. Нахӯдро тоза намуда, ба осиёб бурда орд мекунанд ва дар ҳолати камчинии гандум ёдар фасли баҳорон, ки гандум кам аст, 50% орди нахӯд ва 50%-орди гандумиро омехта карда мехеланд.Хамири нони нахӯдиро сахтар мехеланд, зеро мулоим ояд, дар бари чакдон ночаспон мешавад. Нони нахӯдиро дар кӯҳистони Роғ гармогарм бо чой истеъмол мекунанд.Агар як ду-рӯз нони нахӯди манъ карда шавад, каф медиҳад, яъне чок-чок мешавад.Вале нони нахӯдиро дар тамоми намуди хӯрок шӯрбо,гардсӯз гардоб ва амсоли инҳо реза карда мехӯранд. Лаззати гуворо дошта, дар хӯрок зуд ҳазм мешавад.

[1] Фарҳанги Забони Тоҷикӣ. Ҷ 2.Нашриёти «Советская Энциклопедия» .-М., 1969. - С.706.

**Кулча:**Кулча навъи нон,аст  ки аз орди гандум бо ширу равған мепазанд. Маҳсулоти кулча орд, равғани зард, шир, тухм, шакар ва хамиртурушро бо ҳам меомезанд ва дар ҳарорати муътадили обу шир мехеланд. Баъдан хамирро дар ҷои гарм нигоҳ медоранд. Баъди расидани хамир мувофиқи табъ завола гирифта рост мекунанд ва дар болои кулча нонпар(мухпар) зада, дар танури тасфон пазонда мешавад.

Нони кулчагиро, асосан, барои маъракаҳо, тӯй ё худоӣ тайёр мекунанд. Инчунин, ҳангоми ба меҳмонӣ ёбарои хостгорӣ рафтани занҳо истифода мебаранд. Даври он 8-10 см  дар кӯҳистони (Қаротегину Дарвоз), дар Кӯлоб 18-20 см, мебошад.[1]

**Нони ҷавӣ:** Аз сабаби он ки қисми зиёди замини кӯҳистони Роғ санглох аст, дар ин ҷойҳо ҷавгандум ва ҷав бештар кишт карда мешавад. Ҷавро даравида, куфта, бод дода, ба осиёб бурда орд мекунанд. Нони ҷавинро бисёртар хамирфатир ё ғафсак мепазанд.[2] Орди ҷавиро бо орди гандумӣ омехта карда нон мепазанд, зеро орди ҷавӣ танҳо хелида шавад, хурданаш бениҳоят вазнин аст ва агар хунук шавад гулӯро мехарошад.

Аз ин рӯ, нони ҷавиро гармогарм ба хӯрок реза карда хурданаш болаззат мебошад.

**Товагӣ:** Товагӣ нонест, ки болои санг пухта мешавад, ин намуди нонро  чӯпонҳо ва даҳмардаҳо мепазанд. Тарзи тайёр карданаш: хамирро шӯрида, ҳангоми расиданаш даҳмарда санги гирди ҳамворро дар болои дегдончаи аз санг сохташуда мегузорад ва аз тагаш оташ мегиронанд. Баъди он ки санг метафсад, онгоҳ хамирро завола гирифта, дар болои он монда мепазанд. Вақте ки рама ё гала ба дигар тараф барои чаро бурда мешуд, даҳмарда аз сари нав барои пухтани товагӣ санг интихоб мекард.

---

[1] Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 2. /  Н.А.Кисляков, А.К. Писарчик.-Душанбе:Дониш, 1970. -С.230.
[2] Кисляков Н.А, Писарчик А.К.  Ҳамон ҷо -С.230.

**Қумоч**: Қумоч як намуди нони ғафс мебошад, ки заволаи онро дар дег андохта, дар болои лахчаи алов гузошта мепазанд. Ҳамчунин,баъди пухтани нони чакдонӣ заволаи нони қумочиро тайёр карда,лахчаи алови чакдонро тоза менамоянд.Заволаи нони қумочро дар як кунҷи чакдон гузошта мепазонанд.Ин шакли нонро бисёртар даҳмардаҳо ва галабонҳо истифода мебаранд. Дар сурати набуди танур дар дашту саҳро нони қумоч мепазанд.

**Орзуқ:** Орзуқ калимаи туркии озуқ буда, ба маънои хӯрокворӣ, хӯрок омадааст.[1]Бо мурури замон озуқ-орзуқ шудааст. Ин намуди ғизои равғанӣ дар рӯзҳои ид ва тӯйю маъракаҳо пухта мешавад. Бо чунин усул тайёр карда мешавад: ордро дар табақе, ки обу хамиртуруш ва намак дорад, рехта баъд онро мехеланд.Вақте ки хамир расид, онро завола гирифта, заволаро дар болои сурфа ё оштахта гузошта, бо ҳарду кафи даст молиш медиҳанд ва он шакли арғамчинро мегирад ва он 50-60см дароз ва диаметраш 1,5-2см мешавад.Онгоҳ ба воситаи корд ба андозаи 1,5х2, 2,5х3 см бурида мешавад.

Дар ин ҳангом ҳезуми оташдонро мегиронанду ба дег равған мерезанд. Чун равған доғ шуд, орзуқи буридашударо дар дастархон гирифта, ба назди оташдон меоранд. Барои он ки орзуқ дар дохили деги равғандор бо якдигар начаспад, ду-ду ё чор-чор донагӣ ба дег меандозанд. Барои такурӯй кардани он аз чумча ё кафлез истифода мебаранд. Вақте ки орзуқи хом дар равғани тафсон пухта мегардад, онро ба воситаи кафлез аз дег бардошта, ба табақ ё косаи чӯбин ҷой мекунанд.Орзукро бо ҳамин шакл дар 3-4 ва ё 5 давр пухтан ба охир мерасонанд. Ҳамчунин, орзуқ барои мардони дар сафарбуда, тӯшаи

---

1Фарҳанги Забони Тоҷикӣ. Ҷ 1. Нашриёти «Советская Энциклопедия». -М.,1969.- -С.907.

нағзи равғанин ба ҳисоб меравад.Дар қисман ҷойҳо дар хамири орзуқ равған, шир ва тухм низ илова мекунанд.[1]

**Қалама ё қатлама**: Нони қаламаро дар равғани тафсони дохили дег пухта тайёр мекунанд.Шакли тайёр карданаш: ордро дар сурфа бо элак бехта, миқдори муайяни ордро дар табақи хамиркунӣ, ки дар он хамиртуруш маҳлул карда шудааст, андохта, аз болояш оби широгарм рехта, намакро омехта мекунанд ва ба ангушт намакашро мечашанд.

Баъди ин ба табақ миқдори муайяни орд мерезанд ва тарзе мехеланд, ки хамираш ба мисли нони ғафсак каме сахт ояд. Ҳангоме ки хамир расид,онро аз табақи хамиркунӣ гирифта, ба сурфа мегузоранд ва аз он хамир завола мегиранд. Заволаро дар болои рафида ё тераку ғалтак молиш медиҳанд, то ки он шакли нонро гирад. Андозааш аз ғафсак хурдтар буда, ғафсиаш ба мисли нони ғафсак мешавад. Чун шакли давраро гирифт болои онро ба даст, пиёла ё чинӣ нақшу нигор меандозанд. Дар ҳолатеки 5 ё 6 донаро тайёр мекунанд, дар ин ҳангом равғани зағирро ё пахтаро дар дег ширин (доғ) карда, қаламаро озод ба дохили он меандозанд ва ба воситаи чӯбчае онро такурӯй мекунанд, то ки насӯзад. Баъд аз 5-6 дақиқа қалама дар равғани тафсон пухта тайёр мешавад.

Ҳамин тариқ, қаламаро барои тӯю хурсандӣ, хайру худоӣ ва иди Рамазону Қурбон тайёр мекунанд,[2] онро дар болои нони чапотӣ ё лаълии махсус мегузоранд, то ки дастархон равғанин нашавад.Қалама дар тӯю маъракаҳо зеби дастархони кӯҳистониёни тоҷикон буда, бо чой хушхӯр мебошад.

---

[1]Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. -Душанбе,2015.-С. 45.
[2]Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева.-Душанбе, 2015.-С. 46.

**Сӯзма:** Сӯзма нон ё кулчаи дар равған пухтаро мегӯянд, ки асосан, дар рӯзҳои ид ва тӯю маъракаҳо пухта мешавад.Онро чунин тайёр менамоянд:дар сурфа ордро бо элак бехта, дар табақе, ки хамирмон бо об маҳлул карда шудааст, ордро бо миқдори муайяни намак ҷой карда, мехеланд.Баъди он ки хамир расид, онро бо андозаи кулча завола мегиранд.Дегро шуста, ҳезумро дар оташдон, ки почукӣ (дегдонча) мегӯянд, ҷой карда, оташ мегиронанд. Дег каме тафсон шуда, равғанро ба миқдори муайян рехта доғ мекунанд. Акнун заволаи тайёрро дар болои рафида, бо кафи даст молиш дода, тунук карда, ба равғани доғ меандозанд. Барои такурӯй кардани сӯзма, аз навдаи бед, тут ё ирғай истифода мебаранд, ки андозааш 0,5-0,7 дарозиаш 70-80 см аст. Сӯзмаро аз 15 то 20 адад мепазанд, ки ғизои беҳтарини нони равғанӣ ҳисоб меёбад.Бояд хотирнишон сохт, ки агар дегча бошад, як донагӣ ва агар дег бошад, онгоҳ ду ё се донагӣ сӯзма пухта мешавад.

**4.2.Намудҳои хӯрок**

**Кочӣ:**Як намуди ғизои субҳона буда, дар деги обаш ҷӯшидаистода,каме орд илова карда,онро бо чумча омехта мекунанд, ки каме ғафс мешавад.Баъдан ба ин маҳлул шир, равғани зард, шакар ё қанд илова карда мепазанд. Онро бо нон ба монанди тарҳавло истеъмол мекунанд.

**Умоч:**Ғизои чор фасл буда, асосан,онро аҳолии миёнасоли кӯҳистони Роғ истеъмол мекунанд онро бо чунин намуд тайёр мекунанд: дар сурфа ордро бехта ва он орди бехтаро об зада, бо кафи даст молиш медиҳанд, дар натиҷа хамираи реза-реза ба мисли муҳраи гардан пайдо мешавад.Дар дег обро гарм карда, алафҳои хушккардашуда, аз қабили: барги лаблабу, чукрӣ,(ревоҷ) пиёз, бобуна,пудина ва амсоли онро меандозанд.Ҳангоме ки ба ҷӯшидан сар кард, хамираи реза-резаро ба дег меандозанд ва ба қадри лозима намаку мурч омехта мекунанд. Ҳангоми тайёр шудан ба ӯ қадре гарди орд пошида, баъди 6-8 дақиқа аз болои оташдон мегиранд. Умочро ба мисли шӯрбои табақӣ нон реза намекунанд.Онро дар коса гирифта каме мурчу чакка омехта карда, ба воситаи чумча мехӯранд.Агар бо шир тайёр карда шавад,он гоҳ онро умочи ширӣ мегуянд.[1]

**Оши бурида:** Оши бурида ғизои сабук буда, махсусан, дар фасли баҳор ва тобистон истеъмол карда мешавад.Тариқи зайл тайёр карда мешавад: дар зарфе ба миқдори як кг орд мегиранд, дар зарфи дигар каме намак андохта бо намакоб хамир хелида мешавад, хамир набояд мулоим бошад. Аз ин хамир ду завола гирифта мешавад, ки 10-15дақиқа дам мегирад.То тайёр шудани завола ба дег об андохта, намакоби аз хамир мондаро ба он меандозанд. Мувофиқи таб кабудиҳо ё барги

---

[1]Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева.- Душанбе,2015.-С. 53.

лаблабуро низ ҳамроҳ мекунанд. Заволаи расидаро дар болои сурфа ба воситаи ғалтак тунук мекунанд. Тунукии хамир ба қадри хамири тушбера мебошад. Хамири тунуккардаро қадре орд пошида, барашро ба қадри се ё чор ангушт таҳ карда, дар болои оштахта ва бо корди калон маҳин-маҳин мебуранд.Ҳамин ки завола бурида шуд, онро бо эҳтиёт то ки бо хамдигар начаспанд, гирифта парешон мекунанд ва каме орд пошида, даста мезананд.[1]

Ҳамаи ин амалиёт дар ҳолате иҷро карда мешавад,ки оби дег бо алафҳояш аллакай дар ҷӯш аст.Хамири буридаро, ки туппаи бурида ном мегирад, якбора не, кам-кам ба деги ҷӯшида истода меандозанд. Агар хонавода чакка надошта бошад, метавонад як миқдор олучаи хушк ба дег андозад. Баъди 15-20 дақиқа оши бурида мепазад. Баъд онро дар табаққои чӯбин бо кафлес бардошта ба назди меҳмонон ё аҳли хонавода мегузоранд. Мувофиқи хоҳиши нишастагон ба оши бурида, чакка, мурчу қаланфур ва кабудӣ андохта сарҷамъона мехӯранд.Дар ноҳияҳои шимол онро отала,дар дигар ноҳияҳо-атолаи ош,оши борик,оши бурида ё оши угро мегӯянд.[2]

**Оши туппа:** Ин намуди ош ба мисли оши бурида тайёр карда мешавад,вале завола борик нею калон-калон бурида мешавад.

Хотирнишон бояд кард,ки оши тупаро бо корд намебуранд,ба воситаи даст онро тика ё майда мекунанд.Ин аст,ки миҷози оши тупа дар ин ҳолат гарм мемонад. Дар болои оши тупа пиёз, қаланфур низ реза мекунанд.Оши туппа, махсусан, барои касалиҳои сардард, зуком аз манфиат холӣ нест.

[1] Кисляков Н.А., Писарчик А.К. Таджики Каратегина и Дарваза.Вып 2 / Н.А. Кисляков, А.К.Писарчик. Душанбе:Ирфон, 1970. –С .235.

[2] Шовалиева М. История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С. 53.

**Ғизоҳои донагӣ**

**Нахӯдшӯрак:**Нахӯдшӯрак,ғизои хуштамъ буда, асосан, дар рӯзҳои ид тайёр карда мешавад. Вале барои аҳолии Роғ дар дилхоҳ ҳолат истифода бурда мешавад.Усули тайёр карданаш: як миқдор нахӯдро гирифта тоза мекунанд.Баъд аз он дар чакдони тафсон ё дегдон ба зарфе гузошта, намак мекунанд ва бо миқдори муайяне об мерезанд.Агар дар дохили чакдон бошад, бо оташи лахча маҳин меҷӯшад. Ҳангоми пухтан обе, ки дар дохили зарф аст,аз 4 як ҳиссааш мемонад. Вақти дар дастархон гузоштани он дар болояш барои болаззат шудан қадре пиёзи бехиро реза карда мегузоранд. Беҳтарин ғизо барои аҳолии кӯҳистони Роғи Бадахшон ҳисоб меёбад.Нахӯдшӯракро дар зарфи махсус амсоли: коса,табақ ё лаъличаҳо ҷой карда истеъмол мекунанд.

**Далда**:Далда ғизои мавсимӣ буда,дар фаслҳои тирамоҳ ва зимистон тайёр карда мешавад.Чунин шакл пухта мешавад:як миқдор гандумро дар уғур ҷарма карда, дегро дар болои алов гузошта, қадре об меандозанд.Ҳангоми ҷӯшидани оби дег гандуми ҷармакардаро ба он андохта, каме меҷӯшонанд, баъд ба он намак, баргҳои хушккардаи чукрӣ, торон, пиёз, лаблабу,аз донагиҳо нахӯду лубиё меандозанд.Баъди 45-50 дақиқаичӯшонидан каме орд мезананд. Баъди пухтан муддати 10-дақиқа дар болои оташи маҳинистода шира пайдо мекунад.Дар зимистон барои касалиҳои хунукизада, сулфа ва зуком хеле муфид аст. Ин ғизоро ба воситаи чумча ва бе нон истеъмол мекунанд.

**Дулмул:** Дулмул ё думбул дар сари замини нахӯд тайёр карда мешавад. Ҳангоми нимпаз шудани нахӯд, дар нахӯдзор, ки аз замини кишт дуртар аст, ҳезум ҷамъ карда, оташ мегиронанд. Аз нахӯдзор 4-5 қабза даравида ё чида баъди хомӯш шудани оташ, дар лахчаи он нахӯдро бо пучоқ (ғилофак) гӯр мекунанд ва дар баъзе маҳалҳо дар оташи сӯхтаистода онро таф медиҳанд. Баъди 5-8дақиқа нахӯд мепазад ва онро

дулмул мегӯянд.Баъд онро ба рӯи ягон пора матоъ меафшонанд ё байни кафи дастон соиш медиҳанд ва пусти болои нахӯд мерезад онгоҳ метавонанд, ки нахӯди дулмулшударо истеъмол кунанд.Дар вақти истеъмол аз дуде, ки дар нахӯди дулмул печидааст, дасту лабон сиёҳ мешавад.Дулмулро бе намак истеъмол мекунанд.

**Биринҷоба:**Биринҷоба ғизои ҳамаи фаслҳои сол аст. Чунин тайёр карда мешавад:дар дег об рехта,обро ҷӯшонида, баъд баргҳои хушккардашудаи шунук, санил,бубанак, пиёз ва амсоли инҳоро меандозанд. Ҳангоме ки тайёр шуд,ба он намак ва биринҷ меандозанд.

Муддати 20 дақиқа меҷӯшад ва қадре орд омехта мекунанд, то ки каме сершира ва ғафстар шавад. Ҳамсуҳбатам иброз намуд:”Ҳангоми тайёр шудан ин ғизоро ба табақ гирифта, қадре чакка меандозанд, агар мурч ё қаланфур ҳамроҳ кунанд, боз ҳам хушхӯртар мешавад”.[1]

**Палав ё оши палав:**Палав таъоми миллии халқҳои Осиёи Миёна,махсусан, тоҷикон ва ӯзбекҳоба ҳисоб меоравад,[2] ки аз аҳди қадим маълуму машҳур аст. Дар қарияи Роғ тайёр намуданаш оши палав хоси қишри доро буд. Палав намудҳои гуногун дорад. Усулан намудани коркарди палав: Гӯштро лунда-лунда дар равғани доғшуда андохта сурх мекунанд, бехпиёз ва сабзиро бирён намекунанд.Дар ин ҳолат биринҷро 3-4 маротиба шуста, дар як зарф 25-35 дақиқа дар оби широгарм нигоҳ медоранд.Баъди ин ба дохили дег аз болои гӯшту пиёзу сабзӣ ва нахӯди таркардашуда об рехта, маҳин меҷӯшонанд.Дертар биринҷи дар дохили оббударо ба дег меандозанд.Бояд обро ба навъи биринҷ интихоб кунанд, кам ё зиёд. Ҳамаи ин маҳсулоти дар дег бударо маҳин ҷӯшонида лахчаи онро гирифта, болои биринҷро ба шакли гумбаз карда, бо нон ё дастархон печонида, сарпӯшашро мепӯшонанд ва 15-20 дақиқа дам

[1] Мувофиқи ахбори Кабирова М.(1930-2011), сокини н.Фархор,д.Бӯстон.
[2] Ходжиев В. Традиционная и современная таджикская кухня / В.Ходжаев. - Душанбе,1990.-С. 87.

мегирад.Ҳангоми ба табақ гирифтан ба болои табақи ош турб, пиёз ё помидори резакардашуда мегузоранд. Оши палав ғизои ҳамаи фаслҳои сол мебошад.[1]

**Дангича: (Калапоча).** Дангича ғизои субҳона буда, яке аз хӯрокҳои маъмули аҳолии кӯҳистони Роғ ва дигар тоҷикон аст,онро тариқи зайл тайёр мекунанд: Буз ё гӯсфандро,ки барои ягон маърака кушта мешавад, калла, поча ва ишкамбаашро соҳибхона гирифта дар сабаде мегузорад. Баъди аз корҳои хоҷагӣ фориғ шудан, дар дегдонча, ки онро мардуми Роғ «почуки» мегӯянд, оташ мегиронад. Каллаи гӯсфандро дар сихча гирифта ба оташ медоранд, то пашм ва пӯсти он сӯзад. Почакҳоро низ месӯзонанд.Баъди ин амалиёт дандонхои калла ва нохунҳои почакро ба воситаи санг ва ё болға шикаста мепартоянд. Ҳамчунин, пӯсти мондашударо ба воситаи корд тоза мекунанд.

Дохили ишкамбаро аз чизҳои нодаркор тоза карда, чанд маротиба бо оби соф шуста, баъд ба воситаи корд тоза мекунанд. Ҳамин тарз маводи ғизоии дангича тайёр карда мешавад. Баъд миқдори муайяни гандумро дар уғур ярма мекунанд. Баъд аз ин дар оташдон ё танур алов карда, баъди қадре вақт мангӣ (хумча)-ро ба як кунҷи чагдон монда, ба дохилаш 4 ё 5 литр об мерезанд.Хокистари аловро ба паҳлуи мангӣ ҷамъ мекунанд.Ҳангоме ки об гарм шудан гирифт, каллаву поча ва ишкамбаи тозакардашударо ба мангӣ гузошта, баъд гандуми ҷармакарда, нахӯд, барги хушккардашудаи ров, рошак, чукрӣ,пиёз ва амсоли инҳоро ба он меандозанд ва қадре намак ҳам мепошанд, то он бомаззаю хушхӯр шавад.Дар Қаротегину Дарвоз гандумҷӯшак, гандумбоҷ, гандумкӯча ё кӯча низ мегӯянд. [2]

---

[1] Ходжиев В. Традиционная и современная таджикская кухня / В.Ходжаев. - Душанбе,1990.-С. 88.
[2] Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза.Вып 2 / Н.А.Кисляков, А.К. Писарчик. -Душанбе:Ирфон, 1970. -С.236.

Сарпӯши зарфро, ки он дар болои лахчаҳои тафсони даруни танӯр гузошта мешавад, маҳкам мекунанд ва болои танӯрро бо сарпӯш ва латтапора ё ҷомаи кӯҳнае пӯшонида,тамоми шаб дар оташи лахчаи чакдон меҷӯшад.[1] Саҳаргоҳ вақти ношто дангичае, ки дар зарфи сафолин пухтааст, ба табақҳои чӯбин бардошта, бадастархон мегузоранд. Калонсолон метавонанд ба он каме тезӣ ҳамроҳ кунанд.Хӯроки беҳтарин дар саҳаргоҳон мебошад. Аз каллаю поча ба касе чи ҳиссае , яъне ба яке забону ба дигаре мағзи почак ё мағзи калла ё пораи ишкамба расад, истеъмол мекунанд.

**Гандумбашир ё далдабашир:** Хӯроки сабук буда, дар фасли баҳор ва ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон тайёр карда мешавад.Шакли омода карданаш: миқдори муайяни гандумро тоза карда, баъд онро дар уғури чӯбин ҷарма мекунанд. Дар деге ба миқдори лозима шир мерезанд ва то ҷӯшидани он нигоҳ медоранд, вақте шир пухта расид, гандуми ҷармаро ба он меандозанд,оташро аввал каме тезонида, баъд ҳезуми майдаро ба дегдонча мемонанд. Ҳангоме ки ба ҷӯшидан сар кард, намак мекунанд, баъд танҳо лахчаҳоро мегузоранду халос.Сарпӯши дегро ба болояш мегузоранд,зани корозмудае омада намаку лаззаташро чашида, бо кафлез дар табақҳо гирифта ба ҷамъомадагон тақсим мекунад.

**Шавла-шула:**Як навъ таоми халқӣ буда,дар тамоми ҳудудҳои тоҷикнишин қариб як хел тайёр карда мешавад.Масолеҳи асосиаш: равған,гӯшт,пиёз,сабзӣ,нахӯд ва биринҷ.Аввалан равғанро дар дег ширин карда, баъд гӯштро бирён мекунанд, баъд аз он ба он пиёзи резакарда, сабзию нахӯд, намак ва каме об рехта баъди ҷӯшидан ба он биринҷи обхӯрдаро,ки дар зарфе шуста тоза карда шудааст, андохта

---

[1] Шовалиева М.История кульинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева.-Душанбе,2015.-С. 52-53.

маҳин мечӯшонанд.[1] Дар вақти ҷӯшонидан баъзан бо кафгир дегро мекобанд, то ки таги шула насӯзад. Чун обро биринҷ пурра ҷабид, аллакай шула мепазад.Кадбону метавонад, оташро хомӯш кунад ва даҳони дегро ба сарпӯш пӯшонида 15-20 дақиқа дам диҳад.Баъди ин шула ба табақҳо бардошта мешавад.Ҳангоми истеъмоли он қаланфур,чакка ё сабзавот бошад, иштиҳоовар мешавад.

**Наскотала**:Ғизои наврӯзӣ ва баҳорӣ мебошад. Онро мардуми Роғ чунин тайёр мекунанд: дар дег об рехта оташ меафрӯзанд.Дар косае наскро тоза карда шуста оби широгарм мерезанд,то ҳадде ки рӯи наск пӯшонида мешавад. Баъд дар дохили оби дар дег буда, пудинаи обиро тоза карда, навдаашро яксӯ гузошта, баргҳои онро ба дег меандозанд. Баъди каме ҷӯшидан наскро, ки об ва намакро ҷабидааст, ба дег меандозанд. Баъди ҷӯшидан барои ғафстар омадани наскотала каме орд омехта мекунанд.Ҳамсуҳбатам иброз намуд:«Ин ғизо баъди 40-50 дақиқа тайёр мешавад.Ғизои наскоталаро ба табақ гирифта чакка меандозанд. Агар кабудӣ бошад, лаззаташ хубтар мешавад.”[2]

**Гандумбирён:** Гандумбирён барои шахсони ба сафари дур бароянда пухта мешавад ва барои истеъмол дар оила низ истифода бурда мешавад.Усули тайёр карданаш: Гандумеро, ки то саршавии тирамоҳ шуста, хушк карда шудааст, гирифта як маротибаи дигар тоза мекунанд.

Дар дегдонча оташ даргиронда, гандумро як каф мерезанд.Кадбону онро бо чӯбчаи 60-70см тагурӯ карда,намак мепошад ва баъди ин барои аз тафси дег насӯхтан, остинчаро ба дасташ андохта, бо санги гирдашакл гандуми дегро молиш медиҳад. Ба гандум аз чаҳор як ҳисса нахӯд ё донаи каду илова мекунанд. Ҳамин тарз, оҳиста-оҳиста оташи дегро маҳин монда, ин амалиётро боз такрор мекунанд. Дар натиҷа,

---

[1] Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза.Вып 2 / Н.А.Кисляков, А.К. Писарчик. -Душанбе:Ирфон, 1970. -С.239-240.

[2] Мувофиқи ахбори Ҳисейнов И. (1907-2002),сокини н. Шӯрообод.д.Оби Тира.

баъди як соат гандумбирёни хуштамъ тайёр мешавад.Ин чунин ба он нахӯд, донаи каду, кунҷит низ ҳамроҳ мекунанд.[1]

**Нахӯбирён:** Нахӯдбирён низ ба мисли гандумбирён тайёр карда мешавад. Гандумбирён ва ё нахӯдбирёнро аҳолии Роғ дар зарфҳои махсус нигоҳ медоранду барои рӯзҳое,ки мабодо нони хонавода камӣ кунад ё навбати пода доранд ба писарҳояш дода, ба саҳро равона мекунанд. Ҳамсӯҳбатам иброз намуд.”Ҳамчунин дар маъракаҳои тӯй, гаҳворабандон, дандонбарории кӯдакон васеъ истифода мебаранд”[2].

**Гандумоб:** Ғизоест, ки дар фасли зимистон ва баҳор тайёр карда мешавад.Шакли тайёр карданаш: Дар мангӣ (хурмачаи) сафолӣ оби широгарм рехта, баъд рошак, ров, чукрӣ, чоқлаи хушккардашуда, нахӯди таркарда, олучаи хушк мерезанду қадре намак мекунанд. Дар кунҷи тануре, ки аловаш суст шудааст, хокистарашро ба яктараф ҷамъкарда, хурмачаро бо гандумов мемонанд. Гандуме, ки онро кадбонуи хона дар уғури чӯбин ё новасанги ҷармакунӣ майда кардааст, ба зарфи дар дохили танур буда меандозанд.Чун ин амалиёт бегоҳӣ ба анҷом расонида мешавад, лахчае, ки оташи он қадре суст шудааст, ба паҳлуи зарф мегузоранд. Гандумоб то саҳаргоҳон меҷӯшад. Саҳаргоҳон онро дар табақҳо бардошта, барои субҳона истифода мебаранд. Хосияти шифоии гандумоб аз он иборат аст, ки барои шахси шамолхӯрда ё зуком буда манфиатбахш аст.

## ХӮРОКҲОИ ШИРӢ

**Ширбат:** Хӯроки саҳаргоҳӣ буда, кадбону онро барои аҳли хонавода тайёр мекунад: дегро гарм карда,қадре гарди ордро дар он таф дода сурх мекунанд, баъд шири хомро ба дег мерезанд.

---

[1] Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза.Вып 2 / Н.А.Кисляков, А.К.Писарчик.- Душанбе:Ирфон, 1970. -С.250.

[2] Мувофиқи ахбори Сафарова С. (1920-2006) сокини н.Фархор, д.Бустон.

Барои он ки истеъмолкунинда насӯзад, онро бо чумча оҳиста-оҳиста омехта карда, як миқдор намак меандозанд. Ин ғизоро дар кӯҳистон ба табақ гирифта, истеъмол мекунанд.

**Туракӣ-(Фалла)-**ғизои тамоми мавсими сол ҳисоб мешавад. Ҳангоме ки гов гӯсола мезояд, барои он ки гӯсолаи навзодро шири модараш зарар накунад, онро мечӯшанд, ки шираш ғафс аст. Онро ҷамъ карда мепазанд ва ба аҳли хонавода ва ҳамсояҳо тақсим мекунанд.Ин намуди ширро туракӣё фалла мегӯянд. Агар фалла турш бошад ё бо хуни гов омехта шуда бошад, онро истеъол накарда,ба ҷӯйи об мерезанд ё зери хок гӯр мекунанд.

**Ширчой:** Беҳтарин ғизое мебошад, ки ҳангоми наҳорӣ истифода бурда мешавад. Тарзи тайёр намудани он дар гузашта то имрӯз як хел будааст.Этнографҳо Н.А.Кисляков ва А.К.Писарчик дар китоби худ «Таджики Каратегина и Дарваза»[1] қайд намудаанд, ки ширчойро дар кӯҳистони Қаротегину Дарвоз чунин тайёр мекунанд: дар об қадре шамаи чой, асосан, чойи кабуд партофта, баъд аз ҷӯшидан ба он шир ҳамроҳ мекунанд, баъд аз муддате намак меандозанд. Баъд аз тайёр шудан метавонанд ба он равғани зард ё равғани гӯсфанд, ҳамчунин, чормағз омехта кунанд. Дар қарияи Роғи Бадахшон ширчойро айнан ҳамин хел тайёр мекарданд. Вале аҳолии ин ҷой ба ҷойи шамаи чой ба шир решаи хор ё гулхор меандозанд, ки ранги ширчой зард мегардад.Ширчойро дар коса гирифта нон реза карда,баъд ба воситаи чумча истеъмол мекунанд.

**Ширравған:** Ширравған хӯроки миллии мардуми кӯҳистон ҳисоб мешавад. Тарзи таёр намудани он дар ҳамаи маҳалҳои тоҷикнишин як хел мебошад. Аввал ширро дар дег андохта мечӯшонанд, баъд аз он ба

---

[1] Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза.Вып 2 / Н.А.Кисляков , А.К.Писарчик.- Душанбе:Ирфон, 1970.-С.233.

қадре равғани зард ё равғани думбаи гӯсфанд партофта, баъди маҳлул шудани он ширравғанро ба коса гирифта,аз болои он нони тунукӣ ё ки фатир реза карда, истеъмол мекунанд. Бисёр вақт дар кӯҳистони Роғ барои хушхӯр ва болаззату ширадор шудан дар табақи ширруған фатир реза карда, бо қошуқи чӯбин ё кафлез онро каф мезананд, баъд ба хӯрдан шурӯъ мекунанд.[1] Агар меҳмонон ё соҳибони хона нишаста бошанд, ҳангоми овардани хӯроки ширравған барои ҳурмати шир шуда аз ҷояшон бармехезанд. Инчунин, ҳангоми домоду арӯс ба таги чодар даромадан ба онҳо ҳамчун рамзи сафедӣ бахту саодат, роҳи сафед талаб намуда, ширравған медиҳанд то як ҷуръагӣ нӯшанд.

**Қурут:** Қурут ғизои сабук буда, онро дар кӯҳистон дар мавсими тобистон тайёр мекунанд. Дар кӯҳистон, асосан, дар мавсими баҳору тобистон 6-7 нафар занҳо ширро бо навбат ба хонаи якдигар бурда (ин амалро певоз ва занҳои аъзои гурӯҳ бударо певозчӣ мегӯянд), ҷурғот хобонда, баъд онро дар чархдег рехта, ба воситаи чахчӯб, ки онро чархчӯб ҳам мегӯянд,ҳангоми чарх занонидани чархчӯб маска ва дӯғ ҳосил мекунанд. Бояд хотирнишон кард,ки дастаи чархчӯб бо тасмаи чармин баста шуда,ҳарду сари тасмаро кадбону гирифта,чарх мезанонад.Дар натиҷаи чарх занондани чархчӯб маска тадриҷан аз ҷурғот ҷудо шуда,дӯғ ҳосил мешавад, маскаро аз дӯғ гирифта,дӯғро дар халтаҳои калон ҷой карда, овезон мекунанд.Ҳангоме, ки зардоби дӯғ ҷудо мешавад, он сахт шуда ба чакка мубаддал мегардад. Ин чаккаро намак хобонда,баъдан дар косае гирифта, қурут карда, дар сабадҳо гузошта мехушконанд.Ҳамсуҳбатам иброз намуд,ки "Андозаи қурутро

---

1 Писарчик А.К.Кулябская этнографическая экспедиция / А.К.Писарчик // Изв ТФАН СССР, 1949.-№15.-С.43.

гуногун мекунанд ва дар мавсими зимистон аз қурути хушк, қурутоб тайёр мекунанд”.[1]

**Қурутоб:** Аз замонҳои пеш дар сарзамини тоҷикнишин қурутоб ҷойи махсусро ишғол менамуд. Зеро чи дар хонадони шахсони доро ва чи камбағал ин хӯроки серғизо як хел тайёр карда мешавад.Барои тайёр кардани қурутоб кадбону субҳидам нони фатирӣ мепазонад. Баъд аз он дар косаи сафолин миқдори муайян қурутро гирифта дар оби ширгарм тар мекунад, баъди ним соат ба воситаи кафи даст ба молиш додан сар мекунад.То он дараҷа молиш дода мешавад, ки аз қурути дар коса буда, танҳо пораҳои хурд боқӣ мемонад. Агар, ки оби қурут ғафс шавад ба он каме оби широгарм ҳамроҳ менамоянд.

Барои тайёр намудани қурутоб хасфатир ё чи хеле ки аҳолии Роғ онро хамирфатир мегӯянд, пухта мешавад. Фатирҳои пухташударо агар ягон маъракаи калон бошад, се-чор мард пеш аз омадани мардум реза менамоянд. Акнун дар ду-се табақи чӯбин, дӯғи қурутиро мерезанд. Онгоҳ фатири резакардаро аз болои дуғи дар табақбуда мегузоранд. Аз болои фатир қадре пиёзи бехиро маҳин реза карда мепошанд.[2] Баъди ин коркард равғани зарди доғшударро ба болои фатиру пиёзи дар табақ буда мерезанд,ки баъзан пиёз аз шиддати равғани зарди ҷӯшидаистода сӯхта суп-сурхи ба сиёҳӣ майлдошта табдил меёбад. Дар баъзе минтақаҳои кӯҳӣ ва водиҳо ба қурутоб мурч, қаламфур ё резапиёзу кабудӣ ҳамроҳ мекунанд.

Қурутоб таоми хушхӯру серғизо аст.Онро дар вақти сард будани ҳаво, яъне дар фасли зимистон бештар тайёр мекунанд.

---

1 Ершов Н.Н. Пища / Н.Н.Ершов // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып -2. - Душанбе:Ирфон, 1970.-С. 225-233.

2 Мувофиқи ахбори Раҳимов М.(1936-2015) сокини н. Шӯрообод, д. Порвор.

**Дӯғравған:** Яке аз хӯрокҳои болаззати аҳолии Роғ буда, дар фасли тирамоҳ ё нимаи баҳор тайёр ва истеъмол карда мешавад. Дӯғравған чунин тайёр менамоянд: чаккаро бо об, дар косае омехта ё каме тунук карда, як ё ду бех пиёзро ба он реза карда мемонанд.Ҳамсуҳбатам изҳор намуд:"Баъд фатирро реза карда, равғани доғшударо ба болои он мерезанд, агар фатирхамир бошад, хоҷати бо қошуқ онро каф додан нест, агар сангфатир бошад, бо чумча онро каф мезананд"[1]. Пас аз анҷоми ҳамаи ин корҳо дӯғруған барои хӯрдан тайёр мешавад.

**Ширбиринҷ:**Яке аз хӯрокҳои қадимаи мардуми тоҷик буда, дар байни хӯрокҳо баъди палов дар ҷои дуюм меистад.[2] Тарзи тайёр намуданаш дар тамоми кӯҳистони тоҷик дар асри XIX-XX як хел мебошад. Тайёр намуданаи ширбиринҷ ба кадбону вобастагӣ дорад. Агар шир камтар бошад, дар аввал биринҷи тозакардашударо бо қадре об то нимпаз шудан меҷӯшонанд. Баъд ширро дар деги биринҷдор рехта, то пухтанаш меҷӯшонанд. Агар шири гов зиёд бошад, онгоҳ лозим меояд, ки дар шири нимҷӯш биринҷро андозад ва бо чумчаи чӯбин ё кафгир онро мекобад. Баъд аз тайёр шудани хӯроки ширбиринҷ кадбону ба болои он равғани зард мерезад.Дар кӯҳистони Роғ ширбиринҷро гармогарм дар табақ бардошта, ба дастархон мегузоранд ва дар болояш равғани зард мерезанд.Баъзан бо ширбиринҷ каллақандро куфта хамроҳ менамоянд.

**Нашоиста**: Нашоиста ғизои субҳона буда, дар тамоми фасли сол истеъмол карда мешавад. Чунин тайёр мекунанд: Баҳорон ва тобистон,як санг (5-7 кг) гандумро шуста дар зарфе то се рӯз дар об мегузоранд. Баъди се рӯз онро аз об гирифта, дар уғӯрак мекӯбанд, ҳангоми ғалбер

1 Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 2 / Н.А. Кисляков ,А.К.Пирсарчик . –Душанбе: Дониш, 1970- С. 232.
2 Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С. 82-83.

кардан пӯсти болояш аз сабаби тар будан ҷудо мешавад ва гандуми бепучоқ шира мешавад. Шираи ҳосилшудародар халта гирифта, то 6-рӯз дар дарахте овезон мекунанд, ки оби зиёдатиаш хушк мешавад. Баъди шираи гандумро аз халта гирифта, дар офтобрӯя хушк мекунанд ва боз дар халта андохта, дар хона нигоҳ медоранд. Субҳгоҳон он маҳлулро дар оби ҷӯшомадаи широгарм мешикананд ва дар шири ҷӯшомада мерезанду барои начаспидани маҳлул бо чумча онро 3-5 дақиқа омехта карда ва нашоиста тайёр мешавад. Ғафсии нашоиста ба мисли хамир ё чакка мешавад. Пеш аз хӯрдан барои болазаттар шуданаш ба болои он равғани зард мерезанд.[1]

**Ширкаду:**Таоми беҳтарине барои мардуми кӯҳистон ба ҳисоб меравад. Дар қарияи Роғ ба гуфти мӯйсафедони кӯҳансол ширкаду хӯроки доимии аҳолӣ мебошад. Дар кӯҳистон каду, шалғам, мош, арзан рӯёнда мешавад. Чи дар зимистон ва чи дар тобистон хӯрдани он аз фоида холӣ нест. Кадуро пӯст карда,дохилашро аз дона ва бофтаҳо тоза карда, баъдан гирда-гирда бурида, ба деги шири гармшуда гузошта, маҳин меҷӯшонанд. Ҳангоми ҷӯшидан ва пухтани каду онро бо кафлез каму беш молиш дода майда мекунанд. Ҳамин тариқ, баъд аз пухтани ширкаду метавонанд ба назди меҳмонон ё аҳли байт онро дар табақ гирифта, ба дастархон гузоранд. Дар байни тоҷикон «хӯроки аҳли биҳишт» ҳисобида мешавад.[2] Кадубаширро ба воситаи чумча истеъмол мекунанд. Дар табақи кадубашир нон реза намекунанд.

[1] Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 2 / Н.А. Кисляков ,А.К.Пирсарчик . –Душанбе: Дониш, 1970. -С.235.
[2]Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева.- Душанбе, 2015.-С. 56.

**ҒИЗОҲОЕ, КИ ТАРКИБАШОН ШИРИНӢ ДОРАНД**

**Қандотала:**Ғизои субҳона буда, асосан, барои занҳои навзод тайёр карда мешавад. Ҳамчунин, кадбону барои аҳлу байташ низ ин намуди ғизоро метавонад тайёр кунад. Усули тайёр карданаш: равғанро доғнамуда, гардро бирён карда, қандро дар об монда ҳал мекунанд. Ҳангоме ки равғану орд тайёр мешавад, қадре об рехта, баъд қанди ҳалшударо ба он мерезанд. Ҳангоме ки тайёр шуд, онро ба коса гирифта, ба воситаи чумча истеъмол мекунанд. Ғафсии ин ғизо ба мисли ҷурғот мебошад.

**Ҳалвои сафедак:**Ҳалвои тоҷикӣ дар тамоми забони халқҳои ҷаҳон маълум буда, аз 169-200 намуд мешавад.[1]Ҳалво дар кӯҳистони Роғ чанд намуд мешавад, ки беҳтарин ва лазизтаринаш ҳалвои сафедак мебошад.

Чунин коркард мекунанд: як миқдор ордро аз элак гузаронида, дегро тоза шуста, дар болои алов гузошта, равғани говро бо равғани зард ё маска ба дег андохта доғ мекунанд. Баъди ин ордро ба дег рехта, боравған таф медиҳанд ва баъди пухташуданаш ба табақ бардошта, ба воситаи чумчаё кафи даст соиш медиҳанд то 50-60%-и сафедиаш маълум шавад.

Дар зарфе 0,5-1 кг қандро тар карда ё ҳамин миқдор қандро дар уғур майда карда, аз элак мегузаронанд. Ин шарбатро ба табақи ҳалво рехта, омехта карда, то сафедшавиашкаф мезананд. Баъди тайёр шудан онро ба табақе гирифта, дар таги сабади калон мегузоранд. Ҳамсуҳбатам иброз намуд:“Вақти истеъмол, ҳалво аз сабаби равғани гов доштанаш ях мекунад ва ба воситаи корд мебуранд. Ҳалводар рӯзҳои ид ё ҳалво барон тайёр карда мешавад”.[2]Дар сарзамини Роғ 10-намуд ҳалво маълум буд. (сурхак, ҳалвои наботӣ, хонагӣ, чормағзӣ, муллоқандӣ, ҳилолӣ, донагӣ,

---

[1] Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С.88.

[2] Мувофиқи ахбори Сафарова С (1920-2006) сокини н.Фархор,д.Бустон.

сафедак, зардҳалво, тарҳалво ва амсоли инҳо) буда, тарзи тайёр кардани ҳалво дар байни аҳолии тоҷикнишин қариб як хел мебошад.

**Қандпазӣ:**Қандпазӣ, махсусан,дар кӯҳистон ба ҳукми анъана даромада буд. Зеро дар хуришҳо ба таври васъе истифода бурда мешуд.[1]Мардуми пеш азинқилобӣ, ки дар кӯҳистон зиндагӣ мекарданд, ба ширинӣ ҳусну таваҷҷуҳ доштанд, зеро он ғизои аълосифат буд.

Коркарди тайёр карданаш: қандро аз растании найшакар ва лаблабуи қанд тайёр мекарданд. Ба воситаи корд пояҳои найшакарро 2-3 см дар болои бурё ё ягон палос майда-майда реза мекарданд.Моддаи тайёршударо чайқонида ба уғур андохта, майда мекарданд. Моддаи ғализи часпак тайёр мешуд, ки онро ба дегҳо андохта, ба андозаи муайян об мерезанду муҳлати зиёде меҷӯшониданд, ки қандоб ҳосил мешуд. Баъди хунук ва сахт шудани қандоб онро мешикастанд ва пораҳои калон ҳосил мешуданд, ки онҳоро калақанд мегӯянд. Аммо қандҳои истеҳсолкардаи онҳо сафед набуда, сафеди нилобӣ буд.

**Ширинипазӣ:** Ширинипазӣ дар кӯҳистони Роғ хеле маъмул буд ва он аз меваи тут тайёр карда мешавад. Усули ширинипазии тут:тутро ҳангоми пухтанаш, ки ба моҳҳои июн, июл рост меояд, дар матоъҳои махсус, ки онро чодари тутпайи мегӯянд, таконда баргу шохчаҳояшро тоза мекунанд. Баъд дар дегҳои калон андохта, барои он ки тагаш насӯзад 3-4 литр об мерезанд. Аз таги дег оташ мегиронанд. Ҷӯшонидани тут 3-4 соат идома меёфт ва дар ин муддат кафки болояшро бо кафлезҳои калон аз дохили дег гирифта мепартоянд. Баъди ин, барои тоза кардани он чаштакҳои калонро гузошта, дар деги дигар онро гирифта соф мекунанд. Оби тути пухташударо гирифта, аз сари нав боз дар гармии наонқадар баланд ҷӯшонида, ба дохили он палавкадуро пора карда

---

[1] Ванукевич А .Таджикские национальные сладости / А.Ванукевич. –Душанбе: Ирфон,1978.-С.15.

меандозанд. Баъди он ки ширинии тут ғафс шуд, лахчаро аз тагаш гирифта, пораҳои кадуро, ки дар дохили деги ширинӣ пухта шудааст, гирифта истеъмол мекунанд. Акнун ширинии тайёршударо дар хурмаҳо ё мангичаҳои махсус гирифта, даҳонашро бо маътои тоза бастава аз болои маъто бо коҳгил андова мекарданд.Ширинии тутро дар хунукиҳои қаҳратун ва ё дар вақти аз хунукӣ гирифтори сулфа гардидан ё ягон намуди дигари касалиҳои аз хунукӣ пайдошуда истеъмол мекунанд.[1]

Дар фасли тобистон бошад ширинии тутро бо ҷурғот омехта карда истеъмол мекунанд, зеро ки қобилияти гармиаш зиёд аст. Бо омехта кардани ҷурғот қобилияти гармии ширинӣ пасттар мешавад, ки онро нугул низ мегӯянд. Дар даврони ҳозира дар Хуҷанд онро “шиннӣ” мегӯянд.[2]

**Тутпис (Тутпӯст):** Дар ноҳияи Роғ дарахти тут парвариш меёбад,ки аз меваи он васъе истифода мебаранд.Барои тайёр кардани тутпис, ҳангоми пухта расидани тут,меваи онро дар чодари махсус мешапонанд.Онро аз баргу хасруба тоза карда,болои бомҳо дар офтоб мехушконанд.Баъди пурра ба талабот ҷавобгӯ шудан, онро дар уғӯри чӯбин куфта майда мекунанд.Ҷарма ё майдаи ҳосилшударо бо элак бехта, аз нав тоза менамоянд.Шираи ҳосилшударо бо андозаҳои гуногун дар коса ва табақҳо гузошта, дар таҳхона ё кулӣ мегузоранд.Дар фасли замистон ин маҳсулотро бо корд бурида бо чой тановул менамоянд,зеро тутпис барои касалиҳои реши рӯда,исҳоли музмин аз манфиат холӣ нест.

**Суманак:** Яке аз суннатҳои бостонии мардуми Роғи Бадахшон, суманакпазӣ мебошад. Суманакпазӣ аз фарорасии ҷашни Наврӯз ва расидани баҳору айёми киштукор мужда медиҳад.

---

[1] Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 2 / Н.А. Кисляков ,А.К.Пирсарчик . –Душанбе: Дониш, 1970. -С.241.

[2] Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С. 88.

Мардуми тоҷик дар тайёр кардани ҳалвою шарбат ва ширинииҳои миллӣ хеле моҳиранд. Махсусан, суманак дар байни ин нозу неъматҳо чун ширинии наврӯзӣ машҳур аст. Абӯрайҳон Берунӣ пайдоиши ин маросимро ба Ҷамшед ва Манучеҳр нисбат додааст: «Вақте ки Афросиёб Манучеҳрро гирифт, сокинони шаҳр дар натиҷаи ба таъхир афтодани вақти кишти гандум аз сабзонидан ва пухтани нон маҳрум гаштанд, халқ маҷбур шуд, ки гандумҳои норасида ва ғаладонаҳои захираро орд карда хӯрокпазанд. Ин навъи ғизопазӣ, яъне суманакпазӣ аз ҳамон давр одат гашт»[1]

Аз ин гуфтаҳои Абӯрайҳон Берунӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки маросими суманакпазӣ дар кишвари мо ҳанӯз аз замони шоҳ Ҷамшед оғоз ёфтааст. Намуди тайёр намудани суманак: Аввали моҳи март, як миқдор гандумро тоза карда чандин бор мешӯянд. Баъд гандуми шустаро дар табақ, лаълӣ ё ин ки дар болои тахта гирифта паҳн мекунанд. Онро дар ҷои офтобрас, одатан болои боми хона барои сабзидан мегузоранд. Дар вақти муайян ба он об мепошанд, ки гандум неш занад. Баъди 15-16 рӯз гандум сабзида, шира мегирад ва онро гирифта майда карда, даруни уғур гузашта мекӯбанд.Сабзаи кӯфтаро ба об омехта карда соф мекунанд, ширaи онро мечӯшонанд,то ки қиём шавад.Ва ҳангоми пухтан ба он орд омехта карда, суманакро ҳар лаҳза бо кафлези чӯбин каф медиҳанд.

Суманак, ки анвои наврӯзӣ ҳисоб мешавад, онро шабонгоҳ, яъне шаби наврӯзӣ пухта, субҳидам оташи таги дегро хомӯш месозанд ва дегро бо сарпӯш мепӯшонанд. Дар дастархони наврӯзӣ барои аҳли хонадон ва ё меҳмонон гузошта мешавад.

---

1 Берунӣ А. Осор-ул-Бақия / А.Берунӣ. -Душанбе: Ирфон, 1990.-С.131.

**ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОҲИИ СУМАНАК**

Буқроти бузург гуфтааст, ки «Хӯроки шумо бояд доруву дармони шумо бошад». Агар аз рӯи ин панди судманд амал намоем, суманак маҳз шириниест, ки баробари хуштаъму болаззат буданаш хусусиятҳои зиёди шифоҳӣ низ дорад.[1]

Барои исботи фикр ба таркиби кимиёви суманак назар менамоем.Ҳангоми неш задани донаҳои гандум ва сабзиши он дар таркиби он миқдори зиёди витамини Е қариб 10 мг, кислотаи параминбензоат ё витамини афзоиш пайдо мешавад.[2] Дар таркиби худи суманак миқдори зиёди гемосилюлоза, намаки калийи барои инсон зарур мавҷуданд.

Ба хун ҷабидани холеситерин кам шуда, кислотуршиҳои талха меафзояд. Дар талхадон пайдоиши сангро раф месозад.

**Ғизоҳои гӯштӣ ва равғанӣ.**

**Шӯрбо:**Як навъ таъоми миллии қадимаи халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, мардуми сарзамини Роғ мебошад. Шакли тайёр намудани шӯрбо:баъди ширин намудани равған дар дег аввал гӯшт, баъд пиёзро каме сурх намуда,намак, баъди чанде помидор (ё помидори хушки суда карда)-рониз андохтасурх мекунанд.Ҳангомитайёр шудани зербак, обро мерезанд.

Дар бисёр минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистону Афғонистон ба шӯрбо нахуд, сабзӣ, шалғам ва картошка илова мекунанд.Вале ба аҳолии кӯҳистони Роғ ин сабзавот шарт нест.Вақте ки гӯшт пухта шуд,деги шӯрбо такрибан як соат маҳин меҷӯшад. Баъд шӯрборо ба табақҳо кашида, мувофиқи хоҳиши ҳозирон кабудӣ меандозанд.Вале барои аҳолии кӯҳистони Роғ танҳо пиёзро майда карда ба болои шӯрбо гузоштан хос аст. Аҳолӣ шӯрборо, асосан, бо сангфатир мехӯранд. Дар

---

[1] Неъматӣ А. Навиди Наврӯз / А.Неъматӣ //Илм ва ҳаёт. -1989.- №3.-С.24.
[2] Берунӣ А. Осор-ул-Бақия /А.Берунӣ. - Душанбе:Ирфон.- 1990.-С.149.

табақи чӯбин фатиррореза карда, баъд бо қошуқи чӯбин шӯрборо каф зада,истеъмол мекунанд.[1]

**Хомшӯрбо:**Дигар намуди ғизои мардуми кӯҳистони Роғ хомшӯрбо мебошад. Хомшӯрбо аз гӯшт, пиёз ва об иборат аст, ки обро ҷӯшонида ба он гӯшту пиёз илова мекунанд.

**Фатирмаска:** Фатирмаска як намуди хӯроки миллии мардуми тоҷик ва қарияи Роғ ба ҳисобмеравад. Чи наве ки момаи Сангимо аз гузаштаи дур хабар медиҳад, тарзи тайёр намудани фатирмсака чунин аст: барои фатирмаска хамирфатир пухтан лозим меояд.Ин намуди нонро дар водии Қаротегину Дарвоз хасфатир мегӯянд.Хамирфатир ё хамфатирро аз чагдон канда, дар табақи чӯбин мегузоранд, аз болояш як коса равғани маска мерезанд.Барои майда кардани он қошуқи чӯбинро гирифта, аз як тарафаш ба майда кардани фатир сар мекунанд.Сокинони Роғ фатирро каф мезананд. То он замоне каф мезананд,ки фатир бо равғани маска омехта шавад.На ҳар кас қуввати хӯрдани ин таомро дорад, баҳри хушхӯр шуданаш баъзан ҷурғот, чакка ва ё шакар омехта мекунанд. Дар урфият мегӯянд, ки фатирмаска дили одамро сафед мекунад. Фатирмаскаро бисёртар дар айёми баҳорон тайёр менамоянд, зеро дар ин фасл ҳаво он қадаргарм нест. Фатирмаска ғизои дӯстдоштаи тоҷикони кӯҳистони Дарвоз мебошад.[2]

**Картошкашӯрбо (Кактошкапиёба):** Дар кӯҳистони Роғ, аслан, ҳама вақт хӯрокҳои картошкагӣ истеъмол карда мешавад, онро ин шаклтайёр мекунанд: дар дег равғанро доғ карда, ба он пиёзу картошка ва помидору намак андохта каме меҷӯшонанд. Баъд ба он ба миқдори лозимӣ об меандозанд, ҳангоми ҷӯшида тайёр шудан, кадбону бори дигар намаки

---

3 Ершов Н.Н. Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып / Н.Н.Ершов.- Душанбе: Дониш, 1970.-С. 225-233.

[2] Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. -Душанбе.2015.-С. 47-48.

онро мечашад.Баъди тайёр шудани картошкапиёба онро дар табаќи чўбин гирифта, ба он хасфатир, нони чапотӣ ё нониғафсак реза карда, истеъмол мекунанд.[1]

**Нахўдшўрбо ё нахўдпиёба:** Нахўдшўрбо низ ба мисли картошкашўрбо тайёр карда мешавад. Нахўдро дар уғури чўбин майда ё ярма намуда, баъд гирифта дар косае андохта, ба оби широгарм мешўянд. Дар косае бо оби широгарм нахўди ҷармашударо муддате мемонанд ва пучоқаш ҷудо шуда, мағзаш мулоим мешавад. Баъд онро ба дег андохта маҳин меҷўшонанд. Нахўдшўрбо таоми болаззати ҳамаи фасли сол аст. Нахўдшўрборо дар табақ бардошта, сангфатирро реза карда, бо қошуқ каф мезананд, ба он қаланфур омехта карда истеъмол мекунанд.

**Кадушўрбо (Кадупиёба):** Кадупиёба ғизои ҳамасолаи кўҳистониён аст.Чунин тайёр карда мешавад: равғанро дар дег ширин карда, баъд пиёзу помидори резакардаро камтар таф медиҳанду об мерезанд. Баъди ин амалҳо кадуро чор қисм карда, онро аз дона ва риштаҳои тоза карда, мешўянд ва як қисми онро майда карда, ба деги ҷўшида истода меандозанд. Ҳангоми пухта шудан онро дар табақ гирифта нон ё фатир реза карда,пораҳои кадуро дар болои нони дар табақ буда, майда карда истеъмол мекунанд.

**Кчирӣ:** Хўроки болаззатест, ки онро дар лаълӣ гирифта истеъмол мекунанд. Кчирӣ аз биринҷ, наск ва мош иборат аст. Тарзи тайёр карданаш чунин аст: дар дегдонча алов даргиронда, дегро болояш мегузоранд ва ба он равған мерезанд. Равғанро ширин карда ба он пиёзи резакарда, сабзӣ ва помидорро меандозанд ва таф медиҳанд. Баъди ин биринҷ, наск, лубиё ва гўшт, об, намак ва дигар маҳсулотҳои лозимиро ба дег мерезанд ва меҷўшонанд. Ҳангоме тайёр шуд, оташи онро хомўш

---

[1] Мувофиқи ахбори Сафарова С (1920-2006) сокини н.Фархор, д.Бустон.

мекунанд.Барои хушхӯр шуданаш қаланфур ва чаккаро истифода мебаранд. Хотирнишон бояд кард, ки кчирӣ ба мисли шавла буда, каме маҳсулотҳояш зиёдтаранд.

**ХӮРОКҲОИ СУБҲОНА ВА ИНТИХОБӢ**

**Кадуи тагиаловӣ:** Дар ҳар минтақа ҳар хел тайёр карда мешавад. Дар баъзе ҷойҳо ба дохили каду гӯшт ва дигар анвоҳо ҷой мекунанд.Дар қарияи Роғ ва ҷойҳои сукунати роғиҳои Шӯрообод, ин ғизо чунин тайёр карда мешавад: ҳангоми пухтани нони чакдонӣ, хокистари онро дар як ҷой ҷамъ мекунанд каме, ки тафси лахча паст шуд, он гоҳ кадуро ба зери хокистар мегузоранд ва болои чакдонро ба сарпӯшаш мепӯшонанд.

Саҳаргоҳон ҳангоми субҳона кадуро аз зери хокистар гирифта, тоза карда ба болои коса ё табақе гирифта, ба дастархон мегузоранд. Кадбону онро ду қисм мекунад.Ҳамсуҳбатам изҳор намуд:“Писаракон пеш аз ҳама ба донаҳои каду, ки болаззат аст, андармон мешаванд. Ин ғизо дар ҳамаи фаслҳои сол, тайёр карда мешавад”[1].

**Шейхмадӣ:** Субҳонаи пагоҳӣ буда, онро дар Роғ бисёр истифода мебаранд.Ин ғизоро хорзаков низ мегӯянд.Тарзи тайёр карданаш чунин аст: ордро бехта дар дег бирёнкарда, равғани гӯсфанд ё қадре қанд ё шакар омехта мекунанд. Ҳангоми пухтани шейхмадӣ онро ба табақгирифта, ба назди аҳли байт мегузоранд ва бо чумча ё нон истеъмол мекунанд.

**Нугул:**Нугул аз пиёз, гашнич,пудина тайёр карда мешавад. Барги пиёзро майда карда, дар табақ гузошта,бо санги гирда молиш дода майда мекунанд.Нугулро дӯғ омехта карда, бо оши тупа ё бурида истеъмол мекунанд.Умуман, барои хушхӯр шудани ғизоҳои хамирӣ тайёр карда мешавад.

---

[1]Мувофиқи ахбориОхунова М.(1918-2011) сокини н.Фархор,д.Бустон.

**Гардсӯз:** Ғизои субҳонаи аксари аҳолии кӯҳистони Роғ мебошад.Усули тайёр карданаш: дегро шуста дар болои дегдонча гузошта, оташ мегиронанд. Дег то хушкшавиаш нигоҳ дошта шуда,баъд як каф ё ду каф ордро аз элак гузаронида ба деги болои оташдон мерезанд. Гардро то сурх шудан бо кафлез каф медиҳанд. Баъди тайёр шудани орд ба он намак ва ширро илова мекунанд, ки дар болои оташдон 10-12 дақиқа меистад. Ин ғизоро гардсӯзи башир мегӯянд.[1]Ҳамчунин аз сабаби набудани шир метавонанд қадре равған ба дег андохта, бо орд сурх карда, баъд намаку об резанд, ки инро гардсӯзи равғанӣ мегӯянд.

**Гардоб ё ордоб:** Ин намуди хӯроки субҳона бо номи гардоб маъмул аст.Гардоб аз сабаби набудани равған ва шир пухта мешавад, ки дар деги гарм ордро сурх карда, обу намак мерезанд.Ҳангоме ки тайёр мешавад, ба табақҳо гирифта, баъзан нон майда карда истеъмол мекунанд, баъзан бе нон. Ин ғизои хоси аҳолии кӯҳистони тамоми Осиёи Миёна ва кӯҳистони тоҷикону афғонҳо ба ҳисоб меравад.

**Тезукоб ё тезакоб :**Тезаков як намуди хӯроки сабуке мебошад, ки онро дар ҳамаи маҳалҳои тоҷикнишини кӯҳистон истифода мебаранд.Тарзи тайёр намуданаш чунин аст: дар табақи чӯбин як миқдор оби широгарм бо сабзак омехта мекунанд.Нони гарми тунукие аз танур гирифта мешавад, дарҳол реза карда,ба табақ мегузоранд ва истеъмол мекунанд.Ҳамсуҳбатам изҳор намуд:”Тезакоб бисёр вақт ҳангоми пухтани нони чапотии гарм тайёр карда мешавад”[2].

**Шакароб:** Ин хӯроки сабуки миллии кӯҳистони Роғ ва халқи тоҷик мебошад.Агар гӯем, ки дар гузашта ин намуди хӯрок ба дастархони камбағалон хос буд, хато нахоҳем кард.Тарзи тайёр намуданаш чунин

[1]Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. - Душанбе, 2015.-С.49.
[2] Мувофиқи ахбори Сафарова С.(1920-2006), н.Фархор,д.Бустон.

мебошад: барги пиёзро майда карда, гашнич, шибит,помидор ва сабзакро дар косаи чӯбин бо санги гирда мекӯбанд.Баъд ҳамаи онҳоро бо ҳам омехта карда, оби гарм ё баъзан оби хунукро мерезанд, намак андохта лазаташро мечашанд.Ҳангоми ба талабот ҷавоб додан хамирфатири гармро дар табақреза мекунанд. Баъзе шахсон аз қаланфуру тезак истифода мебаранд.Шакароб ҳангоми гармии тобистон хӯроки нисфирӯзӣ ба ҳисоб рафта, ҳатто барои меҳмон низ тайёр карда мешавад.[1]

**Зиркоб:** Зиркоб аз таомҳои маъмули аҳолии Роғ буда, асосан, саҳаргоҳон пухта мешавад. Он чунин тайёр карда мешавад: дегро дар болои оташ, хушконида, баъд 3 ё 4 чумча равғани зард рехта доғ мекунанд ва орди дар элак бехтаро кам-кам ба дег меандозанд. Баъд равғану ордро омехта карда, ба чумча каф медиҳад. Ҳангоми оташи маҳин ин таом бо номи зиркоб ё ревич тайёр мешавад. Ин таомро дар коса бардошта, бо пораи нон ё фатир истеъмол мекунанд.Дар зиркоб нон реза намекунанд,маҳлули зиркоб ба мисли чурғот мешавад.Инчунин зиркобро ҳангоми таваллуди кӯдак дар хонадон ва тӯйи арӯсон истифода мебаранд.[2]

**Талқон:** Ғизои беҳтарини аҳолии Роғ буда, дар ҳамаи фасли сол истеъмол карда мешавад ва тӯша барои сафари дуру дароз мебошад, зеро нон мағор мебандаду талқон муддати зиёд меистад. Бо чунин усул тайёр карда мешавад: Як миқдор гандумро (2-санг ё 5-санг) дар деги калон андохта,инчунин, ба он қанди куфта омехта карда мепазонанд,[3] баъд онро дар офтоб хушк мекунанд. Ба қадри 1 санг нахӯди бирён ва як

---

[1] Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С. 50.

[2] Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 2 / Н.А. Кисляков ,А.К.Пирсарчик . –Душанбе: Дониш, 1970.- С. 236.

[3] Ванукевич А.Таджикские национальные сладости / А.Ванукевич.-Душанбе: Ирфон,1978.-С. 67.

миқдор гандуми нопухта ба он ҳамроҳ мекунанд. Ҳамаи инро дар линча(қоп) ё халтаи калоне гирифта, дар осиёби обӣ орд мекунанд. Баъди тайёр шуданаш онро дар кулӣ ҷой мекунанд.Талқон дар вақти кам будани нон дар дастархони хонадон гузошта мешавад. Қадре аз орди талқонро ба табақ гирифта, равғани зарду обро ба он омехта мекунанд.

Адозаи ин хӯриш ба мисли заволаи фатир мешавад. Соҳибхона онро тахминан ба андозаи қурут ва ё тухм гирд карда, ба кӯдакон ё калонсолон тақсим мекунад.[1]

Ҳамин тавр дар асоси маводҳои дар боло овардашуда муайян карда шуд, ки мардуми Роғ вобаста ба шароити табиӣ аз маҳсулоти кишоварзӣ, чорводорӣ, боғдорӣ ва гиёҳҳои хӯрданбоби табиӣ хӯрокҳои гуногун тайёр мекарданд. Маҳсулоти асосие, ки дар пӯхтани хӯрок истифода мебурданд азинҳо иборат буданд: равған, орд, гандум, наск, нахӯд, лубиё ваамсоли инҳою гӯшт, меваҳои хушк ва гиёҳҳои табиии хӯрданбоб. Нони аз орди гандуми тайёр кардашуда муҳимтарин ғизои мардуми Роғ ба ҳисоб меравад. Онро бо тарзи гуногун пухта қариб бо тамоми намудҳои хӯрок истеъмол мекарданд. Мардуми Роғ 15 намуд нон мепухтанд, аз ҷумла чапотӣ, ғафсак, якчанд намуди фатир, нахӯдӣ, ҷавӣ, қалама, товагӣ ва ғайра. Намуди хӯрокҳо низ хеле зиёдва зиёда аз 40 намудро ташкил медиҳанд. Онҳоро ба чанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин: ордӣ-хамирӣ, донагӣ, ширӣ, ширӣ-равғанӣ, гӯштӣ ва ғайра. Тамоми намудҳои хӯроквориро мардум аз маҳсулоти худӣ истеҳсол карда, тайёр мекарданд.

---

[1] Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 2 / Н.А. Кисляков ,А.К.Пирсарчик . –Душанбе: Дониш, 1970. -С.232.

# БОБИ V. Анъана ва маросимҳои миллӣ

## 5.1. Ҷашну маросимҳо

### А) Маросимҳои марбут ба фаслҳои сол ва кишоварзӣ

**Барфӣ.**Ҳар як халқ аз рӯи урфу одатҳои миллии худ маросимҳои анъанавӣ дорад, ки аксарияти онҳо ба оин, ақида ва тасаввуроти қадимии мардум алоқаманд мебошанд.

Барфӣ маросими боридани барфи аввалро таъкид карда ва бо оростани маъракае ба анҷом мерасид.Дар кӯҳистони Роғу Дарвоз кӯдакону ҷавонон, мардон, мӯйсафедон- ҳама ҳамдигарро ба муносибати боридани барфи аввал табрику шодбошӣ гуфта, дар лаҳзаҳои қуллай ба хонаҳои ҳамдигар ва ҳатто ба деҳаҳои ҳамсоя «Барфӣ» мебурданд. Дар Роғи Бадахшон чунин тарз ва усулҳои гузаронидани маъракаи мавсимии «Барфӣ» мавҷуд аст.

1.Ҳамсояҳо ё гурӯҳи калонсолон дар вараќе «Барфӣ»- навишта, ба дасти қосид месупоранд, то бурда ба барфишаванда супорад. Матни «Барфӣ» асосан чунин аст:

Барф меборад имрӯз аз ҳаво,
Барфи нав аз мову «барфӣ» аз шумо.
Зарра-зарра барф меборад сафед,
Як зиёфат аз шумо дорем умед.
Сандалиро гарм созед аз алав,
Қурутобу ширбиринҷ, оши палав...

«Барфӣ»-ро ба хонаи барфишаванда бурда, ноаён дар таги курпача ва ё дар ягон ҷойи қулай тарзе мегузоранд, ки соҳиби хона пай набарад ва онро ба зудӣ наёбад. Қосид мекӯшад, ки аз хона ҳарчӣ тезтар баромада равад, ба иборaи дигар зудтар гурезад, то ки соҳиби хона аз матлаби омаданаш огоҳ нашад. Вале дар вақти хайру хуш қосид ба

барфишаванда ошкоро мегӯяд, ки рафта зери курпача ва ё фалон ҷойро бин, чӣ меёбӣ? Барфишаванда то он вақте ки «Барфӣ»-ро ба дасташ нагирад, ҳуқуқи дастгир кардани қосидро надорад.

Агар соҳибхона аз нияти омадани қосид воқиф шавад ва ё барфиро ёбад аз пайи ӯ таъқиб мекунад ва ӯро дастгир карданӣ мешавад. Агар қосидро то манзили зисташ дастгир кунад, бозиро мебарад ва агар натавонад, бозиро бохта шартҳо ва дархостҳои дар «Барфӣ»-нома зикршударо иҷро карда, зиёфат медиҳад. Баъзан мешавад, ки қосидро дастгир мекарданд ва дасту рӯи ӯро бо сиёҳии дег сиёҳ намуда, дар маркаб чаппа савор карда, то охири кӯча мебурданд ва дар гирди деҳа шодикунон давр мезанонданд. Ин корҳо танҳо барои дилхушӣ буду бас.

2.Дар кӯҳистони Роғ баъзе дӯстони наздик ва ё хешу таборҳои қадрдон ба деҳаи ҳамсоя аспсавор «Барфӣ» мебурданд. Чун аз «Барфӣ» овардани ӯ огоҳ мешуданд, ҳатман барфикунандаро савори асп таъқиб менамуданд, ки пойгаҳ ва манзараи шавқовари варзиширо мемонд.[1]

**Гулгардонӣ:** Гулгардонӣ як нав маросими анъанавӣ мебошад, ки ҳангоми зоҳир шудани аввалин нишонаҳои баҳор, шукуфтани гули сиёҳгӯш (гули зардак, гули қӯшқорак, гули ҳасрат, бойчечак) гузаронида мешавад.

Гулгардонӣ вобаста ба шароити ҷӯғрофӣ ва боду ҳавои маҳал дар вақтҳои гуногун ба вуқӯъ меояд.Ҳангоми саршавии фасли баҳор, бачагон ба кӯҳсор баромада, гули сиёҳгӯш чида, гулдаста ороста, ҳавлӣ ба ҳавлӣ мегарданд, таронаҳо мехонанд ва мардумро аз омад-омади баҳор, наздик расидани вақти кишту кор хабар медиҳанд. Соҳибхонаҳо гулро зиёрат карда (ба чашму абрувонашон молида), ба бачаҳои гулгардон ба қадри

1Сафаров Х.Х. Барфӣ-маросими солинавӣ / Х.Х. Сафаров //Анвори Дониш. -2016. 5 январ.№1.-С. 8.

ҳиммат ягон чиз ҳадя медоданд.[1] Бачагон ҳамин тавр тамоми деҳа ё гузарашонро давр мезананд. Баъд ҳадяи ҷамъшударо байни худ тақсим мекунанд ва ё бо иштироки калонсолон аз ғалла ва орди ҷамъшуда ғизо пухта мехӯранд.

Дар қисми шимоли Тоҷикистон суруди Бойчечак (Бойкандак) машҳур аст. Дар гулгардоние, ки ба номи бойчечак маълум аст, бачаҳо чунин байтро мехонанд:

Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.
Ба деҳқон вақти кор омад,
Ба дӯстон гул қатор омад.

Дар водии Кӯлоб ва Дашти Терай, Дашти Ҷум ва Роғ сурудҳо ва оҳангҳои дилкаши халқӣ сароида мешавад. Сарбайтхон дар даст гулдаста, пеш-пеши гулгардонҳо сарбайт мехонад ва дигарҳо якҷоя такрор мекунанд.

Сарбайтхон:

Гули сиёҳгӯш қошгардон,
Табақ пур куну даст гардон,
Бидеҳ бар дасти гулгардон.

Ҳама:

Баҳори нав муборак бод!

Ё ин ки:

Гули сиёҳгӯш ҳафтрангай,
Хӯроки кабки дилтангай,
Ҳамеша дар руяаш ҷангай,

1 Сухарева О.А.Празднества цветов у равнинных таджиков (Историко-этнографические очерки) О.А. Сухарева. //В кн: Древние обряды верования и культы народов Средней Азии. -М.:Наука,1986. -С.31-46.

Ҳама:

Баҳори нав муборак бод![1]

Фарорасии фасли баҳорро мардуми Роғ, ки шуғли асосиашон кишоварзӣ буд, бесаброна интизор мешуданд ва бо маросими гулгардонӣ пешвоз мегирифтанд.

**Наврӯзӣ:** Сарчашмаҳои бостонӣ шаҳодат медиҳанд, ки таҷлили ҷашни Наврӯз аз замонҳои хеле қадим дар байни мардумони эронинажод пайдо шуда, дар аҳди Ҳахоманишҳо ва махсусан, дар замони Сосониён ҳамаҷониба такомул ёфтааст[2]. Истилоҳи "Наврӯз" аз ду ҳисса- "нав" ва "рӯз" таркиб ёфта, маънояш "рӯзи нав", аввалин рӯзи ҷадидро ифода мекунад. Дар бораи пайдоиши Наврӯз ва тарзи ҷашнгирии он аз сарчашмаҳои қадиматарини хаттӣ баъзе маълумотҳо дастрас мебошанд.

Масалан, дар "Авесто" ривояте аст, ки дар он роҷеъ ба таҷлили иди Наврӯз ишорае ба назар мерасад. Тибқи ин ривоят, байни мабдаи муқаддас ва тавонотарини тавоноҳо Ҳурмуз, баъди се ҳазор соли подшоҳӣ, аз ҷониби мабдаи ҷаҳолат ва торикӣ Аҳриман мубориза оғоз мешавад. Мабдаи покӣ ва рӯшноӣ- Ҳурмуз барои маҳв кардани Аҳриман равшанӣ пайдо намуда, бар зидди душман равона месозад. Дар бастагӣ ба пайдоиши рӯшноӣ ин рӯзро Наврӯз номидаанд.

Номи Наврӯз,ки калимаи форсӣ-тоҷикӣ мебошад ва ба маънои "Рӯзи нав"аст,ки ин аз он шаҳодат медиҳад,ки мардумони ориётабори форсу тоҷик асосгузори ин ҷашни фархунда мебошанд ва дар ин ҷой шаку шубҳа нест ва таи қарнҳои гузашта як қатор қавмҳои ғайри ориёӣ, бахусус, туркнажодон, ин оини бостонии моро чун суннати милии худ пазируфтаанд ва онро таҷлил мекунад. Далели дигар ин аст, ки Наврӯз

[1]Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳонакии Кӯлоб / Р.Амонов. -Душанбе, 1963.-С. 29.
[2] Сухарева О.А.Празднества цветов у равнинных таджиков (Историко-этнографические очерки) О.А. Сухарева.// В кн: Древние обряды верования и культы народов Средней Азии. -М.:Наука,1986.-С.31-46.

дар рӯзгори ҳеҷ ягон халқи ҷаҳон ба андозаи халқҳои ориёитабор ва ба вижа тоҷикону эрониён бо тамоми ҷузъиёту куллиёти суннатҳояшон мақом надорад ва маърифати зиндагии онҳоро ифода мекунад. Ин аз он шоҳодат медиҳад, ки Наврӯз бо тору поди мардуми мо танида шудааст ва пеш аз ҳама, орзую омол ва зиндагию ҷаҳонбинии моро ифода мекунад. Далели сеюмашон он аст, ки Наврӯз густариши ҳусну зебоӣ дар табиат ва ҷомеа ва таффакуру андешаи одами мебошад[1].

Ниёгони мо, ки аз рӯи гардиши Офтоб фаслҳои солро муайян менамуданд, Наврӯзро ба айёме, ки равшанӣ торикиро маҳв менамуд, мутобиқ медонистанд. Ҳамин тариқ, аз рӯзи муборизаи байни ҳаёт ва марг, тантана ва фармонфармоии Хуршеди ховар дар сарзамини мо, ҳанӯз дар асри VII пеш аз мелод, оини Маздак ва тақвими авестоӣ ҷорӣ мешавад. Мутобиқи ин тақвим сол ба 12 моҳ ва ҳар моҳ ба 30 рӯз тақсим шуда, дар ҳар моҳ рӯзе буд, ки ҳам номи моҳро ифода мекард. Ин рӯз дар ҳар моҳ рӯзи ҷашнӣ маҳсуб меёфт.

“Наврӯз”, ки баробар шудани шабу рӯз, бедоршавии табиат ва оғози кишту кор ҷашн гирифта мешавад, дар байни дигар ҷашнҳо эътибори бештаре дошт.

Наврӯз дар сарзамини тоҷикон, инчунин, дар байни аҳолии Роғ ба худ суннатҳои хосе дошт ва то имрӯз ба мо омада расидааст. Истиқболи Наврӯз пеш аз ҳама аз корҳои саҳроӣ оғоз меёфт.Деҳқонон охиримоҳи Ҳут маросими “говбаророн”-ро анҷом медоданд. Барзаговҳоро аз молхона бароварда, чанд рӯз дар ҳавои тоза нигоҳ медоштанд, ему хошоки серғизо дода, “хунук” мекарданд. Баъд аз ошу далда додан ба ҳамсоягон, барзаговҳоро ба саҳро мебурданд. Мувофиқи анъанаи аҷдодӣ бояд майсафеди рӯзгордидаю солор заминро 2-3 рах ҷуфт мекард.

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Суханрони ба ифтихори ҷашни Наврӯз дар Наврӯзгоҳи шаҳри Душанбе,2016. 21.03. сомонаи интернет. www/president.Tj.

Ин вазифаро дар ҳар водӣ ҳар хел одамон иҷро мекарданд.[1] Миробҳо, сардори деҳа, сардори як қабила ва амсоли инҳо. Дигар суннате, ки то замони мо боқӣ мондааст, ин ба якдигар об пошидан аст, ки аз аҳди Ҷамшед сарчашма гирифтааст.[2] Суннати маъмул ин густурдани хони Наврӯзи мебошад, ки дар дастархон бояд ҳафт син бошад: аз ҷумла, суманак, сунҷид, сабзӣ, сир, сирко, себ ва сипанд. Ҳар як неъмате, ки дар дастархон аст, ба Наврӯзӣ шукӯҳӣ хосае ато мекунанд. Дар ноҳияи Роғ дар ҳар деҳа ҷашни Наврӯз таҷлил мешавад,ки аҳолӣ бо қадри тавоноии худ дастархони Наврӯзиро оро медиҳанд. Ҷойи муайяне барои ҷашнгоҳ интихоб менамоянд ва аҳолӣ далда,ширбиринҷ, гандумоб, каллапоча, шӯрбо, оши палов, шавла ва амсоли инҳоро ба он ҷо мебурданд. Ҳамин тариқ, дар рӯзи Наврӯз мусиқачиён,ҳофизон,раққосон,масхарабозон ба аҳли марака ҳунару малакаи худро нишон медоданд.[3]Инчунин, дар рӯзи Наврӯз бузкашӣ, гӯштингирии паҳлавонон,пойга,бозиҳои миллии аҳолии Роғ, аз қабили буҷулбозӣ, бандкашак,тухмбозӣ,панҷакбозӣ ва амсоли инҳо баргузор мешавад.

**Ашаглон:** Маросими «Ашаглон»-ро мардум бо мақсади наҷоти ҳосили деҳқонӣ созмон медоданд. Ин маросим дар ҳар кӯҳистон номҳои ба худ хос дорад. Амсоли «сусхотун», «сусмонӣ», «дуои борон», «момаи борон» ва бамонанди инҳо.

Ин анъана дар байни тоҷикони Осиёи Миёна ва Эрону Афғонистон маълум буда, дар вақти хушк омадани фасли баҳор аз ҷонибипиразанҳо ва занҳои навхонадор иҷро карда мешавад.[4] Шакли

---

[1] Шовалиева М.(Таджикистан).Обрядовая культура Навруза у таджиков (этнографический аспект) / М.Шовалиева. //В кн: Навруз как явление мировой культуры.- Душанбе, 2012. -С.105-111.

[2] Умари Хайём. Наврӯзнома / У.Хайём. –Душанбе:Адиб,2012.-С. 89.

[3] Карамшоев Д.Русум ва истилоҳи Наврӯз дар Бадахшон / Д.Карамшоев //Номаи Пажуҳишгоҳ .Душанбе:Пайванд, -2003.-№3. -С.104-112.

[4] Аҳмад Р. Ашаглон ё оташафрӯз / Р.Аҳмад // Адабиёт ва санъат. -1998.- № 1.-С. 8.

иҷрои ин маросим чунин аст: пиразане либосҳои ҷанда дар тан аз ашаглон таманно медорад, ки борон ато кунад, ба бечораю дармондагон ва афтодагон шафқат бинмояд ва бачаҳо ба ӯ об мепошиданд.

Дар кӯҳистони Дашти Терай (бахусус, маҳалҳои роғинишин), ашаглонро бо чунин зайл мегузарониданд: Дар сари пиразане, ки нақши ашаглонро иҷро менамуд, як банд пахол ва ё сабадчаи ҷандабанд гузошта бо навбат вориди ҳавлиҳои мардум мешуданд. Онҳоро кӯдакону ҷавонон иҳота мекарданд ва ҳама баробар суруд мехонданд:

Ашаглони ростина,
Як бор буҷунбон остина,
Гандуми сабзум хушк шудай,
Як бор бърезон боруна.

Дар баъзе маҳалҳои кӯҳистон дар чунин маврид, сурудҳои «сусхотун», «абрак бидеҳ ту борон», суруда мешуд.[1]

Ҳангоми омадани ашаглон, соҳиби хона болои бом баромада, аз кӯзаву машкҳо ба қадамҳои ашаглон аз тарнов (новадон) об мерехтанд. Пиразанон то ҳадде тар мешуданд, ки онҳоро аз хунукӣ ларза мегирифт. Бо вуҷуди ин,тамоми ҳавлиҳои деҳаро гашта,маросимро ба ҷо меоварданд.Соҳибони хона ба онҳо аз рӯи тавонои як миқдор ғалла, мева ва беъзеҳо пул мебахшиданд. Аз маблағи ҷамъшуда буз ё гӯсфанде харида, дар яке аз рӯзҳои нек дар назди чашмае ё рӯде гирдиҳам омада, таъоме тайёр менамуданд, ки онро «оши дарвешон» ё «деги дарвешон»меномиданд. Сипас, дар поёни маросим баҳамдигар об пошида, баъзеҳоро ба об мепартофтанд. Чунин вонамуд мешуд, ки гӯё борон борида мардумро тар кардааст ва об аз ҳар куҷо ҷорист. Умуман, дар маросими «Ашаглон» пиразанҳои рӯзгордидаи бобаракату бахосият

---

1 Раҳимов М.Р. Земледелие таджиков бассейна реки Хинигоу в дореволюционный период / М.Р.Рахимов.- Сталинабад, //ИАН Тадж ССР, 1957. -С. 82.

ширкат меварзанд.[1] Маросими Ашаглон бо кишоварзӣ зич алоқаманд буда, дар бораи аҳамияти муҳим доштани обу боронгарӣ дар мавсими кишту кор ва сабзидани ғалладона гувоҳӣ медиҳад.

**Б) Ҷашни арӯсии тоҷикони Роғ**

Ҷашни арӯсӣ маросими муҳим буда, марҳилаҳои гуногунро дар бар мегирад.

Ҳар марҳила маросимҳои хоси худро дорад. Мазмун ва мундариҷаи ин марҳилаҳо чунин аст:

1.Синну соли никоҳӣ

2.Гаҳворабахш ё кундапартоӣ

3.Қарчиқудо[2]

4.Хостгорӣ

5.Фотиҳа,хонадомод.

**Маъракаҳои пеш аз никоҳ дар хонаи арӯс**

1.Сарупобарӣ

2.Сарупобинон

3.Маслиҳати тӯй

4.Ордтақсимкунӣ ё нонпазон

**Маъракаҳои пеш аз никоҳ ва баъди он**

1.Арӯсбинон

2.Саршӯён

3.Сартарошон

4.Либоспӯшии домод

5.Шаҳбарон ё домодбарон

6.Шаби никоҳ

7.Ҷези (ҷиҳоз)-и арӯсӣ

---

[1]Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳонакии Кӯлоб / Р.Амонов. -Душанбе, 1963.-с.31.

[2] Кисляков Н.А.Очерки по истории семьи и брака у народов Средней Азии Казахстана /Н.А.Кисляков -Л.:Наука, 1969.- С.94.

8.Арӯсбарон

9.Ҷогаҳандозон

10.Шаби висол

11.Арӯсбинон

12.Руғанрезон (Равғанрезон)

13.Рӯбинакон

14.Чодарканон

15.Ҳафтталбон

16.Домодталбон.

Маросими тӯй яке аз суннатҳои муҳими мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Чунки дар ҷашни арӯсӣ ҳаёти мустақили ду ҷавон оғоз ёфта, ду риштаи ишқу ошиқӣ ба ҳам пайваст шуда, зиндагии мустақилонаро оғоз менамоянд. Мардуми тоҷик, бахусус, сокинони Роғи Бадахшон ва роғиёни Шӯрообод, аз даврони пешин, яъне аз асри XIX ва ибтидои асри XX қисман то замони мо ҷиҳатҳои хоси тӯйҳои анъанавии худро нигоҳ доштанд. Вале як қисми он расму одатҳо мавқеи пешинаи худро гум карда, мардум онро бо таври дигар иҷро мекунанд. Ҳар як бахши ҷараёни ҷашнӣ арӯсӣ сар то по бо лаҳзаҳои бадеӣ, фолклорӣ, санъати мусиқӣ ва фалаки даштию фалаки роғӣ зинат ёфтааст, ки аз маънавиёти ғании мардуми тоҷик дарак медиҳад.

Омӯхтани ин маросим аз нуқтаи назари этнографӣ ва таърихӣ хеле муҳим буда, барои муайян намудани хусусияти ҳаёти оилавии мардуми Роғ ёрии калон хоҳад расонд.

Дар асарҳои М.С.Андреев,[1] Н.А.Кисляков, Ф.Зеҳниева, Н.Х.Нурҷонов, баъзе лаҳзаҳои тӯйи арусии тоҷикон оварда шудааст.

---

1 Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-дарьи) С доп. и прим А.К.Писарчик. Вып 1. / М.С.Андреев.// ТР АН Тадж ССР.- Сталинобод, 1953. – 251с.

Аз ин рӯ, мо ба фикру ақидаҳои олимони дар боло зикршуда ва маводи этнографии ҷамъовардаамон такя карда, маросими тӯйи мардуми Роғро ба чунин давраҳо тақсим намудем:[1]

1-хостгорӣ

2-фотиҳа

3-сарупобинон

4-тӯйдар хонаи домод ва арӯс

5- арӯсбинон

6- домодталбон(ё хусурсалом).

1.**Синну соли никоҳӣ:** яке аз шартҳои тӯй ин синну соли арӯсу домод мебошад. Дар дини ислом синни балоғати духтар 9-солагӣ ва аз писар 12-солагӣ мебошад.[2] Дар ин маросим шарти дигар он аст, ки духтардор ё писардор тамоми каму кости зиндагиро пур карда бошад. Ба ҳар ҳол баъзан одамони доро писарони худро дар сини 12 ё 14-солагӣ хонадор мекарданд.[3] Ҳамсуҳбатам изҳор намуд: «Вале синну соли духтарро он қадар ба назар намегирифтанд».[4]

Ҳангоми ба воя расидани духтар, падару модар, махсусан, модар ба ӯ мароқ зоҳир намуда, ба ӯ бисёртар корҳои рӯзгордориро, аз қабили пухтупаз, духтудӯз, рӯбучин ва амсоли инҳоро меомӯзонад.

Ҳатто аз синни 9-10-солагиаш бо бачагон бозӣ кардани духтар мамнуъ аст ва ҳатто шахси ношиносро бинад, бояд рӯяшро пӯшонад.

Дар байни тоҷикони Роғи Бадахшон ва роғиёни кӯҳистони Кӯлоб дар давраи пеш аз инқилоб ва то солҳои наздик чунин анъанае буд, ки ин

---

[1] КисляковН.А. Семья и брак у таджиков /Н.А.Кисляков(По материалом XIX- начала XX веков).Т.44 ТИЭ.-М., -Л.,Изд-во АН СССР, 1959. -269 с.

[2] Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими туйи тоҷикон / Ф.Зеҳниева. -Душанбе, 1978. -161 с.

[3] Нурджонов Н.Х.Свадба //Таджики Каратегина и Дарваза.Вып 3 / Н.Х.Нурджонов.- Душанбе: Ирфон,1976.- 239 с.

[4] Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими туйи тоҷикон / Ф.Зеҳниева. -Душанбе, 1978. -161 с.

қавмҳо то солҳои 80-уми асри гузашта духтари худро танҳо ба авлод ва хешу табори худ медоданд.

Қисме аз пиразанҳо мегӯянд, ки вақте ба шавҳар дода шуда будем, дар хонаи домод ҳатто намефаҳмидем, ки хусур кӣ асту хушдоман кӣ. Аз ин ҷо ба кӯча рафта бо ҳамроҳии духтарҳо бозиҳои кӯдакона мекардем. Мумкин синну соли духтарҳо ба 12-13 мерасиду писарҳо ба сини 17-18 солагӣ, ки бо ҳам хонадор мешуданд.

Дар солҳои охир ва даврони кунунӣ қавми роғиён ба қавмҳои дигар духтарҳои худро ба шавҳар медиҳанд ва аз қавму кабилаҳои дигар келин интихоб мекунанд.

**2.Гаҳворабахшон ё кундапартоӣ:** Агар дар ду оилаи бо ҳам наздик дар яке писар ва дар дигаре духтар таваллуд шавад, падару модари тарафайн барои боз ҳам наздик шудан ба хонадони духтар фарзандонашонро гаҳворабахш эълон мекунанд ва баъди ба балоғат расидан онҳоро бо ҳам хонадор мекунанд. Гаҳворабахш дар роғиён аз синни 5-6 моҳагӣ то 2,5-3-солагии писарбача ва то 1-1,5-солагии духтарча гузаронида мешавад.

Бештар ин одат дар байни хешу табор ҷой дошта, мақсадашон риштаи хешу табориро боз ҳам мустаҳкам намудан аст. Баъзан ин кор дар байни бегонагон низ иҷро мешавад, ки мақсадашон бо оилаи намунавӣ риштаи хешу таборӣ пайваст кардан аст.[1]

Расми гаҳворабахш ба чунин тарз сурат мегирад. Модари писар бо тоқии фарзандаш, ҷорӯб ва ё нӯги рӯймолаш остонаи дари ҳавлии духтардоро руфта, бо ҳамин ба духтар талабгор будани худро маълум месохт. Баъзан мешуд, ки аз ҷониби писардор ба хонаи духтар куртача ё рӯймолчае оварда мепартояд, ки ин ҳам нишонаи гаҳворабахш карданро дорад.

[1] Ҷумъаев Р. Ҷашни арусии тоҷикони води Ҳисор / Р.Ҷумъаев. -Душанбе, 2001.- С. 43.

Тарзи дигари гаҳворабахш ин кундапартоӣ ном дорад. Кундапартоӣ чунин сурат мегирад. Шахси писардор, ки писараш аз 2,5-3 сола боло мешавад, ба хонае, ки дар он духтарчаи 1-1,5 сола тарбия ёфта истодааст ва ба писардор ягон хеши дур ё наздик мешавад, барои пайваст кардани алоқаи хешутаборӣ кундапартоӣ меравад.Дар ин амал падар аз дасти писар гирифта, дар дасти дигари писараш чӯбчае, ки нақши кундаро мебозад, медиҳад. Дарозии кунда бояд тақрибан 35-40 см ва диаметраш (қутраш) 15-20см бошад. Ҳангоме ки ба хонаи духтардор дохил мешавад, ба соҳиби хонаё зан бошад ё мард хитоб мекунад, ки писари ман кундаро партофт. Аз ҷониби духтардор ба писарбача рӯймоли миён, тоқӣ ё дар сурати тайёр набудан соҳиби духтар домани куртаи писарро аз чормағз ё ягон меваҷоти дигар пур мекунад.

Аз ин рӯз сар шуда, байни ин оилаҳо додугирифт сар мешавад. Дар рӯзҳои иду маросимҳо оилаи писардор ба духтардор тӯҳфаҳо амсоли: куртача ё рӯймолча, тухм, шириниҳо ва амсоли инҳоро пешниҳод менамуд.

Гаҳворабахш дар байни сокинони Дарвоз, Қаротегин ва Яғноб низ вуҷуд дорад, ки онро доманҷо мегӯянд. Қудошавандаҳои оянда домани писару духтари 2-3 соларо бо ҳам баста либоси онҳоро ба ду тараф кашида чок мекарданд. Бо ҳамин номзадии онҳо расми мешуд[1].

Ба муносибати гавҳорабахш ва пайваст намудани риштаи аввали қудои занон маъракае ташкил менамуданд. Ин маърака, ки аз базму бозӣ иборат аст, дар хонаи духтардор мегузашт.Вале хароҷоти ин маърака аз ҷониби писардор буд. Дар ин зиёфат танҳо хешу табори духтардор ва писардор иштирок менамуданд. Баъди ин маърака писардор ё духтардор бо ҳам қудо ҳисобида мешуданд. Урфу одати гаҳворабахш кардан хоси ҳамаи мардуми кӯҳистони пешазинқилобӣ буд.

---

1 Андреев М.С. К характеристике древних таджикских семейных атношений / М.С.Андреев.// ТФ А Н СССР. -Сталинабад, -1949.- №15.-С. 14.

Мардумони Роғи Бадахшон ва роғиёни Шӯрообод дергоҳ ин анъанаи хешро нигоҳ дошта омаданд. Гаҳворабахш дар баъзе ҳолатҳо вайрон карда мешавад. Масалан, ҳангоми ба балоғатрасидани духтар аллакай хостгорҳо пайдо мешаванд, ки ин рашки писардорро ба миён меорад ё байни қудоҳо ягон гапи ношуданӣ мегузарад, ки боиси бо ҳам напайвастани ҷавонон мешавад. Гаҳворабахш кардан баъзанметавонист оқибатҳои нохуш дошта бошад. Масалан, агар писар ногаҳон вафот кунад, онгоҳ аз духтардор он чизеро, ки тӯҳфа намуда буд, пас мегирад ё ба ивазаш буз ё гӯсфанд талаб мекунад. Агар духтар вафот кунад, он гоҳ писардор метавонад аз ӯ он молҳои додаашро талаб намояд ё ин ки онҳоро бахшад.

Ҳолатҳое мешавад, ки ҳангоми ба балоғат расидани писар ё духтар яке аз онҳо қарордоди гаҳворабахшро рад мекунад, он гоҳ тӯҳфаҳое, ки ба хонаи духтар оварда шуда буд, пурра аз хонаи духтардор гирифта мешуд.Ғайр аз ин, ҳам духтар ва ҳам писар маломати зиёде мешуниданд.

**Интихоби арӯс:** Ҳар як падару модар аз рӯзи ба воя расидани писар дар тараддуди пайдо намудани келин мешаванд. Дар асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ волидайн арӯсро худашон интихоб мекарданд. Писар бошад ягоннақши муҳимро намебозид. Агар арӯсро аз деҳаи ҳамсоя меоварданд, писар танҳо ӯро дар зери чодари арӯси медид, ки он зебо аст ёне, сафед аст ё сиёҳ.Падару модари писар ба сифатҳои хоси арӯс диққат медиҳанд. Ҳамсуҳбатам изҳор намуд:“Пеш аз ҳама покизакорӣ, одобу кирдор, кордонӣ, зебою бофаросат будани ӯро ба назар мегирифтанд, ҳатто гузаштагонашро низ ба назар мегирифтанд”[1].

Ҳамчунин, падару модари писар муайян мекарданд, ки оё арӯс нону хӯрок пухтан, гов ҷӯшиданро метавонад ё не? Дигар чизе, ки дар интихоби арӯс ба назар гирифта мешуд, ин падару модару бобою момаи

---

[1]Мувофиқи ахбори Кабирова М. (1930-2015) сокини н. Фархор, д. Бӯстон.

ӯ буд. Яъне муайян мекарданд, ки муносибати падараш бо модараш чи гуна аст, муносибати ин оила бо ҳамсояҳо, бо хешу табор чихел аст. Агар падару модар нағз бошанд, бо якдигар аҳлона зиндагӣ кунанд, он гоҳ метавонанд, ки арӯсро интихоб намоянд. Дар мардуми кӯҳистон як мақол аст: «модар чи гуна, духтар намуна». Баъзан аз ҷониби писардор ба хонаи духтардор, падар, модар ё ягон хеши домод ташриф оварда аз зисту зиндагӣ аз ҷойю манзили онҳо хабардор мешуданд.

Дар ҳолати интихоби қудо, аз ҷониби духтардор низ ба хонаи писардор ташриф меоварданд. Бисёр вақт мешуд, ки домоду арӯс якдигарро нодида мегирифтанд, дар натиҷа баъзан нохушиҳо ё кашмакашиҳои оилавӣ рух медод. Баҳри хуш гузаштани ҳаёти духтар бо домоди оянда аз ҷониби хонаи арӯсдодараш ё хоҳараш ё ин ки ягон хеши наздикаш ба хонаи домод ташриф меовард.[1] Намояндагон ба ҷои зисти падару модари домод, хонаю дар, зисту зиндагии онҳо, ҳамчунин, шаклу намуди домодро дида ва зиёфате хӯрда, онгоҳ мерафтанд. Дар баробари расидан ба хонаи духтардор аз ҳолу аҳволи қудо ва домодиояндаи худ маълумот медиҳанд, пас аз маъқул шудани домод ва хонаю дари онҳо метавонистанд, ки рухсати хостгориро диҳанд.

**Хостгорӣ:** Хостгорӣ яке аз анъанаҳои қадимаи маросимҳои арӯсӣ мебошад, ки дар он хешони писар барои гирифтани розигии волидони духтари интихобшуда ба хонааш мераванд.

Дар Роғи Бадахшон мисли дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна ин анъана то давраҳои имрӯз вуҷуд дорад ва бисёр хусусиятҳои қадими худро нигоҳ доштааст. Пеш аз ҳама, барои хостгорӣ рӯзи мувофиқ интихоб карда мешуд. Аксаран, шоми чоршанбе ё шоми панҷшанбе, ки рӯзҳои нек

---

[1] Сухарева О.А. Свадебные обряды таджиков г. Самарканда и некоторых других районов Средней Азии / О.А. Сухарева // С Э.-1940.-№3 -С. 172-176.

башумор мераванд, ба хостгорӣ мераванд.[1] Дар ҳар марз хостгорҳоро бо тарзи гуногун ном мебаранд.

Роғиён онро «хостгор»- мегӯянд. Миқдори хостгорҳо аз 2-3 нафар зиёд набуд, бештар мардҳо ин корро иҷро мекунанд. Дар хостгорӣ мавқеи асосиро падар ва амаки домод, инчунин, ҳамроҳи онҳо шахси бообурӯй - мулло, эшон ё оқсақоли деҳа, ки ҳама ӯро иззату ҳурмат мекунанд, ба хостгорӣ мераванд. Аз ҷониби духтардор барои ҳурмати оқсақол ё мулло, ки ба хостгорӣ омадааст, раъд намудани талаби онҳо беҳурматӣ мешуд.

Баъзан хонадор аз омадани хостгорҳо бехабар мемонд. Аз сабаби он ки дар кӯҳистон, махсусан, дарбайни аҳолии Роғ ширу маска фаровон аст, барои меҳмонҳо аввал шируған (ширравған) муҳайё месохтанд.Соҳибхона аз кулчаю қанди хостгорҳо ба дастархон мегузорад. Баъд аз тановули хӯрок аз ҳар тараф суҳбат меоростанд ва оҳиста – оҳиста шахси мутасаддие, ки бо ҳамроҳии падару амаки домодшаванда ба хонаи духтардор омадааст, мақсади омаданашонро баён мекунад. Оқсақоли деҳа сифатҳои писар,падару модар ва ба қавле кундаю зурёти ӯро муаррифӣ менамояд. На ҳама вақт ба як маротиба омадани хостгорҳо корашон барор мегирад. Барои обрӯй ва нишон додани он ки духтари мо дар кӯча намондаасту харидоре намеёбад, бо баҳонаи ягон ҳафта пас биёед ё ба амаку тағояш маслиҳат намоем, баъд як фикр мекунем, гуфтаҷавоб медиҳанд. Дар сурати розӣ будани онҳо падару модари духтаррозигии духтарро низ мепурсанд. Баъди ин онҳо ба хонаи дигар рафта ё аз хонаи ҳамсоя духтарашро даъват карда, розигии ӯро мепурсанд. Агар духтар низ розигӣ диҳад, пас падари духтар ба хостгорон мегӯяд: ҳамин як духтар ба шумо додем, ягон гап намешавад.

---

[1]Нурджонов Н.Х. Свадьба //Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 3 / Н.Х.Нурджонов -Душанбе, 1976. -С. 26-57.

Агар духтардор духтарашро додан нахоҳад,он кулчаю қанд ё мавизу туте, ки хостгорон оварда буданд, пас медиҳад, ки ин маънои розӣ нашудани онҳоро дорад.[1]

**Фотиҳа:** Маросими дуюми пеш аз тӯйфотиҳо ба ҳисоб меравад. Фотиҳа, асосан, дар хонаи духтардор ва баъзан дар хонаи домодшаванда низ мегузарад. Ин маъракаро фотиҳатӯй ҳам меноманд. Соҳиби хона хӯрокҳои гуногун ва нонпазон мекунад. Ба фотеҳатӯй на ҳамаи деҳа, балки хешу табори наздики худро даъват менамоянд. Дар ин маърака аз ҷониби домод падару модар, оқсақол ва хешони наздик иштирок мекунанд. Аз ҷониби писардор қанду ширинворӣ ва сафедӣ, яъне ягон матоъ барои мома ва модари арӯс ва барои худи арӯс, рӯймол ё калуш меоранд. Маҳз дар ҳамин фотиҳатӯй ҷонибҳо қалинг (маҳршиканӣ) мекунанд. Баъд аз хӯроки шом падару модари домод ва падару модари арӯс бо ҳам маслиҳат ороста, дар бахши қалинг гуфтугузор мекунанд[2].

Аз ҷониби домод падараш мегӯяд: барои хизмат дар ҳаққи духтаратон ва тарбия намудани ӯ ва ҳаққи шири модараш ба шумо чизе, ки аз дастамон меояд,иҷро мекунем.Дар ҷавоб модари арӯс мегӯяд: як духтар додем, ҳеҷ гап нест, фарзанди мо фарзанди шумост. Падари домод мегӯяд: қудо, мо хоҳем нахоҳем ин таомули бобою бобокалонҳоаст,боядяк чиз ним чиз ба хонаи арӯс биёрем. Бе ягон қалинг ба хонаи домод овардани духтар, маънои ягон айб доштани ӯро дорад. Ҳангоми муайян сохтани қалинг тарафайн кӯшиш мекунанд, ки хароҷоти тарафи худро сабуктар кунанд.

Қалинг асосан ба се қисм ҷудо мешавад:

1. Ашёи гаронбаҳо ва чорвои калон.

---

[1] Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа /М.Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С. 97.

[2]Кисляков Н.А.Калим и приданое у таджиков / Н.А.Кисляков // ТИЭ АН СССР. - 1951, Т 14.- М.,Л.,-С.180-223.

2.Туқӯз ё тоқӯз (калимаи туркманӣ буда, маънояш 9 басти либос аст), ки аз сару либосворӣ ва пойафзол иборат аст.

3.Маҳсулоти хурокворӣ: равған, биринҷ, қанд, чой, ҳезум ва ғайраҳо.

Баъд аз тамом шудани фотиҳа тарафи писар дар тараддуди ҷамъ кардани молу мато ё қалинги фармудаи қудо мешаванд.[1]

**Хонадомод:** Маъмулан арӯсро ба хонаи домод мебурданд.[2] Аммо расми хонадомод низ вуҷуд дошт, ки мувофиқи он домод ба хонаи арӯс рафта,дар онҷо зиндагӣ мекард. Хонадомод онҳое мешаванд, ки як духтар дорад ва писар надорад. Барои ҳамин падар ва модари арӯс домодро дар хонаи худ тӯй карда, онро ба хонадомодӣ қабул менамоянд.

Хонадомод шудани писар низ бо ризоияти падару модари домод вобастагӣ дорад. Аз рӯйи нақли мӯйсафедони Дашти Терай шахсони камбағал, аз як мулк ба мулки дигар ё деҳае рафта, дар хонаи ягон шахси доро-бой ва беписар чорякоршуда кор мекарданд. Соҳибони хона дар давоми 3 ё 4 сол тамоми хулқу атвори ӯро меомӯхтанд ва агар сазовор бошад, ӯро ба хонадомодӣ қабул мекарданд. Яъне сағераи бекасро хонадомод менамуданд.Тамоми хароҷоти тӯй аз ҳисоби хонаи духтардор мешуд. Падар ва модари писарро даъват карда аз мақсади худ онҳоро огоҳ менамоянд. Баъд домуллоро даъват намуда, онҳоро бо якдигар никоҳ мекунанд. Баъд аз сари падару модари духтар тамоми боигарӣ ба дасти хонадомод ва духтари соҳибхона мегузарад. Фарқияти тӯйи онҳо аз тӯйҳои маъмулӣ дар он аст, ки модари домод ба хонаи қудояш бо ҳамроҳии хешу табор барои дидани арӯс меоянд. Рӯймолу либос ва кулчаи ширмол ё равғанӣ пухта, хабаргирӣ меоянд. Баъзан мешавад, ки аз ҳисоби духтардор дар хонаи домод маъракаи тӯйро мегузаронанду

[1] Юсуфбекова З.Семья и семейный быт у шугнанцев (конец Х1Х- начало ХХ в) /З.Юсуфбекова. -Душанбе, 2001.-С. 101.
[2]Ҷумъаев Р. Ҷашни арусии тоҷикони води Ҳисор / Р.Ҷумъаев. -Душанбе, 2001.-С.57.

баъди он домоду арӯс ба хонаи падари арӯс мераванд.Ҳамчунин, падари домод,хеши наздики падари арӯс аст ва аз сабаби якчанд писари дигар доштанаш,яке аз онҳоро ҳамчун хонадомод медиҳад.

**з) Маракаи пеш аз никоҳ дар хонаи арӯс.**

**а. Сарупобарӣ (бурдани сару либос ба хонаи арӯс**). Ин маърака дар гӯшаҳои гуногуни Тоҷикистони пеш аз инқилобӣ вуҷуд дошта, бо номи чокбурон, ҷомабурон, порчабурон, матоъбурон, ҷиҳозбурон ё сарупобарон[1] маъруф буд. Дар кӯҳистони Роғ ин маъракаро пеш аз саршавии тӯй дар хонаи арӯсшаванда бо мақсади тайёр намудани лавозимоти рӯзгори оилаи нав, аз он ҷумла, сару либоси арӯсу домод барпо мекунанд. Ин маъракаи занона буда, дар он ҳарду ҷониб модару холаю хоҳару ҳамсоязанҳо иштирок мекунанд. Аввал зиёфат хӯрда, баъди он туқӯзи (сарулибос)-и аз ҷониби писардор овардашударо бароварда, ба ҳозирин нишон медиҳанд.[2] Сароғози корро ба зани серфарзанду обрӯдор ва паҳрезкор медиҳанд. Ӯ бо калимаи “бисмиллоҳи раҳмонирраҳим”корро сар мекунад. Аз матоъҳои овардаи писардор ягон либосашро гирифта мебуранд, баъди ин занҳои ҳунарманд барои арӯс куртаю чиҳоз медӯзанд. Ин маърака дар кӯҳистони Роғ бо номи куртабурон ё куртапоракунӣ маълум буд.

**б.Сарупобинон:**Маъракаи сарупобинон баъд аз сарупобарон гузаронида мешавад. Хешу табор ва ҳамсояҳо ба хонаи духтардор омада, он либосвориҳоеро, ки аз ҷониби домод оварда шудааст, тамошо мекунанд. Дар ин маърака либосҳои беҳтаринро таърифу тавсиф мекунанду либосҳои пастсифатро танқид.

**в.Маслиҳаттӯй:** Тӯйи маслиҳат ё маслиҳаттӯйяк рӯз пеш аз тӯйи калон баргузор мегарданд. Мақсади ин тӯй аз он иборат аст, ки хешу

[1]Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа /М.Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С. 98.
[2]Широкова З.А. Архаические детали в женской одежде горных районов Кулябский области / З.А.Широкова // Изв АН Тадж ССР.- 1953.-№3 -С. 98-101.

табор ҳамсояҳоро даъват карда, бо онҳо маслиҳати тӯйро пазонанд. Баъд хӯрок хӯрдан бо хешу табор ва ҳамсояҳо соҳибтӯй маслиҳат ороста, муайян мекунад, ки киҳо ба тӯй даъват карда мешаванд. Ё аз кадом гӯшаи деҳа то кадом гӯшаи деҳа мардумонро ба тӯй даъват намуд.

Ҳамчунин, як шахси баобрӯйро сардори маърака таъйин мекунанд. Дар маслиҳаттӯй ба ҳар як шахси наздик вазифае дода мешавад, аз ҷумла: обҷӯшонӣ, ошпазӣ, меҳмонқабулкунӣ, ҳофиз, устои сартарош, ёршаҳ ва ғайра.[1] Вазифаи тӯйхабаркунӣ ба бачагони сини 12-14 сола супорида мешавад, ки беҳтарин вазифаи маъракаи тӯй аст, зеро шахсони баруманд ба онҳо тухм ё қанду қандалот медиҳанд. Дар охири маърака оқсақоли деҳа ба ҷамъомадагон дуои нек дода, маъракаро ҷамъбаст мекунанд.

**г.Ордтақсимкунӣ:** Дар пухтани нон ба тӯйдор ҳамсояҳо ёрӣ мерасонанд. Бегоҳӣ як рӯз пеш аз тӯй, тӯйдор ба ҳамсояҳо бо ёрии бачаҳои хешу табораш 7-8 табақ, (сатил) ордтақсим мекунад, то барои тӯй нон пазанд, зеро як худи тӯйдор имконият надорад, ки ин корро иҷро кунад. Дар бархе аз маҳаллаҳо занҳоро барои пухтани нон ба хонаи тӯйдор даъват мекарданд ва онҳо дар пухтупаз ба соҳиби тӯй ёрӣ мерасонанд. Ҳамсояҳое, ки саҳарӣ барвақттар нон пухтаанд, пеш аз пешин нони пухтаро ба хонаи тӯйдор меоранд. Онҳо зиёфат хӯрда дуову фотиҳа хонда, дастархонҳои худро гирифта, ба хонаашон мераванд. Таомул он аст, ки ҳангоми овардани нонҳои пухта аз ҷониби ҳамсояҳо соҳибхона дар дастархони онҳоякто нон, каме қанду тут мегузорад ва дастархонҳоро дар лаби айвони худ мемонад. Ҳар як зан дастархони худро гирифта ба хонааш меравад. Дар хонаи тӯйдор бо роҳбарии кадбонуи хубе кулчаҳои ширмол ва хамирфатир мепазанд.

**Маросимҳои пеш аз никоҳ**

---

[1]Юсуфбекова З.Семья и семейный быт у шугнанцев (конец Х1Х- начало ХХ в) / З.Юсуфбекова. -Душанбе, 2001.-С. 104.

**а.Арӯсталбон:** Яке аз маросими пеш аз никоҳӣ дугонаталбон ё арӯсталбон мебошад. Арӯсро аввал ҳамсояҳои қадрдон, баъд хешу табораш ба меҳмонӣ даъват мекунанд. Ҳамроҳи арӯс дугонаҳои ҳамсинну солаш даъват мешаванд. Дар ин маърака духтарон базму бозӣ ороста хурсандӣмекунанд. Баъзан, дар ин маъракаҳо духтарон ба ҳазлу шӯхӣ нақши арӯсу домодро бозӣ мекунанд.

**б.Саршӯён:** Ба ин васила ҳамсояҳои арӯс ба ӯ баъди ин маросим, хайрухуш карда, ба ӯ бахту саодат орзу карда, ба ҳаёти мустақилона гусел мекунанд. Саршӯён маросими қадимаи тоҷикони Роғи Бадахшон ва қисман Кӯлоб мебошад. Пеш аз саршӯён пиразани поку серфазанди рӯзгордида ба сари арӯс, як коса шир мерезад, то ки зиндагиаш мисли шир сафеду тоза бошад.[1] Саршӯёне, ки дар хонаи падару модар пеш аз никоҳ гузаронида мешавад, ба маънои худро аз тамоми гуноҳои кабираю сағира пок сохта, ба ҳаёти мустақилона пой мондан аст. Баъд аз саршӯён мӯйҳои арӯсро 2-3 кокул бофта, ба дастонаш ҳино баста, ба чашмонаш сурма мекашанд.Баъди як рӯз сарбофон сар шуда, ба сари арӯс тангаю ширини мечошанд.[2] То саршавии тӯй, арӯс либосҳои одӣ дар бар мекунад.

**в.Сартарошон:** Маросими пеш аз никоҳӣ буда, дар хонаи домодшаванда гузаронидамешуд. Дар кӯҳистон аз сабаби шабҳои торик ё зулмот будан, тӯйҳо ҳама вақт дар вақти пешин гузаронида мешуданд.

Саҳарии барвақт хешу табор ва ҳамсояҳо, дертар аҳли деҳа дар хонаи тӯйдор ҷамъ мешуданд. Баъд аз ин устои сартарош даъват карда мешуд. Дар миёни ҳавлӣ кундаи баландиаш 45-50 см-ро гузошта, дар болояш курпача монда, домодро мешинонданд.

---

[1] Гаджиева С.Ш.Семья и брак у народов Дагестана в Х1Х-начало ХХ века / С.Ш.Гаджиева. -М.:Наука, 1985.-С .143.

[2] Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С.101.

Дар гардани шаҳ рӯймолеро баста, ду тарафи дигарашро ӯ бо дастонаш дошта меистод. Дар пеши пои домод як руймоли накшини дигар паҳн менамоянд, ки хешу табор қанду чормағз ва дигар тӯҳфаҳои овардаашонро дар он гузоранд. Усто ба тарошидани мӯйи сари домод сар кардан замон ҳофизон мусиқӣ навохта,суруд мехонанд.

**Яккахон:**Сартарошонеме метарошонеме...

**Саровоз:**Устои ланги сартарош

Сара покиза тарош.

**Ҳамовоз:**Доро, ки кабоб мехӯрад мегузарад,

Сад нуқлу кабоб мехӯрад мегузарад.

Бечора ба косаи гадои нонро,

Тар карда ба об мехӯрад, мегузарад.

**Саровоз:**Устои ланги сартарош,

Сара покиза тарош.

Дар ин ҳангом падару модари шаҳ, хоҳару бародар ва ёру ҷӯраҳои ӯ ба рӯймоли густурдаи назди домод қанд, чормағз, туту мавиз ё тухм айни ҳол пӯл мегузоранд. Ҳофизону раққосон базмро бо ҳазлу шӯхӣ метасфонданд. Сартарош бо садои «теғам кунд шуд», аз тарошидани мӯй бозмеистад, хешу табор ё падару модари домод боз тухфаҳои нав меоранд. Баъди анҷоми сартарошон тухфаҳои дар рӯймолғуншударо ба устои сартарош медиҳанд. Мӯйи сари тарошидаи домодро ба кунҷи ягон дарахт ё кунҷи деворе панаҳ мекунанд, то ки соҳиби мӯй аз балоҳо эмин монда ва дарди сарро набинад.

**г.Либоспӯшии домод:** Баъд аз сартарошон маросими либоспӯшонии домод оғоз меёбад. Дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ қисми зиёди сокинони Бадахшони Афғонистон ва ҷануби Тоҷикистон дар камбағалиюнодорӣ умр ба сар мебурданд. Аз ин рӯ, аксарияти домодону арӯсон, либосҳои домодва арӯсони пештар тӯй кардаро ба бар мекарданд. Мувофиқи маълумотҳои мӯйсафедон ва занҳои кӯҳистон

либосҳои махсуси тӯйии домод вуҷуд дошт. Либоси таг (курта, эзор), асосан, аз карбос иборат буд. Аз болои тагпӯш бомазӣмепӯшиданд, ки вазифаи шимроичро менамуд ва бо ресмони ғафсиаш ба қалам баробар, баста мешуд. Аз болои курта домод ҷомаи беқасаб мепӯшид, ки матои онро савдогарон аз Файзобод ва Ҳисору Фарғона меоварданд. Миёни домодро бо рӯймоли нақшине мебастанд ва ба дасташ рӯймоли гулдӯзӣ медоданд ва ӯ бо он лабу даҳонашро мепӯшонид. Дар сараш тоқӣ гузошта,[1] баъд дока ё рӯймоли нақшинро ба атрофи тоқӣ мебастанд, ки вазифаи салларо иҷро мекунад. Нуги аввали салларо дар дохил гузошта,нуги дигарашро ба болои шонаи дасти рости шаҳ мегузоранд.[2]

Дар пояш мӯзаи чармин ё чамбӯсу чорук мепӯшид. Ҳамин тавр, домод барои рафтан ба хонаи арӯс тайёр мешуд.

Бо даъвати оқсақоли деҳа ҳофизон ба сурудхонӣ сар мекарданд:

Шаҳам дар минбарай,
Болои тахти зарай,
Ҷомаи шаҳ дар барай,
Саллаи шаҳ дар сарай,
Дастош пеши барай,
Арӯсаш дар камарай.

Ба ин васила ҳофизон барои дават намудани хешу табори домод, шеърҳои нав ба нав замзама мекунанд, модар ё ягон хеши наздики домод ба сари ӯ чормағз ё зардолуи хушк мепошанд. Кӯдакону духтарон ин меваҳоро аз замин чида мегирифтанд. Баъд аз фотиҳа оқсақоли деҳа ёру дӯстон ва хешу табор ба тарафи хонаи арӯс раҳсипор мешаванд.

**ғ.Шаҳбарон, домодбарон:** Домодбарон бо тантанаву суруд сар мешавад. Дар аввали асри гузашта, ки мошин вуҷуд надошт, домодро

[1] Юсуфбекова З.Семья и семейный быт у шугнанцев (конец Х1Х- начало ХХ в) / З.Юсуфбекова. -Душанбе, 2001.-С. 107.
[2]Ҷумъаев Р. Ҷашни арусии тоҷикони води Ҳисор / Р.Ҷумъаев. -Душанбе, 2001.-С.68.

асосан пиёда ё аспакӣба хонаи арӯсшаванда мебурданд. Ҳофизон бо суруди:

Шаҳи ман мерава(д),

Навшаҳи ман мерава(д).

аз рафтани шаҳ хабар медоданд. Агар шаҳро пиёда баранд, дар ду тарафи шаҳ шаҳмардон, яъне ҷӯраҳои шаҳ меистанд. Аз рӯи анъанаи халқӣ модари шаҳ дар дастархоне кӯлча ва ширинивории гирифта, бо ҳамроҳии писари худ меравад. Вақти ба хонаи арӯс рафтан, ҷавонони деҳа мувофиқи анъана пеши роҳи шаҳро гирифта аз тарафи шаҳ буғзола ё бузе талаб мекунанд. Пеш аз ба хонаи арӯс рафтани шаҳ як шахсро шаҳҷад равон мекунанд, ки аз омадани шаҳ хабар диҳад. Вақте ки шаҳ ба марзи деҳаи арӯс мерасад, ҷавонписарон аз як тарафи роҳ ба тарафи дигари роҳ банд (арғамчин) кашида, шаҳтоз талаб менамоянд. Ба онҳо бояд бузғолае тақдим карда шавад, то агар бузғоларо ба онҳо надиҳанд, роҳро намекушоянд. Баъди гирифтани шаҳтоз роҳ кушода мешавад, шаҳ ва ҳамроҳонашу хешу табораш ба хонаи арӯс дохил мешаванд.Ҷавонон буғзоларо гирифта шабнишинӣ мекунанд. Дар дари даромади хонаи арӯс 3-4 метр матоъ меандозанд, ки пояндоз ном дорад. Барои ифлос нашудани матоъ дар болои он ҳатман дока мепартоянд, ки он рамзи сафедии рӯзгори навхонадорон мебошад.[1] Баъд аз гузаштани домод, чавонон фавран пояндозро аз замин гирифта, ҳар касе ба тарафи худ мекашад. Ҳар кас, ки зӯр барояд пояндоз аз ӯ мешавад ё ду нафари аз ҳама зӯр онро байни худ тақсим мекунанд. Шаҳ ва ҳамроҳони ӯро падари арӯс: «хуш омадед ба кулбаи мо»- гӯён пешвоз мегирад. Аз рӯи анъана, духтардор ба сару рӯи қудоҳои омада орд мепошад. Домод бо рӯймоли даст даҳону биниашро пӯшонда меистод, дар ин ҳангом базму бозӣ идома меёбад ва баъд шаҳро ба хонаи махсусе ҷой медиҳанд. Дар

[1]Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон / Ф.Зеҳниева. -Душанбе ,1978.-С. 36.

хонаи арӯс баъди омадани домод саршӯёни рамзӣ гузаронида мешавад. Дар кунҷи ҳавли духтарон ва дугонаҳои арӯс саршӯён ташкил мекунанд, токи ҳиммати ҷӯраҳои домоду хусурро фаҳманд.

Арӯсро дар болои курпача шинонда, атрофи ӯро дугонаҳояш печонда, дар болои сараш рӯймоле густурда аз чор тарафаш дошта меистанд. Дугонаи арӯс дар даст шона ва арӯс оинаро гирифта саршӯёни рамзиро сар мекунанд.[1]Дугонаҳо бо як овоз ба хондани шеъри саршӯён оғоз мекунанд:

Шӯяк, шӯяк шӯякуш, холаи саршӯякуш(2бор),
Оста бъзан шонара, накана як мӯякуш(2бор).
Саровоз:
Гул чидуму, гул чидуму задум чодар,
Сангора ба санг задум гуфтум модар,
Не янга вафо дора, не моиндар,
Мура букуша дар пеши пои модар.
Ҷамъи дугонаҳо:
Шӯяк, шӯяк шӯякуш холаи саршӯякуш(2бор),
Оста бъзан шонара, накана як мӯякуш(2бор),
Саровоз:
Долони дароз зеби долон модарай,
Хаваргиру хаварёри духтар модарай.
Мардумо меган хола ба ҷойӣ модарай,
Фандум накунен, сӯзиши модар дигарай.

Ҳамин тариқ, саршӯякони пеш аз никоҳ идома ёфта, тағоҳои домод, акаю додараш ва рафиқонаш ба назди арӯс рафта, дар болои рӯймол ягон чиз пул ё танга мегузоранд. Баъди ба охир расидани ин маъракаи арӯсро барои никоҳ омода месохтанд.

[1] Зеҳниева Ф.Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон / Ф.Зеҳниева. -Душанбе ,1978. -С. 30-31.

Дар хонае, ки домодрошинонида буданд, хешу табори наздики ӯ монда, дигарон ба хонаҳои дигар мегузаштанд ё ба ҳавлӣ мебаромаданд. Дар байн чодареро гузошта арӯсро аз он тарафи чодар шинонида, ба маросими никоҳ шурӯъ мекарданд.

**д.Шаби никоҳ:**Барои бастани никоҳ домуллои деҳаро даъват менамоянд. Аз ҷониби духтар вакил интихоб карда мешуд. Домулло аз арӯс мепурсад, ки «Шумо барои бахшидани нафси нафисаи худатон киро вакил мегиред?» Агар арӯс аз гуфтан шарм дорад ё сухане нагӯяд, ӯро оҳиста такон дода ба ҷои ӯ як нафар мегӯяд: «тағома вакил гирифтум».

Маъмулан, вазифаи вакилро тағо иҷро мекунад, чунки дар урфият «тағоро ба ҷои падар» мегӯянд. Одатан дар вақти никоҳ иштироки шахси бегона, зани бефарзанд ва бева манъ аст.Ҳангоми хондани хутбаиникоҳ,[1] иштирокчиён бояд панҷаҳояшонро дар ҳам накунанд ё попӯшиҳои шахсони ҳузурдоштаро чаппа нагузоранд,зеро никоҳ бурида ҳисоб шуда, шаҳ ва арӯс ба ҷоду гирифтор мешаванд. Бо даъвати домулло вакил вашоҳидон ба наздаш мераванд ва рӯ ба рӯи домулло меистанд:

**Домулло:**Шумо инҷо шиштен, чӣ даъво доред?

**Вакил:**Даъвои вакили дорам.

**Домулло:**Шоҳидатон ҳаст, ки шаҳодат диҳад!

**Вакил:**Ҳова, ҳаст.

Дар ин ҳол шоҳидҳо аз ҷояшон бархеста мегӯянд: «Аузубиллоҳи минаш-шайтонир-раҷим, бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим, гувоҳам, гувоҳӣ медиҳам, ки аз барои худо на аз барои риё, бибӣ Сафармо бинти Муҳаммад Самад, аз қабили тан ва нафси худ вакили никоҳ гардонид фалониро…

---

[1] Зеҳниева Ф.Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон / Ф.Зеҳниева. -Душанбе,1978.-С. 24.

Домулло хутбаи никоҳро хонда ба охир мерасонад ва ба вакил муроҷиат намуда, мегӯяд: “Шумо, ки вакили собит-ул-ваколатед аз тарафи мусаммати муъмина биби Сафармо бинти Муҳамади Самад нафси нафисаи мувакилатонро ба занӣ ба никоҳи мусулмонӣ ба миқдори фалон қадар маҳр, ки маҳри мисли он, сулсони он муъаҷалан мақбуза ва сулси он муаҷал илло бақои никоҳ ба ҳамин ҷавони ҳозир омада вакилатон бахшидедаш ба занӣ”. Барои он ки вакил низ соҳиби чизе шавад, вай то як муддат ҷавоб намедиҳад. Падари шаҳ ё тағояш ба ӯ ҷома ё калуше пешкаш мегардонданд, баъди ин тағояш розигии худро медод.[1]

Гоҳҳо мешуд, ки домулло низ ҳангоми хондани никоҳ хомӯш меистод, ки мақсадаш ҳаққаш кам асту дар болои он ягон рӯймол ё матое илова намоянд, баъд аз он ки ҳаққашро зиёдтар карданд, хонданро идома медод. Он чизҳое, ки ба вакил медиҳанд, бо номи ҳаққи шир маълум аст. Баъд аз розишавии падар вакил аз ҷой хеста мегӯяд: «Аз қабили тан ва нафсро ваколатан бахшидамаш ба занӣ».

Домулло ба ҷавон (домод) муроҷиат менамояд: « Шумо, ки ҷавони ҳозир омадаед, нафси нафисаи мувакилашонро ба занӣ ва ба никоҳи мусулмонӣваба маҳроини мазкурайн ва ба ду амри шаръӣ, ки байн-ан-носи машҳур ва маъруф аст: Яке аз он ки шаш моҳи комил камтар бе нафақа монда, ғайбат нанамоед ва дигар он ки ба завҷаи шаръӣ зарбу лат нанамоед, агар яке аз ин ду амр ба вуқуъ ояд, мусаммоти мазкура ба нафси муҳайяра бошад, аз барои тан ва нафси худ хостедаш ва қабулаш кардед ба занӣ?» Баъд аз он ки домод розигии худро медиҳад, домулло ба арӯсшаванда низ ҳаминсаволро медиҳад.

Арӯс зуд розигии худро изҳор накарда, хеле вақт хомӯш меистод, чунки якбора розиги додани арӯсбешармӣ ба шумор мерафт. Баъди

---

[1]Ҷумъаев Р. Ҷашни арусии тоҷикони води Ҳисор / Р.Ҷумъаев. -Душанбе, 2001.-С . 88.

чунин хомӯш истодани арӯсҳама дилгир мешаванд, дугонаҳо аз куртаю остини ӯ дошта такон дода мегӯянд, ки розӣ нашавед. Онгоҳ модар, хола ё янгааш ба назди арӯс омада мегӯяд: «тезушбъкун, дъхтарм,айб аст, обрӯипадаратро нигоҳ дор,рӯз бегоҳ шудааст». Баъд аз он ки арӯс розӣ мешавад, косаи оби хутбаро як ҷуръагӣ ба арӯсу домод менӯшонанд. Дигар шахсони ҳузурдошта низ дар ин марака аз он об нӯшида ба ҳамин рӯзи нек расиданро орзӯ мекунанд. Кулчаи никоҳро ҳозирин баъд аз арӯсу домод талош карда мегиранд. Баъзан косаи холии оби никоҳ бо кулча ва матои дар болои коса гузоштташуда ба домулло дода мешавад. Дар хонаи арӯс базму бозӣ ҳамоно идома меёбад, ҳофизон бо суруди муборакбодӣ:

Мо ба ин хона ба шод омадаем,
Шод бошед, ки салом овардаем.

**е.Ҷези (ҷиҳози) арӯс:** Ҷези арӯс дар хонаи арӯсшаванда ҷиҳозонида мешавад. Он молу матое, ки падари домод овардааст, ҳамааш ба намоиш гузошта мешавад, то ки хешу табор аҳлу ҳамсояҳо тамошо кунанд ва бинанд, ки қудо чи чиз овардааст ва ҳамаи онҳо насиби духтар мебошанд. Ҷезро ҳамроҳи арӯс ба хонаи писардор мебаранд. Ҷез аз курта, рӯймол, почома, пойафзол, чойнику пиёла ва курпаю намад иборат аст. Агар падару модари арӯс доро бошанд, ба ҷез боз чизҳои дигар низ илова мекунанд. Агар нодору камбизоат бошанд ва ба ягон камбағали дигар ба издивоҷ дода шавад, он гоҳ ба арӯс як тан куртаю поча, як намад, як калуш медиҳанду халос.

Ҳофизон суруди бурор-бурорро мехонанд:

Бурор – бурор хушрура,
Хушрӯи серабрура.
Ё:Бурор -буроруш кунен,
Дар асп саворуш кунен.
Ё ки:

Бурор- буроруш хола,

Кай мебурориш хола.

Рӯзи Худо бегаҳ шидай,

Кай мебурориш хола.

Ба воситаи чунин сурудҳо ҳофизон падару модари арӯсро мефаҳмонанд, ки вақти рафтан шудааст, тезтар духтаратро рухсат намо. Ҷезро ҷамъ намуда, дар чодар ё сандуқе, ки барои арӯс тайёр карда шудааст, ҷойгир менамоянд.

Домоду арӯс, дар хонаи духтардор каме пеши тахт истода, баъдиандак базму бозӣ ба онҳо дуою фотиҳа дода гусел мекунанд.

Ҳофизон сурудҳои ғамангез низ мехонанд, ки модари арӯс ба гиря меояд:

Эй очаи ҷон,хоната бонӣ кардам,

Хокистари кӯчата кулолӣ кардам.

Хокистари кӯчаат кулолӣ,ки нашуд,

Манро мебаранд,хоната холӣ кардам.[1]

**ё.Арӯсбарон.**Дар охири қарни XIX ва ибтидои асри XX мардуми Роғи Бадахшон арӯсро то пешин ба хонаи домод мебурданд. Пеш аз он ки арӯсро аз хонаашон бароранд, ӯ бо падараш хайру хуш мекунад.

Вақте ки арӯс ба пеши падараш барои хайру хуш ва побӯсӣ меояд, падар ӯро аз ин кор боздошта, аз пешонаи ӯ бӯсида, ба ӯ фотиҳаи нек медиҳад. Арӯс гиряву нола карда, чунин вонамуд мекунад, ки рафтан намехоҳад. Дар ин маросим, либоси арӯс маъмулан аз матоҳои нисбатан қиматбаҳо поҷомаи шоҳӣ, куртаи чакан, рӯймоли гулбаст ва чодари арӯсӣ(фаранҷӣ) иборат аст. Арӯс дар пешона қасоба, дар гардан мӯҳра, дар пояш кафши гулдор(булғорӣ) дошт. Қофилаи арӯсбарон бо рақсу бозӣ ва сурудхонӣ ҷониби хонаи домод равон мешаванд. Ба тамошои

[1] Салоҳов Т.Гулчине аз рубоёти халқӣ / Т.Салоҳов. -Душанбе,2012.-С. 62.

манзараи аз байни деҳа гузаштани арӯс кӯдакон, писарон, духтарон, ҳатто наварӯсон лабу даҳони худро баста ба назди дарвозаи хонаи арӯс меомаданд ё ба болои бомҳои хона мебаромаданд.[1] Хешу табори арӯс аз ин лаҳза истифода бурда, ба болои сари домоду арӯс қанду қурс, чормағз ё меваи хушк ҳаво медоданд ва кӯдакон талошкунон онҳоро чида мегирифтанд.

Арӯсро сарчилаб, ки яке аз хешони наздики ӯ аст, мебарад, лаҷоми асп, ки зебу зинат дода шудааст, дар дасти домод буда, баробари асп ҳаракат мекунад.

Вақте ки қофилаи арӯсбарон ба хонаи домод наздик мешавад, ҳофизон ин сурудромехонанд:

Шаҳи ман умаде,навшаҳи ман умаде,

Ма умадаам ба дидани ҷонона,

Садбарги сафеди ма баро ай хуна,

Садбарги сафеди ма баро ръхсат гир,

Боз умадани мара худо медуна.

Шаҳи ман умаде,навшаҳи ман умаде.[2](2-маротиба)

Ҳангоме ки арӯсбарон ба дари хонаи домод мерасанд, домод аз асп фуромада мехоҳад, ки арӯсро аз асп фурорад, вале ба ин кор сарҷилаб монеъ мешавад. Падари домод ба ӯ ягон ҷома ва ё рӯймоли миёнбанд тақдим мекунад. Барои аз асп фаромадан ба арӯс одатан янга ва холааш ёрӣ мерасонанд. Домоду арӯс бари ҳам нишаста, чун расми қадима дар пеши пои арӯс буз ё гӯсфандеро оварда, сар мебурандки ҷавонон онро бузкашӣ мекунанд. Ҳангоми ба ҳавли даромадан арӯсро янгаҳояш ҳамроҳӣ мекунанд.

Ҳофизон:“Шаҳ омаду шаҳ омад,

Шаҳи рафта боз омад”-ро месароянд.

---

[1]Ҷумъаев Р. Ҷашни арусии тоҷикони води Ҳисор / Р.Ҷумъаев. -Душанбе, 2001. -С. 88.
[2]Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳонакии Кӯлоб / Р.Амонов. -Душанбе, 1963.-с. 37.

Дар пеши пои арӯсу домод пойандоз мепартоянд. Домоду арӯс бо пои росташон қадами аввали худро ба пойандоз гузошта, баъд аз он ҷавонони чаққон барои гирифтани он талош мекунанд. Домоду арӯс ба пеши тахт меистанд.[1] Хурду калон ба онҳо боҳаваси зиёд менигаранд.

Ҳофизон суруд мехонанд:

Акаи тӯйдор давлат ба сарат,

Садусисола шавад, гулписарат.

Сароянда:Аз Роғ зан овардем,

Бо дафу чанг овардем.

Эй холаи келиндор,

Як нозукбадан овардем.

Ҳофизон:

Акаи тӯйдор давлат ба сарат,

Садусисола шавад, гулписарат.

Сароянда:Ҷонона ба мо ҷонай,

Боғаш ба мо бӯстонай.

Як бӯса талаб кардем,

Гуфто, ки замистонай.

Ҳофизон:

Акаи тӯйдор давлат ба сарат,

Садусисола шавад, гулписарат…

Баъди ба охир расонидани базму бозӣ дар пеши тахт маросими пойзеркунакон мешавад. Арӯс ва домод кӯшиш мекунанд, ки пойи якдигарро зер кунанд. Ҳар касе, ки пештар пойро зер кунад, дар зиндагӣ дастболо мешуд. [2] Баъди ин модари домод, яъне хушдомани арӯс худашро ба пеши пойи арӯс мепартояд. Хушдоман гӯё худро мурда

---

[1]Юсуфбекова З.Семья и семейный быт у шугнанцев (конец X1X- начало XX в) / З.Юсуфбекова. -Душанбе, 2001.-С. 114.

[2]Юсуфбекова З.Семья и семейный быт у шугнанцев (конец X1X- начало XX в) / З.Юсуфбекова.-Душанбе, 2001.-С. 114.

гирифта, намегузорад, ки арӯс ба зери чодар равад. Он гоҳ келин хам шуда хушдомани худро аз замин мебардорад, яъне ба ғаму андӯҳи ин хонадон шарик буданашро нишон медиҳад. Баъд аз иҷрои ин корҳо домоду арӯс ба зери чодар мегузаранд. Арӯс ба хона даромада, то омадани хушдоманаш намешинад. Вақте ки хушдоманашомад, арӯсро ба нишастан таклиф менамояд ва илова мекунад: сархону сурфаю дегу табақро ба ту бахшидам. Баъд келин ба нишастан розӣ мешавад.

Хушдоман ба корде қасаба ва рӯймоли арӯсро мекушояд. Бо корд кушоданаш маънои онро дорад, ки аз тезии он ҷину аҷина ва чашми бад дуршаванд, то ба навхонадорон зиён нарасонанд. Курпаю болиштҳои арӯсро янгаҳо ва хоҳарони домод дар болои сандуқе ҷой медиҳанд, ки онро тахти арӯсӣ мегӯянд.

**ж.Ҷойгаҳандозӣ:** Ин кор аз ҷониби занон иҷро мешавад. Ду зан яке аз ҷониби домод ва дигаре аз ҷониби арӯс курпаю болишт ва чодари сафеде дар болои курпаи таг меандозанд.Дар қисман минтақаҳо ба ҷойгаҳи домоду арӯс танга,ширинӣ ва меваи хушк низ мегузоштанд.[1]

**з.Шаби висол:** Баъд аз як ё ду рӯзи тӯй янгаҳо аз хонаи домод ба хонаи худ мераванд. Дар ин шаб муносибати маҳрамона иҷозат дода мешавад. Субҳгоҳон яке аз янгаҳо азбокира будан ё набудани арӯс хабар медиҳанд. Хушдоман ба онҳо тухмбирён ё қандотала пухта мебарад. Агар бокирати духтар исбот нашавад, ӯро ҳамчун бева медонанд. Онгоҳ падари домод, тамоми хароҷоти сарфшудаашро бояд баргашта гираду арӯсро аз хонаи шавҳараш ронда, ба хонаи падараш равон кунанд.

**и.Арӯсбинон:**Баъди ду ё се рӯзи тӯй рӯи арӯсро мекушоянд. Асосан, рӯи арӯсро зани якникоҳаи серфарзанд мекушояд ва дар ин маросим хешу табори домоду арӯс иштирок мекунанд. Пардаи рӯи арӯсро бо навдаи беди серҳосилёкорди теземебардоранд. Аввалин шуда, модари

[1] Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С.103.

домод меояд ва арӯсро бӯсида, ягон тӯҳфае пешкаш мекунад. Дар вақти таомули рӯкушоён ба бағали арӯс сурфа мемонанд, то ки соҳибхонаи хуб, кадбону ёсунҳор(келин)-и нағз шавад. Сарвари маърака либосҳои арӯсро аз сандуқаш гирифта, ба торе (торбанд) меовезад, ки он бо номи ҷез маълум аст. Дар ин маърака равғанрезон ё хамиршӯрон низ иҷро карда мешавад. Сурфаеро, ки дар бағали арӯс аст, гирифта ба нонхона мебаранд ва дар табақе орд бехта ба арӯс медиҳанд, то ордро хелида монад. Баъди ин хушдоман ё янгаҳои арӯс нонро мепазанд. Ҳангоми хамир хелидан хушдоман ба келин мегӯяд: «Хонаву дардор шавӣ, сербачаву серкачашавӣ, пурбаракат шавӣ». Баъди пухтани нон ё кулчаи дасти арӯс, ҳозирон онро хӯрда таҳсин мегӯянд. Аз ин баъд ба арӯс барои иҷрои корҳои хоҷагидорӣ пурра иҷозат дода мешавад ва ӯ узви асосии хонадон мегардад.[1]

Баъди ин маросим модари арӯс бояд барои дидани духтараш ба хонаи домод биёяд. Барои ин маърака дар хонаи домод буз ё гӯсфанде мекушанд. Модари арӯс ягон таом пухта бо ҳамроҳии 9 ё 10 нафар хешонаш барои арӯссару либос ва барои хушдомани арӯс низ либосворӣ гирифта меорад. Ҳангоми ба хонаи қудо даромадан дар пеши пойи модари арӯс пойандоз меандозанд. Духтар (арӯс) ба пеши модараш омада ӯро ба оғӯш гирифта мебӯсад. Дар ин маросим занҳои ҳамсоя низ ширкат меварзанд. Ин маросимро рӯбинон ё рӯбинакон мегӯянд, ки дар он янгаҳои арӯс ва хешу табораш барои ӯ ягонтӯҳфа меоранд.

Арӯс дар таги чодар бояд ҳамроҳи домод бошад. Ҷониби писардор бояд ба модару янгаҳои арӯс туҳфаҳо диҳанд. Ба модари духтар 9 либос сару по ва ба дигарон яъне ба шахсони дуюму сеюм аз ин камтар либос медоданд. Ба момаи арӯс, ки барҷомонда буда, омада наметавонад туҳфа мефиристанд. Баъзан модари арӯс ба либосҳои бахшидаи қудоҳо розӣ

[1]Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. - Душанбе, 2015.-С. 104.

намешавад, ба ҳамроҳони модари арӯс либосҳои ба онҳо туҳфашударо ба якдигар иваз карда медиҳанд. Баъди хӯрдани зиёфат, маросим ба анҷом расида, меҳмонон ба хонаҳои худ бармегарданд.

**й.Торканон ё чодарканон:** Чодарканон ҳарчи тезтар иҷро шавад, беҳтар аст. Зеро бисёр истодани он хосияти хуб надорад. Чодарро барои арӯсу домодаз матои карбос, бахмал ё алоча медӯзанд. Дар рӯи чодар гулҳои ҳарранга дӯхта мешавад, ки онроҳамсояҳо медӯзанд. Пажӯҳиш нишон дод, ки расму оин марбут ба чодар дар ҳамаи минтақаҳои кӯҳистон ҳамшабеҳанд. Чодарро бояд зани солиму серфарзанд овезад.

Баъд аз никоҳ дар хонаи арӯс зане, ки чодарро овехта буд, онро канда ба хонаи домод мефиристад. Чодарро дар хонаи домод ду зан- яке аз тарафи домод дигаре аз тарафи арӯс меовезанд. Чодар ҳамчун воситаи «муҳофизат», аз ҳар гуна неруи бад истифода мешуд. То кандани чодар зану шавҳари ҷавон дар хонае, ки чодар онҷост хуфту хоб мекунанд.

Чодарро дар маҳалҳои Роғи Бадахшон аз як то се ҳафта ё ду моҳ нигоҳ медоранд. Баъди чодарканон маросими тӯй пурра ба охир мерасад.

**к.Домодталбон:** Баъди ду ё се моҳи тӯй волидони арӯс шахсеро ба хонаи домод фиристода,ӯро ба меҳмонӣ даъват менамоянд ва ин маросимро домодталбон мегӯянд. Баъд аз даъват домод сару пои мувофиқ барои падару модари арӯс ва як буз ё гӯсфандро гирифта, ҳамроҳи арӯс ба хонаи хусураш (падарарӯсаш) мераванд. Ҳангоми ба хонаи хусур расидан дар пеши пойи онҳо пойандоз густурда, баъд аз гузаштани домоду арӯс ёру ҷӯраи домод барои гирифтани он часпу талош мекунанд. Мақсади пойандоз бо нияти нек шудани пою қадами домод партофта мешавад. Хешутабори домод дар як хона ва занҳо бо арӯсдар хонаи дигар менишинанд. Аз хӯрокҳо пеши меҳмонҳо аввал ширравған ё ширбиринҷ, гӯшти бирён, баъд шӯрбо ва амсоли инҳоро

меоранд. Пас аз хурокхӯрӣ домулло фотеҳа хонда, ба ҳамаи иштирокчиёни маърака зиндагии хушу гуворо орзу менамояд.

Ба ҷамъи омадагон як рӯймолӣ ҳадя менамоянд. Ба домод ҷома, тоқӣ ва рӯймоли миён тухфа медиҳанд.[1] Ҳамчунин ба падари домод низ ягон туҳфаи арзанда тақдим менамоянд.

Баъди иҷрои маросими домодталбон домоду арӯс бе даъвати махсусҳар вақтеки дилашон хоҳанд, ба хонаи падару модари арӯс рафтуомад мекунанд.

**Маросимҳои марбут ба кӯдакон ва наврасон**

**а.Гаҳворабандон:**Таваллуди кӯдак барои ҳар як хонадон ҳодисаи хурсандиовар мебошад.Дар байни тоҷикониРоғ як қатор расму одате ҳаст, ки бо ин ё он ҳодиса алоқаманд мебошад. Модари кӯдакро хешу ақрабо то лаҳзаи таваллуд нигоҳдорӣ мекунанд, то ки ба ӯ осебе нарасад. Махсусан, шаби таваллуди кӯдак момаҳо ёрдам медиҳанд. Кӯдаки навзодро, ки роғиҳо ник ё никукмегӯянд, рӯзҳои аз ҳама хатарнок бегоҳии се ва нӯҳ аст, ки занҳо мегӯянд: «аз нӯҳ гузашт аз кӯҳ гузашт»,нигаҳбонӣ мекунанд. Чун нофи кӯдак афтида, хушк шуд, онро оббозӣ дода,куртаи тоза мепӯшонанд.[2] Дар ҳавлии навзод як гурӯҳ духтарону писарон гирд омада, ба ҳар гуна бозиҳои шавқовар шуғл меварзанд.Кӯдакҳо ба хонаи тифли навзод ба чочалакгирӣ ё севанчигирӣ (ҳадягирӣ)меоянд.

Ҳангоми кӯдакро оббозӣ додан зане, ки машғули ин кор аст, се маротиба обро пушти кӯдак пошида: «Об лоғар-кӯдак фарбеҳ», мегӯянд. Унсурулмаолӣ Кайковус овардааст:«Бидон, эй азизи ман, ки агар худо,

---

[1] Зеҳниева Ф.Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон / Ф.Зеҳниева. -Душанбе ,1978.-С.59.
[2] Зарубин И.И.Рождение шугнанского ребенка и его первые шаги. / И.И.Зарубин //В кн: В.В.Бартольду.- Ташкент,1927.-С.361-373.

туро писаре диҳад аввал номи хуб ба вай неҳ, ки аз ҷумлаи ҳаққҳои падарон яке ин аст».[1]

Баъди се рӯз, ки гузашт кӯдакро оббозӣ медоранд ва ба ӯ номи нек мегузоранд. Аҳолии Роғ бисёртар ба он кӯшиш мекунанд, ки дар ном исми пайғамбари ислом пайваст шавад, аз қабили Алимад, Ашурмад, Сафармад, Мадсалим ва амсоли инҳо. Баъди бегоҳии рӯзи нуҳум навбати ба гавҳора бастани кӯдак фаро мерасад, ки ин маросимро «Гаҳворабандон» мегӯянд. Дар ин рӯз дар хонаи кӯдакдор чанд зане аз хешовандони тарафи зан ва шавҳари хонавода гирд омада, баъди хӯрдани ғизо занони солдида ва намозхон як-як кӯдакро рӯи даст гирифта дӯстдориаш мекунанд.

Маросими гаҳворабандонро тоҷикони Роғ хеле бошукӯҳ ва пуртантана ҷашн мегиранд. Гаҳвора аз ҷониби падару модари арӯс дар маркабе ба ҳавлии духтараш оварда мешавад, ба онҳо пойандоз ва чочала-севанчӣмепартоянд. Гаҳвораи барои кӯдак омодашударо бо тамоми анҷомаш рӯи кӯрпача мегузоранд. Вақте ки рахти хоби кӯдак тайёр шуд, мавриди ба гаҳвора бастани кӯдак сурат мегирад. Зани серфарзанде ва ё рӯзгордори бахосият ба гаҳвора бастани кӯдакро ба ухда мегирад. Зан аввал кӯдакро рӯи рахти хобаш, яъне дар гаҳвора аввал саропоён, баъд якпаҳлӯ ва сонӣ рост хобонида, аз занҳоиҳузурдошта савол мекунад:“Ин тавр хобонам?”,Ҳама ба як овоз: “Не!”-мегӯянд,ин тавр хобонам?Ҳама баробар не мегӯянд.Баъди ин кӯдакро рост хобонида мегӯяд:“ин тавр хобонам?”Ҳама ба як овоз, “ҳа, ҳа”- мегӯянд.[2] Пас аз бастани кӯдак дар гаҳворамомадоя ба модараш ҳидоят мекунад, ки ба кӯдаки навзод сина диҳад. Занон барои кӯдак

---

1Кайковус У. Қобуснома / У.Кайковус. -Душанбе:Маориф, 1985. -С. 85.

[2] Рахимов М.Р.Рождение и воспитание ребенка / М.Р.Рахимов // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 3.-Душанбе, 1976. -С. 131.

бахту саодат,умри дароз ва дар ҳаёташ пуриву фаровонӣ орзу карда:«Тахту бахташ муборак шавад» гӯён муборакбодаш мекунанд.

Ҳангоми чили кӯдак баромадан дар офтобае бо чумча (қошуқ) чил маротиба ба сари кӯдак об мерезанд, ки ин маросимро аз чил баромадани кӯдак мегӯянд. Ин маросим бо номи чилгурез низ маълум аст.[1]

**б.Мӯйсаргирон.** Мӯйсаргирон расми миллии мардуми кӯҳистони Роғ ва, умуман, тоҷикон аст. Мӯйсаргиронӣ аз рӯи дарку фаҳмиши тоҷикони кӯҳистон фоли нек аст. Бо гирифтани мӯи сар ҳамаи дарду иллати тифл бо он якҷоя мераваду кӯдак сабук ва гӯё аз ҳар гуна ранҷу азоб наҷот меёбад. Ана ин аст, ки мардуми тоҷик ба ин фалсафаи ниёгон боварӣ доранд ва ин боварии онҳо то ба имрӯз идома дорад.

Маросими мӯйсаргирон дар яксолагии тифл гузаронида мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо чун тифл солиму сермӯйтар бошад, дар 8-10 моҳагӣ низ гузаронида мешавад.

Барои мӯйсаргирии кӯдак чун анъана ягон муйсафед ё пиразани солдидаю набературу солимро даъват менамоянд. Ӯ мӯи сареро, ки аз батни модар бо кӯдак омадааст, бо теғ ё корди дудама тарошида мегирад.[2] Пеш аз корди дудама ва ё поку рондан мӯйсафеди дигаре даст ба дуо бардошта, ба тифл умри дароз, шодкомӣ ва тани бедардро аз худои мутаъол таманно намуда, ба ҳамаи ҳозирон ба ин рӯзи саид расиданро орзу менамояд.

Падару модар барои анҷоми ин маросим ташвиши зиёде намекашанд. Аз рӯи имконият гӯсфанд ё бузеро кушта, шӯрбо, оши

1 Троицкая А.Л.Первые сорок дней ребенка (чилля) среди оседлого насиления Ташкента и Чемкентского уезда / А.Л.Троицкая //В кн: В.В.Бартольду. - Ташкент,1927. -С. 349-360.

[2]Рахимов М.Р. Обычаи и обряды, связанные со смертью и похоронами у таджиков Кулябской области. / М.Р.Рахимов //Известия АН Тадж ССР ООН. Вып 3. -1953. -С. 107-130.

палав ё ягон хӯроки дигар тайёр намуда, чанде аз хешу ақрабо ва ҳамсояҳоро ба меҳмонӣ даъват намуда, баъди хӯрокхӯрию хурсандӣ намудан, сартарош ба қайчӣ задан ва ё поку мӯи сари кӯдакро метарошад. Баъди ба охир расидани маросими мӯйсаргирон модари кӯдак ба дигар писарону духтарбачаҳои хурдсоле, ки он ҷо ҷамъ омада, дар маъракаи мӯисаргирон бевосита иштирок доранд, чормағзу себ ва зардолую шафтолуи хушк туҳфа медод.Барои кӯдакони 6-8 сола бошад, модари тифл як миқдор чормағзро гирифта, ба болои сари кӯдакон ҳаво медиҳад. Писару духтарбачаҳо бошанд ҳаё-ҳуйкунон чормағзҳои ҳаводода шударо хурсандона аз замин мегирифтанд, ки ба яке ду дона, дигаре 10 дона, касе чусту чолок бошад, зиёдтар чормағз ба даст меоварад.

Баъд аз анҷоми ин маърака домуллои деҳа бори дигар ба тифл ва аҳли оилаи онҳо дуои нек дода, ба ҳамаи ҳозирбудагон хушбахтӣ талаб менамояд.Модари кӯдак мӯи сари тарошидашударо ҷамъ намуда онро ба решаи дарахти бордоре гӯр мекунанд,зеро ба кӯдак солимию хушбахтӣ ва умри дароз меоварад. Зеро мӯи дар зери по ё ҳавлӣ партофташуда, боиси сардардӣ ва касалмандии кӯдак мешавад.

**в.Хатнасур:** Баъди ба тасарруфи арабҳо даромадани Осиёи Миёна дар байни мардуми ин сарзамин, алалхусус, тоҷикон як қатор расму оинҳои нав, аз ҷумла, хатна пайдо шуда, оҳиста- оҳиста ба ҳукми қонуни зиндагӣ даромад.Хатна кардани кӯдак (писар) барои ҳар падару модар ҳатмист, зеро баъди он писар ҳамчунмусулмони комил ба ҳисоб меравад.

Хатна[1]кардан (Хатна -буридани пӯсти олоти мардии кӯдак) дар давраҳои гузашта, асосан, дар айёми тифлӣ (тахминан дар 5-6 моҳагӣ) ба анҷом расонида мешуд. Дар баъзе маҳалҳои тоҷикнишин, бахусус, Роғ

1Фарҳанги Забони Тоҷикӣ. Ҷ 2.Нашриёти «Советская Энциклопедия». - М.,1969. - С. 471.

аввал кӯдаконро хатна мекарданд ва ҳамзамон ба ӯ номи мувофиқ мегузоштанд. Дар баъзе маҳалҳо дар синни 4-5 солагӣ ва ҳатто аз ин ҳам дертар вобаста ба вазъияти иқтисодӣ ва шароити рӯзгузаронии оила гузаронида мешуд, зеро падару модаронпеш аз хатна маърака барпо менамуданд, ки бо номи «Оши хатнасур» машҳур аст. Мардуми доро ё табақаҳои болоии ҷамъият, албатта, баробари хатнанамудани писар (ё писаронаш) тӯйи калон меоростанд ва ин анъана то ба давраи мо омада расидааст.

Ҳамсуҳбатам изҳор намуд:“Онҳо баробари ошу нони зиёд додан, инчунин 1-2 рӯз маъракаи бузкашӣ барпо намуда, ба мардум тамошо медоданд”.[1] Қисми дигари ин табақа бошад, як ё ду рӯз гӯштин дода, аз ноҳияҳои дуру наздикгӯштингирони номиро даъват мекарданд, то обрӯю эътибори худро ба ин васила боз ҳам баландтар бардошта, худро дар байни дигар табақа ё қавм бонуфузу азизтар гардонад.

Баъзеҳо баробари бузкашию гӯштингирӣ пойга (аспдавонӣ, хардавонӣ) барпо менамуданд. Дар ин мусобиқҳои дабдабанок, ки аз тарафи ашхоси доро гузаронида мешуд, ба ғолибон (дар гӯштингирӣ, бузкашӣ, пойга) мукофот - гӯсфанд, буз, ҷома, ҷелак, чакман, мӯза ва амсоли инҳоро тухфа мекарданд ва ин туҳфаҳоро «солум» мегуфтанд. Дар чунин маъракаҳо мардуми доро фалаксароён, раққосаҳою ширинкоронро даъват менамуданд, то онҳо ҳунарнамоӣ кунанд.

**г.Тахтгузорӣ:** Маъракаи тахгузорӣ ё пеши тахтгузорӣ дар ду ҳолат гузаронида мешавад: пеш аз маъракаи бузкашию гӯштингирӣ ё пойга ва баъди он. Кай гузаронидани маъракаи пеши тахтмонии фарзандон ба салоҳдиди худи тӯйдор вобастагӣ дорад. Пеш аз ба тахт шинонидани писар аввал ӯро шустушӯй намуда, баъд либосҳои фохир,аз ҷумла, ҷомаи беқасаб ё мушку зафар, ба пояш кафш ё мӯза ва ба сар тоқӣ ва ба гирди

[1] Охунова М.

он аммомаи сафед печонида, бо рӯймоли нақшин миёнашро баста, ҳамроҳи ягон ҷӯрааш ё хешу табори ҳамсолаш, зери ҳавоӣ суруди:

Бачара бин, бачара,

Бачаи кавгчуҷара.

Навчаи мо омаде ,

Бари тахт омаде,

Орди анбор мехӯрад,

Равғани кӯзачара, - гуфта пеши тахт мегузоранд. Хешу ақрабо, ҳамсояҳо ва ҳамаи ёру дӯстон зери ҳавои дӯсти шодию хурсандӣ мекарданд, ширинкорон ба тақлидкорӣ мепардохтанд. Баъди анҷоми маъракаи хурсандӣ муллои деҳа ба аҳли хонавода, хусусан, ба хатнашаванда ё хатнашавандагон дуои нек медиҳад. Баъд аз як-ду рӯз дар баъзе ҳолатҳо ба гузашти ҳафтаҳо устои хатнагарро барои хатна кардан даъват менамоянд. Устои хатнагар бо худ теғ ва қамишу пахтаро меорад.[1] Писарчаҳое, ки бояд хатна карда шаванд, ба хона даъват карда мешаванд, дар ҷойгаҳ онҳоро хобонида, ба дасташон ҳар чизи диққатҷалбкунанда медоданд. Устои кордида ба воситаи сухан писарчаҳоро дар ғафлат монда, оҳиста пӯсти болои олоти мардии писаракро ба пеш кашида, ба воситаи ғарабе, ки онро ба шакли ду ё се қисм аз байн каф додааст, меқапад.Дар ин ҳолат шогирди усто ба ӯ ёрдам дода, ба дасти усто теғро медиҳад ва усто пӯсти зиёдатиро, ки ба воситаи қамиш доштааст, бурида дар ҷойи ҷароҳат пахтаро сӯзонда мегузорад.[2]

Дар оилаҳое, ки нисбатан камбизоат ё камбағаланд, маъракаи гузаронидани хатна тамоман дигар аст. Мардуми камбағалу нодор имконияти маъракаи калон ва ба ҷо овардани тӯи хатнаро надоранд.

1 Руднев А.А. Обряды народные и обряди церковные / А.А.Руднев.- Л., 1982.-С. 19.
2 Сухарева О.А. Свадебные обряды таджиков г. Самарканда и некоторых других районов Средней Азии / О.А.Сухарева //Советская этнография. -1940.- №3. -С. 172-176.

Бинобар ин, онҳо ба мардуми кам бо додани 3-4 табақ ош ва шӯрбои садақа дар роҳи кори хайр қаноат мекардаанд. Кам набуданд оилаҳое, ки оши хатнаи фарзандонашонро мегузарониданду оши «Қарзи»-ашонро баъди 3-4 сол медоданд.

Маросими хатна ва хатнасур дар маҳалҳои аҳолинишини Роғ ва, умуман, Бадахшон аз якдигар чандон тафовути ҷиддие надоранд, сарфи назар аз баъзе ҷузъҳои хурд-хурди хоси ин ё он маҳал.

**ғ.Кокулгирон**:Дар аксар маҳалҳои кӯҳистон ва ҳатто шаҳрҳо ба писарбачаҳо кокул мегузоштанд. Сабаби ба писарбачаҳо кокулгузоштан дар чист? Кокулгузорӣ аслан дар ду мавврид дида мешуд:

1.Дар ҳолате ки кӯдак касалии дурударозро аз сар мегузарониду ба зудӣ шифо намеёфт. Волидон бо нияти аз дард раҳо ёфтан ҳангоми сартарошии навбатӣ, саломатӣ ва тани бедарди фарзандро аз даргоҳи Худои мутаъол талаб намуда, дар пушти сари ӯ думча мегузоштанд. Думчаи мондашуда бо мурури солҳо дароз шуда мерафт. Барои аз ҳад зиёд дароз нашудани думча гоҳ-гоҳ нӯги онро қайчӣ мезаданд, зебу ороиши низ медоданд. Чун бача бедард мешуд, думчаи мондашудаи бачаро метарошиданд ва мӯи сари ё кокули писарбачаро ба зери дарахти меводор гур мекарданд,чун ин дарахт мӯйи сараш серамал шавад. [1]

2.Оилаҳое буданд, ки онҳо ба зудӣ ва ё солҳои зиёд мегузашту соҳиби фарзанд намешуданд. Ба назди муллою фолбинҳо ё худбахшиҳо рафта табобат мекарданд. Вале тадбиру табобатҳо низ мадад намекарданд. Оилаҳои безурёт аз ҳама имкониятҳо бо мақсади соҳиб шудан ба фарзанд истифода менамуданд. Умеди охирини ин гурӯҳи оилаҳо зорӣ ба даргоҳи парвардигор ва эътиқод ба мазорҷойҳову шаҳидҷойва ҷойҳои муқаддаси динӣ буд. Ба чунин ҷойҳо рафта, матлаби худро аввалан аз Яздони пок, баъдан аз ҳамон бузургвор талаб намуда,

---

1 Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева. -Душанбе, 2015.-С.123.

хоҳони фарзанд будани худро иброз медоштанд. Чун ба хости Худо ва дуогуии рӯҳи поки ин бузургвор чунин оилаҳо соҳиби фарзанд, алалхусус, писар мешуданд, албатта дар пушти сари ӯ кокулча гузошта онро «Назр» мегуфтанд.

Вақте ки волидон ба нияти соҳиби фарзанд шудан ба ин ё он ҷои муқаддас мерафтанд, онҳо бо худ аз рӯи имконият чорпоеро барои назр-қурбонӣ кардан бурда, он ҷо забҳ мекарданд. Аксаран гӯсфанд мебурданд, буз низ баъзан назр карда мешуд. Назр кардан дар ду маврид ба назар мерасад: аввалан, бо нияти шифо ёфтани фарзанди дардманд, ҳамчунин, бо мақсади соҳиби фарзанд шудани оилаҳои безуриёт, ки барои амалӣ шудани ниятҳои некашон пешакӣ қурбонӣ мекарданд, баъдан, пас аз ба мақсад расидан– соҳиби фарзанд гардидан ва шифои комил ёфтани дардмандон. Баъзан фарзанде, ки баъди назр кардан шифо меёбад, бо маслиҳати муллои деҳа номи ӯро иваз мекарданд. Ҳамсуҳбатам изҳор намуд:“Ба тифле,ки баъди назркунӣ ба дунё омадааст, номҳои Назрбӣ, Назрбегим, Назрмо, Бибиназрӣ ва агар писар бошад, Назрихон, Назримад, Назрӣ, Назримуҳаммад, Назриқул ва ба инҳо монанд ном мегузоштанд”[1].

### 5.2. Варзиш

Аз замонҳои қадим мардуми тоҷику форс ба масъалаи варзиши насли наврасу ҷавонон диққати махсус медоданд. Махсусан омӯзонидани шамшерзанӣ, найзапартоӣ, гурзпартоӣ, камонварӣ, гӯштингирӣ, аспдавонӣ, бузкашӣ, аз манфиат холи набуд. Ба андешаи мардуми кӯҳистон,ҷавонмарди ҳақиқи,пеш аз ҳама масъулияти нигоҳбонии марзу бум ва хонаводаро бар уҳда дорад,ҳатман ҳунарҳои варзиширо аз худ кунад.

[1]Мувофиқи ахбори Машрабов Х.(1914-1996).сокини н.Фархор,д.Бустон.

Мардуми Роғ мисли мардумони дигар дар вақтҳои фориғ аз корҳои саҳрой ва хоҷагӣ, махсусан, дар фасли зимистон, бо бозиҳои гуногун машғул мешуданд. Бозиҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин: бозиҳои шавқовар ва варзишӣ.

Ба бозиҳои шавқовар кечбозӣ, буҷулбозӣ, тути кал, тухмбозӣ, алазод, рустшавакон ва ба бозиҳои варзишӣ чиликбозӣ, возма, бандкашӣ, камонварӣ,гуштингирӣ,пойгаи аспдавонӣ ва бузкашӣ дохил мешуданд. Ба бозиҳои шавқовар бештар кӯдакон ва наврасон ва ба бозиҳои варзишӣ ҷавонон ва калонсолон машғул мешуданд. Аз ин рӯ, ба мо лозим аст,ки бозиҳои варзишии ҷавонон ва калонсолонро, аз қабили: камонварӣ,гӯштингирӣ, пойгаи асп,бузкашӣ хотирнишон созем.

**а.Камонварӣ:** Яке аз маъмултарин ва қадимтарин бозиҳои миллии халқи тоҷик ба ҳисоб меравад.Мувофиқи таҳқиқоти Б.Кушкеки дар ноҳияи Роғ 200-300 милтиқи кӯтоҳмил ва пилтагӣ мавҷуд буд.[1] Роғ ба мисли дигар минтақаҳои кӯҳистон макони навъҳои зиёди ҳайвоноту парандаҳои ваҳшӣ аз ҷумла оҳу,хирс,гургу паланг,кабку қашқаллдоқ буда,аз як тараф ғизои иловагӣ,аз тарафи дигар,пӯсту мӯинаи аълосифат медод.Камонваронро асосан мерган мегуянд,аз милтиқҳои истеҳсоли худи истифода мебурданд. Минбаъд ба воситаи тиҷорати беруни милтиқҳои “шаҳрисабзӣ”, “самарқандӣ”, “фарангӣ”,”бухорӣ”, “қирғизӣ”пайдо шуд,ки аз макони истеҳсолшудаашон дарак медод. Дар Дарвоз онро дар қатори дигар молу анвоъ ҳангоми хонадоршавӣ ба сифати қалин ба волидайн ё хонаводаи арӯс медоданд.[2]Дар ҷашнҳо ва тӯйу маракаҳои бошукӯҳ мардҳои духтардор ба мерганҳои болаёқат ҳусну таваҷҷӯҳ зоҳир карда, ҳатто то ба домоди қабул кардани онро мепазируфтанд.Милтиқ аз чунин қисмҳо иборат аст: қундоқ, оташгирон,

---

[1]Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова) / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926. -С. 118.
[2] Пирумшоев Ҳ. Таърихи Дарвоз / Ҳ.Пирумшоев.-Душанбе,2008.-С. 175.

мил(тана),куланг ва тасма барои ба сари китф овехтани милтиқ.Шикорчӣ ҳангоми ба шикор баромадан бояд чунин ашъёҳоро бо худ дошта бошад: борут, қурғошим, ченак, тирдон, чақмоқсанг, корд, шикорчӯб, борхалтаи чармин барои тӯшаи роҳ,чакмани пашмин ё ҷомаи кӯтоҳи пурбардошт ва амсоли инҳо.

Дигар олоти шикории нисбатан оддӣ, ин бо номи камонғулак маълум аст, ки дар тамоми деҳаҳои кӯҳистони тоҷикнишин то имрӯз истифда бурда мешавад.

Камонғулак аз чӯби бед, сада ва ирғай сохта мешавад. Барои сохтани он навдаи тақрибан 100-120 см-ро гирифта онро нимқат карда бо ду тори ресмони мустаҳкам нӯг ба нӯгмебанданд. Барои ҷой кардани сангча дар мобайни ҳарду ресмон, ягон матои чарми дӯхта мешавад,ки он тӯр ном дорад. Ба воситаи камонғӯлак парандагоне,ки киштзору заминҳои наздиҳавлигиро поймол мекунанд, бачаҳо ва калонсолон сагандози карда, онҳоро пеш мекарданд.

**б.Гӯштингирӣ:**Ин намуди варзиш аз замонҳои қадим дар байни халқи тоҷик маълум аст.Гӯштингирӣ дар мавсимҳои наврӯзӣ ё тӯю маъракаҳо гузаронида мешуд.Сарзамини Дарвозу Роғ ва Ванҷу Бадахшон макони гӯштингирону паҳлавонони номдору машҳур буд.Аз сабаби он ки дар асриXIX то солҳои 20-уми асри XX мактабҳои махсуси гӯштингирӣ вуҷуд надошт, аксари писарони лаёқатманд аз паҳлавонони номӣ тарзу усули гӯштинро меомӯхтанд.[1] Баъди он ки шогирд усулҳои гӯштинро аз бар мекард, барои устодаш ва наздикон, дастархони зиёфат ороста бевосита аз устодаш фотиҳа, яъне дуо мегирифт, ки ин маросимро «камарбандон» мегӯянд.Дар гӯштин чунин усулҳо истифода бурда

[1]Суяркулов Т.Прошлое и настояшее таджикского спорта / Т.Суярқулов. -Душанбе, 1968. -С. 63.

мешуд: гиру дор, сурун, попечу ҳалук, ҳалуки дарун, сари севҷӣ, дастпеч,линги қамарӣ, сари китф,коккӣ ва ба инҳо монанд.[1]

Майдони гӯштин асосан 7-9 ё 10 метр буда, шакли давраро дошт. Дар майдони гӯштин пеш аз ҳама доварро интихоб мекунанд, ки ба рафти гӯштингирӣ назорат карда истад. Дар мавриди якдигарро партофтани паҳлавонон «ҳалол» ё «ҳаром» будани партофти онҳоро муайян намуда, дар охир ғолибонро ба тамошобинон муаррифӣ мекард.

Дар маъракае агар гӯштин оғоз ёбад, аввал ягон мӯйсафеди солҳои сол гӯштин гирифтаю мағлуб нашуда, паҳлавононро дуои нек медиҳад. Он гоҳ мардоне, ки пештар гӯштингири шинохта буданду ҳавою ҳаваси гӯштингирӣ доранд, ба майдон баромада, қувваозмоӣ мекунанд. Баъди онҳо навбат ба писарбачаҳои хурдсолу миёна дода мешавад. Ҳамин тавр, қувваозмоии паҳлавонон бо тадриҷ боло рафтан мегирад. Дар қисмати охир паҳлавонони номдор ба майдон мебароянд.Дар мусобиқаи гуштингирӣ паҳлавонони Бадахшону Тахор,Қундузу Балх, Кӯлобу Балҷувон ва дигарҳо қувваозмоӣ карда,риштаи дӯстии худро мустаҳкам мекарданд.[2]

Ба паҳлавонони ғолиб сарфи назар аз синну сол ва дараҷаашон солимҳо аз қабили: буз, гӯсфанд, ҷувона, гов, мӯза, ҷома. маҳсӣ, газвор ва амсоли инҳо туҳфа карда мешуд. Вале довар пеш аз оғози гӯштин, баъзе қоидаҳои онро бори дигар ба паҳлавонон ёдрас мекунад. Таъкид карда мешуд,ки танҳо аз миён болоро гирифтан,ба тахтапушт афтонидан ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳамчунин, довар мобайни ҳарду паҳлавонон истода дасти чапи яке ва дасти рости дигареро гирифта, ба боло бардошта, ному насабашон ва ҷои зисти онҳоро ба тамошобинон

---

[1] Бобоҷонов А.Қ. Гӯштии миллии Тоҷикон /А.Қ.Бобоҷонов,А.Мусоев.-Душанбе ,1996. -С.8.

[2] Назаров Н.Аз таърихи ҳамкориҳои варзишгарони тоҷику афғон / Н.Назаров. -Восеъ,1993.-С. 6.

муаррифӣ менамояд. Довар ҷома ё чакман ва миёнбанди паҳлавононро аз назар гузаронида,ҳатман ба майдон пойлуч баромаданашонро талаб менамояд. Баъд аз ин ҳарду паҳлавонон бо ҳам даст дода вохӯрӣ мекунанду ба гӯштингирӣ мегузаранд.[1]

Шарти дигари гӯштингирӣ он аст, ки ҳариф рақиби худро аз майдони гӯштин берун баровварда ғалтонад,ба ҳисоб гирифта намешавад. Сарзамини Роғ ва Дашти Терай паҳлавонон-гӯштингирони зиёдеро аз қабили: Абдулазиз, Гули Мӯсо, Мирзои Хизр, Ато Юсуф, Ҷумахон Қурбонов, Сироҷ Қурбонов, Донӣ Муқимовро ёд дорад.

**в.Мусобиқаи аспдавонӣ**: Ин намуди бозии миллӣ дар кӯҳистони Роғ бисёр маълум аст. Зеро аксари аҳолӣ соҳиби аспҳои бидав ва шавқманди чунин бозӣҳастанд, зеро хусусиятҳои сохти аспҳои тоҷикӣ пурра ба солимӣ, пуртоқатӣ ва қобилияти хуби зиндагӣ доштани онҳо дар шароитҳои сахти табии пурра мутобиқ мебошанд.[2]Дар пойгаи аспдавонӣ то 50-60 аспсавор ва аз ин ҳам зиёдтар иштирок мекунанд, ки чунин пойгаҳо ба муносибати ягон маросим аз қабили ҷашни Наврӯз, Меҳргон ё ҷашни Сада гузаронида мешавад.Ҳамчунин, шахсони доро ба муносибати писардор шуданашон ё тӯйи хатнасуру хонадоркунии фарзандонашон пойгаи аспсаворонро ташкил мекунанд. Барои гузаронидани пойгаҳо майдонҳои ҳамвор ва ё даврадореро интихоб мекунанд, ки масофаи он 2,5- 3,5км аст, инчунин, пайраҳаҳои мушкилгузари монеъадорро низ интихоб мекунанд, ки масофаи онҳо гуногун аст, аз 1000 метр ва то 2,5-3000 метрро дар бар мегирад.

Бо ишораи сардовар чобуксаворон, ки болои аспу дар даст лаҷому қамчин омодаи пойгаҳанд,аспҳоро маҳмез мезананд. Дар мусобиқа шахсе ғолиб меояд, ки аспи бодпо дошта, худаш низ усулҳои давонидани

[1] Турсунов Н.Н.Бозиҳои миллии тоҷик / Н.Н.Турсунов..-Душанбе, 1983.-С.27.
[2] Сафаров Х.Х. Аспи Хатлӣ / Х.Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб. - 2013.-№1-2/8-9.- С.41-51.

аспро нағз медонад. Мешавад, ки як гурӯҳ, як нафарро аз қафою бари аспаш қамчинкорӣ карда, ба марра мерасонанд. Довари дар рӯ ба рӯи марра истода, ғолибонро муайян менамояд ва ҷои якум, дуюм ва сеюмро эълон карда, ба онҳо мукофотҳо ё тухфаҳо[1] (аз қабили мӯза, ҷома, маҳсӣ, алоча ва ё як либос сону гардӣ) тақдим мекунанд.

**г.Бузкашӣ:** Яке аз суннатҳои қадими ниёгони мо мебошад, ки дар гузашта ва имрӯза маълум аст.Ин намуди варзиш дар асари безаволи «Шоҳнома» ёд шудааст. Бузкашӣ дар сарзамини Роғ хеле маъмул ва тараққӣ карда буд. Мардум тирамоҳҳосилро ғундошта, то фарорасии фасли кишту кор маъракаҳои бузкаширо ташкил менамуданд ва, бахусус, ин намуди варзиш дар фасли зимистон бештар гузаронида мешуд, ки дар тамошои онҳо тамоми хурду калон иштирок ва мухлисӣ мекарданд. Маъракаҳои бузкашӣ аслан ба муносибати тӯйҳои хонадоршавии ҷавонон, таваллуди писар ва ҷашни Наврӯзию дигар маъракаҳои хурсандӣ барпо мешуд,ки муддати 2-3 соат идома ёфта,ғолибонро гӯсфанд ё газвор тухфа мекарданд.[2]

Дар ин гуна мусобиқаҳо човандозони деҳаҳо байни ҳамдигар мусобиқа мекарданд. Тарзу усули қоидаҳои бузкашӣ дар тамоми ноҳияҳои Шаҳри-Бузург, Ёвон, Яфталу Роғ ва кӯҳистони тоҷик қариб як хел мебошад. Ҳамсуҳбатам иброз намуд:«То саршавии бузкашӣ 2 ё 3 рӯз пеш бузро сар бурида дар намакоб ё зери барф мемонанд,то ки 3-4 соат бардошт кунад».[3] Ҳангоми саршавии бузкашӣ иштирокчиён дар ҷои муайяне ҷамъ мешаванд. Дар маркази майдон, ки 200х400 ё ин ки 300х500 метр аст, чуқурие, ки андозааш 1х2 метр аст, бо номи «палонҷога» муайян карда мешавад. Андозаи чуқурии палонҷога ё (марра) тахминан

---

[1] Розиқи С.Равзанаи субҳ / С.Розиқ. -Душанбе, 2002.-С .158.
[2] Юсуфбекова З.Семья и семейный быт у шугнанцев (конец Х1Х- начало ХХ в) / З.Юсуфбекова. -Душанбе, 2001.-С. 106.
[3] Мувофиқи ахбори Насимов Қ.(1923-2012),сокини д,Сафедоб, н.Шӯрообод.

30-40 см мешавад ва дар ин чуқурӣ каме коҳ ё зағирпоя мерезанд. Довари бузкашӣдар ин палонҷо бузро гузошта,аз баландие маътои сухро ё латаи сафедро ба шакли байрақ, ки боло бардошта шудааст ба поён меафшонад. Дар ин ҳангом човандозҳо барои гирифтани бузи дар палонҷо буда, аспҳоро медавонанд.Дар ин ҳолат шахсе, ки бузро аз ин чуқурӣ мегирад, бевосита ба гирди давра тоб хурда, онро оварда ба палонҷога партояд, ҳамчун ғолиб эътироф мешавад. Ба ҳар ғолибе, ки бузро ба ҷойи муайяншуда оварда мепартояд, мукофот ё ба лаҳҷаи роғиён «солим» дода мешавад. Ҳангоми бузкашӣ, бо чилбур ё банд бастани пои буз ба қоши зини асп мумкин нест.Човандоз бояд,пеш аз ҳама,либосҳои пахтагин дошта бошад,зеро ҳангоми афту дарафти човандозҳо хоҳу нохоҳ чанд қамчинро бояд таҳаммул кунад.Човандоз дар пояш мӯзаи соқдори пошнабаланд дорад, ки пояш дар узангу дарнамонад.

Ду лаҳзаи бузкашӣ ҷолиби диққати ҳамаи мухлисон аст. Яке бо номи ҷонбош: яъне буз дар дасти 2 нафар човандозӣ савора, қамчинҳо дар даҳон ва лаҷоми аспҳоро дар коши зин баста мекунанд ва ҳар касе талош дорад, ки соҳиби буз шавад ва гоҳҳо мешавад, ки човандози айёр як лаҳза ҳарифи худро дар ғафлат дида, аз таги пояш ба тамоми қувват мебардорад, он гоҳ човандози муқобил аз тарси нафтидан маҷбур аст, ки бузро сар диҳад. Дар ин ҳолат човандози аввала бузро аз дасти ӯ канда гирифта, рӯ ҷониби палонҷога меорад.

Лаҳзаи ҷолиби дигар ин ба охиррасии мусобиқаи бузкашӣ аст. Дар ин лаҳза довар эълон мекунад, ки буз «танӣ» шуд.

Гурӯҳе ё ки човандозони деҳаи тӯйдор бузро гирифта мегурезанд ва ҳарифон онҳоро таъқиб мекунанд. Агар ҳарифон расида натавонанд, пас буз ҳаққи ҳалоли гурӯҳе мешавад, ки ғолиб омадаанд.[1]

Ғолибони соҳиби бузи «тани» баъди ҷо ба ҷокунии аспҳо, бузе, ки овардаанд, ба як сӯ гузошта, аз соҳиби хона куштани бузи навро талаб мекунанд, ки соҳибхона барои иззату ҳурмати бузкашҳо бузи зинда забҳ мекунад.

Як фарқияти бузкашии мардуми кӯҳистони Роғ аз дигар бузкашҳо дар он аст, ки онҳо дар кӯҳу пуштаҳо бемалол метавонанд асп тозанд ва бебокона аспро идора мекунанд.

Ҳамин тавр муайян карда шуд,ки ҷашну маросимҳо дар зиндагии мардуми Роғ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Онҳо бо фаслҳои сол, аз ҷумла, фаро расидани зимистон[барфӣ], Барфӣ маросими боридани барфи аввалро таъкид карда ва бо оростани маъракае ба анҷом мерасид. Баҳор [гулгардонӣ ва наврӯз,]Гулгардонӣ вобаста ба шароити ҷӯғрофӣ ва боду ҳавои маҳал дар вақтҳои гуногун ба вуқӯъ меояд.Ҳангоми саршавии фасли баҳор, бачагон ба кӯҳсор баромада, гули сиёҳгӯш чида, гулдаста ороста, ҳавлӣ ба ҳавлӣ мегарданд, таронаҳо мехонанд ва мардумро аз омад-омади баҳор, наздик расидани вақти кишту кор хабар медиҳанд: Маросими «Ашаглон»-ро мардум бо мақсади наҷоти ҳосили деҳқонӣ созмон медоданд. Ин маросим дар ҳар кӯҳистон номҳои ба худ хос дорад. Амсоли «сусхотун», «сусмонӣ», «дуои борон», «момаи борон» ва ба монанди инҳо мавсими киштукор [ашаглон] ва ҳосилғундорӣ бо ҳамалоқаманд мебошанд:Таваллуди кӯдак дар гаҳвора хобонидан,[гаҳворабандон, хатнатӯй]; ташаккул ёфтани оилаҳои нав [тӯйи арӯсӣ] ва ғайра иртибот доштанд. Муҳимтарин ҷашни оилавӣ тӯйи арусӣ буд, ки чандин

[1] Турсунов Н.Н.Бозиҳои миллии тоҷикӣ / Н.Н.Турсунов.-Душанбе ,1983. -С. 32.

марҳилаҳои муқаддамотиро дар бар мегирифт ва хеле ботантана мегузашт.Марҳилаҳои асосии тӯй: хостгорӣ,фотиҳа, сарупобинон тӯй дар хонаи домод ва арӯс,арӯсбинон,домодталбон(ё хусурсалом). Яке аз ҷузъиёти баҳсталаби тӯй ин кундапартои ва хонадомод ба ҳисоб меравад.

Дар ҷашну маросимҳо анъанаҳои хеле қадим ва гуногун инъикос ёфтаанд. Мардуми Роғ мисли дигар мардуми кӯҳистон дар вақтҳои фориғ аз корҳои саҳроӣ ва хоҷагӣ,махсусан, дар фасли зимистон,бо бозиҳои гуногун машғул мешуданд.Бозиҳо ба ду гурӯҳ тақсим кардамешавад: бозиҳои шавқовар ва варзишӣ.Ба бозиҳои шавқовар кечбозӣ,бучулбозӣ,тутикал,алазод,рустшавакон ва ба бозиҳои варзишӣ чиликбозӣ, возма,бандкашӣ,камонварӣ, гӯштингирӣ,пойгаи асп ва бузкашӣ дохил мешуданд.Ба бозиҳои шавқовар бештар кӯдакон ва наврасон ва ба бозиҳои варзишӣ ҷавонон ва калонсолон машғул мешуданд.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ

Омӯзиши география, таърих ва этнографияи Роғ ҳамчун ҷузъи таҳқиқнашудаи як гӯшаи Тоҷикзамин аҳамияти калони илмӣ дорад. Аз ин рӯй фарҳанги ягонаи миллат дар заминаи фарҳанги минтақаҳои гуногун, ки аз як реша сарчашма мегиранд, ташаккул меёбад. Фарҳанги миллӣ ва минтақавӣ ба ҳамдигар таъсири мутақобила расонда, якдигарро ғанӣ ва рангинтар мегардонанд.

Дар баробари ин, фарҳангҳои минтақавӣ нишонаҳои ба худ хос дошта, боқимондаи анъанаҳои хеле қадим буда, маълумоти ҷолиб ва нодирро дар бар мегирад ва ноҳияи Роғ аз гунаи онҳо мебошад. Имрӯз Роғ яке аз вилоятҳои Бадахшон буда, таърих ва фарҳанги хеле қадим ва ба худ хос дорад. Аз тарафи дигар, таърихи он бо таърихи минтақаҳои ҳамсоя зич алоқаманд мебошад [1-М; 2-М].

Муҳаққиқи тоҷик Б.Искандаров оид ба тақсимоти ҳудуди байни Афғонистон ва Помир овардааст, ки соли 1895 баъди гуфтушуниди чандинсола байни Руссияю Англия қарори «танзими сарҳади Помир», қабул шуд, ки мувофиқи он вилоятҳои соҳили рости дарёи Панҷ (Рӯшон, Шуғнон ва қисми шимолии Вахон) ба Бухоро, вале як қисми Дарвоз дар соҳили чапи дарёи Панҷ ҷойгир буда, ки тобеи Бухоро буд, ба Афғонистон дода шудаанд. [1] Дар натиҷаи ин тақсимот Роғ, ки ҳамчун шоҳигарии мустақил буд, ба Афғонистон дохил шуд [2-М].

Ноҳияи Роғ дар қисми шимолии вилояти Бадахшони Афғонистон ҷойгир аст. Он аз шимол бо ноҳияи Дарвоз, аз шарқ бо Шуғнон, аз ғарб бо Кӯлоби Тоҷикистон аз ҷануб ба Файзободи Бадахшон ҳамсарҳад мебошад. Мувофиқи таҳқиқоти академик А.А.Семёнов дар чоряки

---

[1] Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Помир в переод присоединения Средней Азии к России / Б.И.Искандаров. -Душанбе, 1960. -С.30.

аввали асри XX, дар ҳудуди ноҳияи Роғ 51 деҳа мавҷуд буд.[1] Сокинонаш тоҷикони суннимазҳаб буда, бо забони тоҷикӣ (дарӣ) гап мезананд. Шуғли асосии аҳолӣ чорводорӣ ва зироаткорӣ буда, ноҳия аз сатҳи баҳр 2223 м баланд мебошад [2-М].

Рисола бори аввал проблемаи мардумшиносии Роғро ба миён гузоштааст.Мардумшиносии Роғ комилан омӯхта нашудааст ва рисола ба мавзӯи ин ноҳияи таърихӣ бахшида шудааст.Масъалҳои мардумшиносии ин гӯшаи таърихи тоҷик натанҳо Роғ,балки тамоми Бадахшон ва, умуман, тоҷикони Афғонистон аз назари олимон дур мондааст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи таърих ва этнографияи Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX ба чунин хулоса омадем:

1.Таърих ва сохтори маъмурии Роғ дар сарчашмаҳои хаттӣ ба таври пароканда ва нопурра ёд мешавад. Бо вуҷуди ин, мо хулоса карда метавонем,ки Роғ дар замони Авесто яке аз кишварҳои калони Ориёзамин буд.Аммо бо мурури замон мавқеи худро аз даст дода, дар асри XIX ва ибтидои  асри XX ба яке аз шоҳигариҳои хурд табдил ёфта,гоҳо мустақил ва гоҳо дар ҳайати давлатҳои бузургтар -Дарвоз ва Бадахшон шомил будааст [1-М; 2-М].

Дар мавриди роғиҳои минтақаи Кӯлоб гуфтан ҷоиз аст, ки онҳо дар нимаи дуюми асри  XIX аз Роғи Бадахшони Афғонистон ба ин тарафи соҳили дарёи Панҷ кӯчида омадаанд, аммо ҷузъиёти ин падида маълум нест. Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки онҳо дар ҷои нави иқомати худ низ ҳуввияти маҳаллӣва тоҷикии худро нигоҳ доштаанд [2-М].

---

[1]Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова) / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926. - С.116-117.

Ривояти мардумӣ дар бораи аз деҳаи Даҳбеди Самарқанд омадани роғиҳо ба Роғ далели воқеӣ надорад.Дар Авесто зикр ёфтани Роғ ҳамчун кишвар муқимӣва қадим будани мардуми онро тасдиқ менамояд.

Олимоне, ки Роғи авестоиро бо Райи Эрон як мешуморанд, хато мебошад. Зеро географияи Авесто ҳудуди Эрониро намедонад, бинобар ин, фикри академики тоҷик Ю.Яъқубов дар бораи бо Роғи Бадахшон як будани Роғи авестоӣ сазовори боварист.

Номи [топоним] Роғ калимаи қадимаи ориёӣ буда, он маънои "доманаи фарохи кӯҳ"-ро дорад. Имрӯз дар топонимикаи Тоҷикистон садҳо номҳо бо тобишҳои гуногун вуҷуд дорад. Аммо дар Эрони кунунӣ номи Роғ ба назар намерасад.

Мардуми Роғ бо лаҳҷаҳои маҳаллии забони тоҷикӣ гуфтугӯй мекунанд ва тоҷикӣ забони модарии онҳо аст.Лаҳҷаҳои роғиҳои минтақаи Кӯлоб то ҷое омӯхта шудаанд, аммо дар бораи лаҳҷаҳои Роғи Бадахшон маълумоте дар даст нест. Дар лаҳҷаи мардуми Роғ калимаҳои қадимае мавҷуданд, ки барои омӯхтани забони қадимаи ин минтақа, яъне забони бохтарӣ маводи хуб мебошанд ва забоншиносони тоҷикро заруraст, ки аз ин мавод самаранок истифода баранд.

2.Кишоварзӣ яке аз машғулиятҳои асосии мардуми Роғ ба ҳисоб меравад. Соҳаи асосии кишоварзӣ парвариши гандум ва ҷав буд. Дар баробари ин ғалладонаҳо ва растаниҳои дигар, ба монандишолӣ, ҷуворимакка, арзан, зағир низ кошта ва парвариш карда мешаванд. Дар Роғдар асри XIX ва ибтидои асри XX кишоварзӣ хусусияти анъанавӣ дошт. Дар кишт, парвариш ва ғундоштани ғалладона усулҳои анъанавии садсолаҳо пеш ташаккулёфта, истифода мешаванд. Олоти асосии кишоварзӣюғусипор, каланд, шохин ва дос аст. Шудгор ба воситаи юғусипор ва барзагов иҷро карда,ҳамаи корҳои кишоварзӣ дастӣ иҷро мегарданд. Нақлиёти асосӣ барои кашонидани ҳосил ба хирман ва ба

хона чигина ва харбуда,то имрӯз боқӣ мондааст. Роғиҳои минтақаи Кӯлоб ин усули анъанавиро то барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ истифода мебурданд ва баъд ба усулҳои нави замонавӣ бо истифода аз трактор ва дигар мошинҳои кишоварзӣ гузаштанд. Усули кишт, парвариш ва ғундоштани ғалладона дар Роғ дар маҷмӯъ бо усуле, ки тоҷикони дигар минтақаҳои кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияҳои ҳамсоя истифода мебурданд, як хел буд. Ин ҳамсонӣ аз ягонагии шароити табиӣ, таърихӣ, нажодӣ ва фарҳангии тоҷикони ин ва дигар минтақаҳои кӯҳистон сарчашма мегирифт.

Низоми андозғундорӣ низ анъанавӣ буд. Деҳқонон баъди ҳосилро ғундоштан дар сари хирман андозҳои гуногуни давлатӣ ва маъмурию иҷтимоиро месупориданд ва танҳо баъди ин боқимондаи ҳосилро ба хонаҳояшон мебурданд. Микдори андоз аз микдори ҳосил вобаста аст.

Дар баъзе давраҳо гаронии андозҳо ба қашоқшавии деҳқонон оварда мерасонд. Ҳукуматдорони афғон аз ҳокимияташон суистифода карда, ба воситаи андозбандиҳои гарон ва иловагӣ халқи тоҷик ва дигар халқҳои ғайри афғонро бераҳмона истисмор менамуданд.

Дар кӯҳистони Роғ мувофиқи шароити табиӣ намудҳои гуногуни меваҳо аз қабили себ, ангур, нок, анор, зардолую шафтолу,тут,биҳӣ, чормағз, аз полезиҳо тарбузу харбузаи лалмӣ парвариш карда мешавад.

Аз сабзавот дар ноҳияи Роғ боимҷон, испаноҷ, гулкарам, тарак, каду, шалғамча, сабзӣ, шалғам, пиёз, картошка, памидор, сир мекоранд ва аз алафҳои худруии кӯҳӣ аз қабилӣ: чукрӣ, хоч, модел, торон, ров истифода мебаранд [].[1]

[1] Сафаров Х.Х. Сохти маъмурӣ ва сиёсии Роғ / Х.Х.Сафаров //Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. -2013.- №4/ 53.-С. 193-197.

Усули обёрии заминҳои кишт низ анъанавӣ аст. Заминҳои кишт ду намуданд: обӣ ва лалмӣ буданд. Заминҳои лалмӣ аз оби барфу борон ва обиро ба воситаи ҷӯй ва корезҳои аз дарёҳо кандашуда об медоданд.

3.Ҳунарҳои мардумӣ яке аз ҷузъи фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ ҳунарҳои мардумӣ, махсусан, ҳунарҳои дастӣ яке аз намудҳои оммавӣ ва халқии санъат буда, аҳамияти он ба хеҷ кас пӯшида нест. Дар Роғ ҳамаи соҳаҳои ҳунармандӣ мавҷуд буда:бофандагӣ, рағзабофӣ, намадрезӣ, элакбофӣ, сабадбофӣ, қамчинбофӣ, чармгарӣ, собунпазӣ, кулолгарӣ, мисгарӣ, оҳангарӣ, лаҷомсозӣ ва дуредгарӣ мувофиқӣ талаботи мардум амал менамуданд. Бофандагон карбос, алоча ва чити гулдор тайёр мекарданд ва маҳсулоти баровардаи онҳо дар навбати аввал барои таъмини аҳолии маҳалҳои Роғ сарф мешуданд [4-М].

Маҳсулоти аз талаботи мардуми маҳаллӣ зиёдмондаро косибон ба ноҳияҳои ҳамсоя бурда мефурӯхтанд.

Роғ дар савдои минтақавӣ фаъолона иштирок мекард. Тоҷирони Бадахшон молҳои аз Роғ харидаашонро ба Ҳиндустон, Бухоро ва дигар кишварҳо бурда савдо мекарданд. Тиҷорат дар иқтисодиёти мардуми Роғ мавқеи муайян дошт.

4.Мардуми Роғ аз маҳсулоти кишоварзӣ, чорводорӣ,боғдорӣ ва гиёҳҳои хӯрданбоби табиат хӯрокҳои гуногун тайёр мекарданд. Дар пӯхтани хӯрокҳо аз равған, орд, гандум, донагиҳо, (нахӯд, наск, мош, биринҷ) гӯшт, меваҳои тару хушк ва гиёҳҳои табиӣ истифода мекунанд.

Нони аз орди гандуму ҷав тайёр кардашуда муҳимтарин ғизои мардуми Роғ буд. Нонро дар хӯрдани тамоми намудҳои хӯрданӣ истифода менамоянд. Мардуми Роғ 15 намуд нон мебанданд, аз ҷумла, чапотӣ, ғафсак, чанд намуди фатир, нахудӣ, ҷавӣ, қалама, товагӣ ва

ғайра. Хӯрокҳо зиёда аз 40 намудро ташкил медиҳанд ва ба ордӣ-хамирӣ, донагӣ, ширӣ,гӯштӣ ва ғайра тақсим мешавад.

Тамоми намудҳои хӯроквориро мардум аз маҳсулоти худӣ тайёр менамоянд.

5.Ҷашну маросимҳо дар зиндагии мардуми Роғ мавқеи муҳимро ишғол мекард. Онҳо бо фаслҳои сол, аз ҷумла, фаро расидани зимистон[барфӣ], баҳор [гулгардонӣ ва наврӯз], мавсими кишту камборонӣ [ашаглон] ва ҳосилғундорӣ,(иди ҳосил-меҳргон) таваллуди кӯдак ва ба воя расидани ӯ[гаҳворабандон, хатнатӯй], ташаккул ёфтани оилаҳои нав [тӯйи арӯсӣ] ва ғайра иртибот доштанд. Муҳимтарин ҷашни оилавӣ тӯйи арусӣ,аст ки чандин марҳилаҳои муқаддамотиро дар бар мегирифт ва хеле ботантана мегузашт. Дар ҷашну маросимҳо анъанаҳои хеле қадим ва гуногун инъикос ёфтаанд [8-М].

6.Мардуми Роғ мисли мардумони дигар дар вақтҳои фориғ аз корҳои саҳроӣ ва хоҷагӣ, махсусан, дар фасли зимистон, ба бозиҳои гуногун машғул мешаванд. Бозиҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мешуданд:бозиҳои шавқовар ва варзишӣ. Ба бозиҳои шавқовар кечбозӣ, буҷулбозӣ, тутикал, тухмбозӣ, алазод, рустшавакон ва ба бозиҳои варзишии чиликбозӣ, возма, бандкашӣ, камонварӣ, гӯштингирӣ, пойгаи асп ва бузкашӣ дохил мешуданд. Ба бозиҳои шавқовар бештар кӯдакон ва наврасон ва ба бозиҳои варзишӣҷавонон ва калонсолон машғул мешуданд. Бозиҳои шавқовар бештар зеҳн, ақл, тафаккур ва диққатнокиро инкишоф медиҳанд.

Барои боз ҳам амиқтар омӯхтани таърих ва фарҳанги Роғ ва дигар ноҳияҳои Бадахшон корҳои зерини илмӣ таҳқиқотӣ ва ташкилиро иҷро кардан зарур донистем:

1.Сохтани консепсияи илмӣ-таҳқиқотӣ барои омӯзиши таъриху этнографияи Роғ аз ҷониби олимони Тоҷикистон ва Афғонистон.

2.Васеъ истифода бурдани мероси илмии донишмандони Афғонистону Тоҷикистон доир ба масъалаҳои этнография ва фарҳанги мардуми Роғ ҳангоми гузаронидани семинарҳо ва курсҳои махсус дар факултаҳои таърихи мактабҳои олии мамлакат.

3.Дар институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ ташкил намудани конфронсҳои илмӣ,семинарҳо ва мизҳои мудаввар доир ба масъалаҳои муҳими этнография ва таърихи Роғ, аз ҷумла, роғиҳои минтақаи Кӯлоб.

4.Имрӯз жанри сурудҳои фалаки роғӣ хеле маъруф аст,[1] аммо омӯзиши ҳамаҷонибаро талаб менамояд [3-М; 6-М].

5.Забони тоҷикии роғӣ гӯишҳои хоси худро дорад.Масалан роғиҳо модарро “нъна”, падарро “да”, хоҳарро “ник-ниник”, боборо “во”, момаро “вӣ” ва амсоли инҳо гӯянд ва омӯзиши он дар таҳавуллоти забони тоҷикӣ аз аҳамият холӣ нест.

6.Ташкил кардани намоишҳои махсуси доимӣ ва муваққатӣ дар Осорхонаи Миллии Тоҷикистон ва осорхонаҳои минтақавӣ доир ба фарҳанги мардумии Роғ ва дигар ноҳия ва вилоятҳои дар марзи Афғонистону Тоҷикистон ҷойгирбуда.

7.Ташкил кардани экпедитсияҳои археологӣ ва этнографии муштараки Тоҷикистону Афғонистон барои боз ҳам чуқуртар омӯхтани таърих ва этнографияи Роғ.

8.Бо дарназардошти муташанниҷии вазъияти сиёсиву иқтисодӣ дар Афғонистон барои гузаронидани корҳои тадқиқоти олимон дар Бадахшон шароити мусоид фароҳам овардан.

---

[1] Сафаров Х.Х. Аз таърихи фалак / Х.Х.Сафаров //Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.-2015.-№3/11. -С.39-41.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияро метавон дар мавридҳои зерин истифода кард:

-дар навиштани асарҳои маҷмӯи оид ба таърих ва фарҳанги тоҷикони Бадахшон ва Тоҷикистон дар асри XIX ва ибтидои асри XX;

-рисола маводи нав марбут ба мардумшиносии тоҷикони Бадахшони Афғонистон мебошад ва истифодаи он дар навиштани таърихи этнографияи тоҷикон аҳамияти калон дорад.

-дар омода кардани курсҳои лексионӣ,дастурҳои таълимӣ ва методӣ дар факултетҳои таърих ва шӯъбаҳои мардумшиносии донишгоҳҳо доир ба кишоварзии анъанавӣ ва ҷашну маросимҳои мардумии тоҷикон, аз ҷумла, Роғу Бадахшон истифода бурдан мумкин аст.

-рисоларо метавонанд кормандони Осорхонаҳои мардумшиносӣ ҳамчун маводи ёрирасон дар гузарондани сайри осорхонавӣ ва навиштани роҳнамоҳо истифода баранд.

-натиҷаи таҳқиқот, ҳуҷҷату сарчашмаҳои нав дар он дарҷ гардида, ҳангоми ташкил додани асарҳои ҷамъоварда аз таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ, қисми Эрон, ҷанубу ғарбии Осиё (Озарбойҷон), адабиёти мактабӣ, ҳангоми хондани лексияҳо, курсҳои махсус, дар факултетҳои гуманитарии мактабҳои Олӣ метавонанд истифода шавад.

# НОМГӮИ АДАБИЁТ

## 1.Феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда

1.Авесто. /Гузориш ва пажӯҳиши Ҷ.Дӯстхоҳ. Душанбе, Қонуният.2001.-560 с.

2.Амир Унсур ул-Маоли Кайковус бин-и Кабус бини Вашмигир. Кабусназме. -Кабул. 1302.-198 с.

3.Балъамӣ.Таърихи Табарӣ (Бо муқаддима ва тавзеҳи М.Умаров,Ф.Бобоев.Таҳрон,1380(2001) ҷ-2. -832 с.

4.Берунӣ А. Осор-ул-боқия / А.Берунӣ. -Душанбе, 1990. – 432 с.

5.Бобур М.З. Бобур-наме / М.З.Бобур. Записи Бобура,/ Пер. М. Салье. -Ташкент, Изд-во АН Узб ССР, 1958.- 539 с.

6.Кушкеки Б. Каттаган и Бадахшан. (Пер с П.П.Введенского, Б.И.Искандаров,под ред.,с предисл и примеч. А.А.Семенова) / Б.Кушкеки. -Ташкент, 1926. -С. 248.

7.Мухаммадхусейн Бурхон.Бурхони коте. "Толковый словарь".-Ҷ. 1- Душанбе: Адиб,1993.-416с.

8.Навоӣ А. Маҷолис-ул-нафоис / А.Навоӣ.-Теҳрон,1323 ҳ.қ. - 209 с.

9.Таърихи Бадахшон (История Бадахшана) фотографическая репродукция рукописного текста, введение, указатели подготовител к изд. А.Н.Болдырев, Изд-во ЛГУ, 1959.- 254 с.

10.Файз Муҳаммади Котиб. «Сиродж-ут-таворих». Т.1-2. -Кобул 1333 ҳ.қ. - 187с.

11.Ғиёс-ул-луғот. Ҷ 2.(таҳияи А.Нуров).–Душанбе:Адиб, 1987.-416 с.

## Монография,брошура ва мақолаҳо:

12.АбаеваТ.Г.Очерки Истории Бадахшана / Т.Г.Абаева.-Ташкент, 1964.-159 с.

13.Абибов А. Аз таърихи равобити адабии Бадахшон бо Ҳиндустон /А.Абибов.-Душанбе, -1991.-172 с.

14.Абибов А. Ганҷи Бадахшон / А.Абибов.-Душанбе: Ирфон,1972.- 320 с.
15.Абибов А. Ганҷи Парешон / А.Абибов. -Душанбе,1984. - 304 с.
16.Абибов А. Доираи Адабии Бухорои Шарқӣ /А.Абибов.-Душанбе:Дониш, 1984. -240 с.
17.Айнӣ С. Асарҳо .ҷ 6 / С.Айнӣ -Душанбе, 1962.- 413 с.
18.Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳонакии Кӯлоб / Р.Амонов. -Душанбе, 1963.- 345с.
19.Андреев М.С. По этнологии Афганистана:Далина Панджшера / М.С.Андреев.-Ташкент, 1927.- 103с.
20.Андреев М.С. Таджики долины Хуфа. Вып 1 / М.С.Андреев -Сталинабад, 1953.- 251 с.
21.Андреев М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-дарьи) / М.С.Андреев // С доп. и прим.А.К.Писарчик. Вып 2. ТР АН Тадж ССР. -Сталинабад, 1958. -521с.
22.Андреев М.С. Материлы по этнографии иранских племен Среднее Азии / М.С. Андреев, А.А.Половцев. -СПб, 1911.- 41с.
23.Андрианов Б.В. Хозяйственные типы Средней Азии и Казахстана / Б.В.Андрианов // В кн:Народы Средней Азии и Казахстана. Т.2.(серия Народов мира,этнографические очерки). -М.,1963.-С. 63-67.
Арандаренко Г.А. Бухара и Афганистан в начале 80-х и половине Х1Х вв / Г.А.Арандаренко. -М.: Наука, 1974.-142с.
24.Аҳмадов Р. Наврӯзи оламафрӯз / Р.Аҳмадов. -Душанбе, 1987.-С.10-12.
25.Бартольд В.В. Бадахшан. Энциклопедия Ислама /В.В.Бартольд. -М., 1965.-711с.
26.Бахромов З. К вопросу о состоянии хозяйства Шугнана в дореволюционный период / З.Бахромов//В кн.: Очерки по истории Таджикистана. Т 11. – Сталинабад, 1959.-С.11-30.
27.Бертельс Е.Э. История персидо-таджикского литературы / Е.Э.Бертельс. -М.,1960.-545 с.

28.Бежкович А. С. Историко этнографическое особенности киргизского земледеля / А.С.Бежкович.//В кн: Очерки по истории хозяйства народов Средней Азии и Казахистана. Т. XCVIII. ТР ИЭА АН СССР. Новая серия. -Л.:Наука, 1973.-260 с.

29.Бобоҷонов А.Қ. Гӯштии миллии Тоҷикон / А.Қ.Бобоҷонов, А. Мусоев -Душанбе,1996.- 165с.

30.Богорад Ю.И. Рогские говоры Таджикского языка / Ю.И.Богорад //ТИЯ АН СССР. Т. 6. _Л.,-1956. -С. 133-195.

31.Болдырев А.Н. Бадахшанская фольклор / А.Н.Болдырев// СВ Т. 5. 1948. - 294 с.

32.Букинич Д.Д.Техники сельского хозяйства в Афганистане / Д.Д.Букинич // В кн:Вавылов Н.И,Соб.соч.в 5 т.Т-2 и 7.-М.,-Л., Изд.АН СССР.1959.-С.172-199.

33.Вавилов Н.И. Земледельческий Афганистан / Н.И. Вавилов, Д.Д.Букинич. -Л.,1929.-415 с.

34.Ванновский. Извлечение из отчёта о рекогносцировке в Рушане и Дарвазе, 1893г. / Ванновский // СГТСМ-ов по Азии вып 1. Гл 6-М.,1894.-345с.

35.Ванукевич А. Таджикские национальные сладости / А.Ванукевич.-Душанбе: Ирфон. 1978. -112с.

36.Гаджиева С.Ш.Семья и брак у народов Дагестана в Х1Х-начало ХХ века / С.Ш.Гаджиева.-М.:Наука,1985. -359 с.

37.Гаджиева С.Ш. Материальная культура даргинцев / С.Ш.Гаджиева.–Махачкала, 1967.-300 с.

38.Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Китоби якум / Б.Ғ.Ғафуров.-Душанбе:Ирфон, 1983.-700 с.

39. Ғоибов Ғ.Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз.Монография / Ғ.Ғоибов. -Душанбе, 2006.- 906 с.

40.Ғубор М.Ғ. Афганистан на пути истории /М.Ғ.Ғубор.-М.,1959.-208с.

41.Давыдов А.Д. Афганская деревня / Д.Давидов. -М.: Наука, 1969.-261 с.
42.Деҳотӣ А. Куллиёт.ҷ 5 / А.Деҳотӣ.-Душанбе, 1966.- 472с.
43.Джахонов У. Земледелие таджиков долины Соха в конце XIX-началоXX века У.Джахонов.–Душанбе:Дониш, 1989.-216 с.
44.Дьяконов И.М. Маданияти қадимаи тоҷикон / И.М.Дьяконов.-Нашриёти давлатии Тоҷикистон. 1959.- 141с.
45.Ершов Н.Н. Пища // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып -2 / Н.Н.Ершов. -Душанбе, 1970.-С. 225-233.
46.Ёқубшоҳ Ю. Давлати Каёниён / Ю.Ёқубшоҳ.-Душанбе: Эр-граф. 2012.- 544 с.
47.Зарубин И.И.Рождение шугнанского ребенка и его первые шаги. / И.И.Зарубин //В кн: В.В.Бартольду.- Ташкент,1927.-С.361-373.
48.Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими туйи тоҷикон / Ф.Зеҳниева.–Душанбе:Дониш,1978. -161 с.
49.Иванов М.С. История Ирана / М.С.Иванов.-М., 1977.- 488 с.
50.Иванов П.П. Очерки истории Среднии Азии (XV1-средние X1X веков) / П.П.Иванов. -М., 1958.- 247 с.
51.Икромов И. Шоирони Роғӣ охирҳои асри X1X ва ибтидои асри XX / И.Икромов.-Душанбе, 2008.-144 с.
52.Исоматов М.М.Ирано-Среднеазиатские взаимоотношения по «Таърихи Табар» Балъами / М.М.Исоматов. -Душанбе-Бешкек,2006.-С. 76-85.
53.Искандаров Б. И.Очерки История Бадахшана / Б.И.Искандаров. -М.,1973. - 219 с.
54.Искандаров Б.И.Восточная Бухара и Памир в период присоединения Средней Азии к России / Б.И.Искандаров.–Сталинабад:Таджикгосиздат, 1960.- 213 с.
55.История и культура Куляба (прошлое и настоящее / Под ред. Н.Неъматов, Е.А.Баженов, М.Д.Азизов.-Куляб, 1988.-172с.

56.История Самарканда с древнейших времён до Великой Октябрской Революции. Т1. Ташкент, 1969.- 481с.

57.Кармышева Б.Х. Очерки этнической истории южных районов Таджикистана и Узбекистана / Б.Х.Кармишева.-М.,1976. -321с.

58.Карутц Р. Среди киргизов и туркменов на Мангышлаке / Р.Карутц. СПб. –Девриена,1914.-268 с.

59.Кисляков Н.А.Калим и приданое у таджиков / Н.А.Кисляков // ТИЭ АН СССР 1951 ,Т 14.- М.,Л.,-С.180-223.

60.Кисляков Н.А.Очерки по истории семьи и брака у народов Средней Азии и Казахстана / Н.А.Кисляков.- Л.: Наука.-1969.-239 с.

61.Кисляков Н. А. Таджики Каратегина и Дарваза.вып 2. / Н.А.Кисляков, А,К. Писарчик. -Душанбе:Дониш,1970.- 311с.

62. Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. (по материалом XIX- начало XX веков).Т 44. / Н.А.Кисляков. ТИЭ АН СССР.-М., -Л.,1959. - 269 с.

63.Краснов Ю.А. Древнейшей упрятие пахотные орудия / Ю.А.Краснов, Б.С.Ганбург. -М.: Наука, 1975.- 183 с.

64.Қушматов А.Вақф / А.Қушматов.-Душанбе, 1990.-192с.

65.Логофет Д.Н. На границах Средней Азии К.3./ Д.Н.Логофет.- СПб.1909.-245 с.

66.Малиновский А. Известия об отправлении в Индию Российских посланников, гонцов и купчик и о приезжих в Россию индейцах с 1469-1751 г. / А.Малиновский // Труды и летописы ОИД. Т. 7. -М., 1837.-С. 237-247.

67.Матвеев. Поездке по Бухарским и Афганским властям / Матвеев.- СПб. Материалом по Азии. Вып 5. 1887.-С. 21-23.

68.Махмадшоев Р.Таджики Афганистана в новое время.Очерки истории хозяйства и материальной културы /Р.Махмадшоев.-Душанбе,2001.-200 с.

69.Махмадшоев Р. Изучение таджиков Афганистана в СССР / Р.Махмадшоев //В кн:Страние среднего Востока.-М.:Наука,1980.-С.264-270.
70.Махмудов К.Земледелие и аграрные отношения в Средней Азии в X1V -XVвв / К.Махмудов.-Душанбе,1966.-127 с.
71.Мендельсон Е.С.Ремесленное производства и торговля в Афганистане X1X-начало XX вв / Е.С.Мендельсон.-Ташкент: Фан, 1983.-132 с.
72.Миддендорф А.Ф. Очерки Ферганской долины / А.Ф.Миддендорф.-СПб, 1882.- 489 с.
73.Минаев И. Сведения о странах по верховьям Амударье / И.Минаев.-СПб,1879. -274 с.
74.Мирбобоев А. История медресе Таджикистана.Част 2 / А.Мирбобоев.-Душанбе, 1994.-125 с.
75.Миронов Н. Музыка таджиков / Н.Миронов.-Сталинабад,1932. -96 с.
76.Мурватов Ҷ.Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ 5 / Ҷ.Мурватов.-Душанбе:Дониш, 1992.- 331с.
77.Мухиддинов И.Земледелие памирских таджиков Вахана и Ишкашима X1X–начале XX века.Историко-этнографический очерк / И.Мухиддинов.-М.: Наука,1975.-127 с.
78.МухиддиновИ.Особенности традиционного земледеческого хозяйства при памирских народностей в X1X начале XX века / И.Мухиддинов.–Душанбе:Дониш, 1984.-194 с.
79.Мухторов А. Дурдонаҳои маданияти Тоҷикистон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон / А.Мухторов.-Душанбе, 1984. -208с.
80.Муҳаммад А. Афғонистон / А.Муҳаммад.-Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. -125 с.
81.Муҳаммад Ҳ. Ҳаёти Афғон / Ҳ.Муҳаммад. -Кобул, 1874.- 143с.

82.Мышковский Я. И. Жилище разных эпох. Вчера, сегодня, завтра / Я.И.Мышковский.-М.: Строй Издательство, 1975.-125 с.
83.Назаров Н. Аз таърихи ҳамкориҳои варзишгарони тоҷику афғон / Н.Назаров.-Восеъ,1993.- 39 с.
84.Назаров Х.Н.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане.(конец Х1Х и начало ХХ веков) / Х.Н.Назаров.-Душанбе: Ирфон,1976.-261с.
85.Назаров Ҳ.Н.Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон / Ҳ.Н.Назаров. -Душанбе, 1988.- 656с.
86.Неменова Р.Л. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ.Ҷ. 1 / Р.Л.Неменова, Ғ. Ҷӯраев.-Душанбе:Дониш, 1980. -328 с.
87.Неъматов Н. Давлати Сомониён / Н.Неъматов.-Душанбе:Ирфон, 1989.-304с.
88.Никулин М. Г. Очерки по аграрному вопросу в Афганистана / М.Г.Никулин.-Ташкент,1965. -102 с.
89.Нурджонов Н.Х. Свадьба / Н.Х.Нурҷонов . //Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 3.-Душанбе, 1976.-С. 26-57.
90.Нурматов С. Фолклори даризабонони Афғонистон / С.Нурматов.-Душанбе, 1974. -С.181-282.
91.Обидов Д. Сурудҳои мавсимии тоҷикони Афғонистон (Дар се ҷилд) Ҷ-2, Фолклори Афғонистон ва Бадахшон / Д.Обидов. -Душанбе,1972.-234 с.
92. Ольденбург С.А. Сборник музея по антропологии и этнографии при императорский АН / С.А.Ольденбург. -Санкт-Петербург,1911.-141 с.
93.Оранский И. М. Введение в иранскую филологию / И.М.Оранский // КСИН Азии Т. 40. -Л., 1961. -С. 62-77.
94.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -22. 12.2017.-42 с.

95.ПещероваЕ.И.Гончарное производства Средней Азии / Е.И.Пещерова.-М.,-Л.,1959.- 393 с.

96.Пирумшоев Ҳ. Таърихи Дарвоз / Ҳ.Пирумшоев.-Душанбе,2008. -704 с.

97.Писарчик А.К. Народная архитектура Самарканда / А.К.-Писарчик.-Душанбе,1974.-140 с.

98.Пещерова Е.М.Ягнобские этнографические материалы / Е.М.Пещерова.-Душанбе:Дониш,1976.- 98 с.

99.Поляк А. А.Физическая географии Афганистана / А.А.Поляк.-М.: МИВ, 1953.-187 с.

100.Рахимов М.Р. Рождение и воспитание ребенка / М.Р.Рахимов // Таджики Каратегина и Дарваза. Вып 3. - Душанбе:Дониш,1976.-239 с.

101.Рахимов М.Р.Земледелие таджиков бассейна реки Хинггоу в дореволюционный период / М.Р.Рахимов. -Сталинабад, 1957.- 220 с.

102.Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих:Аз Ориён то Сомониён.Китоби якум / Э.Раҳмон.London: FlintrivereditionsGreatBritain, [1999]. – 240 с.

103.Рашшод М. Фалсафа аз оғози таърих. Ҷ 1-2. / М.Рашшод. -Душанбе: Ирфон, 1990.- 480 с.

104.Розенфельд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка / А.З.Розенфельд. -Л.,1971.-92 с.

105.Руднев В. А. Обряды народные и обряды церковные / В.А.Руднев.-Л., 1982.-С. 15-23.

106.Садри З. Наводири Зиёия / З.Садри.-Душанбе:Адиб, 2002.-128 с.

107.Сарианиди В. И.Древние земледельцы Афганистана / В.И.Сарианиди.-М.:Наука. 1977.- 171 с.

108.Салоҳов Т.Гулчине аз рубоёти халқӣ /Т.Салоҳов.-Душанбе,2012.-86 с.

109.Саид С. Мухтасари таърихи сиёсии тоҷикони Афғонистон / С.Саид.-Душанбе, 1995.- 72 с.

110.Семёнов А.А. По границам Бухаре и Афганистана(путевые очерки 1848г) / А.А.Семёнов // Исторические Вестник.вып 3-4.1902.-С. 970-988.

111.Содиқ Р. Равзанаи Субҳ / Р.Содиқ. -Душанбе, 2002.- 164 с.

112.Сухарева О.А.Празднества цветов у равнинных таджиков.(конец Х1Х-начало ХХ в) / О.А.Сухарева // В кн:Древние обряды верования и культы народов Средней Азии. -М.:Наука,1986.-С. 31-46.

113.Сухарева О.А.Традитция сочитания городских и сельских занятий в Средней Азии конца Х1Х-начало ХХ в / О.А.Сухарева//В кн:Товарно-денежные отношения на Ближнем и Среднем Востоке в эпоху средневековья.-М.,1979.-272 с.

114.Сухарева О.А. История Среднеазиатского Костюма.Самарканд (2-ая половина Х1Х-начало ХХ в) / О.А.Сухарева.-М.,1982.-140 с.

115.Суяркулов Т.Прошлое и настоящее таджикского спорта / Т.Суяркулов.-Душанбе, 1968.-176 с.

116.Троицкая А.Л.Первые сорок дней ребенка (чилля) среди оседлого насиления Ташкента и Чемкентского уезда. //В кн:В.В.Бартольду.-Ташкент,1927. -С. 349-360.

117.Турсунов Н.О. Из истории городского ремесла Северного Таджикистана: (ткацкие промыслы Ходжента и его пригородов в конце Х1Х-начале ХХ века) / Н.О.Турсунов АН СССР Институт Этнографии Ленинград.отд-ние.-Л.,1974.-195 с.

118.Турсунов Н.О.Бозиҳои миллии тоҷикӣ / Н.О.Турсунов.-Душанбе,1983.-53с.

119. Хайём У. Наврӯзнома / У.Хайём.-Душанбе:Адиб, 2012.- 352 с.

120.Фрай Р. Наследие Ирана / Р.Фрай. -М., 1972.- 468 с.

121.Ханыков Н.В.Андешаҳо роҷеъ ба таҳқиқи мардуми Эрон /Н.В.Ханыков. -Душанбе, 1992.-160 с.

122.Хатлон дар инкишофи тамаддуни халқи тоҷик . -Кӯлоб,1994.-С. 43 – 45.

123.Ходжаев В. Традитционная и современная таджикская кухня / В.Ходжаев.-Душанбе,1990.- 227 с.

124.Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик.Китоби дарсӣ / Н.Ҳакимов. – Душанбе:Ирфон, 2006.- 481 с.

125.Ҷумъаев Р. Ҷашни арусии тоҷикони водии Ҳисор / Р.Ҷумъаев.- Душанбе,2001.-122с.

126.Шарифов Д. Солҳои пурошӯб / Д.Шарифов.-Кӯлоб, 1990. -58 с.

127.Шишов А.П. Таджики. Этнографическое и антропологическое исследование. Среднее Азия. кн 1-2 / А.П.Шишов.-Ташкент, 1911.-392 с.

128.Шовалиева М.История кулинарной культуры Таджикского народа / М.Шовалиева.-Душанбе, 2015.-168 с.

129.Шовалиева М.(Таджикистан).Обрядовая культура Навруза у таджиков (этнографический аспект) //В кн: Навруз как явление мировой культуры / М.Шовалиева.- Душанбе, 2012. -С.105-111.

130.Юсупов Ш. Очерки истории Кулябского бекства в конце Х1Х и начала ХХ века / Ш.Юсупов.-Душанбе, 1964.-125 с.

131.Юсуфбекова З.Семья и семейный быт у шугнанцев (конец Х1Х-начало ХХ в) / З.Юсуфбекова.-Душанбе, 2001. -182с.

132.Яворский И. Л. Путешествие русского посольства по Афганистану и Бухарскому ханству в 1878-1879г. В 2-х том. Т.1 / И.Л.Яворский.-СПб 1883 .-385 с. Т.2 –СПб. 1883. - 287 с.

**Матбуоти даврӣ:**

133.Андреев М.С. К характеристике древних таджикских семейных атношений / М.С.Андреев.// ТФ А Н СССР. -Сталинабад, -1949.- №15.- С. 3-19; -С.14-23.

134. Аҳмад Р. Ашаглон ё оташафрӯз / Р.Аҳмад // Адабиёт ва санъат.- 1998.24 март. №13. -С.8.

135.Богорад Ю.И. Южнокулябские говоры / Ю.И.Богорад //ИАН ТаджССР ООН. -1965. -№4. -С. 65-75.

136.Дебец Г.Ф. Антропологические исследования в Афганистане / Г.Ф.Дебец //СЭ.–М.,1967. -№4.-С.75-93.

137.Джаханов У.Земледельческих народных календарь и счёт времени у таджиков Соха / У.Джахонов // ЭТ. –Душанбе, 1985.-С. 86-92.

138.Ёқубшо Ю. Сайри таърихӣ дар шимолӣ Афғонистон / Ю.Ёқубшо //Фарҳанг.-Душанбе, -2006. -№6.-С. 50-51.

139.Карамшоев Д.Русум ва истилоҳи Наврӯз дар Бадахшон. / Д.Карамшоев //Номаи Пажуҳишгоҳ.-Душанбе:Пайванд,2003.-№15.-С.104-112.

140.Карлес Х. Таджикха-йе-даре-йе-Пандшир джабале Ҳиндукуш / Х.Карлес //Мардумшиносӣ. Теҳрон 1335 ҳ.қ.-С.76-81.

141.Кисляков И. А. Кулябские таджики. //Сообщ ТФАНСССР.-1949. -№11. -С. 31-34.

142.Колпаков А.П. К вопросу о скотоводческих терминах у таджиков Кулябской области / А.П.Колпаков //Сообщение ТФАНСССР.-1948.-№9 -С.43-56.

143.Латифӣ О. Шери модархудои нана / О.Латифӣ//Мероси Ниёгон.-Душанбе, -1992.-№1 -С.91-94.

144.Логафет Д.Н. Кулябское бекства и его населения.//Газ Туркестанские ведомости.-1905. -27.07. -№111 -С. 6.

145.Моногарова Л.Ф.Язгуламцы Западного Памира / Л.Ф.Моногарова // СЭ.М.:Изд- во АН СССР.-1949.-№3 -С.102-107.

146.Неменова Р. Л. Кулябские говоры таджикского языка / Р.Л.Неменова//ИООН Тадж ССР. Вып 1V.-1956. -196с.

147.Неменова Р. Л. Таджики Варзаба (отчёт о поездке в 1961г) / Р.Л.Неменова//ИАН Тадж ССР ООН. -1963. -№1.-С. 67-75.

148.Неъматӣ А. Навиди Наврӯз / А.Неъматӣ //Илм ва ҳаёт.-1989.-№3.-С. 24.

149.Писарчик А.К. Кулябская этнографическая экспедитсия 1948г / А.К.Писарчик //Изв ТФАН СССР.-1949.-№15. -С.89-97.

150.Писарчик А.К.Опит сплашного этнографического обследовании Кулябской области. / А.К.Писарчик //ООН АН Тадж ССР. Вып 3. -1953. -С. 73-97.

151.Рахимов М.Р. Обычаи и обряды, связанные со смертью и похоронами у таджиков Кулябской области. / М.Р.Рахимов//Известия АН Тадж ССР ООН. Вып 3. -1953. -С. 107-130.

152.Соколова В. С. Итоги Кулябский диалектической экспедиции / В.С.Соколова // Труды ТФАН Тадж ССР. Вып ХХ1Х. -1951. -С.121-125.

153.Сухарева О.А. Свадебные обряды таджиков г.Самарканда и некоторых других районов Средней Азии / О.А. Сухарева //С Э.-1940.-№3 -С. 172-176.

154.Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ 1. -М.: СЭ.1969, -952 с.

155.Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ 2. -М.: СЭ. 1969, -952 с.

156.Широкова З.А. Архаические детали в женской одежде горных районов Кулябский области / З.А.Широкова // Изв АН Тадж ССР.-1953.-№3 -С. 98-101.

157.Энсиклопедияи Советии тоҷик. –Душанбе, 1980.қ-2.- 640 с.

158.Энсиклопедияи Советии тоҷик. -Душанбе, 1988.қ-6.- 640 с.

159.Яқубов Ю.Зардушт аз кӯҳистони Бохтари Шарқӣ буд / Ю.Яқубов //Мероси Ниёгон.-Душанбе,2014. -№16(1). -С.18-27.

**Автореферат ва диссертатсияҳо:**

160.Абдулвахидов Р.М. Скотоводческое занятие таджиков Кулябской области в конце Х1Х-и начале ХХ веков:дис…канд.ист.наук: / Р.М.Абдулвахидов. -Душанбе, 1997. -170 с.

161.Богорад Ю.И. Рогские говоры Таджикского языка / Ю.И.Богорад Автореф.дис…канд.фил.наук.-Л.,1953.-23 с.

162.Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. (по материалом XIX-начало XXвеков): диссертации на соискание учен.степен.доктора исторических наук.-(1952)/ Н.А.Кисляков.// Тр.ИЭ АН СССР.-М., -Л.,1959. - 269 с.

163.Турсунов Н.О. Из истории городского ремесла Северного Таджикистана: (ткацкие промыслы Ходжента и его пригородов в конце X1X-начале XXвека):автореф. дисс. …на соиск.учен.степ.канд. исторических наук. / Н.О.Турсунов.-Л.,1969. -24 с.

**Манбаъҳои электронӣ:**

164.Раҳмон Э. Суханрони ба ифтихори ҷашни Наврӯз дар Наврӯзгоҳи шаҳри Душанбе,2016. 21.03. сомонаи интернет. www/president.Tj.

**2. Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**

[1-М].Сафаров Х.Х. Роғ дар масири таърих / Х.Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон.-2012.- №5(48). -С.92-95.

[2-М].Сафаров Х.Х. Сохти маъмури ва сиёсии Роғ / Х.Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон. -2013.- №4(53). - С.193-198.

[3-М].Сафаров Х.Х. Аз таърихи фалак / Х.Х.Сафаров // Паёми Донишгоҳи Милли Тоҷикистон.-2015.- №3(11). -С.39-41.

[4-М].Сафаров Х.Х. Аз таърихи ҳунарҳои мардуми / Х.Х.Сафаров // ПаёмиДонишгоҳи Милли Тоҷикистон.-2020. -№1.-С.71-75.

**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табърасида:**

[5-М].Сафаров Х.Х. Аспи Хатлонӣ / Х.Х.Сафаров //Паёми Д Д Кӯлоб.-2013.-№1-2. -С. 41-52.

[6-М].Сафаров Х.Х. Жанри фалак / Х.Х.Сафаров // Паёми Д Д Кӯлоб. -2014.-№2/11.-С.53-57.

[7-М].Сафаров Х.Х. Аз таърихи тоқиҳои Кӯлобӣ / Х.Х.Сафаров //Маводи конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ. Дар мавзӯи "Пешвои миллат-ташаббускори рушди сайёҳи ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ". Донишгоҳи Тиҷорат ва Андоз. -2018. -27-28.04.- С.138-142.

[8-М].Сафаров Х.Х. Барфӣ-маросими солинавӣ / Х.Х.Сафаров //Анвори Дониш. -2016.-5 январ.-№1. -С.8.